

# ДАСТУРАМАЛИ БАНАҚШАГИРИИ ИСТИФОДАИ ЗАМИН (БИЗ)









Идоракунии ҷангал

Идоракунии чарогоҳ/чорво

Идоракунии замини корам

Замини шӯр ва ботлоқзор

Маблағгузор:

Иттиҳоди Аврупо

FLERMONECA

Идоракунии ҷангалҳо ва гуногуншаклии биологӣ, аз он ҷумла мониторинги ҳолати муҳити зист

Дар амал татбиққунанда:

giz Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH

ВВК 43.4(2) тоҷ.
ш.26
ISBN 978-99975-877-0-8

**“Дастурамали Банақшагирии Истифодаи Замин (БИЗ)”.**- 2015- 172 саҳ.

Ин дастурамали банақшагирии истифодаи замин (БИЗ) «пеш аз ҳама барои фасилитаторон ва кормандони рушди ҷомеа (КРҶ) ҳамчун як воситаи ҳангоми семинарҳо дар ҷомеа ва ҳолатҳои дигар пешбинӣ шудааст. Дастурамали (БИЗ) бояд «маълумот барои андеша рондан» барои ба мардуми маҳаллӣ аз имконоти ба осонӣ ва фаҳмо, пешниҳод таъмин намояд ва дар давоми семинарҳои ҷомеа ё дигар мавридҳо бошад, истифода бурда мешавад. Тавсифи интихоб усулҳо мукаммал нест, аммо бояд фикр ва ба беҳтар намудани амалияи истифодаи заминро таъмин намояд. Бояд самтҳои фикррониро берун аз роҳҳои анъанавӣ барангезад, ва дар эҷоди фазои кунҷковӣ дар байни сокинони деҳот ба онҳо оиди банақшагирии инноватсионӣ ва санҷишӣ кӯмак намояд.

Дастурамали Банақшагирии Истифодаи Замин (БИЗ)-и мазкур аз технологияҳо ва усулҳои дар базаи ВОКАТ / WOCAT сабтшуда ва инчунин дигар манбаъҳои дарҷшуда иборат мебошад. Муаллифони Дастурамал барои иҷозати нашр ва истифодаи маводҳо, ба намояндагии ВОКАТ / WOCAT изҳори миннатдорӣ менамоянд.
Ин дастурамали (БИЗ) дар доираи лоиҳаи Идоракунии ҷангалҳо ва гуногуншаклии биологӣ, аз он ҷумла мониторинги ҳолати муҳити зист (FLERMONECA), бо дастгирии молиявии Иттиҳоди Аврупо тавассути Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH (Ҳамкории байналмилалии Олмон) дар Осиёи Марказӣ амалӣ мегардад чоп шудааст.

Мазмуни нашри мазкур масъулияти муаллифон мебошад ва ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонад андешаи расмии Иттиҳодияи Аврупоро инъикос диҳад.
Ҳамаи ҳуқуқҳо ҳимоя шудаанд. Ба таври умумӣ ё қисман нарш, нигоҳдорӣ дар системаи компютер, шабакаҳои интиқоли ин нашрия дар ҳама гуна шакл ё тавассути ҳар гуна воситаҳо - электронӣ, механикӣ, нусхабардорӣ, магнитӣ, давлатӣ ё ба таври дигар - бе иҷозати пешакии муаллифони манъ аст.

© Лоиҳаи Иттиҳодияи Аврупо, FLERMONECA, 2015
© GIZ, 2015

# Дастурҳо барои каталоги усулҳои истифодаи замин

## 1. КАТАЛОГИ МАЗКУР БАРОИ ЧИСТ?

Тоҷикистон яке аз кишварҳои ба таъсироти манфии тағйироти иқлим аз ҳама осебпазир мебошад, ки аҳолии деҳоти он бо хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ аз ҳама бештар аз ин зарар дида метавонад. Барои бештар устувор кардани истифодаи заминҳои кишоварзии он ба тағйироти иқлим номгӯи васеъи чораҳои (усулҳои) эҳтимолии ҳалли мушкилии мазкур мавҷуд аст, ки шароитҳои гуногуни фарҳангӣ, биофизикӣ ва иқлимии дар дохили кишвар мавҷударо ба инобат мегирад. Шароитҳои маҳаллӣ барои интихоб кардани усулҳои беҳтаркунӣ нақши ҳалкунандаро мебозанд. Аҳолии маҳаллӣ шароитҳои мазкурро аз ҳама хуб медонад ва дар баробари ин онҳо омили муҳими дигаргунӣ мебошанд. Аз ин лиҳоз, усули муштараки устувор хеле муҳим мебошад.

Каталоги мазкур бояд “ғояву пешниҳодҳоро барои баррасии” аҳолӣ дар шакли усулҳои ба таври содда ва фаҳмо муаррифишуда пешниҳод кунад, ки он дар семинарҳои амалӣ дар ҷамоа ё дар давоми дигар чорабиниҳо бояд истифода карда шавад. Тавсифи усулҳо мукаммал нест, лекин бояд як фикру тасаввуротро дар бораи таҷрибаи беҳтари мушшахаси истифодабарӣ пешниҳод кунад, фикррониро дар самтҳои берун аз қолабҳои анъанавӣ ҳавасманд кунад ва дар фароҳам сохтани муҳити кунҷковӣ дар байни сокинони деҳа кӯмак расонад, то ин ки онҳоро ба банақшагирии эҷодкорона ва санҷиши амалии навовариҳо оварда расонад.

Интихоби усулҳо ба шароитҳои Тоҷикистон мутобиқ карда шудааст, яъне дар ин ҷой шароитҳои хок ва иқлим, низомҳои истифодаи замин ва мушкилиҳои ба он марбута ва ғайра ба инобат гирифта шудаанд.

Пешбинӣ карда мешавад, ки каталоги мазкур барои ҳама гуна иловаҳо ва такмилдиҳӣ кушода аст. Аз истифодабарандагон ва коршиносон даъват карда мешавад, ки усулҳои иловагии истифодаи заминро пешниҳод кунанд ё усулҳои мавҷудаи муаррифишудаи истифодаи заминро такмил диҳанд. Каталоги мазкур дастраси умум буда, ҳар кас онро истифода карда метавонад.

## 2. КАТАЛОГИ МАЗКУР БАРОИ КӢ ПЕШБИНӢ ШУДААСТ?

Каталоги вариантҳои истифодаи замин (каталоги ВИЗ) пеш аз ҳама барои фасилитаторон ва сафарбаркунандагони ҷамоа пешбинӣ шудааст, то ин ки онро ҳамчун восита дар семинарҳои амалӣ дар ҷамоа ва дигар чорабиниҳо истифода баранд. Танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ чунин сафарбаркунандагони ҷамоа коршиносони техникӣ дар яке аз мавзӯъҳои марбут ба категорияҳои гуногуни истифодаи замин мебошанд ва албатта на дар ҳамаи мавзӯъҳо. Агар зарур бошад, коршиносони техникиро дар масъалаҳои мушаххаси истифодаи замин сафарбаркунандагони ҷамоа даъват карда метавонанд, вақте, ки зарурат барои дастгирии сокинони деҳа дар банақшагирӣ ва кӯшишҳои онҳо оид ба татбиқнамоӣ ба миён меояд.

## 3. СОХТОРИ КАТАЛОГ ЧӢ ТАВР ТАШКИЛ КАРДА ШУДААСТ?

Бобҳои асосии каталоги ВИЗ зерин мебошанд:

- Идоракунии ҷангал
- Идоракунии чарогоҳ
- Идоракунии зироатҳои кишоварзӣ
- Идоракунии заминҳои шӯр ва ботлоқзор

Дар се боби аввал категорияҳои асосии истифодаи замин муаррифӣ карда шудаанд, боби чорум ба саволҳои мушаххаси марбут ба замини корами таназзулёбанда бахшида шудааст. Дар ҳар яке аз ин бобҳои асосӣ ҷанбаҳои ташкилӣ, идоракунӣ ва техникӣ пешниҳод карда шудаанд.

Ҳар як усули истифодаи замин аз мӯҳтавои мухтасар дар бораи мақсад ва технологияҳо, қуттӣ оид ба бартариҳо ва норасоиҳо ва саволнома барои худбаҳодиҳии якум оид ба он ки оё шартҳои пешакии зарурӣ риоя шудаанд ё не, яъне оё усули истифодаи замин бо назардошти шароитҳо ва вазъияти бартаридоштаи кунунӣ қобили табиқнамоӣ ҳаст ё нест, иборат мебошад. Саволномаҳо бояд дар баҳодиҳии мушкилиҳои ҷоринамоии усули истифодаи замин, оқибатҳои молиявии он, таъсирот ба экология (аз ҷумла устуворӣ ба тағйироти иқлим), баробарии гендерӣ ва таъсирот ба ҷамоа ҳамчун воҳиди иҷтимоиву иқтисодӣ кӯмак расонад. Дар ҳоли набудани маълумоти заминавӣ ва шубҳа оид ба он ки ба саволҳои муайян чӣ тавр ҷавоб додан лозим аст, бо машваратчии техникӣ тамос гирифтан зарур аст. Рӯйхати машваратчиёни эҳтимолӣ дар ҳар як усул илова карда шудааст.

## 4. КАТАЛОГРО ҲАНГОМИ СЕМИНАР ДАР ҶАМОА ЧӢ ТАВР ИСТИФОДА КАРДАН МУМКИН АСТ?

Ҳамчун стандарт ин каталоги ВИЗ дар семинарҳои амалӣ дар ҷамоа оид ба банақшагирии истифодаи замин истифода карда хоҳад шуд. Чӣ хеле, ки таҷриба дар мисолҳои зиёд нишон дод, семинар набояд аз ду рӯз зиёдтар давом кунад, то ин ки иштирокчиён аз ҳад зиёд монда нашаванд. Семинарҳои дарозтар барои баррасии муфассал имкон медиҳанд, аммо, аз сабаби он ки амалисозӣ мушкил аст, семинарҳои дарозтар бе хоҳиши аёни иштирокчиёни эҳтимолӣ набояд ба нақша гирифта шаванд. Одатан семинари дурӯза ба пайдоиши такони кофӣ дар иштирокчиён ҳавасманд имкон медиҳад, ки баъзан онҳо вохӯриҳои минбаъдаро, эҳтимолан дар гурӯҳҳои ҳавасманди хурдтар дархост мекунанд.

a) Пеш аз семинар:

Пеш аз семинари ВИЗ сафарбаркунандаи ҷамоа бояд маълумоти боэътимодро дар бораи деҳа ва таҷрибаҳои маҳаллии истифодаи замин ҷамъ кунад, то ин ки масъалаҳои мушаххасро дар давоми семинар баррасӣ ва ҳал карда тавонад. Дар ҷавоб ба маълумоти мазкур сафарбаркунандаи ҷамоа дастаи худро барои гузаронидани семинар тартиб медиҳад, то ин ки ба саволҳои техникӣ ҷавоб дода тавонад ё ин ки барои иштирокчиён дастгирии сохторҳои ҳукуматиро таъмин созад.

b) Дар давоми семинар:

Одатан якум рӯзи семинар ба баландбардории маълумотнокӣ дар бораи тағйироти иқлим, мушкилиҳои истифодаи замин ва хатарҳои марбут ба вазъияти мушаххас дар деҳа бахшида мешавад.

Дар рӯзи дуюм ҳангоми муҳокимаи мушкилиҳо, ба монанди эрозияи хок, ки дар бисёр ҳолатҳо дар пайдоиши обканд ва норасогии оби обёришаванда аён мегардад, хеле муҳим аст, ки решаҳои (дар бисёр ҳолат иҷтимоиву иқтисодӣ) мушкилиҳо (ба монанди истифодаи аз ҳад зиёди чарогоҳ, коркарди нодурусти замин ва ғ.) ва таъсироти онҳо ба захираҳои табиии қоҳишёбанда ва ҳамин тариқ ба устувории заминаи ҳаёт дар деҳот муайян карда шаванд. Дар ҷавоб ба ин таҳлили мушкилӣ муҳокима кардани мафҳумҳои бештар умумӣ, ба монанди идоракунии муштараки ҷангал ва зарурати идоракунии дахлдори чарогоҳ ва об дар заминҳои корам мувофиқ буда метавонад. Баъдан айни вақт мешавад, ки вариантҳои дахлдори истифодаи замин баррасӣ карда шаванд ва ба ҷараёни интихоби пешакӣ аз ҷониби иштирокчиён мусоидат карда шавад. Усулҳои мазкур, аз он ҷумла ҷанбаҳои молиявӣ баъдан бояд ба таври муфассал тавассути усулҳои муштараки дахлдор баррасӣ карда шаванд ва бояд мувофиқи гурӯҳҳои ҳавасманд дар деҳа, ки барои кор кардан бо усули мазкур шавқу рағбат нишон медиҳанд, гурӯҳбандӣ карда шаванд. Вобаста аз шавқу рағбат ба ягон усул инчунин шахсони мутасаддиро дар дохили деҳа муайян кардан мумкин аст.

Дар ин нуқта хеле муҳим аст, ки нақши деҳа, гурӯҳи сокинони деҳа ё шахсони алоҳида вобаста ба чораҳои татбиқнамоии минбаъда ба инобат гирифта шавад. Ба саволе ҷавоб додан лозим аст, ки чиро деҳа иҷро ё танзим карда метавонад ва чӣ дар моликияти хусусӣ қарор дорад (масалан, чорво ё истифодаи замини корам) ва ҳамин тариқ омодагӣ ва фаъолияти шахси алоҳидаро талаб мекунад. Алалхусус нафъи дуҷонибаи амалҳои ҳамоҳангшуда ва ҳамкорӣ байни сокинони деҳа барои фаъолиятҳои соҳибкории инфиродӣ ва муҳити зисти умумӣ бояд инъикосу шарҳ дода шавад.

Мушкилиҳои мураккабро тавассути усулҳои байнисоҳавии гуногуни истифодаи замин ҳал кардан мумкин аст. Ин нуқтаест, ки дар он фасилитатор нақши муҳимро иҷро мекунад. Дигар вақти он нест, ки аъзоёни деҳа дар бораи чораҳои татбиқшуда ё усулҳои мукаммали парвариши зироат фикр кунанд, аъзоёни деҳа бояд дар якҷоягӣ кор кунанд ва роҳҳои ҳалли байнисоҳавиро ҷустуҷӯ намоянд.

# Маводи


## Идоракунии ҷангал

**1. Усули ташкилнамоӣ**

1.1 Идоракунии муштараки ҷангал . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 3

**2. Рӯйпӯши хок ва ҳосилхезӣ**

2.1 Шинонидани дарахтони мӯътадилсози нитроген . . . . . . . . . 5
2.2 Шинонидани дарахтони сафедор. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 9
2.3 Обёрии иловагӣ бо зарфҳо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 13

**3. Ҳифзи ҷангал/хок**

3.1 Тавораташӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 17
3.2 Тавораташии зинда . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 21
3.3 Бо маводи пластикӣ пӯшонидани ниҳолҳо . . . . . . . . . . . . . 25

## Идоракунии чарогоҳ/чорво

**1. Усули ташкилнамоӣ**

1.1 Муқаддима . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 31
1.2 Ташкили фаъолияти истифодабарандаи чарогоҳ . . . . . . . . . 33
1.3 Мониторинги чарогоҳ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 35
1.4 Банақшагирии идоракунии чарогоҳ . . . . . . . . . . . . . . . . . 37

**2. Усулҳои барқарорсозӣ**

2.1 Чарогоҳгардон. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 39
2.2 Барқарорсозии рӯиши алафҳои чарогоҳи табиӣ. . . . . . . . . . 43
2.3 Барқарорсозии обкандҳо тавассути сохтани монеъаҳо бо истифода аз қаламчакории буттаҳо . . . . . . . . . . . . . . . . . 47
2.4 Шинондани дарахтону буттаҳои алоҳида дар чарогоҳ . . . . . . 51
2.5 Мубориза дастӣ бо алафҳои бегона . . . . . . . . . . . . . . . . . 57

**3. Таъминоти хӯроки чорво**

3.1 Истеҳсоли хӯроки чорво дар заминаи майдони боғзор. . . . . . 61
3.2 Навдаҳои дарахтон ҳамчун хӯроки чорво. . . . . . . . . . . . . . 65
3.3 Парвариши чорвои ширдеҳ дар хоҷагиҳои хурд бо истифодаи низоми ҷамъоварӣ ва кашонидан . . . . . . . . . . . . . . . . . . 69

**4. Инфрасохтор**

4.1 Кӯпрукҳо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 75
4.2 Новаҳо барои обнӯшӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 79
4.3 Паноҳгоҳ барои муҳофизат аз даррандагон . . . . . . . . . . . . 83
4.4 Таворакашии зинда дар чарогоҳи деҳа . . . . . . . . . . . . . . . 87
4.5 Кабел барои кашонидани қаҳ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 93

## Идоракунии замини корам

### 1. Усули ташкилнамой


1.1 Усули идоракунии об . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 99
1.2 Киштгардон . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 103
1.3 Бунёди боғ ва нигоҳубини он . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 107


### 2. Беҳтаркунии ҳосилхезӣ ва намнокии хок


2.1 Тозакунии майдони кишт . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 97
2.2 Обёрии қатрагӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 113
2.3 Мулчакунии зироат . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 117
2.4 Растаниҳои зироатии захиракунандаи нитроген . . . . . . . . . 121


### 3. Пасткунии сатҳи эрозия ва ҳифзи зироат


3.1 Бунёди боѓот дар нишебиҳои сарозер . . . . . . . . . . . . . . . . 125
3.2 Қитъаҳои мобайнӣ (буферӣ)дар нишебиҳо (заминҳои кишт ва чарогоҳ) . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 129
3.3 Таворакашии зиндаи заминҳои зироатӣ . . . . . . . . . . . . . . 133


### 4. Беҳтаркунии майдонҳои полезӣ


4.1 Системаҳои таҳия намудани поруи компост . . . . . . . . . . . 139
4.2 Идоракунии хокистар ва маводи ғизоӣ . . . . . . . . . . . . . . . 143
4.3 Ҷамъоварӣ ва захирасозии оби болои . . . . . . . . . . . . . . . 147
4.4 Мулчакунии дарахтони алоҳида . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 151
4.5 Обёрии иловагӣ бо зарфҳои пластикӣ . . . . . . . . . . . . . . . 155


## Замини шӯр ва ботлоқзор

### 1. Хокҳои шӯр


1.1 Идоракунии шӯршавии хокҳо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 161
1.2 Зироатҳо ва навъҳои муносиби зироатҳо барои хокҳои шӯр . 163
1.3 Зироатҳои рӯйпушкунандаи сатҳи хок дар фасли зимистон барои идоракунии зуҳӯроти . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 167


### 2. Хокҳои ботлоқзор


2.1 Идоракунии заҳкашии биологӣ (биодренаж) ва хокҳои дар зери об монда . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 171
2.2 Тӯрхалтаҳои сангӣ (габион) барои устуворгардонии соҳили дарё . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 173
2.3 Бунёди навораи дарахтзорон . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 177


# ИДОРАКУНИИ ҶАНГАЛ



# ИДОРАКУНИИ ҶАНГАЛ

1. Усули ташкилнамоӣ



## 1.1 Идоракунии муштараки ҷангал (ИМҶ)

ИМҶ, ин ҳамкории зич байни ду шарик дар асоси шартнома мебошад: хоҷагии ҷангал ва шахси маҳаллӣ (= истифодабарандаи ҷангал) ё гурӯҳи шахсон ё ташкилоти ҷамъиятии маҳаллӣ, ки дар заминҳои Фонди давлатии ҷангал фаъолият менамоянд. Мувофиқи усули мазкур, ба истифодабарандаи ҷангал ё гурӯҳ, ҳуқуқи идоракунии қитъаи ҷангал ақаллан барои 20 сол дода мешавад. Ягон иҷора ё иҷозатномаи истифодабаранда мавҷуд нест, ки маблағи он пардохт шавад, лекин ҳосил бояд бо хоҷагии ҷангал мувофиқи нақшаи пешакии тасдиқшуда тақсим карда шавад. Ҷангал бояд дар ҳолати табиии он нигоҳ дошта шавад ва дар заминҳои Фонди давлатии ҷангал ягон таҷдиднамоии боғ иҷозат дода намешавад.

### *ИН ЧӢ ТАВР КОР МЕКУНАД?*

Сохтори умумӣ: Нақшаи идоракунии панҷсола ва нақшаи солона ҳамчун замина барои идоракунии ҷангал ва мониторинги фаъолияти истифодабарандагони ҷангал мусоидат мекунанд. Шақшаҳо дар якҷоягӣ бо кормандони хоҷагии ҷангал, истифодабарандаи дахлдори ҷангал ё гурӯҳи истифодабарандагони ҷангал таҳия карда мешаванд.

Ӯҳдадориҳо ва вазифаҳои истифодабарандагони ҷангал: Ҳифзи қитъаи ҷангал, аз истифода ва чаронидани ғайриқонунӣ чорво асосан тариқи назорат ва гоҳ-гоҳ тариқи бунёди таворахо сарчашма мегирад; чораҳо оид ба барқарорсозӣ ва бунёди ҷангал, масалан, шинонидани дарахтон/буттаҳо, буридани шохаҳо, шудгоркунии атрофи дарахтони ҷавон ва дар баъзе ҳолатҳо бунёди каналҳои хурди обёрӣ ва/ё тозакунии каналҳои обёрикунандаи мавҷуда вуҷуд доранд. Ба истифодабарандаи ҷангал иҷозат дода мешавад, ки ҳезум, чӯб, алаф, мағз ва гиёҳҳоро дар асоси нақшаи пешакӣ мувофиқашуда ҷамъ намуда, фоизи муайяни ҳосилро ба хоҷагии ҷангал пешниҳод кунад, ки ин дар шартнома пешбинӣ шудааст.

Ӯҳдадориҳои Хоҷагии ҷангал: Хоҷагии ҷангал барои дастгирии ҳифзи ҷангал, чорабиниҳои барқарорсозӣ ва бунёди он, масалан, тариқи пешниҳоди тухмӣ, ниҳолҳо ва маслиҳатҳо ба истифодабарандаи ҷангал ӯҳдадор мебошад. Илова бар ин, хоҷагии ҷангал ҳолати қитъаҳои ҷангалро мониторинг мекунад ва фаъолияти истифодабарандагони ҷангалро мувофиқи нақшаи солона ба қайд мегирад.

### *ТАТБИҚИ ИМҶ АЗ КАДОМҲО ИБОРАТ МЕБОШАНД?*

1. Дархости хаттӣ аз ҷониби истифодабарандаи ҷангал, гурӯҳи истифодабарандагон ё ҷамоа ба хоҷагии ҷангал дар бораи хоҳиши бастани шартномаи ИМҶ
2. Боздиди якҷояи майдон бо хоҷагии ҷангал, баҳодиҳии ҳолати қитъаи ҷангал, фоидаи иқтисодӣ / экологии эҳтимолӣ ва инчунин меҳнати зарурӣ
3. Ба ташкилотҳои ҷамъиятие, ки бо ИМҶ шинос ҳастанд, мурочиат кардан мумкин аст, то он ки семинари иттилоотӣ баргузор намоянд, ки дар он шартнома, ҳуқуқҳо ва

ӯҳдадориҳо фаҳмонида дода мешавад ва онҳо дар ҷараёни гуфтушунид низ кӯмак карда метавонанд

4. Демаркатсия ва ҷудокунии қитъаҳо дар ҷой ва харитаҳо
5. Бастани шартномаи ИМҶ, аз он ҷумла созишнома оид ба тақсимоти ҳосил
6. Таҳияи нақшаи идоракунӣ ва солона

### *БАРТАРӢ ВА НОРАСОИҲОИ УМУМИИ ИМҶ КАДОМҲОЯНД?*

ИИМҶ барои истифодабарандаи ҷангал даромади иловагиро тариқи истеҳсол ва фурӯши чӯб, ҳезум, маҳсулоти ғайричӯбии ҷангал, ба монанди мағз ва меваҳо таъмин менамояд. Иловатан, барқарорсозии ҷангал вазифаҳои экологии дахлдорро, ба монанди устуворкунии хок ва чарогоҳ иҷро мекунад. На танҳо истифодабарандагони инфиродии ИМҶ аз барқароршавии ҷангал дар атрофи деҳа нафъ мегиранд, балки тамоми ҷамоа аз муҳофизатнамоӣ, аз эрозия ва устуворкунии хок зидди ярчҳо фоида мебинад. Барои ҷамоаҳои кӯҳӣ бошад, бақарорсозии ҷангал дорои бартарии экологист, ки дар нигоҳдории обҳои зеризаминӣ зоҳир мегардад.

Мушкилиҳои ИМҶ аз идоракунии нисбатан мураккаб ва эҳтимолан баҳодиҳии нодурусти меҳнати зарура иборат мебошанд. Дар баъзе ҳолатҳо хоҷагии ҷангал шартномаро риоя накарда мисли ҳамешагӣ рафтор мекунад ва аз истифодабарандаи ҷангал хоҳиш мекунад, ки дар илова ба пешниҳоди қисми ҳосил барои истифодаи ҷангал (чиптаи ҷангал) пардохт кунад. Дар ин ҳолатҳо, ташкилоти ҷамъиятӣ метавонад бо фаҳмондани нақшаҳо, ӯҳдадориҳо ва қоидаву қонунҳо мусоидат намояд. Усули мазкур, дониши техникии муайян оид ба буридани шохаҳои намудҳои гуногуни дарахт, буттаҳо ва инчунин шинонидани дарахтони иловагӣ, усулҳои ҷамъоварии ҳосилро талаб мекунад, ки ин кори ҳаррӯзаи хонаводаҳо нест. Вақт ва меҳнате, ки истифодабарандаи ҷангал бояд ба идоракунии ҷангал равона созад, хеле зиёд буда метавонад ва ин бояд махсусан дар мисоли хонаводаҳое, ки роҳбарашон зан ҳастанд, баррасӣ карда шавад. Баъзе ҷорабиниҳои идоракунӣ хеле вазнин буда метавонанд, ки одатан ин кори мардон аст ва занон набояд ташвиш дода шаванд. Аз тарафи дигар, гурӯҳҳои занон шояд дар иҷораи қитъаҳои ҷангал, ки асосан барои истеҳсоли гиёҳҳо ва адвияи ҷангал, ба монанди ферула дар ҷангалзорҳои писта, зира ва арча нигаронида шудаанд, ҳавасманд бошанд

**Тамос:**

КЕМП ТАБИАТ
Умед Булбулшоев (директор)
Кӯчаи Соҳибназарова 9, Чоруғ
+992 935 14 19 45

Ҷангалпарвар
Ҷамолидин Мадиброн (директор)
Кӯчаи Дӯстии халқҳо 62, 734025,
ш. Душанбе +992 91 818 18 25

**Нишонаи саҳифаҳо:**

http://camp.kg/en/who-we-are/camp-tabiat/
umedsho@mail.ru







## 2.1 Шинонидани дарахтони мӯътадилсози нитроген

### *ДАРАХТОНИ МӮЪТАДИЛСОЗИ НИТРОГЕН ЧӢ ГУНА МЕБОШАНД?*

Мӯътадилсозии нитроген намунаи гардиши моддаҳои ғизоӣ мебошад: нитроген гази устувор аст, ки маъмулан барои растаниҳо дастнорас мебошад. Муътадилсозии нитроген раванде мебошад, ки дар он растаниҳои муайян нитрогени атмосфераро “ҳазм” ё ҷамъ намуда, онро аз нуқтаи назари биологӣ дастрас менамоянд.

### *ОН ЧӢ ТАВР КОР МЕКУНАД?*



**Дарахтони муътадилсози нитроген** *(ақоқиёи сафед (Robinia pseudoacacia L.), санҷид (Elaeagnus angustifolia L.)., дарахти арғувон (багряник) (Cercis Griffithii L.), дағдағак (Colutea canescens L.), ангат (ғосули румӣ) (Hippohae rhamnoides L.) ҳамчун бутта)* дорои бактерияи симбиозӣ дар буғумҳои системаҳои реша мебошанд, ки пайвастагиҳои нитроген ҳосил менамоянд ва онҳо барои сабзидани растанӣ ва бо дигар растаниҳо муқовимат кардани он кӯмак мерасонанд. Вақте растанӣ хушк мешавад, нитрогени ҷамъшуда озод мешавад ва барои дигар растаниҳо дастрас мегардад ва ин раванд ҳамчунин ҷиҳати нуридор кардани таркиби хок барои дигар зироатҳо мусоидат мекунад. Дарахтони муътадилсози нитроген назар ба дарахтони ғайримуътадилсози нитроген тахти ҳамон як шароити муҳит зудтар калон мешаванд. Шумо низ метавонед онҳоро ҳамчун девори зинда истифода намоед. Бинобар ин, ба онҳо ҳамчун усули девори зинда низ назар

кунед. Вақте дарахти ангат якҷо бо дарахтони сафедор барои истеҳсоли чӯб дар замини нитрогени кам дошта шинонида шавад, дарахтони сафедор зудтар калон мешаванд.

**Афзалиятҳо ва таъсироти мусбати иловагӣ:**

1. Барқарор намудани гардиши моддаҳои ғизоӣ ва серҳосилӣ
2. Моддаҳои ғизоӣ аз қабатҳои чуқуртари хок ба қабатҳои болотар дастрас карда мешаванд, зеро дарахтони муътадилсози нитроген маъмулан чуқурреша мебошанд
3. Барги дарахтони муътадилсози нитроген, ки ба замин меафтанд, сатҳи ҳосилнокии хокро афзоиш медиҳанд
4. Устуворсозӣ ва ҳаводиҳии хок ба туфайли системаи решаи қавӣ таркиби хокро устувор менамоядl → сабзиши доимӣ → моддаҳои органикии бештар дар таркиби хок, каналҳо барои ҳаводиҳӣ (аэратсия)
5. Шохаҳо ҳамчун хӯроки чорво истифода мешаванд
6. Метавон меваи ангат ва санҷидро истифода кард
7. Харидорӣ кардани нуриҳои нитроген ва фосфор лозим нест

**Норасоиҳо ва хатарҳо:**

1. Бутаҳои муътадилсози нитроген бояд бодиққат истифода шаванд!
2. Ба туфайли қобилияти сабзидан дар шароити бади хок, онҳо ба осонӣ метавонанд ёбоӣ шаванд
3. Махсусан дар минтақаҳои хушк бо дастрасии моддаҳои ғизоии кам, бутаҳои муътадилсози нитроген бо дигар растаниҳо рақобатпазир ҳастанд
4. Шинонидан ва идоракунии бодиққат ва боиттилоъи дарахтон ва бутаҳои муътадилсози нитроген зарур аст!

## *НОМГӮИ ШАРТҲОИ ПЕШАКӢ ВА ИМКОНИЯТИ ИСТИФОДАБАРӢ*

**"Саволҳои асосӣ"** Агар Шумо ба саволҳо ҷавоби "Ҳа" дода натавонед, пас усули пешниҳодшуда барои истифодабарандаи замин ва умуман ҷамоа муносиб нест.

| Саволҳои асосӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё шумо ҳуқуқи қонунии истифодабарандаи заминро барои ин қитъаи замин доред? | | |
| Оё шумо ба дарахтони муътадилсози нитроген (ниҳолҳо ё тухмҳо) дастрасӣ доред? | | |
| Оё қитъаи замин барои шинонидани навъҳои дарахтони муътадилсози нитроген муносиб аст?<br>Акоқиёи сафед (Robinia pseudoacacia L.):<br>Санҷид (ҷигда) (Elaeagnus angustifolia L.):<br>Дарахти арғувон (багряник) (Cercis Griffithii L.):<br>Дағдағак (Colutea canescens L.):<br>Ангат (Hippohae rhamnoides L): метавонад танҳо дар маҷрои дарё сабзад ва барои он сатҳи кофии оби зеризаминӣ ва нури офтоб лозим аст | | |
| Оё қитъаи замин ба сабаби аз ҳад зиёд истифода намудан, эрозияи шамол/об ба таъмини моддаҳои ғизоӣ, махсусан нитроген ниёз дорад? | | |

Дар қисмати "Саволҳо" аз Шумо дар бораи шартҳои пешакии иловагӣ пурсида мешавад. Агар ҷавоб "Не" бошад, пас истифодабарандаи замин ё ҷамоа бояд имконияти иваз кардан ё ҳалли масъалаҳои мазкурро дарёфт кунад

| Саволҳо | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё таҷҳизоти ҳадди ақал барои шинонидан дастрас мебошанд? | | |
| Оё қитъаи замин аз маҳалли истиқоматии шумо ба осонӣ дастрас аст, то ки шумо тавонед ба осонӣ дарахтонро нигоҳубин кунед, ҳосилро ҷамъоварӣ намоед, об диҳед? | | |
| Оё шумо метавонед аз ин дарахтон маҳсулоти чӯб, ҳезум ва мева фоида ба даст оред? | | |
| Оё шумо қувваи кории кофӣ барои шинонидан ва нигоҳубин кардани растаниҳои зироатӣ доред? | | |

## *ҲИСОБКУНИИ МОЛИЯВӢ/ НАМУНАҲОИ НАРХ*

| Навъҳои дарахт | Забони англисӣ | Забони тоҷикӣ-форсӣ | Забони русӣ | Намунаи нарх барои тухмҳо ва/ё ниҳолҳо |
|---|---|---|---|---|
| Robinia pseudoacacia L. | Robinia | Акоқиёи сафед | Белая акация | |
| Elaeagnus angustifolia L. | Oleaster plant | Санҷид | Лох узколистный | |
| Cercis Griffithii L. | Judas tree | Дарахти арғувон | Багряник | |
| Colutea canescens L. | Bladder senna | Дағдағак | Древовидный пузырник | |
| Hippohae rhamnoides L | Sea buckthorn | Ангат | Облепиха | |

## *МЕЪЁРҲО БАРОИ ҚАБУЛИ ҚАРОР*

Ба саволномаи мазкур бодиққат ҷавоб диҳед. На ба ҳамаи усулҳо бояд бо "Ҳа" ҷавоб дод.

Агар дар охир ба аксари саволҳо ҷавоби "Ҳа" дода шавад, пас таъсироти мусбӣ бартарӣ дорад, лекин новобаста аз ин, таъсироти манфӣ бояд бодиққат ба инобат гирифта шавад.

| Фоидаи молиявӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё шумо дар қитъаи замин бо талафоти ками моддаҳои ғизоӣ ҳосили зиёдтар ба даст меоред? | | |
| Оё шумо метавонед ба сабаби ҳосилнокии баландтар дар қитъаи заминатон аз ҳосили зиёдтар даромади бештар ба даст оред? | | |
| Оё ҳосили дарахтон ниёзҳои хонаводаатонро мепӯшонанд? | | |
| Оё шумо метавонед ба сабаби хароҷоти кам барои харидории нуриҳо маблағатонро сарфа намоед? | | |
| Оё шумо метавонед аз фурӯши ҳезум, чӯб даромади изофӣ ба даст оред? | | |
| **Таъсироти экологӣ** | | |
| Оё дарахтони муътадилсози нитроген метавонанд сатҳи ҳосилнокии хокро дар қитъаи замини шумо беҳтар намоянд ё бисёр истифода намудани хокро боз ҳам дастрас менамоянд? | | |
| Оё шумо таъмини боэътимоди (доимии) обро ба қитъаи заминатон ҳамчунин ҳангоми тағйири иқлим доред? | | |

| | | |
|---|---|---|
| Оё дарахтони муътадилсози нитроген сатҳи равандҳои эрозияи хокро дар қитъаи заминатон коҳиш медиҳанд? | | |
| Оё дарахтони муътадилсози нитроген сатҳи хавфу хатарро ҳангоми офатҳои табиӣ (ярч, эрозия, тахшини чашмаҳо, обхезӣ) коҳиш медиҳанд? | | |
| **Таъсироти гендерӣ** | | |
| Занон дар муроқибат аз дарахтон (-и муътадилсози нитроген) чӣ нақшро бозӣ мекунанд: Оё занон дар шинонидан, хишова кардан ва об додани зироатҳои (-и муътадилсози нитроген) ҷалб карда мешаванд? | | |
| Оё занон метавонанд ба таври мустақим аз дарахтони муътадилсози нитроген фоида ба даст оранд? | | |
| Оё сарбории изофии шинонидани зироатҳои махсуси муътадилсози нитроген сахми масъулиятнокро барои занон эҷод мекунад (ба таври мисол, бо фурӯхтани хӯроки чорво)? | | |
| **Таъсирот ба ҷамоа** | | |
| Оё шинонидани дарахтони муътадилсози нитроген аз нуқтаи назари сатҳи баландтари истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ барои ҷомеаи шумо таъсири мусбат дорад? | | |
| Оё ҷомеаи шумо аз шинонидани дарахтони муътадилсози нитроген аз нуқтаи назари ҳифозат аз офатҳои табиӣ (коҳиш додани сатҳи эрозияи шамол/об, тарма, ярч...) манфиат ба даст меорад? | | |
| Оё шинонидани дарахтони муътадилсози нитроген ба дигар хонаводаҳои ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад? | | |
| Оё ин тадриҷан ба шиддат ё низоъ дар ҷомеа оварда мерасонад? | | |


| **Маълумот барои тамос:** | **Нишонии электронӣ барои иртибот** |
|---|---|
| КЕМП ТАБИАТ<br>Умед Булбулшоев (директор)<br>Кӯчаи Соҳибназарова 9, шаҳри Хоруғ<br>+992 935 14 19 45 | http://camp.kg/en/who-we-are/camp-tabiat/<br>umedsho@mail.ru |
| Ҷангалпарвар<br>Ҷамолидин Мадиброн (директор)<br>Кӯчаи Дӯстии Халқҳо 62, 734025, шаҳри Душанбе<br>+992 91 818 18 25 | |
| Чесви (Созмони байналмилалии ҳамкорӣ ва рушд дар Италиё)<br>Даниил Илёсов (ҳамоҳангсози лоиҳа)<br>+992 985 02 27 37<br>Дафтар дар шаҳри Душанбе:<br>кӯчаи Фирдавсӣ 15<br>Дафтар дар ноҳияи Ховалинг:<br>кӯчаи Мирзо Турсунзода. | daniil.ilyasov@gmail.com |
| Каритаси Швейтсария<br>Афзалшо Насибов (ҳамоҳангсози лоиҳа)<br>+992 901 10 93 32<br>Кӯчаи Титов 26, хонаи 25, 734025, шаҳри Душанбе | anasibov@caritas.chv |








2.2

## Шинонидани дарахтони сафедор барои бунёди ҷангал

### *ХУСУСИЯТИ ДАРАХТОНИ САФЕДОР.*

Дарахтони сафедор дарахтони тез инкишофёбанда мебошанд ва бинобар ин барои мақсадҳои бунёди ҷангал муносиб мебошанд. Алахусус дар минтақаҳои баландкӯҳи Тоҷикистон, ки дорои ҳарорати паст ва боришоти кам ҳастанд, шинонидани дигар навъҳои дарахтон, ба истиснои сафедор ва бед мушкил аст. Аз сабаби хунукии сахт дар ин баландиҳо дар фасли зимистон ва норасогии дигар маводҳои гармкунанда, шинонидани дарахтони сафедори тез инкишофкунанда талаботи аҳолиро ба сӯзишворӣ ва инчунин чӯби арзон барои мақсадҳои сохтмон қонеъ карда метавонад. Дарахтони сафедор хокро аз обхезӣ ва эрозия муҳофизат мекунанд ва ҳамчун воситаи муҳофизатӣ аз шамол хизмат карда метавонанд.

### *ОН ЧӢ ТАВР КОР МЕКУНАД?*



Барои бунёди ҷангал бо дарахтони сафедор дар хокҳои регдори дарёбоди минтақаҳои баландкӯҳи наздидарёӣ бояд каналҳои обёрӣ қад-қади қатори дарахтон бунёд карда шаванд. Ниҳолҳои сафедор аз ниҳолхона гирифта шуда дар қитъа шинонида мешаванд. Бинобар ин, бояд чуқуриҳои хурд 1,2 x 1,5м кофта шаванд (дар як гектар замин то 5000 дарахтони сафедорро шинонидан мумкин аст). Барои пур кардани чуқуриҳо бояд омехтаи хок ва пору тайёр карда шавад. Дар давоми солҳои аввал, ниҳолҳо бояд тез-тез об дода шаванд. Дам ба дам каналҳои обёрӣ бояд аз бодовард тоза карда шаванд. Дар аввали сабзиш ниҳолҳо бояд аз чорвое, ки озодона чарида мегардад, муҳофизат карда шаванд. Дар ин хусус зербоб оид ба рӯйпӯши пластикӣ барои нешҳо, таворакашӣ ва таворакашии зинда маълумоти иловагиро пешниҳод мекунад. Ҳамин ки дарахтон ба таври кофӣ калон шуданд (Ø=30-50см), бурриши интихобии дарахтонро гузаронидан мумкин аст. Барои хокҳои каме шӯр сафедори Популус пруиноса (Populus pruinosa), навъи ба минтақа мутобиқшуда мавҷуд аст, ки дар хокҳои каме шӯр сабзиш мекунад.

**Бартариҳо:**

- Таъмини **ҳезум ва чӯб, хӯроки чорво**
- **Мустаҳкамкунии хок**, камкунии эрозия ва ярч
- Зиёдкунии **обе**, ки дар хок нигоҳ дошта мешавад ва пасткунии суръати шамол
- **Диверсификатсияи** истифодаи замин: пешбарии навъҳо ва намудҳои наботот
- Беҳтар кардани қабати болоии замин, зиёд намудани нурии органикӣ (биомасса)
- **Таъмини соягӣ дар** саҳроҳо, заминҳои корам, хонаҳо ва барои ҳайвонот

**Норасоиҳо/Мушкилиҳо:**

- Дар солҳои аввал **меҳнатталаб аст**: бунёди ҷангал, обёрӣ, тозакунии каналҳо, таворакашӣ
- Он бино ба таворакашӣ, ниҳолҳо, таҷҳизот **сармояталаб (буда метавонад)**
- Барои дарахтони сафедор таъминоти об бояд ба таври зарурӣ бошад (танҳо дар он маврид мумкин аст, агар дар қабати дарё шинонда шавад)

## НОМГӮИ ШАРТҲОИ ПЕШАКӢ ВА ИМКОНИЯТИ ИСТИФОДАБАРӢ

**“Саволҳои асосӣ”** Агар Шумо ба саволҳо ҷавоби **“Ҳа”** дода натавонед, пас усули пешниҳодшуда барои истифодабарандаи замин ва умуман ҷамоа муносиб нест.

| Саволҳои асосӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё Шумо ҳуқуқҳои қонунии истифодабарандаро барои қитъаи мазкур доред? | | |
| Оё Шумо барои шинонидани дарахтони алоҳида ҷой доред? | | |
| Оё қитъа дар макони, ки барои бунёди ҷангали сафедор муносиб аст, ҷойгир шудааст? | | |
| Оё иқлими маҳаллӣ (мавсими кӯтоҳи сабзиш) барои дарахтони сафедор муносиб аст? | | |
| Оё ниҳолҳо мавҷуд ҳастанд? | | |
| Оё Шумо қувваи кории кофӣ (барои ташкили каналҳо, шинонидани дарахтон, буридани шохаҳо) доред? | | |

Дар қисмати “Саволҳо” аз Шумо дар бораи шартҳои пешакии иловагӣ пурсида мешавад. Агар ҷавоб “Не” бошад, пас истифодабарандаи замин ё ҷамоа бояд имконияти иваз кардан ё ҳалли масъалаҳои мазкурро дарёфт кунад.

| Саволҳо | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё қитъа аллакай ҳамчун замини кишоварзӣ истифода карда шудааст? | | |
| Оё қитъа гирифтори эрозияи хок (обӣ ё шамолӣ) аст? | | |
| Оё таҷҳизоти минималӣ барои шинонидани сафедор/ташкили каналҳои обёрӣ мавҷуд аст? | | |
| Оё Шумо дар бораи шинонидани дарахтон/бунёди каналҳои обёрӣ маълумот доред, ё Шумо ба хизматрасонии машваратии иловагӣ эҳтиёҷ доред? | | |
| Оё Шумо ба ҳезум, чӯб ё хӯроки чорво талабот доред? | | |
| Оё қитъа дар ҳолати экологии хубтар ё на он қадар хуб қарор дорад: аз он Шумо фоида гирифта метавонед? | | |
| Оё имкониятҳои фурӯши чӯб мавҷуд ҳастанд? | | |



## ҲИСОБКУНИИ МОЛИЯВӢ

Таҷрибаи ВМКБ хароҷотҳои сармоягузории зеринро барои ташкили канали обёрӣ бо дарозии 2150 метр нишон дод, ки он дар давоми 59 соат барои қитъаи идоракунии муштараки ҷангал дар мавзеъи Рав моҳи майи соли 2014 амалӣ карда шуда буд.

| Насби низоми обёрӣ барои 28 гектар замин | Хароҷот барои як як воҳид | Ҳамагӣ |
|---|---|---|
| Экскаватори хурд | 165,00 сомонӣ/соат | 9758 сомонӣ |
| Маоши (оператор) | 50,00 сомонӣ/соат | 424 сомонӣ |
| Маоши (муҳандис) | 50,00 сомонӣ/рӯз | 150 сомонӣ |
| Хароҷоти умумӣ | | 11338 сомонӣ |

| Хароҷот барои сармоягузорӣ | Ҳаҷми сармоягузорӣ барои як воҳид | Ҳаҷми умумии сармоягузорӣ |
|---|---|---|
| Нархи дарахтони сафедор | | |
| Тавораҳо | | |
| Обдиҳӣ | | |
| Хароҷоти иловагӣ: | | |
| Хароҷоти иловагӣ: | | |
| Хароҷотҳои УМУМӢ: | | |
| **Даромад аз сармоягузорӣ** | | |
| Шохаҳо ҳамчун хӯроки чорво | | |
| Ҳезум | | |
| Чӯб | | |
| **Фоидаи иловагӣ** | | |
| Беҳтаркунии ҳолати хок | | |
| Сарфаи нуриҳо | | |
| Устуворкунии нишебӣ | | |
| Воситаи муҳофизат аз эрозияи шамолӣ | | |
| Соя барои чорво/боғ | | |
| Даромади иловагӣ: | | |
| Хароҷотҳои УМУМӢ: | | |

## МЕЪЁРҲО БАРОИ ҚАБУЛИ ҚАРОР

ТБа саволномаи мазкур бодиққат ҷавоб диҳед. На ба ҳамаи усулҳо бояд бо “Ҳа” ҷавоб дод.

Агар дар охир ба аксари саволҳо ҷавоби “Ҳа” дода шавад, пас таъсироти мусбӣ бартарӣ дорад, лекин новобаста аз ин, таъсироти манфӣ бояд бодиққат ба инобат гирифта шавад.

| Фоидаи молиявӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё шинонидани дарахтони алоҳидаи сафедор баъзе эҳтиёҷоти хонаводаи Шуморо қонеъ кард метавонад? | | |
| Оё имконияти фурӯши чӯб ё ҳезум мавҷуд аст? | | |
| Оё Шумо аз сабаби хароҷоти камтар барои ҳезум ва чӯб маблағро сарфа карда метавонед? | | |
| Оё меҳнат барои таворакашӣ, обдиҳӣ ва бурриши шохаҳо ба ҳисобкунӣ дохил карда шудааст? | | |

| | | |
|---|---|---|
| **Таъсироти экологӣ** | | |
| Оё шинонидани дарахти сафедор ҳосилхезии хок ва сохтори хокро дар қитъа ё майдони полезии Шумо беҳтар карда метавонад? | | |
| Оё майдонҳои дарахти сафедор иқтидори нигоҳдории хок ва обро дар қитъаи Шумо беҳтар карда метавонанд? | | |
| Оё шинонидани дарахтони алоҳидаи сафедор бурриши ғайриқонуниро боз ҷозибтар мекунад? | | |
| **Таъсироти гендерӣ** | | |
| Занон дар нигоҳубини дарахтон кадом нақшро иҷро мекунанд: Оё занон дар шинонидан, барқарорсозии ҷангал, муҳофизати дарахтон иштирок мекунанд? | | |
| Оё занон аз маҳсулоти дарахтон, масалан, тариқи фурӯши чӯб фоидаи бевосита гирифта метавонанд? | | |
| Аз ин фоидаҳои бадастомада оё онҳо қарор карда метавонанд, ки пулро ба чӣ сарф кунанд? | | |
| Оё шинонидани дарахтони сафедор дар қитъаи Шумо барои занҳо кори иловагиро пеш меорад (бунёдкунӣ ва нигоҳубини дарахтон)? | | |
| Оё кори иловагӣ ягон натиҷаи ҷоизро барои занон меоварад, масалан, тариқи фурӯши чӯб, дастрасии ҳаҷми кофии ҳезум дар зимистон? | | |
| Оё шинонидани дарахтони сафедор дар қитъаи Шумо кори занонро тариқи таъмин кардани онҳо бо ҳезум кам карда метавонад (вақти камтар барои ҷамъоварии ҳезум дар ҷангал)? | | |
| **Таъсирот ба ҷамоа** | | |
| Оё шинонидани дарахтони сафедор ба ҷамоа дар хусуси таъминоти талабот ба чӯб ва ҳезум таъсири мусбӣ расонида метавонад? | | |
| Оё шинонидани дарахтони сафедор барои дигар хонаводаҳо ҳамчун намуна хизмат карда метавонад? | | |
| Оё шинонидани дарахтони сафедор таъсироти офатҳои табииро (эрозияи хок, ярч...) дар ҷамоаи Шумо паст карда метавонад? | | |
| Оё майдонҳои сафедор ба камшавии бурриши ғайриқонунӣ дар ҷамоаи Шумо оварда метавонанд? | | |

| Тамос : | Нишонаи саҳифаҳо |
|---|---|
| КЕМП ТАБИАТ<br>Умед Булбулшоев (директор)<br>Кӯчаи Соҳибназарова 9, шаҳри Хоруғ<br>+992 935 14 19 45 | http://camp.kg/en/who-we-are/camp-tabiat/<br>umedsho@mail.ru |
| Ҷангалпарвар<br>Ҷамолидин Мадиброн (директор)<br>Кӯчаи Дӯстии Халқҳо 62, 734025, шаҳри Душанбе<br>+992 91 818 18 25 | |
| Чесви (Созмони байналмилалии ҳамкорӣ ва рушд дар Итолиё)<br>Даниил Илёсов (ҳамоҳангсози лоиҳа)<br>+992 985 02 27 37<br>Дафтар дар шаҳри Душанбе:<br>кӯчаи Фирдавсӣ 15<br>Дафтар дар ноҳияи Ховалинг:<br>кӯчаи Мирзо Турсунзода. | daniil.ilyasov@gmail.com |
| Каритас Швейтсария<br>Афзалшо Насибов (Ҳамоҳангсози лоиҳа)<br>+992 901 10 93 32<br>Кӯчаи Титов 26, хонаи 25, 734025, ш. Душанбе | anasibov@caritas.chv |







## 2.3 Обёрии иловагӣ бо зарфҳои пластикӣ

### *ОБЁРИИ ИЛОВАГӢ БО ЗАРФҲО ЧӢ АСТ?*

Обёрии иловагӣ бо зарфҳо воситаи сарфакунандаи обёрӣ мебошад, ки барои таъмини рушду инкишофи оптималии ниҳолҳои ҷавон дар минтақаҳои хушк истифода карда мешавад. Мақсад аз беҳтар кардани акклиматизатсияи ниҳолҳо (бештар дарахтони мевадиҳанда) бо истифодаи минималии об иборат мебошад. Дар нишебиҳои рост ва алахусус дар хоки зард обёрӣ ба воситаи ҷӯякҳо бинобар ба хатари ярч ва сел тавсия дода намешавад. Обёрии иловагӣ бо зарфҳо на танҳо воситаи камхарҷ аст, балки инчунин хатари селро дар нишебиҳои рост ва эрозияро паст мегардонад.



### *ОН ЧӢ ТАВР КОР МЕКУНАД?*

Барои технологияи мазкур зарфҳои пластикӣ (зарфҳои 1,5-2 литра) истифода карда мешаванд: дар аввал, қисми поёнии он ҷудо карда мешавад, лекин ҳамчун сарпӯш истифода карда мешавад. Баъдан зарфи чаппакардашуда бо об пур карда мешавад. Сарпӯшаки он оҳиста то расидан ба суръати чакиши 5 қатра дар як сонияи кушода мешавад ва онро бо тасмачае ба зарф мустаҳкам кардан мумкин аст. Бо ин суръати чакиш зарфи 1,5-литра дар муддати 90-100 дақиқа хушк мегардад. Бо ин омодагӣ зарфро қариб пурра ба хок дар бари ниҳолҳо ҷой кардан лозим аст (10 см зарф бояд аз сатҳи замин боло бошад). Сарпӯшаки зарф бояд дар як сатҳ бо гарданаи реша бошад. Баъд ниҳоли нав шинонидашуда бояд бо алаф, коҳ ё санг мулча карда шавад. Аз сабаби он ки қатраҳои об бевосита ба решаҳо мерасанд, ягон обдиҳии иловагӣ дар сатҳи болоӣ зарур нест ва дар натиҷа ин об дар сатҳи болоӣ тариқи бухоршавӣ аз даст дода намешавад. Дар давоми давраи сабзиш зарфҳо бояд дар 5 рӯз як бор бо об пур карда шаванд. Ҳамин ки онҳо холӣ шуданд, бо мақсади пешгирии ифлосшавии сарпӯшак зарфҳо бо оби тоза пур карда мешаванд. Усули мазкур бояд дар давоми 2-3 сол то ташаккулёбии низоми решаҳо то чуқурии 2 метр татбиқ карда шавад.

Тавсия дода мешавад, ки бо мақсади ҳифзи ниҳолҳои хурд аз чорво қитъаи замин тавора карда шавад.

.

**Вазифаҳо ва бартариҳо:**

- **Пешгирии эрозия обӣ дар нишебиҳои рост**, паст кардани хатари ярч, сел
- **Нигоҳдории обро** дар хок зиёд мегардонад ва талаботро ба оби обёришаванда тариқи обдиҳии бевосита паст мегардонад (алалхусус дарахтони мевадиҳанда дар минтақаҳои хушк бо ин тарз зинда мемонанд)

**Норасоиҳо / Мушкилиҳо / Хатарҳо:**

- **Меҳнатталаб:** азнавпуркунии тез-тези зарфҳоро талаб мекунад

## НОМГӮИ ШАРТҲОИ ПЕШАКӢ ВА ИМКОНИЯТИ ИСТИФОДАБАРӢ

**"Саволҳои асосӣ"** Агар Шумо ба саволҳо ҷавоби **"Ҳа"** дода натавонед, пас усули пешниҳодшуда барои истифодабарандаи замин ва умуман ҷамоа муносиб нест.

| Саволҳои асосӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё Шумо ҳуқуқҳои қонунии истифодабарии заминро барои қитъае, ки дар он дарахт шинонида мешавад, доред? | | |
| Оё Шумо оби кофӣ барои обёрии мунтазам доред? | | |
| Оё Шумо дар наздикии қитъа об доред ва барои обдиҳии мунтазам қувваи кории кофӣ доред? | | |
| Оё тухмиҳо ё ниҳолҳои хушсифат мавҷуд мебошанд? | | |

Дар қисмати **"Саволҳо"** аз Шумо дар бораи шартҳои пешакии иловагӣ пурсида мешавад. Агар ҷавоб **"Не"** бошад, пас истифодабарандаи замин ё ҷамоа бояд имконияти иваз кардан ё ҳалли масъалаҳои мазкурро дарёфт кунад.

| Саволҳо | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё таҷҳизоти минималӣ барои шинонидани дарахтон мавҷуд аст? | | |
| Ҳангоми истифодаи усулҳои дигари обёрӣ Шумо бо мушкилиҳо бо шориши сатҳӣ рӯ ба рӯ мешавед? | | |
| Оё шароитҳои экологӣ умуман барои навъҳои дарахтоне, ки Шумо интихоб кардед, муносиб астанд? | | |

## ҲИСОБКУНИИ МОЛИЯВӢ:

| Хароҷот барои сармоягузорӣ | Ҳаҷми сармоягузорӣ |
|---|---|
| Зарфҳои пластикӣ | |
| Об | |
| Дигар: | |
| Хароҷотҳои УМУМӢ: | |
| **Даромад аз сармоягузорӣ/фоидаи иловагӣ** | |
| Имконияти баландтари зиндамонии ниҳолҳо | |
| Дарахтон дар ҳолати беҳтар, ҳосили баландтар | |
| Пешгирии деградатсия, ярч | |
| Даромадҳои УМУМӢ: | |



## МЕЪЁРҲО БАРОИ ҚАБУЛИ ҚАРОР

Ба саволномаи мазкур бодиққат ҷавоб диҳед. На ба ҳамаи усулҳо бояд бо "Ҳа" ҷавоб дод.

Агар дар охир ба аксари саволҳо ҷавоби "Ҳа" дода шавад, пас таъсироти мусбӣ бартарӣ дорад, лекин новобаста аз ин, таъсироти манфӣ бояд бодиққат ба инобат гирифта шавад.

| Фоидаи молиявӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё Шумо баҳо дода метавонед, ки аз ҳисоби кам кардани хароҷот барои азнавшинонии дарахтон маблағҳоро сарфа мекунед? | | |
| Оё Шумо аз татбиқи усули мазкур фоидаи молиявиро дар давраи кӯтоҳмуддат мебинед? | | |
| Оё усули мазкур танҳо дар шинонидани дарахтони алоҳида дар майдони полезии Шумо/дар атрофи деҳа кӯмак мерасонад, ё ин ки Шуморо барои бунёди боғе шавқманд мекунад? | | |
| Шумо аллакай хароҷотҳоро барои чораҳои тавоғакашӣ дохил кардед? | | |
| **Таъсироти экологӣ** | | |
| Оё обёрии иловагӣ бо зарфҳо дар таъмини намнокии баландтари хок саҳм гузошта метавонад? | | |
| Оё обёрии иловагӣ бо зарфҳо таҳшиншавии бодовардро дар қитъаҳои дар поён ҷойгиршуда, иншоотҳои обӣ кам карда метавонад ...? | | |
| Дар муқоиса бо обёрӣ ба воситаи ҷӯякҳо оё обёрии иловагӣ бо зарфҳо рухдиҳии ярч ва пайдошавии кӯлобҳоро кам карда метавонад? | | |
| Оё обёрии иловагӣ бо зарфҳо сатҳҳои ҳосилхези хокро дар қитъаи Шумо нигоҳ дошта метавонад? | | |
| Оё обёрии иловагӣ барқарорсозии ҷангал ё бунёди боғро дар мавзеъҳо ё нишебиҳои дурдасти дар атрофи деҳа/ҷамоаи Шумо ҷойгирбуда ҳавасманд мегардонад? | | |
| **Таъсироти гендерӣ** | | |
| Занон дар чораҳо оид ба обёрӣ чӣ нақш доранд: Оё занон дар қабули қарор нисбат ба истифодаи ин ё он усул, дар ташкили усули мазкур ва нигоҳдорӣ иштирок мекунанд? | | |
| Оё занон ҳуқуқи соҳибияти сертификатҳои замин ва қабули қарор нисбат ба чӣ кишт кардан ва шинонданро доранд? | | |
| Оё ташкилкунӣ ва нигоҳдории обёрии иловагӣ барои занҳо кори иловагиро пеш меорад? | | |
| Оё кори иловагӣ ягон натиҷаи ҷоизро барои занон меоварад, масалан, ҳосили баландтар = даромади бештар? | | |
| Аз ин фоидаҳои бадастомада оё онҳо қарор карда метавонанд, ки пулро ба чӣ сарф кунанд? | | |
| **Таъсирот ба ҷамоа** | | |
| Оё обёрии иловагӣ бо зарфҳо мавҷудияти обро дар мавсими хушк дар ҷамоаи Шумо зиёд карда метавонад? | | |
| Оё обёрии иловагӣ бо зарфҳо ба ҳосили баланд ва ҳамин тариқ амнияти озуқаворӣ беҳтар дар ҷамоаи Шумо оварданаш мумкин аст? | | |
| Оё обёрии иловагӣ бо зарфҳо хатари гирифторшавии ҷамоааонро ба офатҳои табиӣ (ярч, эрозияи хок...) кам карда метавонад? | | |
| Оё воситаи мазкур барои дигар хонаводаҳо/ҷамоаҳо намунаи мусбӣ буда метавонад? | | |

| Тамос : | Нишонаи саҳифаҳо |
|---|---|
| КЕМП ТАБИАТ<br>Умед Булбулшоев (директор)<br>Кӯчаи Соҳибназарова 9, шаҳри Хоруғ<br>+992 935 14 19 45 | http://camp.kg/en/who-we-are/camp-tabiat/<br>umedsho@mail.ru |
| Ҷангалпарвар<br>Ҷамолидин Мадиброн (директор)<br>Кӯчаи Дӯстии Халқҳо 62, 734025, шаҳри Душанбе<br>+992 91 818 18 25 | |
| Ҷесви<br>Даниил Илёсов (ҳамоҳангсози лоиҳа)<br>+992 985 02 27 37<br>Дафтар дар шаҳри Душанбе:<br>кӯчаи Фирдавсӣ 15<br>Дафтар дар ноҳияи Ховалинг:<br>кӯчаи Мирзо Турсунзода. | daniil.ilyasov@gmail.com |
| Каритас Швейтсария<br>Афзалшо Насибов (Ҳамоҳангсози лоиҳа)<br>+992 901 10 93 32<br>Кӯчаи Титов 26, хонаи 25, 734025, ш. Душанбе | anasibov@caritas.chv |







3.1

## ТАВОРАКАШӢ

### ТАВОРАКАШӢ ЧИСТ?

Таворакашӣ, баъзан барои нигоҳдории чорво дар дохил ё берун аз қитъаи замин лозим мебошад. Усули мазкурро барои гардиши чарогоҳ ва инчунин барои муҳофизати ҷангал истифода кардан мумкин аст. Инчунин, онро барои демаркатсияи қитъаи заминдорӣ ва муҳофизати як дарахти алоҳида низ истифода кардан мумкин мебошад. Он дар беҳдошти чарогоҳ ва қисматҳои ҷангал ё дар беҳтаркунии маҳсулнокӣ тариқи муҳофизатнамоӣ аз чаронидани озоди ҳайвонот кӯмак мерасонад.



### ОН ЧӢ ТАВР КОР МЕКУНАД?

Ду усули гуногун мавҷуд мебошад: Таворакашии зинда, ки дар боби дигар тасвир карда шудааст ва таворакашӣ.

Барои таворакашӣ, Шумо метавонед пояҳои чӯбин, оҳанин, ягон маводи дигари сахт ва сими хордор ё дилхоҳ намуди сим/маводи қавиро истифода намоед. Пояҳо дар замин бояд ба таври устувор шинонида шаванд то ин, ки дар ҳолати ҳамлаи чорво (хуки ваҳшӣ), шамол/тӯфон ва барфу шамоли сахт осебе набинанд. Масофаи 3 метр байни пояҳо мувофиқ мебошад. Баландии пояҳо аз замин бояд то ба 1,5 метр бошанд. Агар Шумо қаторҳои симиро кашед, пас сим бояд се қатор кашида шавад. Қатори болоӣ бояд дар баландии 1,2 метр кашида шавад. Агар Шумо дигар маводро истифода баред, пас он мавод бояд ба таври кофӣ пурқувват бошад ва пай дар пай байни пояҳо маҳкам карда шавад.

Ин намуди тавора дар муқоиса ба таворои зинда ба тӯфон ва шамолу барфи сахт бештар осебпазир аст, лекин насб кардани он тезтар аст.

**Бартарӣ:**

- **Ҷангал, замини кишт ва чарогоҳ** аз чорво ва ҳайвоноте, ки озодона чарида мегардад, **муҳофизат карда мешавад**
- **Тавораҳоро барои мустаҳкам кардани рӯйпӯши зиндаи қитъаҳои ҷангал истифода кардан мумкин аст**
- **Паст кардани сатҳи** эрозияи хок, ярчҳо ...
- **Танҳо ду ҷузъҳои асосӣ** лозим мебошанд (пояҳо ва сим, сими хордор ё ягон дигар моводи пуркунанда)
- **Насб кардани он аз нуқтаи назари техникӣ осон аст** ва ягон дастгирии берунаро талаб намекунад
- **Онро инчунин барои демаркатсияи қитъаи заминдорӣ истифода кардан мумкин аст**

**Норасоиҳо / Мушкилиҳо / Хатарҳо:**

- **Хароҷот** барои сими хордор зиёд буда метавонад, алалхусус барои қитъаҳои калон
- **Назорати мунтазами** тавораи пурра барои роҳ надодани чорво дар давоми тамомои сол лозим аст
- Дар муқоиса бо *таворакашии зинда*, **таворакашии оддӣ даромади иловагиро аз ҳисоби мева ё чӯб намеорад**

## НОМГӮИ ШАРТҲОИ ПЕШАКӢ ВА ИМКОНИЯТИ ИСТИФОДАБАРӢ

**"Саволҳои асосӣ"** Агар Шумо ба саволҳо ҷавоби **"Ҳа"** дода натавонед, пас усули пешниҳодшуда барои истифодабарандаи замин ва умуман ҷамоа муносиб нест.

| Саволҳои асосӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё Шумо ҳуқуқҳои қонунии истифодаи қитъаи заминро барои таворакашӣ доред? | | |
| Оё қитъа аз таъсири чорво ё ҳайвоноте, ки озодона чарида мегардад, зарар мебинад? | | |
| Оё Шумо қувваи кории кофӣ барои сохтани тавораҳо доред? | | |
| Оё таҷҳизоти камтарин (масалан, барои сохтани тавораҳо) мавҷуд аст ё не? | | |

Дар қисмати **"Саволҳо"** аз Шумо дар бораи шартҳои пешакии иловагӣ пурсида мешавад. Агар ҷавоб **"Не"** бошад, пас истифодабарандаи замин ё ҷамоа бояд имконияти ивaз кардан ё ҳалли масъалаҳои мазкурро дарёфт кунад.

| Саволҳо | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё Шумо маълумоти кофӣ дар бораи сохтмони тавора доред, ё не? | | |
| Оё Шумо ба кӯмаки техникии беруна ниёз доред? | | |
| Оё қитъаи замине, ки Шумо тавора кардани ҳастед, дар ҳолати экологии беҳтар ё на он қадар хуб қарор дорад: яъне то кукун аз он фоида гирифта метавонед? | | |
| Оё он қитъа зери таъсири эрозияи хок қарор дорад, ё не? | | |
| Оё Шумо ба таҷҳизоти махсус ниёз доред? | | |



## ФОИДАИ МОЛИЯВӢ.

Тавсия дода мешавад, ки усулҳои гуногуни тавора ва усулҳои омехта аз чӯб, санг, металл ва сими хордор ба ҳисоб гирифта шаванд.

| Хароҷот барои сармоягузорӣ | Ҳаҷми сармоягузорӣ | Мисол |
|---|---|---|
| Мавод барои таворакашӣ барои як метр (a) | | |
| Мавод барои таворакашӣ барои як метр (b) | | |
| Мавод барои таворакашӣ барои як метр (c) | | |
| Сими хордор барои як метр | | |
| Пояҳо | | |
| Хароҷоти иловагӣ: | | |
| Хароҷоти иловагӣ: | | |
| Хароҷоти иловагӣ: | | |
| **Даромад аз сармоягузорӣ/фоидаи иловагӣ** | | |
| Барқарорсозии табиии ҷангал | | |
| Умуман ҳосили баланди зироат (дар муқоиса бо ҳайвонот муайян созед) | | |
| Ҳосили беҳтар пешгӯишаванда | | |
| Демаркатсияи қитъа | | |
| Муҳофизат аз эрозияи шамолӣ | | |
| Даромади иловагӣ | | |
| Даромади иловагӣ | | |
| Даромадҳои УМУМӢ: | | |

## МЕЪЁРҲО БАРОИ ҚАБУЛИ ҚАРОР

Ба саволномаи мазкур бодиққат ҷавоб диҳед. На ба ҳамаи усулҳо бояд "Ҳа" гуфта ҷавоб диҳед.

Агар дар охир ба аксари саволҳо ҷавоби "Ҳа" дода шавад, пас таъсироти мусбӣ бартарӣ дорад, лекин новобаста аз ин, таъсироти манфӣ бояд бодиққат ба инобат гирифта шавад.

| Фоидаи молиявӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё Шумо бо шарофати тавора кардани қитъаи ҷангал, замини кишт ё чарогоҳ, маблағ ё хароҷотҳои меҳнатиро сарфа карда тавонистед? | | |
| Оё сармоягузорӣ барои сохтани тавораҳо аз фоидаи пешбинишуда бештар хоҳад буд? | | |
| **Таъсироти экологӣ** | | |
| Оё сохтмони тавораҳо нашъу нумӯи дарахтони ҷавонро беҳтар карда метавонад? | | |
| Оё сохтмони тавора дар атрофи қитъаҳои ҷангал эрозияи минбаъдаи хок, ярчҳо ва тармаҳоро кам карда метавонад? | | |

| Таъсироти гендерӣ | | |
|---|---|---|
| Дар қабули қарор нисбат ба дарахтзоркунӣ, занон кадом нақшро доранд? Оё занон дар технологияҳои таворакашӣ ҷалб карда шудаанд? | | |
| Оё сохтмони тавора танҳо барои занҳо кори иловагиро пеш меорад? | | |
| Оё кори иловагӣ ягон натиҷаи ҷоизро барои занон меоварад? | | |
| Аз ин фоидаҳои бадастомада оё онҳо (занон) қарор карда метавонанд, ки пулро ба чӣ сарф кунанд? | | |
| **Таъсирот ба ҷамоа** | | |
| Оё сохтмони тавораҳо нашъу нумӯи дарахтони ҷавонро беҳтар карда метавонад? | | |
| Оё сохтмони тавора дар атрофи қитъаҳои ҷангал эрозияи минбаъдаи хок, ярчҳо ва тармаҳоро кам карда метавонад? | | |


| Тамос : | Нишонаи саҳифаҳо |
|---|---|
| КЕМП ТАБИАТ<br>Умед Булбулшоев (директор)<br>Кӯчаи Соҳибназарова 9, шаҳри Хоруғ<br>+992 935 14 19 45 | http://camp.kg/en/who-we-are/camp-tabiat/<br>umedsho@mail.ru |
| Ҷангалпарвар<br>Ҷамолидин Мадиброн (директор)<br>Кӯчаи Дӯстии Халқҳо 62, 734025, шаҳри Душанбе<br>+992 91 818 18 25 | |
| Чесви<br>Даниил Илёсов (ҳамоҳангсози лоиҳа)<br>+992 985 02 27 37<br>Дафтар дар шаҳри Душанбе:<br>кӯчаи Фирдавсӣ 15<br>Дафтар дар ноҳияи Ховалинг:<br>кӯчаи Мирзо Турсунзода. | daniil.ilyasov@gmail.com |
| Каритас Швейтсария<br>Афзалшо Насибов (Ҳамоҳангсози лоиҳа)<br>+992 901 10 93 32<br>Кӯчаи Титов 26, хонаи 25, 734025, ш. Душанбе | anasibov@caritas.chv |








## 3.2 ТАВОРАКАШИИ ЗИНДА

### ТАВОРАКАШИИ ЗИНДА ЧӢ АСТ?

**Таворакашии зинда** технологияе аст, ки ба назорати ҳаракати ҳайвонот ва одамон дар қитъаи истифодашуда равона карда шудааст. Ин қитъаи ҷангалзор бо дарахтони нав шинонидашуда ва инчунин чарогоҳи зимистона ё тирамоҳӣ буда метавонад. Барои муҳофизати қитъаи зерҳадаф ду усул пешниҳод карда мешавад: таворкашӣ ва таворкашии зинда. Таворакашӣ воситаи тезе аст, ки ба ғайр аз муҳофизати дарахтон даромади иловагӣ намедиҳад.

Таворакашии зинда ин саромоягузории дарозмуддате аст, ки дорои таъсироти иловагии мусбӣ буда даромади иловагӣ меорад.

### ОН ЧӢ ТАВР КОР МЕКУНАД?

Байни пояҳои тавораи зинда масофаи васеъ гузошта мешавад ва қаторҳои алоҳидаи растаниҳои чӯбӣ мунтазам бо қайчӣ кӯтоҳ карда мешаванд. Байни дарахтон (дарахтони мевадиҳанда ё дарахтони дорои фоидаи иловагӣ пешниҳод карда мешавад) буттаҳои хордор, ки даромади иловагӣ меоваранд, ба монанди ангат ё хучи вахширо шинонидан мумкин аст. То ба таври кофӣ баланд ва ғафс шудани буттаҳо ё дарахтон барои нигоҳдории сими хордор пояҳои оҳанин, чӯбӣ, ё дигар маводро истифода кардан мумкин аст.



Муддаои табъ аст, ки навъҳое, ки барои пояҳои тавораи зинда истифода карда шудаанд, дорои қобилияти тези ташаккул додани каллюс ва фаро гириф-тани нуқтаи пайвастшавии сим ба поя мебошанд.

**Қадамҳо барои шинонидани тавора аз ангат:**

Тавораи зинда аз ангат, масалан, аз ду қабат иборат аст: қабати беруна ин тавораи бевосита аст, ки аз навдаҳои ангат сохта шудааст. Ин дарҳол дастрасии ҳайвонот ва одамро маҳдуд мекунад. Қабати дохилӣ иборат аз ниҳолҳои ангат аст ва он дар давоми якчанд мавсим ташаккул меёбад. Ин намуд тавораи зинда то ба баландии 1,5-2 метр сабзида метавонад. Он бояд бо дарахтони мевадиҳанда, бед ё дигар намудҳои пояҳо нигоҳ дошта шавад: навдаҳои ангат бо шохаҳои бед, навдаҳои бед ё сим бофта мешаванд ва ба пояҳои чӯбӣ пайваст карда мешаванд.

**Бартариҳо ва таъсироти иловагии мусбӣ:**

1. **Муҳофизати дарахтон ё зироатҳои ҷавон ва осебпазир**
2. **Даромади иловагӣ меорад** (меваҳо, хӯроки чорво, чӯб, ҳезум ва ғайра.)
3. **Дарахтони универсалӣ:** бо ҳезум, чӯб, хӯроки чорво (баргҳо ҳамчун сарчашмаи баландсифати хӯрока барои чорвои хурд), биомасса, мулчаи бой аз маводҳои ғизоӣ, хӯрока, агар дарахтони мевадиҳанда шинонида шаванд (фурӯш дар бозорҳо = даромад), доруворӣ, агар растаниҳои шифобахш шинонида шаванд, таъмин мекунанд
4. Барои **парранадгони ҳашаротхӯр** муҳити зист пешниҳод мекунад
5. Дар он ҷое, ки қонун иҷозат медиҳад, ҳамчун як усули таъмини ҳуқуқи **соҳибӣ ба замин хизмат мекунад** = усули демаркатсияи хоҷагиҳо/қитъаҳо
6. **Технологияи камарзиши** (корҳои ташкилотӣ ва нигоҳдорӣ) пойдор
7. **Таъминоти мунтазам бо хӯроки чорво** асоси низоми парвариши чорвои ширдеҳ аст ва дар пешгирии истифодаи аз ҳадд зиёди чарогоҳ кӯмак мерасонад

**Норасоиҳо ва хатарҳо:**

1. Мушкилотҳои **рақобат** (барои нури офтоб: растаниҳои дар наздикӣ сабзанда зери соя қарор гирифтанашон мумкин аст; барои маводҳои ғизоӣ ва об) бо зироатҳои дар наздикбуда ва алафҳои чарогоҳ -->маълумоти бештар дар бораи навъҳои аз ҳама мувофиқ ва стратегияҳои идоракунӣ оид ба муносибкунии вазифаҳои тавораҳои зинда зарур мебошад
2. **Ҳуқуқҳои истифодаи дарозмуддати замин/соҳибӣ ба замин** бояд пеш аз ташкили тавораи зинда таъмин карда шаванд. Тавораҳои зинда паноҳгоҳи **ҳашаротҳои зараровар** буда метавонанд
3. Ташаккулёбии он **вақтро талаб мекунад**
4. **Агар ба таври мувофиқ шинонида нашавад, он самаранок нест**

## НОМГӮИ ШАРТҲОИ ПЕШАКӢ ВА ИМКОНИЯТИ ИСТИФОДАБАРӢ

**“Саволҳои асосӣ”** Агар Шумо ба саволҳо ҷавоби **“Ҳа”** дода натавонед, пас усули пешниҳодшуда барои истифодабарандаи замин ва умуман ҷамоа муносиб нест.

| Саволҳои асосӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё Шумо ҳуқуқҳои қонунии истифодабарандаро барои тавораkашии қитъа доред? | | |
| Оё қитъа дар ҳолати хуби экологӣ қарор дорад ва ақаллан хасбеда(каҳ) медиҳад? | | |
| Оё қитъа аз таъсири ҳайвоноте, ки озодона чарида мегардад, зарар мебинад? | | |
| Оё шароитҳои иқлимӣ барои ташкили тавораҳои зинда мувофиқ ҳастанд? Оё дар он ҷой нури офтоб ва оби кофӣ мавҷуд аст? | | |
| Оё ниҳолҳо ва тухмиҳо барои ташкили тавораи зинда мавҷуд ҳастанд? | | |

Дар қисмати **“Саволҳо”** аз Шумо дар бораи шартҳои пешакии иловагӣ пурсида мешавад. Агар ҷавоб **“Не”** бошад, пас истифодабарандаи замин ё ҷамоа бояд имконияти ивaз кардан ё ҳалли масъалаҳои мазкурро дарёфт кунад.

| Саволҳои асосӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё Шумо ба ҳезум, меваҳо, хӯроки чорво, чӯб, мулча ва ғайра талабот доред? | | |
| Оё қитъа гирифтори эрозияи хок (аз шамол ё об) ё ярч ҳаст? | | |
| Оё таҷҳизоти минималӣ барои ташкилкунӣ/нигоҳдории тавораҳои зинда мавҷуд аст? | | |
| Масалан, оё пояҳои бед мавҷуд мебошанд? | | |
| Оё Шумо ба пояҳои оҳанин ё чӯбии кофӣ дастрасӣ доред? | | |
| Оё Шумо қувваи кории кофӣ (барои ташкилкунӣ ва нигоҳдорӣ) доред? | | |
| Оё Шумо ба хизматрасонии машваратии беруна барои пайвасткунии самараноки чӯби дарахти мевадиҳанда/хуч эҳтиёҷ доред? | | |
| Оё имкониятҳои фурӯши меваҳо дар бозор мавҷуд ҳастанад (агар дарахтони мевадиҳанда ба сифати тавораҳо шинонида шаванд)? | | |

## ҲИСОБКУНИИ МОЛИЯВӢ

Тавсия дода мешавад, ки усулҳои гуногуни тавора ва усулҳои омехта аз чӯб, санг, металл ва сими хордор ба ҳисоб гирифта шаванд.

| Хароҷот барои сармоягузорӣ | Ҳаҷми сармоягузорӣ | Мисол |
|---|---|---|
| Нарх барои навдаҳо ва чӯби хуч | | |
| Нарх барои нешҳо | | |
| Сим, арғамчин | | |
| Об ва мавод барои мулча | | |
| Хароҷотҳои УМУМӢ: | | |
| **Фоидаи молиявӣ** | | |
| Зиёд кардан (муҳофизати) ҳосили хӯроки чорво | | |
| Меваҳо/мағз/ангат | | |
| **Фоидаи иловагӣ** | | |
| Муҳофизат аз эрозия | | |
| Устуворкунии нишебӣ | | |
| Даромадҳои УМУМӢ: | | |

## МЕЪЁРҲО БАРОИ ҚАБУЛИ ҚАРОР

Ба саволномаи мазкур бодиққат ҷавоб диҳед. На ба ҳамаи усулҳо бояд бо “Ҳа” ҷавоб дод.

Агар дар охир ба аксари саволҳо ҷавоби “Ҳа” дода шавад, пас таъсироти мусбӣ бартарӣ дорад, лекин новобаста аз ин, таъсироти манфӣ бояд бодиққат ба инобат гирифта шавад.

| Фоидаи молиявӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё дар муддати кӯтоҳ Шумо аз дарахтон, буттаҳо, ки ба сифати тавораҳои зинда шинонида шудаанд (таъминоти мева, хӯроки чорво, ҳезум, доруворӣ)-ро, ҳамчун фоидаи молиявӣ гирифта метавонед? | | |
| Кадом маҳсулоти дарахт / бутта / буттазор талаботи хонаводаи Шуморо қонеъ мегардонад? | | |
| Оё аз фурӯши маҳсулоти дарахтон/буттаҳои мазкур Шумо даромад гирифта метавонед? | | |
| Оё бо тавораkашии қитъаи худ Шумо ҳосилнокиро беҳтар карда метавонед, ё шумораи дарахтони шинонидашударо зиёд карда метавонед? | | |
| Оё тавораkашии зинда ба низоъ/муноқиша бо чорвои ҳамсоя оварданаш мумкин аст? | | |
| **Таъсироти экологӣ** | | |
| Оё тавораҳои зинда дар барқарорсозии қитъаи Шумо, ё сабзиш ҳосилнокии беҳтари растаниҳо/зироатҳо саҳм гузошта метавонанд? | | |
| Оё тавораҳои зинда дар беҳтаркунии ҳосилхезии хок, сохтори хок, пасткунии шӯрашавии хок тавассути шинонидани, масалан, дарахтони сафедор ё юлғун дар атрофи қитъаи Шумо мусоидат карда метавонанд? | | |
| Оё тавораҳои зинда иқтидори нигоҳдории хок ва обро дар қитъаи Шумо беҳтар карда метавонанд? | | |

| | | |
|---|---|---|
| Оё таворахои зинда дар пасткунии хатари офатхои табиии ҷамоаи Шумо (ярч, эрозия, лойқанокшавии чашмахо, тармахо...) мусоидат карда метавонанд? | | |
| Оё таворахои зинда дар атрофи қитъахои ҷангалзор дар кам кардани бур- риши ғайриқонунӣ барои ҷамъоварии ҳезум дар ҷангалҳо сахм гузошта метавонанд? | | |
| **Таъсироти гендерӣ** | | |
| Занхо дар нигоҳубини (парвариши) дарахтон/буттаҳо/буттазорҳо кадом нақшро иҷро мекунанд? Оё занон дар ташкили таворахои зинда/ дар шинонидан ва нигоҳубини дарахтон/буттаҳо/буттазорҳо иштирок мекунанд? | | |
| Оё занон аз маҳсулоти дарахт/бутта/буттазорҳо бевосита фоида мегиранд? Масалан, тариқи коркард ва фурӯши онҳо? Аз ин фоидаҳои бадастомада оё онҳо қарор карда метавонанд, ки пулро ба чӣ сарф кунанд? | | |
| Оё сохтмон/нигоҳдории таворахои зинда танҳо барои занҳо кори иловагиро пеш меорад? | | |
| Оё он ҳаҷми корро кам мекунад (сарф кардани вақти камтар барои чораҳои барқарорсозии қитъа/барои ҷамъоварии ҳезум ва ғайра) | | |
| Оё кори иловагӣ ягон натиҷаи ҷоизро барои занон меоварад, масалан, даромади бештар аз фурӯши маҳсулот? | | |
| **Таъсирот ба ҷамоа** | | |
| Оё ҷамоаи Шумо аз ҳезум, чӯб, хӯроки чорво, биомасса, ки тариқи ташкили таворахои зинда таъмин карда мешаванд, фоида мебинад? | | |
| Оё ташкили таворахои зинда ва ҳамин тариқ рушди хуби қитъаҳои ҷангалзор ба ҷамоа дар хусуси пастшавии хатарҳои офатҳои табиӣ, масалан, ярч, эрозия, тарма таъсироти мусбӣ расонида метавонанд? | | |
| Оё ташкили таворахои зинда ба муноқиша дар ҷамоа дар хусуси рақобат барои маводҳои ғизонок/нури офтоб/об байни таворахои зинда ва қитъаҳои ҳамсоя оварда расониданаш мумкин аст? | | |
| Оё ташкили таворахои зинда барои чарогоҳи зимистона ва низоми дарав ва кашонидан бахри истеҳсоли хӯроки чорво, ба аъзоёни ҷамоа дар ҳалли мушкилотҳои соҳибӣ ба замин кӯмак расонида метавонад? | | |
| Оё таворахои зинда барои дигар ҷамоаҳо ҳамчун намуна хизмат карда метавонанд? | | |

| Тамос : | Нишонаи саҳифаҳо |
|---|---|
| КЕМП ТАБИАТ<br>Умед Булбулшоев (директор)<br>Кӯчаи Соҳибназарова 9, шаҳри Хоруғ<br>+992 935 14 19 45 | http://camp.kg/en/who-we-are/camp-tabiat/<br>umedsho@mail.ru |
| Ҷангалпарвар<br>Ҷамолидин Мадиброн (директор)<br>Кӯчаи Дӯстии Халқҳо 62, 734025, шаҳри Душанбе<br>+992 91 818 18 25 | |
| Чесви<br>Даниил Илёсов (ҳамоҳангсози лоиҳа)<br>+992 985 02 27 37<br>Дафтар дар шаҳри Душанбе:<br>кӯчаи Фирдавсӣ 15<br>Дафтар дар ноҳияи Ховалинг:<br>кӯчаи Мирзо Турсунзода. | daniil.ilyasov@gmail.com |
| Каритас Швейтсария<br>Афзалшо Насибов (Ҳамоҳангсози лоиҳа)<br>+992 901 10 93 32<br>Кӯчаи Титов 26, хонаи 25, 734025, ш. Душанбе | anasibov@caritas.chv |







3.3

# БО МАВОДИ ПЛАСТИКӢ ПӮШОНИДАНИ НИҲОЛҲО

### *БО МАВОДИ ПЛАСТИКӢ ПӮШОНИДАНИ НИҲОЛҲО ЧИСТ?*

Бо маводи пластикӣ пӯшонидани ниҳолҳо технологияе мебошад, ки ҳадафи он ҳифз намудани навниҳолҳои дарахтони алоҳида ё бутаҳо аз чорво аст. Барои шинонидани якчанд дарахт, як системаи деворсории муносиб тавсия дода мешавад. Ба таври мисол, дар сурати афзоиш ёфтани сатҳи эрозияи хок ва ярч, тавсия дода мешавад, ки дар чарогоҳҳо, дар атрофии деҳаҳо, заминҳои корам, нишебиҳо, ё заминҳои наздиҳавлигӣ – минтақаҳое, ки таҳти назорат нестанд, дарахт шинонида шавад. Роҳи осонтарин барои ҳифзи навниҳолҳо – истифода намудани шишаҳои пластикӣ ё халтаҳои пластикӣ (полиэтиленӣ) ва ё бутаҳои хушкшуда мебошанд.

### *ОН ЧӢ ТАВР КОР МЕКУНАД?*

Навниҳолҳо дар баробари ҳайвонҳои ваҳшӣ ва ҳамчунин ҳайвонҳои хонагӣ бисёр осебпазир ҳастанд.



Пас аз шинонидани дарахтон ё бутаҳои нав, лозим аст, ки навниҳолҳо таҳти ҳимоя қарор гиранд. Барои ин, роҳи осонтарин ва арзонтарин - истифода намудани шишаҳои холии пластикӣ мебошад. Зер ва гардани шишаро буред ва онро ба танаи ниҳолҳои аллакай шинонидашуда гузоред. Имкон вуҷуд дорад, ки якчанд шишаҳои пластикии буридашуда ба ҳам пайваст карда шаванд. Шишаи пластикӣ мумкин аст ҳамчунин ба дарозиаш бурида шуда, ба атрофи танаи ниҳол пӯшонида шавад ва сипас шиша бо лента ё ресмон баста мешавад. Усули дигар барои ҳифз намудани ниҳолҳо – халтаҳои пластикӣ (полиэтиленӣ) мебошад, ки атрофи пӯстлохи дарахтро мепӯшонад. Ниҳоли бед бисёр осебпазир аст ва танаи он бояд дар 10-15 соли аввал ҳифз карда шавад.

Нигоҳубин кардан – ин нашикастани шохҳо ва решаҳо мебошад. Пӯшонидани танаи ниҳол бо маводи пластикӣ бояд наздик аз рӯи замин шурӯъ шавад.

Муҳим аст, ки ниҳолҳо таҳти муроқибат қарор гиранд, зеро тақрибан пас аз ду ё се сол лозим меояд, ки маводҳои пластикӣ аз танаи ниҳол гирифта шаванд.

Барои иттилооти изофӣ ба бобҳо оид ба мулчакунонӣ кардан (пӯшиши сатҳи хоки атрофи ниҳол бо аррамайдаву хасу хошок ва ғ. барои пайдо нашудани алафҳои бегона ва нигоҳ доштани намии хок; ба русӣ: мульчирование), шинонидани сафедор ё дарахтони муътадилсози нитроген назар кунед.

**Бартариҳо:**

- **Таҷҳизоти кам лозим аст** (шишаҳо, қайчӣ, баъзан лента ё ресмонҳо)
- **Имконияти аз ҳама арзон** барои ҳифз намудани ниҳоли алоҳида бар зидди ҳайвонот
- **Хидматрасони техникӣ лозим нест**
- **Осон будани насбкунӣ**
- **Қобили иҷро барои ниҳолҳои зиёд** ва дарахтзор кардан ва ҳамчунин
- **Барои ҳимояи майдонҳо ва чарогоҳ кӯмак мерасонад** (сояи имконпазир барои ҳайвонот буда, хушкшавии хокро пешгирӣ мекунад)
- **Барои шинонидани дарахтон** бар зидди эрозияи хок ва ярчҳо дар ҷойҳое мусоидат менамояд, ки барои чаронидани чорво пешбинӣ шудаанд.

**Норасоиҳо:**

- **Истифода амуднани маводҳои ғайриорганикӣ**
- Ба сабаби **насбкунии дарозмуддат,** хатари фаромӯш кардани гирифтани рӯйпӯшҳои пластикӣ вуҷуд дорад (ба таври мисол, шишаҳои пластикӣ) ва баъдтар онҳо ба дарахт зарар мерасонанд.

## *НОМГӮИ ШАРТҲОИ ПЕШАКӢ ВА ИМКОНИЯТИ ИСТИФОДАБАРӢ*

**“Саволҳои асосӣ”** Агар Шумо ба саволҳо ҷавоби **“Ҳа”** дода натавонед, пас усули пешниҳодшуда барои истифодабарандаи замин ва умуман ҷамоа муносиб нест.

| Саволҳои асосӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё шумо ҳуқуқи қонунии истифодабарандаи заминро дар қитъа барои шинонидани дарахт доред? | | |
| Оё шишаҳои пластикӣ ё маводҳои имконпазир вуҷуд доранд? | | |
| Оё қитъаи замин ба маҳалли истиқоматии шумо дастрас аст (барои нигоҳубин кардани ниҳолҳо)? | | |
| Оё шароити иқлим барои шинонидани дарахтҳо мусоид аст: Оё об ва нури офтоб ба таври кофӣ дастрас мебошанд? | | |
| Оё қитъаи замине, ки барои шинонидани дарахт пешбинӣ шудааст, аз ҷониби ҳайвоноти (озод) чаранда таъсир дидааст? | | |

Дар қисмати **“Саволҳо”** аз Шумо дар бораи шартҳои пешакии иловагӣ пурсида мешавад. Агар ҷавоб **“Не”** бошад, пас истифодабарандаи замин ё ҷамоа бояд имконияти иваз кардан ё ҳалли масъалаҳои мазкурро дарёфт кунад.

| Саволҳо | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё қитъаи замин дар шароити хуби экологӣ барои шинонидани дарахтон қарор дорад? (бидуни равандҳои шадиди шӯршавӣ, эрозияи шадид ё ботлоқшавӣ) | | |



## *МЕЪЁРҲО БАРОИ ҚАБУЛИ ҚАРОР*

Ба саволномаи мазкур бодиққат ҷавоб диҳед. На ба ҳамаи усулҳо бояд бо “**Ҳа**” ҷавоб дод.

Агар дар охир ба аксари саволҳо ҷавоби “**Ҳа**” дода шавад, пас таъсироти мусбӣ бартарӣ дорад, лекин новобаста аз ин, таъсироти манфӣ бояд бодиққат ба инобат гирифта шавад.

| Фоидаи молиявӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё ҳосили дарахтон баъзе аз ниёзҳои хонаводаатонро мепӯшонанд? | | |
| Оё ҳимояи беҳтар кардашудаи навниҳолҳои осебпазири шумо ба комилан иваз намудани талаботи ҳезуматон оварда мерасонад? | | |
| Оё ҳимояи беҳтар кардашудаи дарахтон метавонад ба дарахтзоркунии васеътари қитъаи заминатон оварда расонад? | | |
| Оё имконият барои фурӯши чӯб вуҷуд дорад? | | |
| Оё шумо коҳиш додани сатҳи эрозияи хок ва дигар таъсироти ҷонибиро ба ҳисоб мегиред? | | |
| **Таъсироти экологӣ** | | |
| Оё ин усул метавонад таваҷҷуҳи шуморо барои шинонидани дарахтон дар нишебиҳо ҷалб намояд? | | |
| Оё шинонидани дарахтон дар атрофи майдонҳои киштатон метавонад сатҳи ҳосилнокии хокро афзоиш диҳад? | | |
| Оё дарахтон метавонанд ҳарорати хокро дар қитъаи заминатон беҳтар намоянд: Оё зироатҳои қитъаи заминатон метавонанд ба хушкӣ ва яхкунӣ ба сабаби таъсироти мулчакунонии атроф ва ҳимоя аз шамол бештар муқовиматпазир бошанд? | | |
| Оё шинонидани дарахтон (ҳимояи онҳо) метавонад сатҳи хавфу хатари офатҳои табииро (ярч, эрозия, таҳшини чашмаҳо, обхезӣ) дар ҷомеаатон коҳиш диҳад? | | |
| **Таъсироти гендерӣ** | | |
| Занон дар нигоҳубини дарахтон чӣ нақшро бозӣ мекунанд: Оё занон дар шинонидан, ҷангалзоркунӣ ва ҳимояи дарахтон ҷалб карда шудаанд? | | |
| Оё занон метавонанд аз дарахтон ё бута аз тариқи фурӯши чӯб ё меваҳо ба таври мустақим даромад ба даст оранд? | | |
| Аз ин даромадҳо, оё онҳо метавонанд қарор қабул намоянд, ки пулро ба чӣ сарф намоянд? | | |
| Оё занон ҷиҳати қабул намудани қарор барои ба чӣ сарф шудани пули изофӣ (ба туфайли ҳосили баландтар) иҷозат доранд? | | |
| **Таъсирот ба ҷамоа** | | |
| Оё ҷангалзоркунии самаранок ва густурда ба тамоми ҷомеаи шумо таъсири мусбат дорад? | | |
| Чанд хонавода метавонанд аз ҷангалзоркунии бомуваффақият фоида ба даст оранд? | | |
| Оё муноқиша бо дигар хонаводаҳои ҳамсоя ба сабаби таъсироти манфии дарахтон ба онҳо (яъне соя, дастрасии маҳдуд) мумкин аст ба осонӣ ҳал карда шавад? | | |

| Маълумот барои тамос | Нишонии электронӣ барои иртибот |
| --- | --- |
| КЕМП ТАБИАТ<br>Умед Булбулшоев (директор)<br>Кӯчаи Соҳибназарова 9, шаҳри Хоруғ<br>+992 935 14 19 45 | http://camp.kg/en/who-we-are/camp-tabiat/<br>umedsho@mail.ru |
| Ҷангалпарвар<br>Ҷамолидин Мадиброн (директор)<br>Кӯчаи Дӯстии Халқҳо 62, 734025, шаҳри Душанбе<br>+992 91 818 18 25 | |
| Чесви<br>Даниил Илёсов (ҳамоҳангсози лоиҳа)<br>+992 985 02 27 37<br>Дафтар дар шаҳри Душанбе:<br>кӯчаи Фирдавсӣ 15<br>Дафтар дар ноҳияи Ховалинг:<br>кӯчаи Мирзо Турсунзода. | daniil.ilyasov@gmail.com |
| Каритас Швейтсария<br>Афзалшо Насибов (Ҳамоҳангсози лоиҳа)<br>+992 901 10 93 32<br>Кӯчаи Титов 26, хонаи 25, 734025, ш. Душанбе | anasibov@caritas.chv |



# ИДОРАКУНИИ ЧАРОГОҲ/ЧОРВО



# ИДОРАКУНИИ ЧАРОГОҲ/ЧОРВО

1. Усули ташкилнамоӣ



1.1

## МУҚАДДИМА

Чорчӯба барои идоракунии чарогоҳро одатан ҷамоа ва чарогоҳҳое, ки ҷамоа истифода мебарад, ташкил медиҳад ва мувофиқи матлаб аст, ки онҳо расман ҷудо карда шуда бошанд.

Идоракунии устувори чарогоҳ, бе ҳамоҳангсозӣ байни ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор имконпазир нест. Амалисозии чорабиниҳои асосӣ, ба монанди мониторинг, мувофиқакунӣ бо чӯпононе, ки муҳоҷират мекунанд ё аз наздикии подаҳои деҳа мегузаранд, таъмири инфрасохтори вайроншуда ё бунёди инфрасохтори нав, чораҳои барқарорсозии чарогоҳ барои як хонавода мушкил мебошад.

Банақшагирӣ ва мониторинги хуб фаъолияткунанда, асоси идоракунии самараноки чарогоҳ мебошад. Аслан мониторинг вазифаи мушкил, ҳатмию дарозмуддат мебошад ва амалисозии он дар давоми якчанд рӯз аз ҷониби шумораи ками чӯпонон имконпазир нест. Барои маълумоти иловагӣ ба зербоби "Мониторинг" нигаред.

Ҳадафи дилхоҳ намуди технологияи мониторинг як аст: "Ба даст овардани маълумот нисбат ба вазъу иқтидор ва зарфияти чарогоҳ бо мақсади қабули қарор дар хусуси давомнокӣ ва шиддати истифодабарии чарогоҳу татбиқи воситаҳои барқарорсозӣ". Агар шумораи чорво кам карда нашавад, истифодаи аз ҳадд зиёди чарогоҳ ба паҳншавии алафи бегона ва деградатсия меоварад, ки дар охир ба пастшавии маҳсулнокии чарогоҳ ва таъсири манфӣ оварда мерасонад.

Агар ташаккулёбии чарогоҳ равиши деградатсияшавиро нишон диҳад, чораҳои барқарорсозиро татбиқ кардан мумкин аст. Чораҳои барқарорсозӣ, ин чораҳои иловагӣ бар зидди деградатсияи чарогоҳ мебошанд ва онҳо танҳо он вақт бомуваффақият мешаванд, агар ба нақшаи идоракунии чарогоҳ дохил карда шудаанд ва бо ҳамаи ҷонибҳои манфиатдори чарогоҳҳои ҷамъиятӣ муҳокима ва мувофиқа мешаванд. Маҷмӯи чораҳои барқарорсозӣ дар ин боб номбар карда шудаанд.

Дигар ҷузъи муҳими нақшаи идоракунии чарогоҳ, сохтмон ё таҷдиди инфрасохтор буда метавонад. Баъзе усулу воситаҳо дар боби мазкур номбар карда шудаанд.








1.2

## ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ИСТИФОДАБАРАНДАИ ЧАРОГОҲ

Чарогоҳи ҷамоа чӣ тавре ки онро истифодабарандаи чарогоҳ идора мекунад, ҳамин тавр он хуб/маҳсулнок мебошад. Муҳим аст, ки аз худ пурсем, ки кӣ чарогоҳро дар кадом вақт истифода карда истодааст ва кӣ чарогоҳро убур мекунад, чӣ тавр дастрасӣ ба чарогоҳро танзим кардан мумкин аст, аз ҳама низоми муносиби гардиши чарогоҳ кадом аст, гирифтани саҳми нави чарогоҳ чӣ хел имконпазир аст ва чӣ тавр инфрасохторро беҳтар кардан мумкин аст? Барои истифодабардани алоҳида идоракунии ҳамаи масъалаҳои мазкур ва инчунин назорати созишномаҳо имконпазир нест. Бинобар ин, воҳӯриҳои мунтазам байни истифодабарандагони гуногуни чарогоҳ, роҳбарон ва мутахассисон барои муҳокимаи чунин мушкилиҳо зарур мебошад.

Муассисаҳои собитшуда барои баррасиву ҳалли масъалаи идоракунии чарогоҳ дар асоси ҷамоа ин Ҷамъияти истифодабарандагони чарогоҳ (ҶИЧ) ва Иттиҳодияҳои/Кумитаҳои чорводории деҳа (ИЧД) мебошанд.

### *БИЁЕД ЯК НАЗАР МЕКУНЕМ, КИ ОНҲО ЧӢ ТАВР ФАЪОЛИЯТ МЕКУНАНД.*

ҶИЧ: ҷамъияти истифодабарандагони чарогоҳ мебошад, ки дар сатҳи деҳа/ҷамоат ташкил карда шуда аз гурӯҳи деҳаҳо иборат мебошад. Он ташкилоти расмӣ буда, дорои низомнома, бақайдгирии расмӣ, мӯҳр ва суратҳисоби бонкӣ мебошад. Сохтори ташкилии он аз раис, муҳосиб, котиб ва аъзоёни оддӣ иборат мебошад. ҶИЧ якчанд гурӯҳҳои истифодабарандагони чарогоҳро намояндагӣ мекунад, ки онҳо чарогоҳҳои ба ҳам наздик ҷойгирбударо истифода мебаранд ва ҷамъшавии онҳо дар гурӯҳҳо ба таври ихтиёрӣ рух медиҳад. ҶИЧ дар ҷамоат ба қайд гирифта мешавад ва дорои вазъи ҳуқуқӣ мебошад.



Бартариҳои ҶИЧ, чӣ хеле ки таҷрибаи қаблӣ моро меомӯзонад, дар намояндагии беҳтари манфиатҳо дар назди ҷамоат ҳангоми қабули қарорҳои муҳим дар бораи чарогоҳ ё дастрасӣ ба чарогоҳ зоҳир мегарданд. Ба ғайри аз ин, муттаҳидшавӣ дар ҷамъияти истифодабарандагони чарогоҳ низоъҳои эҳтимолиро дар хусуси истифодаи чарогоҳ кам мекунад, зеро ташкилёбии он ҳамоҳангсозии истифодаи чарогоҳро беҳтар мекунад ва ҳалли масъалаҳои вобаста ба сарҳади чарогоҳро осон мегардонад. Инчунин ташкили ҶИЧ гузаронидани чорабиниҳоро (масалан, таъсисдиҳии нуқтаи хизматрасонии бойторӣ ё нуқтаҳои обнӯшӣ) имконпазир гардонда аз андозаи калонтари фаъолият ҳама нафъ мебинад, ки дар ҳоли набудани ҶИЧ гузаронидани чунин чорабиниҳо имконпазир нест. ҶИЧ инчунин дар ташаккули иқтидор нақш мебозад, зеро он ба ҳамкориҳо байни истифодабарандагони чарогоҳ таҳким мебахшад ва ба мубодилаи дониш ва таҷрибаҳо мусоидат мекунад.




Дигар сохтори ташкилии собитшуда ИЧД, иттиҳодияҳои чорводории деҳа мебошад. ИЧД ё Кумитаҳои чорводории деҳа (КЧД) кумитаҳое мебошанд, ки дар сатҳи деҳа таъсис дода шудаанд. Онҳо аксаран 5-11 аъзоҳо доранд, ки ин аз андозаи деҳа вобастагӣ дорад. Доштани як намоянда аз ҳар як кӯчаи деҳа маъмул аст. Намояндагони мазкур дар ҷамъомади махсуси деҳа, ки иштироки ақаллан 70 фоизи ҷамоаро талаб мекунад, интихоб карда мешаванд. Беҳтар аст, ки як ё ду аъзоёни таъиншуда занон бошад, то ин ки намояндагии манфиатҳои занон дар чараёнҳои қабули қарор таъмин карда шавад. КЧД ҳамчун кумитаи махсус дар назди сохтори созмонҳои ҷамъиятии деҳа фаъолият мекунад ва бо ҳамаи масъалаҳои марбут ба идоракунии чарогоҳ ва чорво дар доҳили ҷамоа сарукор дорад. Дар фасли баҳор кумита одатан ҷамъомади деҳаро ташкил мекунад, ки дар он онҳо нақшаи чарониши чорворо дар мавсими навбатӣ муҳокима менамоянд. Ба ғайр аз ҷадвали истифодаи қитъаҳои чарогоҳ, инчунин масъалаҳои зерин мувофиқа карда мешаванд: рӯйхати навбати ҳар як оила дар подабонӣ кардани чорво ё ба кор ҷалб кардани чӯпони касбӣ, ҷадвали рӯзҳои корӣ доир ба корҳои нигоҳдории инфрасохтор, ҷадвали эмкуниҳои гуногун, ки бояд гузаронида шаванд ва баррасии фикру пешниҳодҳо оид ба чорабиниҳои беҳтаркунии чарогоҳ. Ин амалҳоеро дар бар гирифта метавонад, ки ба беҳтаркунӣ ё иловакунии инфрасохтор равон карда шудаанд, масалан, кушодани пайроҳаҳои нав барои чорво, ташкили нуқтаҳои обнӯшӣ ё сохтмони паноҳгоҳҳо дар чарогоҳҳои кӯҳӣ (барои чӯпонон ва/ё чорво). Ин инчунин чораҳоеро дар бар гирифта метавонад, ки баҳри сарфаи маблағ ҳангоми харидории воситаҳои истеҳсолӣ равона карда шудаанд, ба монанди харидории якҷояи доруворӣ ва хӯроки чорво ё чорабиниҳои марбут ба маркетинги чорво.







## 1.3 МОНИТОРИНГИ ЧАРОГОҲ

### *ЧАРО МОНИТОРИНГИ ЧАРОГОҲ БАРОИ ИДОРАКУНИИ ДАХЛДОРИ ЧАРОГОҲ ИН ҚАДАР МУҲИМ АСТ?*

Мақсади мониторинги чарогоҳ пешниҳод кардани маълумот барои қабули қарор мебошад ва дар давраи дарозмуддат нигоҳдорӣ ва беҳтаркунии маҳсулнокии чарогоҳ ва пешгирии деградатсияи чарогоҳ мебошад. Баҳодиҳии ибтидоӣ ва мониторинги пай дар пайи ҳолати чарогоҳ барои ошкоркунии саривақтии деградатсияи чарогоҳ ва пешниҳоди имконият барои мутобиқгардонии таҷрибаҳои идоракунӣ баҳри боздошти ҷараёни деградатсия ҳатмӣ мебошанд.

### *ЛЕКИН НИШОНАҲОИ ДЕГРАДАТСИЯИ ЧАРОГОҲО КАДОМҲОЯНД, КИ БОЯД МОНИТОРИНГ КАРДА ШАВАНД?*

Дегардатсияи чарогоҳ тавассути роҳҳои гуногун аён мешавад. Дар бисёр ҳолатҳо майдони замини луч дар қитъаи чарогоҳ зиёд мегардад ва нақши пои чорво хеле намоён мешавад. Аз сабаби камшавии рӯйпӯши замин, замини чарогоҳ ба эрозияи шамол ва борон хеле осебпазир мегардад. Ин тавассути мавҷудияти эрозияи ҷӯякдор ва оббурдаҳо намоён мегардад. Ниҳоятан ин ба пастшавии назарраси ҳосилнокии чарогоҳ оварда мерасонад. Нишонаи дигари деградатсия камшавии гуногуншаклии биологӣ мебошад. Ин сабаби дигар пастшавии маҳсулнокии чарогоҳ аст (ҳам аз нуқтаи назари шумора ва ҳам сифат). Алафҳо ва буттаҳои “бад” аз болои алафҳои хуб, ки болаззат ва серғизо ҳастанд ва бинобар ин омили муҳим дар маҳсулнокии чорво аст, бартарӣ мегиранд. Вақте, ки маҳсулнокии чарогоҳ паст шуда истодааст, фоидаи молиявӣ аз чорводорӣ низ поён меравад.

### *ВОБАСТА АЗ ҲАДАФ МО БАЙНИ ДУ НАМУДИ МОНИТОРИНГ ФАРҚИЯТ КАРДА МЕТАВОНЕМ.*

Пеш аз ҳама ҳар сол, беҳтараш дар охири моҳи май, аввали моҳи июн мо метавонем мониторинги ҳамаҷонибаро гузаронем ва вазъияти чарогоҳҳои ҷамоавиро сабт намоем. Ҳадафи мониторинги мазкур аз истифода кардани натиҷаҳои он барои қабули қарорҳои стратегӣ ва дарозмуддат иборат аст, яъне муайян кардани сифати чарогоҳ барои аниқ кардани пардохти иҷора ё ин ки баҳодиҳии иқтидору зарфияти чарогоҳҳо, ё муайянкунии он, ки кадом қитъа бояд дам гирад. Ҳадафи дигари муҳим ин мониторинг кардани таъсироти таҷрибаҳои идоракунии муайян, ки дар давоми вақти муайян истифода кардем. Ин намуди мониторинг ва сабткунӣ бояд аз ҷониби Ҷамъиятҳои истифодабарандагони чарогоҳ ва Кумитаҳои чорводории деҳа дар якҷоягӣ бо аъзоёни кумитаи чарогоҳ, ки мувофиқи қонун дар бораи чарогоҳ

аз моҳи марти 2013 таъин шудааст, татбиқ карда шавад. Барои мушаххасот оид ба ин усули ҳамаҷонибаи баҳодиҳии чарогоҳ ба сарчашмаҳои a,b (a – дастурамали IWSM/GREAT, b – дастурамали қирғизӣ) нигаред. Чунин мониторингро чӯпонони касбӣ гузаронида метавонанд ва дастгирии берунаи мутахассисон зарур мебошад.

**Ҷузъҳои низоми баҳодиҳии чарогоҳ инҳо мебошанд :**
(мувофиқи мисол аз GREAT ва ISWM, ки аз ҷониби Каритас Швейтсария дар Тоҷикистон таҳия шудааст):

- Баҳодиҳии рӯйпӯши замин бо истифодаи варақаи махсуси маълумотӣ бо расмҳое, ки коэффисентҳои гуногуни рӯйпӯши заминро нишон медиҳанд;
- Барӯйхатгирии алафҳои хӯрданибоб, ки байни навъҳои хӯрданибоб, нохӯрданӣ ва заҳрнок фарқият карда мешавад;
- Баҳодиҳии сифати хок;
- Ҳисобкунии ҳосили солонаи эҳтимолии чарогоҳ бо тоннаи моводи хушк/га;
- Таҳияи харитаи чарогоҳи ҷамоа, ки қитъаҳои истифодашаванда ва сарҳадҳои онҳоро нишон медиҳад;
- Сабткунии вазъияти чарогоҳ дар шакли (формати) муайян бо истифода аз маълумоти ҷамъшуда ва суратҳои гирифташуда

Дуюм намуди мониторинг намуди бештар "сабуки" мониторинг мебошад ва барои қабули қарорҳои ҳаррӯза маълумот пешниҳод мекунад. Чаронидани мол дар як қитъаи муайяни чарогоҳ кай оғоз ва анҷом додан лозим, кадом қитъа барои ҷамъоварии қаҳ дар соли ҷорӣ бояд истифода карда шавад ва кай кашонидани алфаро оғоз кардан лозим ва кадом навъҳои чорво дар кадом қитъа бояд чаронида шавад. Барои ин намуди мониторинг азназаргузаронии мунтазами тамоми майдони чарогоҳ ва гузаронидани мушоҳидаи визуалии дарозии алаф ва сатҳи сабзиши растаниҳо дар рӯйпӯши замин муҳим мебошад. Ҷадвал ва дастурамал бо намунаҳои расмҳои рӯйпӯши замин ва инчунин дастурамал оид ба растаниҳои чарогоҳ олотҳое мебошанд, ки барои амалисозии вазифаи мазкур зарур мебошанд. Бо истифода аз калтак, расмҳои намунавӣ ва ҷадвали ҳисобкунӣ шахс дарозӣ ва зичии алафро чен карда, ҳосили биомассаро ҳисоб карда метавонад, ки он бо тоннаҳои моводи хушк аз як гектар ифода карда мешавад. Баҳодиҳии умумӣ ва визуалии таносуби растаниҳои хӯрданибоб дар саҳеҳ кардани ҳосили ҳисобкардашуда кӯмак карда метавонад. Ин намуди мониторинг бояд аз ҷониби чӯпони касбӣ дар якҷоягӣ бо намояндаи кумитаи деҳа, ки дар ин масъала таҷрибадор аст ва махсусан барои иҷрои вазифаи мазкур таин карда шудааст, гузаронида шавад. Ин дар ҳоле, ки подаронии гардишкунанда дар ҷамоа амалӣ карда мешавад ва подаронӣ ҳар рӯз бо навбат аз як оила ба оилаи дигар мегузарад, ҳақиқатан ҳам муҳим аст.







1.4

## БАНАҚШАГИРИИ ИДОРАКУНИИ ЧАРОГОҲ

Таҳияи нақшаи идоракунии чарогоҳ (ва чорво) воситаи муҳим барои беҳтаркунии вазъи чарогоҳ ва чорво дар минтақаҳои деҳот мебошад. Он баҳодиҳии вазъияти кунунӣ ва муайянкунии масъалаҳое, ки истифодаи оптималии захираҳоро халалдор мекунад, дар бар мегирад. Роҳҳо ва воситаҳои гуногун барои банақшагирии истифодаи чарогоҳ мавҷуд мебошанд, ки дар поён тасвир карда мешаванд.

Умуман нақшаи хуби идоракунии чарогоҳ чорабиниҳоеро нишон медиҳад, ки барои ба даст овардани ҳадафҳои дилхоҳ марбут ба чарогоҳ ва чорво зарур мебошанд. Мақсади банақшагирии идоракунии чарогоҳ инҳо мебошанд:

- Мустаҳкам кардани идоракунии чарогоҳҳое, ки аз ҷониби ҷамоа идора карда мешавад ва ин тарзе амалӣ карда мешавад, ки ҳосилнокии чарогоҳро дар ҳаҷм ва сифат зиёд карда, деградатсия ва эрозияи заминро ба миён намеорад;
- Ба сифати воситаи беҳтаркунии идоракунии чорво хизмат мекунад;
- Ба тавозун овардани шумораи чорвое, ки аз ҷониби чорводорон нигоҳ дошта мешавад, бо ҳаҷми мавҷудаи хӯроки чорво;
- Зиёдкунии истеҳсолоти маҳсулоти чорво тавассути чарогоҳҳои серҳосил, қабули таҷрибаҳои беҳтари хӯрокдиҳӣ ва идоракунии беҳтари чорво ва саломатии беҳтари чорво;
- Баланд бардоштани даромади аҳолии деҳот аз чорводорӣ
- Паст кардани хатари обхезӣ дар қисмати поёнаби минтақаҳои кӯҳӣ аз ҳисоби беҳтаркунии идоракунии замин.

Таҷрибаҳои банақшагирии идоракунии чарогоҳ нишон доданд, ки иштироки чорводорон (дар ҷараён) маълумотнокиро баланд мебардорад ва фаҳмишро дар хусуси таҷрибаҳои ҳозираи идоракунии чарогоҳ ва чорво ва инчунин алоқамандии он бо масъалаҳои экологӣ ва сарчашмаҳои даромади деҳқонон мустаҳкам мекунад. Он ба масъалаҳо, ба монанди (1) роҳҳои умумии чорводорӣ дар ҷамоаҳои дахлдор кадомҳоянд, кӣ аз он фоида мебинад ва бо кадом роҳ, (2) проблемаҳои маъмулӣ, ки дар идоракунии чарогоҳ ва чорводорӣ ба миён меоянд, кадомҳоянд, (3) аз нуқтаи назари истифодабарандагони чарогоҳ масъалаҳои асосӣ кадомҳоянд, ки онҳо мехостанд, ки ҳал карда шаванд ва (4) аз нуқтаи назари онҳо роҳҳои имконпазири ҳалли проблемаҳои муайянкардашуда кадомҳоянд, равшанӣ меандозад.

Барои самаранок будани идоракунии чарогоҳ тағйири нуқтаи назар (перспектива) лозим аст: гузариш аз чорводорӣ "ҳамчун стратегияи зиндамонӣ" ба "чорводорӣ ҳамчун воситаи самаранок ва устувори ба даст овардани даромад". Ин тағйири фикрронӣ тавозунро байни шумораи чорво ва ҳаҷми мавҷудаи хӯроки (баландсифати) чорво талаб мекунад, ки хеле муҳим аст.

Вақте, ки кор бар сари банақшагирии феълӣ меояд, бодиққат баррасӣ кардани масъалаи он ки кӣ дар ҷараёни омодакунии нақша бояд иштирок кунад ва баъдан, ки дар татбиқи он бояд иштирок намояд, муҳим мебошад. Дар ин масъала занон ва хонаводаҳои камбизоати ҷамоа дар бисёр ҳолатҳо ба эътибор гирифта намешаванд ва кӯшишҳои махсус барои ҳавасманд кардани иштироки онҳо зарур мебошанд. Аъзоёни шӯрои Ҷамъияти истифодаба-

рандагони чарогоҳ бояд чараёни таҳиясозии нақшаро роҳбарӣ кунанд ва чорводорони деҳа ва коршиносони масоили чорводорӣ, истифодаи чарогоҳ, экология ва замин бояд онҳоро дастгирӣ намоянд. Қадами аввал аз таҳияи Нақшаҳои идоракунии чарогоҳ ва чорво (НИЧЧ) дар сатҳи деҳа иборат мебошад. Дар асоси нақшаҳои деҳа, ки аз ҷониби ҶИЧ баррасӣ карда шуданд, баъдан дар якҷоягӣ бо ҷамоа нақшаи умумӣ тартиб дода мешавад.

### ВОСИТАҲОИ ВА НАМУНАҲОИ ГУНОГУНИ БАНАҚШАГИРӢ

Тақвими идоракунии чарогоҳ, ки аз ҷониби Ҷамъияти Олмон оид ба ҳамкории байналхалқӣ (GIZ) бо мабалағгузории Иттиҳоди Аврупо (...) таҳия карда шудааст, талаботҳои минималиро барои банақшагирии истифода ва идоракунии чарогоҳ пешниҳод мекунад. Феҳрасти мазкур аз шаш расмҳо иборатанд, ки қоидаҳои аз ҳама муҳими истфодаи устувори чарогоҳ ва рушди чорворо тасвир мекунанд. Намунаи нақшаҳои солона замима карда шудааст, ки дар он чорабиниҳои марбут ба чарогоҳро, ки аз ҷониби ҷамоа ба нақша гирифта шудааст, навиштан мумкин аст: ба монанди давраи истифодабарӣ ё дамдиҳии чарогоҳи муайян; қитъаҳое, ки барои тайёркунии каҳ ва хӯроки чорво истифода карда мешаванд; чораҳои барқарорсозӣ, ба монанди азнавкиштҳунӣ ва истифодаи нуриҳои минералӣ. Дар поёни нақша ҷой барои мониторинги феълии чорабиниҳо мавҷуд аст. Мисоле инчунин замима карда шудааст. Ҳатто агар тақвим банақшагирии аз ҳама дақиқ ва аз лиҳози илмӣ асоснокардашударо таъмин накунад ҳам, лекин он ҳамчун як восита барои қадамҳои аввалини ҷамоа дар самти истифодаи бошууронаи чарогоҳ ва чараёни худомӯзӣ буда метавонад.

Соли 2013 Бонки рушди Осиё (БРО) як воситаи фоиданоки дигареро барои банақшагирии идоракунии чарогоҳ таҳия кард: дастурамал оид ба баҳодиҳии ҳосили чарогоҳ бо суратҳои намунавии зичии гуногуни рӯйпӯши замин ва ҳисобкунии ҳосили чарогоҳ бо кг/га дар асоси баландии алаф. Ин дастурамал оид ба баҳодиҳии босуръати ҳосил дар тез-тез гузаронидани баҳодиҳии сифат ва иқтидори чарогоҳ кӯмак расонида метавонад ва идоракунии мутобиққунандаи чарогоҳро пешниҳод карда метавонад.



# ИДОРАКУНИИ ЧАРОГОҲ/ЧОРВО

2. Усулҳои барқарорсозӣ



## 2.1 ЧАРОГОҲГАРДОН




### ЧАРОГОҲГАРДОН ЧИСТ?

Чорвои мечарида ва растаниҳои чарогоҳ ба якдигар мутобиқ мешаванд ва барои истифодаи устувори захираҳои чарогоҳ бояд дар тавозуни солим боқӣ монанд.

Чарогоҳгардон ин худ чараёнест, ки дар он чорво аз як чарогоҳ ба чарогоҳи дигар кӯчонида мешавад, то ин ки ба сабзиши дубораи рӯйпӯши растаниву наботот дар чарогоҳҳое, ки дар он чорво қаблан чаридааст, шароит фароҳам оварда шавад. Чаридани бардавоми чорво дар як қитъа дар бисёр ҳолатҳо ба чаронидани аз ҳадд зиёд ва пастравии истеҳсоли хӯроки чорво оварда мерасонад. Аз тарафи дигар, истифодаи нопурра, ба паҳншавии васеи набототи буттагӣ расониданаш мумкин. Бинобар ин, мақсади чарогоҳгардон ин истифодаи аз ҳама самараноки чарогоҳ ба ҳисоб меравад. Тариқи танзими шумораи чорво ва давомнокии чаронидани он, мавҷудияти биомасса ва истеҳсоли чорвои оптималӣ. лозимиро таъмин менамояд.



### ОН ЧӢ ТАВР КОР МЕКУНАД?

Барои татбиқи низоми гардиши чарогоҳ қадамҳои зерин лозим мебошанд:

(1) Дар мадди аввал, истифодабарандаи алоҳида ё ҷамоа бояд донад: кӣ чарогоҳоро истифода мебарад, чӣ қадар чорво дар кадом вақт дар он ҷой мечарад ва кӣ чарогоҳро дар роҳи худ ба чарогоҳҳои тобистона ё бозгашт убур мекунад.

(2) Дуюм, ҳосил аз як гектари чарогоҳ(ҳо)е, ки ба низоми гардиш дохил карда мешавад, бояд баҳо дода шавад. Дастурамал оид ба ҳисобкунии ҳосили чарогоҳ, ки аз ҷониби Ҷамъияти Олмон оид ба ҳамкории байналхалқӣ (GIZ) таҳия карда шудааст, дар баҳодиҳии ҳосил кӯмак мерасонад.

(3) Баъдан ҳамаи истифодабарандагони чарогоҳ (масалан, Ҷамъияти истифодабарандагони чарогоҳ) бояд муайян кунанд, ки чӣ қадар чорво дар кадом вақт ва дар кадом чарогоҳ чарида метавонад. Тақвими чарогоҳ, ки аз Ҷамъияти Олмон оид ба ҳамкории байналхалқӣ (GIZ) таҳия карда шудааст, ба чунин чараёни қабули қарор мусоидат карда метавонад.

(4) Татбиқи низоми гардиши чарогоҳро тавассути ташкили нуқтаҳои обнӯшӣ (сайёр) ва паноҳгоҳҳои табиӣ ё сунъӣ дастгирӣ кардан мумкин аст. Чораҳо оид ба нигоҳдорӣ ё баланд-

бардории ҳосилнокӣ ва маҳсулноки чарогоҳро, масалан, тавассути азнавкиштгунӣ ё тозакунии алафҳои бегона иловатан татбиқ кардан мумкин аст.

## *ДАСТУРҲО ОИД БА ПЕШГИРИИ ИСТИФОДАИ НОДУРУСТИ ЧАРОГОҲ:*

- Қитъаҳои чарогоҳе, ки онҷо баландии алаф аз 5 см камтар аст, онро истифода набаред
- Қитъаҳоеро мувофиқа ва ҷудо кунед, ки онҳоро чорвои кӯчанда истифода карда метавонад
- Дар аввали баҳор, пеш аз он ки ҳоло марҳилаи сабзиши (нешзании) растаниҳои чарогоҳ нагузаштааст (инчунин барои пешгирии фушурдашавии хоки тар), ба чаронидани чорво иҷозат надиҳед. Ақаллан нисфи наботот бояд пеш аз оғозёбии чаронидани чорво гул карда бошад
- Бо мақсади нигоҳдории биомасса, ки барои сабзиши дубораи он лозим аст, ба чаронидани дуру дароз роҳ надиҳед
- Дар хотир нигоҳ доред, ки чарогоҳ дар чор-панҷ сол як маротиба ба дамгирӣ барои азнавкиштгунии табиӣ ниёз дорад

### Вазифаҳо ва бартариҳо:

- **Хӯрокдиҳии беҳтари чорво** аз ҳисоби **истифодаи самараноктари қитъаҳои чарогоҳ ва баландшавии маҳсулнокии чарогоҳ**
  - **Беҳтаршавии таркиб ва ҳолати чарогоҳ аз ҳисоби марҳилаи дарозтари барқароршавӣ/азнавкиштгунии табиӣ**
  - **Пастшавии сатҳи эрозия** аз ҳисоби мавҷудияти мунтазами рӯйпӯши замин дар давоми тамоми сол
  - **Камшавии алафҳои бегона** ва зиёдшавии растаниҳои истеъмолӣ

### Норасоиҳо/Мушкилиҳо/Хатарҳо:

- Шахси истифодабарандаи номдор ҳис менамояд, ки зери назорати Ҷамъияти истифодабарандагони чорво қарор дорад
- Дониши кам оид ба истифодабарии чарогоҳ ба истифодабарии аз ҳадд зиёд дар якчанд чарогоҳҳо оварданаш мумкин аст
- Созишнома байни истифодабарандагони чарогоҳ оид ба низоми чарогоҳгардон ҳатмист
- **Баҳодиҳии ҳосили чарогоҳ ва мониторинг барои таҳияи нақшаи чарогоҳгардон ҳатмӣ мебошанд**

## *НОМГӮИ ШАРТҲОИ ПЕШАКӢ ВА ИМКОНИЯТИ ИСТИФОДАБАРӢ*

**"Саволҳои асосӣ"** Агар Шумо ба саволҳо ҷавоби "**Ҳа**" дода натавонед, пас усули пешниҳодшуда барои истифодабарандаи замин ва умуман ҷамоа муносиб нест.

| Саволҳои асосӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё Шумо ба ҳамаи чарогоҳҳое, ки ба низоми чарогоҳгардон дохил карда шудаанд, дастрасии қонунӣ доред? | | |
| Оё қитъа ҳамчун замини чарогоҳ муайян карда шудааст (категорияи замин)? | | |
| Оё чарогоҳ ё чарогоҳҳое, ки ба низоми гардиш дохил карда шудаанд, аз ҷониби дигар ҷамоаҳо, чӯпон ё подаи кӯчанда истифода карда мешавад? | | |
| Оё қитъаҳои чарогоҳ дар ҳолате қарор доранд, ки Шумо то ҳол аз онҳо фоида гирифта метавонед? | | |



Дар қисмати **"Саволҳо"** аз Шумо дар бораи шартҳои пешакии иловагӣ пурсида мешавад. Агар ҷавоб **"Не"** бошад, пас истифодабарандаи замин ё ҷамоа бояд имконияти иваз кардан ё ҳалли масъалаҳои мазкурро дарёфт кунад.

| Саволҳо | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё Шумо дар бораи чарогоҳҳои худ ва истифодабарандагони чарогоҳ, масалан, шумораи чорво, ҳосилнокии чарогоҳ маълумоти кофӣ доред? | | |
| Оё Шумо қувваи корӣ кофӣ ва ба таври кофӣ тахассусманд ё имконияти ба кор ҷалб кардани чӯпони касбӣ доред? | | |
| Оё Шумо барои чӯпони касбӣ, бунёди нуқтаҳои обнӯшӣ, пулҳо ва паноҳгоҳҳо маблағ доред, ё Шумо ба дастгирии молиявии беруна ниёз доред? | | |
| Оё Шумо барои таҳияи нақшаи идоракунии дахлдор ба хизматрасонии машваратии беруна ниёз доред? (Аз он ҷумла барои баҳодиҳии ҳосил ва мониторинги чарогоҳ) | | |

## *ҲИСОБКУНИИ МОЛИЯВӢ*

Тавсия дода мешавад, ки усулҳои гуногуни тавора ва усулҳои омехта аз чӯб, санг, металл ва сими хордор ба ҳисоб гирифта шаванд.

| Хароҷот барои сармоягузорӣ | Ҳаҷми сармоягузорӣ |
|---|---|
| Вохӯриҳои мунтазами ҳамаи истифодабарандагони чарогоҳ | |
| Мониторинги муштараки қитъаҳои чарогоҳ ва баҳодиҳии ҳосили чарогоҳ | |
| Ба кор ҷалб кардани чӯпони касбӣ | |
| Инфрасохтор | |
| Дигар: | |
| Хароҷотҳои УМУМӢ: | |
| **Даромад аз сармоягузорӣ/фоидаи иловагӣ** | |
| Ҳосили баландтари чарогоҳ (бо ташкили низоми дахлдори гардиши чарогоҳ ҳосилнокиро ба 100% зиёд кардан мумкин аст) | |
| Хӯрокдиҳии беҳтари чорво | |
| Назорати беҳтари истифодаи чарогоҳ ва аъзоёни Ҷамъияти истифодабарандагони чарогоҳ омода ҳастанд, ки барои истифодаи чарогоҳ маблағ супоранд | |
| Пешгирии деградатсия ва эрозияи минбаъда (агар низоми ҳозираи чаронидани чорво ба деградатсия оварад, низоми гардиши чарогоҳ дар нигоҳдории маҳсулнокии ҳозираи чарогоҳ ва алафзорҳо кӯмак расонида метавонад) | |
| Даромадҳои УМУМӢ: | |

## *МЕЪЁРҲО БАРОИ ҚАБУЛИ ҚАРОР*

Ба саволномаи мазкур бодиққат ҷавоб диҳед. На ба ҳамаи усулҳо бояд бо "**Ҳа**" ҷавоб дод.

Агар дар охир ба аксари саволҳо ҷавоби "**Ҳа**" дода шавад, пас таъсироти мусбӣ бартарӣ дорад, лекин новобаста аз ин, таъсироти манфӣ бояд бодиққат ба инобат гирифта шавад.

| Фоидаи молиявӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё Шумо аз ҳисоби хароҷоти камтар барои хӯроки иловагии чорво маблағро сарфа карда метавонед? | | |
| Оё Шумо аз чорвои камтар, лекин беҳтар хӯронидашуда даромади баландтар гирифта метавонед? | | |
| Оё Шумо аз ҳисоби хароҷоти камтар барои харидории хӯроки иловагии чорво маблағро сарфа карда метавонед? | | |

| | | |
|---|---|---|
| Оё Шумо аз ҳисоби хароҷоти камтар барои чораҳои мунтазами азнавкиштқунӣ/барқарорсозии чарогоҳ маблағро сарфа карда метавонед? | | |
| Оё Шумо аз ҳисоби хароҷоти камтар барои чораҳои барқарорсозӣ (тавораҳо, хонаҳо...) пас аз офатҳои табиӣ (эрозия, ярч, резиши санг, тарма...) маблағро сарфа карда метавонед? | | |
| **Таъсироти экологӣ** | | |
| Оё чарогоҳгардон ҳосилхезии чарогоҳеро, ки Шумо истифода мебаред, беҳтар карда метавонад? | | |
| Оё чарогоҳгардон дар барқароршавии қитъаҳои чарогоҳе, ки Шумо истифода мебаред, саҳм гузошта метавонад? | | |
| Оё чарогоҳгардон эрозияи хок, ярч, тарма, пайдоиши оббурда ва дигар офатҳои табииро кам карда метавонад? | | |
| Оё чарогоҳгардон чарогоҳҳои деградатсияшударо ба истифодабарӣ баргардонида метавонад? | | |
| **Таъсироти гендерӣ** | | |
| Дар қабули қарор нисбат ба истифодаи қитъаҳои чарогоҳ занон чӣ нақш доранд: Оё занон дар идоракунии чарогоҳ иштирок мекунанд? | | |
| Оё занон/хонаводаҳое, ки зери роҳбарии занон ҳастанд, ҳуқуқи дастрасӣ ба қитъаҳои чарогоҳро доранд? | | |
| Оё занон ҳуқуқи роҳбарӣ кардани ҷамъияти истифодабарандагони чарогоҳро (ҶИЧ) доранд? | | |
| Оё гардиши чарогоҳ барои занон кори иловагиро пеш меорад? | | |
| Оё кори иловагӣ ягон натиҷаи ҷоизро барои занон меоварад, масалан, ҳосили баландтар, маҳсулоти ширӣ, гӯшт, ... аз ҳисоби чорвои беҳтар хӯронидашуда (фурӯши маҳсулот дар бозорҳо)? | | |
| Аз ин фоидаҳои бадастомада оё онҳо қарор карда метавонанд, ки пулро ба чӣ сарф кунанд? | | |
| **Таъсирот ба ҷамоа** | | |
| Оё дохил кардани ҳамаи истифодабарандагони чарогоҳи ҷамоа ба низоми гардиш (таъсиси ҶИЧ ё Иттиҳодияи чорводории деҳа (ИЧД)) имконпазир аст? | | |
| Оё татбиқи низоми чарогоҳгардон ба ҷамоаи Шумо дар хусуси паст кардани хатарҳо (эрозияи хок, ярч, тарма, резиши санг) таъсироти мусбӣ расонида метавонад? | | |
| Оё татбиқи низоми чарогоҳгардон дар асоси ҷамоа ба истифодабарии беҳтари чарогоҳҳо, сафарбаркунии маблағҳо барои барқарорсозӣ ё бунёди инфрасохтор бурда расонида метавонад? | | |

| Маълумот барои тамос | Нишонии электронӣ барои иртибот |
|---|---|
| Шабакаи ҶИЧ | ФЛЕРМОНЕКА (FLERMONECA) |
| Шабакаи ИЧД | www.flermoneca.org |







## 2.2 БАРҚАРОРСОЗИИ РӮИШИ АЛАФҲОИ ЧАРОГОҲИ ТАБИӢ

### *БАРҚАРОРСОЗИИ РӮИШИ АЛАФҲОИ ЧАРОГОҲИ ТАБИӢ ЧӢ МАЪНӢ ДОРАД?*

Барқарорсозии рӯиши алафҳои чарогоҳи табиӣ маънии онро дорад, ки як қисми чарогоҳ барои тамоми давраи сабзиш кориданошуда, чаронидаңошуда ва даравношуда боқӣ мемонад Муҳим аст, ки ҳамаи растаниҳои қитъаи чарогоҳ имконияти ба охир расонидани мавсими гулро доранд. Сабаб ин аст, ки пас аз гулкунӣ ба растаниҳо вақт барои истеҳсоли тухм лозим мешавад ва пас аз анҷом шудани ин давра, ки тафовут байни навъҳои растаниҳо дар ин замина вуҷуд дорад, минтақаи ҳифзшуда ва минтақаҳои атроф бо навъҳои растаниҳои маъмулии чарогоҳ аз нав кишт карда мешаванд. Барқарорсозии рӯиши табиӣ ҳангоми чаронидани чорво кашидани деворҳоро бар зидди чорво тақозо мекунад.

### *ОН ЧӢ ТАВР КОР МЕКУНАД?*

Роҳи аз ҳама осон барои барқарорсозии рӯиши алафҳои чарогоҳ бо истифода аз ин метод – интихоб намудани қисми чарогоҳ (дорои таркиби васеъи навъҳои маъмулии растаниҳо, ба истиснои алафҳои бегона) ва девор кардани он бар зидди чорво ва ҳайвоноти озод чаранда. Методи дигар мумкин аст деворкунӣ ё лентаи ҳимоякунандаи қитъаи аз нав киштшаванда дар канори чарогоҳ мебошад. Шакли қитъаи деворшуда муҳим нест. Агар қитъаи калони чарогоҳ дубора барқарор карда шавад, дар ин ҳолат девор бо истифода аз лента (канаб) тавсия дода мешавад. Дар акси ҳол, якчанд давраҳо ё қитъаи дорои шакли қабулшуда низ хуб мебошад. Муҳим аст, ки минтақа ба таври ҷиддӣ бар зидди чаридани чорво девор карда шавад, ҳатто агар чарогоҳ барои даравидан (ҳайвоноти озод чаранда) истифода шавад. Барои ин масъала деворкунии кӯтоҳмуддат, деворҳои электрикии паствольт комилан муносиб мебошанд, аммо имконияти ягона нестанд. Танҳо пас аз давраи барқароркунии дубора, алафи хушкшуда ҳамчун хӯроки зимистонаи камғизо дарав карда мешавад.



**Бартариҳо:**

- Аз нав киштукунии маъмулӣ дар маҳал
- Аз нигоҳи техникӣ осон татбиқшаванда
- Гирифташаванда
- Ҳангоми чаронидани чорво қобили татбиқ аст
- Барқарорсозии рӯиши алафҳо бе хароҷот, ба ғайр аз харидории деворҳои электрики пастволт
- Ҳимоя бар зидди эрозия ва таъсироти ҷонибии эрозия
- Ҳимояи чарогоҳи табиӣ
- Таҷрибаи хуб барои кам кардани алафҳои бегона (назорати алафҳои бегона дар минтақаи деворшуда мусоидат мекунад

**Камбудиҳо/Мушкилиҳо/Хатарҳо:**

- Танҳо минтақаҳои ба таври ҷиддӣ деворшуда, ҳатто агар минтақаҳои даравшаванда ҳамчун қитъаи чарогоҳи табиии барқароршаванда амал кунанд (чолиш)
- Лозим аст, ки қитъа ҳангоми тамоми давраи сабзиш ҳифз карда шавад
- Деворҳои электрикии пастволт мумкин аст арзиши гарон дошта бошанд
- Таъсирҳо дар атрофи минтақаи деворшуда боқӣ мемонанд
- Минтақаҳои деворшуда бо миқдори зиёди алафҳои бегона ба беҳтар намудани чарогоҳ мусоидат намекунанд // сифати чарогоҳро паст мекунанд

## *НОМГӮИ ШАРТҲОИ ПЕШАКӢ ВА ИМКОНИЯТИ ИСТИФОДАБАРӢ*

**“Саволҳои асосӣ”** Агар Шумо ба саволҳо ҷавоби “**Ҳа**” дода натавонед, пас усули пешниҳодшуда барои истифодабарандаи замин ва умуман ҷамоа муносиб нест.

| Саволҳои асосӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё шумо барои ин қитъа ҳуқуқи қонунии истифодабарандаи заминро доред? | | |
| Оё замин ҳамчун чарогоҳ пешбинӣ шудааст? | | |
| Оё қитъаи замин дар шароити хуби экологӣ қарор дорад ва метавонад тухмҳои мухталифи растаниро ва махсусан растаниҳои ғизодори болазатро таъмин намояд | | |

Дар қисмати **“Саволҳо”** аз Шумо дар бораи шартҳои пешакии иловагӣ пурсида мешавад. Агар ҷавоб **“Не”** бошад, пас истифодабарандаи замин ё ҷамоа бояд имконияти иваз кардан ё ҳалли масъалаҳои мазкурро дарёфт кунад.

| Саволҳо | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё қитъаи замин ба эрозияи хок гирифтор шудааст? | | |
| Оё таҷҳизоти ҳадди ақал (барои кандани ҷӯйи обпарто) дастрас ҳастанд? | | |
| Оё шумо ба маводи деворӣ ба осонӣ гирифташаванда дастрасӣ доред? | | |
| Оё шумо дар бораи рӯйкард иттилооти муфассал доред ва навъҳои хушхури растаниҳои чарогоҳро медонед? | | |
| Оё шумо ба хидматрасонии берунии машваратӣ ҷиҳати маълум намудани алафҳои қабулшудаи чарогоҳ барои иқдомоти аз нав барқароркунӣ ниёз доред? | | |
| Оё шумо қувваи кории кофӣ доред (барои сохтани деворҳо)? | | |
| Оё шумо ба дастгирӣ бо методи махсуси барқароркунии чарогоҳ ниёз доред? | | |

| Хароҷот барои сармоягузорӣ | Ҳаҷми сармоягузорӣ | Мисол |
|---|---|---|
| Девор (ба таври мисол, девори электрикии пастволт) | | |
| Хароҷоти изофӣ: | | |
| Хароҷоти изофӣ: | | |
| Хароҷоти УМУМӢ: | | |
| **Даромадҳои сармоягузорӣ** | | |
| **Барқарорсозии табиии чарогоҳ** (вобаста ба хусусиятҳои қитъаи чарогоҳ ва андозаи минтақаи деворшуда, дар назар аст, ки сатҳи ҳосилнокии чарогоҳ ба 20- 50 дарсад баланд карда мешавад) | | |
| **Манфиатҳои изофӣ** | | |
| Сатҳиками эрозия/пӯшонидани хок | | |
| Устувор намудани чарогоҳ, назорати алафҳои бегона | | |
| Даромадҳои изофӣ | | |
| Даромади УМУМӢ: | | |

## *МЕЪЁРҲО БАРОИ ҚАБУЛИ ҚАРОР*

Ба саволномаи мазкур бодиққат ҷавоб диҳед. На ба ҳамаи усулҳо бояд бо “**Ҳа**” ҷавоб дод. Агар дар охир ба аксари саволҳо ҷавоби “**Ҳа**” дода шавад, пас таъсироти мусбӣ бартарӣ дорад, лекин новобаста аз ин, таъсироти манфӣ бояд бодиққат ба инобат гирифта шавад.

| Даромадҳои молиявӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё шумо дар ҳоли ҳозир чарогоҳи худро бо тухмҳое аз нав кишт мекунед, ки ба таври изофӣ харидорӣ кардед ва оё хароҷот зиёдтар/камтар аст ва таъсири тухмҳои изофӣ баланд/паст аст? | | |
| Оё шумо тавонистед деворҳои электрикии пастволтро худатон харидорӣ кунед? | | |
| Оё шумо имконияти ба иҷора гирифтани системаи девори электрикиро мебинед? | | |
| **Таъсироти экологӣ** | | |
| Оё барқарорсозии рӯиши алафҳо ба таври табиӣ ба беҳтар пӯшонидани хок ва гуногунии беҳтари чарогоҳ дар қитъаи заминатон мусоидат мекунад? | | |
| Оё барқарорсозии рӯиши алафҳо ба таври табиӣ ба ҳифзи беҳтари хок ва коҳиш додани сатҳи эрозияи шамол ва об дар қитъаи заминатон мусоидат мекунад? | | |
| Оё барқарорсозии рӯиши алафҳо ба таври табиӣ ба ҳосилнокии балан-дтари чарогоҳ дар қитъаи заминатон мусоидат мекунад? Оё шумо растаниҳои чарогоҳии баландғизоро дар қитъаи заминатон интизор ҳастед? | | |
| **Таъсироти гендерӣ** | | |
| Оё ташкил намудани барқарорсозии рӯиши алафҳо ба таври табиӣ дар минтқаҳо сарбории изофиро барои занон пешниҳод мекунад? | | |
| Оё сарбории изофӣ саҳми масъулиятнокро барои занон эҷод мекунад? | | |
| Аз ин даромадҳо, оё занон тасмим мегиранд, ки маблағ ба чӣ сарф карда шавад? | | |
| **Таъсирот барои ҷамоа** | | |
| Оё минтақаҳои аз нав барқароршаванда дар чарогоҳҳои ҷамъиятӣ ба коҳиш додани сатҳи хавфу хатари офатҳои табиӣ (ярч, тарма...) барои ҷомеаи шумо мусоидат мекунанд? | | |

| | | |
|---|---|---|
| Оё ташкил намудани минтақаҳои барқарорсозии рўиши алафҳо аз нуқтаи назари афзоиши сатҳи ҳосилнокии чарогоҳ барои чорвои ҷомеаи шумо таъсири мусбат доранд? | | |
| Оё ҷомеа метавонад деворҳои электрикии паствolтро барои чарогоҳҳои ҷомеа харидорӣ намояд? | | |


| Тамос | Нишонаи саҳифаҳоиртибот |
|---|---|
| Кооперативи САРОБ | sarob.net |
| | muminov01@gmail.com |
| Муҳаммадӣ Мўминов (Директор) | mmuminov@sarob.net |
| Х. Рўдакӣ-127. | |
| Рўдакӣ плаза, утоқи 1113;1115 | |
| Тоҷикистон. Душанбе | |
| 93 5770230 | |








## 2.3 БАРҚАРОРСОЗИИ ОБКАНДҲО ТАВАССУТИ СОХТАНИ МОНЕЪАҲО БО ИСТИФОДА АЗ ҚАЛАМЧАКОРИИ БУТТАҲО

### *БАРҚАРОРСОЗИИ ОБКАНДҲО ЧИСТ?*



Обкандҳо дар минтақаҳои харобшуда ба осонӣ ба вуҷуд меоянд, ки аз аз ҳад зиёд чаронидан, нобуд кардани дарахтон ва поймол кардан зарар мебинанд. Онҳо пас аз боридани борони шадид дар фаслҳои тирамоҳ ва баҳор ба вуҷуд меоянд. Ҷўйҳо дар минтақаҳои нишеб ба вуҷуд омада, дар ниҳоят ба обкандҳо табдил мешаванд.

Технологияҳои барқарорсозии обкандҳо, ба таври мисол сохтани монеъаҳо аз шохаҳои чандири зиндаи дарахтони мухталиф ба монанди бед ҷараёни обҳои болоизаминиро паст намуда, таҳшинҳои оби лойро нигоҳ медоранд, ки тадриҷан обкандҳоро пас аз чанд моҳ ё сол аз нав пур мекунанд. Ин методи камхарҷ эрозияи баъдиро пешгирӣ мекунад, миқдори заминҳои дастрас барои чарогоҳро зиёд мекунад ва сатҳи хатари сел ё обхезиро дар нишебӣ коҳиш медиҳад.

### *ИН ЧӢ ГУНА АНҶОМ МЕШАВАД?*

Дар ҳамаи аз 3 то 10 метр дарозии обканд, монеъаҳо сохта мешаванд. Барои сохтани монеъаҳо, шохаҳои зиндаи дар сатҳи маҳал вуҷуддошта, ба монанди шохаҳои бед исти-фода мешаванд. Шохаҳои чандир бояд девори “мавҷ”-ро дар зери обканд ба вуҷуд оранд, аммо на бояд бештар аз 0.5 метр бошанд. Ғайр аз ин, шохаҳои зиндаи аз дарахтони мухталифи маҳаллӣ ба монанди дарахти тут (ба русӣ: шелко-вица) буридашуда мумкин аст ба шакли бофтани шохаҳои бед шинонида шаванд. Фаъолиятҳои монеъаҳо дар баҳор оғоз мешаванд ва ҳамин тавр, шохаҳо, ки дар обканд шинонида шудаанд дар давоми чанд ҳафта ба неш задан ва сабзидан шурўъ мекунанд.



**Вазифаҳо ва бартариҳо:**

- **Назорат кардани шуста шудан** (бо беҳтар намудани пӯшонидани хок) ва **устувор намудани хок** (бо решаҳо) --> нигоҳ доштани тахшин, пешгирӣ намудани эрозияи баъдӣ ва васеъ шудани обкандҳо (ҳамин тавр, миқдори замини дастрас барои фаъолиятҳои чарогоҳ мумкин аст зиёд карда шавад)
- **Хароҷоти кам:** маводҳое, ки истифода мешаванд дар сатҳи маҳал вуҷуд доранд, барои истифодабарандагони замин ройгон мебошанд
- **Осон будан ташкил кардан, сарбории кам:** тренинг ё маҳоратҳои изофӣ лозим нестанд
- **Инъитофпазир:** намудҳои мухталифи дарахтони маҳаллии нешзананда мумкин аст истифода шаванд

**Камбудиҳо/Мушкилиҳо/Хатарҳо:**

- Монеаи зинда бояд сабзад -->Шохи дарахтонеро барои шинонидан интихоб намоед, ки **ба шароити хушкӣ тобовар бошанд**
- **Сатҳи баланди нигоҳубин** дар авали шинонидан (чанд фаслҳои аввал): Шохабандӣ барои пешгирии обканд дар ибтидо суст аст, зеро ниҳолҳои тут хеле оҳиста месабзанд. Он ба таъсири боришоти шадиди борон ҳассос мебошад ва ба поён ҷорӣ шудани обканд тамаркуз мекунад.
- Монеъаи обканд бояд **аз чорвое ҳифз карда шавад**, ки сабзаро мехӯрад --> Деворкунӣ дар атрофии обканд.
- Ҳангоме ки обкандҳо васеътар ва чуқуртар мешаванд, **самаранокиаш камтар аст**

## НОМГӮИ ШАРТҲОИ ПЕШАКӢ ВА ИМКОНИЯТИ ИСТИФОДАБАРӢ

**"Саволҳои асосӣ"** Агар Шумо ба саволҳо ҷавоби "**Ҳа**" дода натавонед, пас усули пешниҳодшуда барои истифодабарандаи замин ва умуман ҷамоа муносиб нест.

| Саволҳои асосӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё чарогоҳ аллакай аз харобшавии замин, эрозия ва ба вуҷуд омадани обканд таъсир дидааст? | | |
| Оё қитъаи замин аллакай ҳамчун чарогоҳ истифода мешавад? | | |
| Оё таҷҳизоти ҳадди ақал (ба таври мисол, барои сохтани монеъаҳо) дастрас мебошанд? | | |
| Оё шумо ҳуқуқи қонунии истифодабарандаро барои чарогоҳи истифодашуда доред? | | |

Дар қисмати **"Саволҳо"** аз Шумо дар бораи шартҳои пешакии иловагӣ пурсида мешавад. Агар ҷавоб **"Не"** бошад, пас истифодабарандаи замин ё ҷамоа бояд имконияти иваз кардан ё ҳалли масъалаҳои мазкурро дарёфт кунад.

| Саволҳо | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё қитъаи замин дар шароити каму беш хуби экологӣ қарор дорад: Оё шумо ҳоло ҳам аз он фоида ба даст меоред, оё шумо хӯроки кофии чорво истеҳсол мекунед? | | |
| Оё шумо иттилооти кофӣ дар бораи технологияҳои барқарорсозии обканд доред? | | |
| Оё шумо қувваи кории кофӣ (барои сохтани монеъаҳо, нигоҳубин кардан) доред? | | |
| Оё шумо ба хидматрасонии берунии машваратӣ барои сохтани монеъаи муносиб ниёз доред? | | |
| Оё шумо ба дастгирии техникӣ барои семент ё дигар таҷҳизот ниёз доред? | | |



## ДАРОМАДҲОИ МОЛИЯВӢ

Шумо бояд ҳисоб кардани хароҷотҳоро на танҳо барои сохтани як монеъаи обканд, балки барои якчанд монеъаҳои обканд ба назар гиред.

| Хароҷот барои сармоягузорӣ | Ҳаҷми сармоягузорӣ |
|---|---|
| **Буттаҳо** (хушкшуда ва/ё зинда) | |
| **Шохаҳои дарахти бед ҳамчун сутунҳо** (борик ва ғафс) | |
| **Мавод барои зичтар шинонидан/ барои ҷудо кардан** | |
| **Воситаи нақлиёт/ҳамлу нақл** | |
| **Қувваи корӣ барои:** | |
| **Хароҷоти изофӣ:** | |
| Хароҷоти **УМУМӢ:** | |
| **Даромадҳо аз сармоягузорӣ/манфиатҳо** | |
| **Устуворшавии хок** | |
| **Пешгирии хатарҳои баъдии ярч** | |
| **Барқарор намудани замин барои кишти зироат ё чарогоҳ** | |
| **Даромадҳои изофӣ:** | |
| Даромади **УМУМӢ:** | |

## МЕЪЁРҲО БАРОИ ҚАБУЛИ ҚАРОР

Ба саволномаи мазкур бодиққат ҷавоб диҳед. На ба ҳамаи усулҳо бояд бо "**Ҳа**" ҷавоб дод. Агар дар охир ба аксари саволҳо ҷавоби "**Ҳа**" дода шавад, пас таъсироти мусбӣ бартарӣ дорад, лекин новобаста аз ин, таъсироти манфӣ бояд бодиққат ба инобат гирифта шавад.

| Манфиатҳои иқтисодӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё шумо метавонед ба туфайли хароҷоти кам барои иқдомоти барқарорсозӣ (деворҳо, хонаҳо...) пас аз офатҳои табиӣ (эрозия, ярч, афтидани сангҳо, тармаҳо...) маблағ сарфа кунед? | | |
| **Таъсироти экологӣ** | | |
| Оё барқарорсозии обканд метавонад устуворӣ ва ҳосилнокии чарогоҳҳои шуморо беҳтар намояд? | | |
| Оё барқарорсозии обканд, ки дар чарогоҳ истифода шудааст, метавонад сатҳи эрозияи баъдии хок, ба вуҷуд омадани обканд, ярч ва тармаҳоро коҳиш диҳад? | | |
| **Таъсироти гендерӣ** | | |
| Занон дар қабули қарор оид ба истифода намудани минтақаҳои чарогоҳ/майдонҳои зироат чӣ нақшро доранд: Оё занон дар технологияҳои барқарорсозии обкандҳо ҷалб карда шудаанд? | | |
| Оё барқарорсозии обканд барои занон сарбории изофиро ба вуҷуд меорад? | | |
| Оё сарбории изофӣ барои занон саҳмгирии бомасъулиятро ба вуҷуд меорад, ба таври мисол, чарогоҳи беҳтаршуда, дастрасии бештари замин, ... бинобар ин, ҳосилҳои баландтар, яъне маҳсулоти ширӣ, гӯшт ... (маҳсулот барои фурӯш дар бозорҳо)? | | |
| Аз ин даромадҳо, оё занон метавонанд тасмим гиранд, ки пул барои чӣ сарф карда шавад? | | |
| **Таъсирот ба ҷамоа** | | |
| Оё барқарорсозии обканд барои ҷомеаи шумо бо дарназардошти коҳиш додани сатҳи хатарҳо (эрозияи хок, ярч, тармаҳо, афтидани сангҳо...) таъсири мусбат дорад? | | |

| | | |
|---|---|---|
| Оё барқарорсозии бомуваффақияти обканд метавонад ҳамчун намунаи мусбат барои дигар ҷомеаҳо хидмат кунад? | | |
| Оё барқарорсозии обканд метавонад ба шиддатҳо дар дохили ҷомеа ба сабаби манъ кардани чаронидани чорво дар минтақаҳои таҷдидшудаи чарогоҳ боис шавад? | | |


**Маълумот барои тамос**

Кооперативи САРОБ
Муҳаммадӣ Мӯминов (Директор)
Х. Рӯдакӣ-127.
Рӯдакӣ плаза, утоқи 1113;1115
Тоҷикистон. Душанбе
93 5770230

**Нишонии электронӣ барои иртибот**

sarob.net
muminov01@gmail.com
mmuminov@sarob.net








2.4

## ШИНОНДАНИ ДАРАХТОНУ БУТТАҲОИ АЛОҲИДА ДАР ЧАРОГОҲ

### *ИДОРАКУНИИ ҶАНГАЛУ ЧАРОГОҲ ЧИСТ?*

Идоракунии ҷангалу чарогоҳ маҷмӯи чорабиниҳои шинондани дарахтону бутаҳо дар чарогоҳ аст. Аз як тараф, дарахтон барои ҳайвоноти хонагии истироҳаткунанда соя хоҳанд кард то ҳарорати бадани худро хунук нигоҳ доранд, вагарна ҳайвонот тавассути бештар хӯрдани хӯроки тару тоза ба хунук кардани ҳарорати бадани худ мекӯшанд. Ин чунин маънӣ дорад, ки фароҳам овардани соя дар чарогоҳ барои бартараф намудани аз ҳад зиёд чаридани алафи чарогоҳ кӯмак мерасонад ва ҳайвоноти хонагӣ зудтар инкишоф хоҳанд ёфт, чунки стресс коҳиш меёбад. Аз тарафи дигар, дарахтон бо чарогоҳ ҳамгиро шуда, серҳосилии хокро меафзоянд ва аз ин рӯ, ҳосилхезии чарогоҳ афзоиш хоҳад ёфт. Ин гуногунсозии истифодаи замин чанд таъсири мусбати дигар дорад: чӯбу ҳезуми изофӣ, ғайр аз ин, баргҳои дарахтон метавонанд ҳамчун хӯрок хидмат кунанд, ҳамчун воситаи ҳифзи шусташавии хок, ҳифзи ҷангал аз шамол, гуногунии бештари биологии чарогоҳҳоянд. Ин метод бо нишебиҳои сарозер маҳдуд аст, вале низ ба мӯътадил кардани нишебиҳо кӯмак мерасонад.



### *ОН ЧӢ ТАВР КОР МЕКУНАД?*

Дарахтон бо тақсимоти васеъ (ҳадди аксар 400 дарахт дар як гектар, вобаста аз намунаҳои дарахтон) дар чарогоҳҳои муваққатӣ ва доимӣ шинонда мешаванд. Ҷойҳои қобили таваҷҷӯҳ нишебиҳо ва минтақаҳои аз шусташавии хок таъсирпазируфта мебошанд, ки онҳоро ҷиҳати муҳофизат аз чаронидани ҳайвони хонагӣ бо девор метавон иҳота кард. Шинондани ҳадди ақал 10 дарахт дар атроф ё наздики нуқтаҳои обхурӣ тавсия дода мешавад. Ин метод чанд афзалият дорад. Якум: сояи дарахтон дар вақти гармо барои ҳайвоноти хонагӣ ҳамчун ҷои истироҳат истифода хоҳад шуд. Дувум, байни макони истироҳат ва ҷои обхурӣ масофаи ҳарчи кӯтоҳтар нигоҳ доштан зарур аст. Афзалияти дигари наздики ҷойҳои обхурӣ шинондани дарахтон зарурати обдиҳӣ то он дамест, ки онҳо танҳо аз оби борон ғизо мегиранд. Дарахтони ҷавоб бояд бехатар иҳота карда шаванд; вагарна ҳайвоноти хонагӣ дарахтони ҷавонро нобуд хоҳанд кард.

Шуморо зарур аст, ки онҳоро ҳамчун дарахтони танҳо шинонед ё ҳатто мулчакунӣ кунед (*нигаред ба мулчакунии дарахтони танҳо ва обёрии изофӣ бо бутаҳо*). Дар давоми солҳои аввал шумо бояд дарахтонро ба хотири нашъунамои бомуваффақияти онҳо ҷиддӣ нигоҳубин кунед (обдиҳӣ, иваз кардани маводи мулчакунӣ, иваз кардани маводи муҳофизат аз чарои ҳайвоноти хонагӣ).

### *ДАРАХТОН БАРОИ БАРРАСӢ:*

| Навъи дарахт | Нарх бо сомонӣ | Соли аввали ҳосил | Ҳосили миёна кг аз як дарахт | Талабот ба об литр дар як сол |
|---|---|---|---|---|
| Себ | 8-15 | 5 | 100-120 кг | 4.000- 8.000 |
| Писта | 3-4 (баста) | 15 | 10 кг | ---- |
| Бед | 2-3 як қаламча | ---- | --- | ---- |
| Тут | 2-3, парвариш | 7- 8 | --- | ---- |
| Арча | --- | --- | ---- | ---- |
| Ангат | 15 | 6 | --- | ---- |
| Настаран (Ҳуч, ҳулул) | 3 | 3 | --- | ---- |

**Бартариҳо:**

- даромади дарозмуддат аз маҳсули ҳамзамони дарахтон ва ҳайвоноти чарогоҳӣ
- тавлиди ҳамзамони ҳезум, чӯб, мева ва алаф
- ҳайвонот дарахтонро ҳамчун паноҳгоҳ аз шамол истифода мебаранд -> дар вақти гармо, ҳайвонот камтар ба стресс мубталоянд ва ҳангоми чаро дар муҳити сарду соя зудтар гӯшт мегиранд
- ҳайвонот баргҳои дарахтон ё бутаҳоро истеъмол мекунанд
- афзоиши ҳосилхезии хок аз рехтани баргҳо (маводи органикӣ)
- паст шудани суръати шамол ва коҳиш ёфтани меъёри баланди ҳарорат

**Норасоиҳо/Мушкилиҳо:**

- гӯсфандоне, ки дар назди дарахтон вақт мегузаронанд, ба сахтшавии бештари хоки атрофи онҳо натиҷа медиҳанд, ин сахтшавии хок вақте сурат мегирад, ки дарахтон дар зичии хеле кам шинонда мешаванд
- тавсия дода мешавад, ки дарахтон наздики ҷойҳои обхурӣ ё маконҳои аз шусташавии хок таъсирпазируфтаи чарогоҳ шинонда шаванд
- тӯли солҳои аввал дарахтонро аз чарои ҳайвонот ва бухоршавии об ба таври ҷиддӣ муҳофизат кунед

### *НОМГӮИ ШАРТҲОИ ПЕШАКӢ ВА ИМКОНИЯТИ ИСТИФОДАБАРӢ*

**“Саволҳои асосӣ”** Агар Шумо ба саволҳо ҷавоби “**Ҳа**” дода натавонед, пас усули пешниҳодшуда барои истифодабарандаи замин ва умуман ҷамоа муносиб нест.



| Саволҳои асосӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё шумо ҳуқуқҳои қонунии истифодаи ин чарогоҳро доред? | | |
| Оё барои шинондан ва нигоҳубин кардани дарахтон қувваи кории ба таври кофӣ дастрас доред? | | |
| Оё шароити иқлимӣ барои шинондани дарахтон/буттаҳо муносибанд, оё нури офтоб, об... кофист? | | |
| Оё ниҳолу тухмиҳои дарахтону бутаҳо дастрас аст? | | |
| Оё қитъаи замин дар мавриди макони сарнишеб муносиб аст? | | |

Дар қисмати **“Саволҳо”** аз Шумо дар бораи шартҳои пешакии иловагӣ пурсида мешавад. Агар ҷавоб **“Не”** бошад, пас истифодабарандаи замин ё ҷамоа бояд имконияти иваз кардан ё ҳалли масъалаҳои мазкурро дарёфт кунад.

| Саволҳо | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё қитъаи замин аллакай ҳамчун замини чарогоҳ истифода шудааст? | | |
| Оё қитъаи замин дар шароити бештар ё камтар хуби экологӣ қарор дорад: Оё шумо ҳанӯз метавонед аз он манфиат бардоред, оё шумо метавонед ҳаҷми кофии хӯроки чорворо тавлид кунед? | | |
| Оё шумо ба ҳезум, мева, чормағз, чӯб, хӯроки чорво ва ғайра талабот доред? | | |
| Оё қитъаи замин ба эрозия (бод ё об) ё талафи моддаҳои ғизоӣ мубталост? | | |
| Оё дар чарогоҳи худ ҷои обдиҳӣ (обдиҳии изофии дарахтон) доред? | | |
| Оё дастгоҳи ҳадди ақал (барои шинондани дарахтон) дастрас аст ё шумо ба кӯмаки махсуси техникӣ ниёзмандед? | | |
| Оё шумо дар бораи ҷангалпарварӣ ва идоракунии чарогоҳ иттилоот доред? | | |
| Оё барои фурӯхтани маҳсулоти дарахтон дар бозор имконият ҳаст? | | |
| Оё шумо барои фурӯхтани маҳсулоти дарахтон ба бозорҳо дастрасии зерсохторӣ доред? | | |
| Оё шумо барои интихоб кардани дарахтон ва маконҳои имконпазири дарахтшинонӣ ба хадамоти иловагии машваратӣ ниёзмандед? | | |

### *ҲИСОБКУНИИ МОЛИЯВӢ:*

Ҳисоб кардани имкониятҳои гуногун (намудҳои гуногуни дарахт) тавсия дода мешавад

| Хароҷот барои сармоягузорӣ | Ҳаҷми сармоягузорӣ |
|---|---|
| **Нархи дарахтон** | |
| **Ҳифзи қавии дарахтони алоҳида** | |
| **Об, маводи мулчакунӣ** | |
| **МАҶМӮИ** хароҷот: | |
| **Фоидаҳои молиявӣ** | |
| **Ҳезум** | |
| **Мева/Чормағз/Ангат** | |
| **Фоидаҳои иловагӣ** | |
| **Соя барои ҳайвоноти хонагӣ** (ҷои истироҳат) | |
| **Нуриҳо барои чарогоҳ** | |
| **Муҳофизат аз эрозия** | |
| **Муътадилшавии нишебӣ** | |
| **МАҶМӮИ** даромадҳо: | |

### МЕЪЁРҲО БАРОИ ҚАБУЛИ ҚАРОР

Ба саволномаи мазкур бодиққат ҷавоб диҳед. На ба ҳамаи усулҳо бояд бо "**Ҳа**" ҷавоб дод.
Агар дар охир ба аксари саволҳо ҷавоби "**Ҳа**" дода шавад, пас таъсироти мусбӣ бартарӣ дорад, лекин новобаста аз ин, таъсироти манфӣ бояд бодиққат ба инобат гирифта шавад.

| **Фоидаи молиявӣ** | **Ҳа** | **Не** |
|---|---|---|
| Оё шумо метавонед сармоягузориҳои нахустинро идора кунед (мукофот барои дарахтон ва ғ.)? | | |
| Оё барои шумо дар атрофи дарахтони ҷавон сохтани деворҳои қавӣ имконпазир аст? | | |
| Оё барои шумо чидани ҳосил аз дарахтон ва то деҳа бурдани он имконпазир аст? | | |
| Оё шумо метавонед тавассути нуриҳои табиии хок аз баргҳои дарахтон пул сарфа кунед? | | |
| Оё шумо метавонед аз ҳайвони хонагии фарбеҳу солим даромади бештар гиред? | | |
| **Таъсироти экологӣ** | | |
| Оё обдиҳии дарахтон дар чарогоҳи шумо ба коҳиш ёфтани таъминоти об барои ҳайвоноти хонагии шумо натиҷа хоҳад дод? | | |
| Оё идоракунии ҷангалу чарогоҳ метавонад ҳосилхезии хок ва сохтори қитъаи замини шуморо такмил диҳад? | | |
| Оё чарогоҳи шумо дар чунин шароити хуб аст, ки чанд манотиқи сахт таназзулёфтаи атрофи дарахтонро таҳаммул намояд? | | |
| Оё идоракунии ҷангалу чарогоҳ метавонад иқтидори нигоҳдории хоку обро такмил диҳад ва бо ин роҳ, хатари шусташавии (эрозияи) хокро коҳиш диҳад? | | |
| Оё идоракунии ҷангалу чарогоҳ ба коҳиш додани хатари мубталошавӣ ба офатҳои табиӣ саҳм мегузорад (заминлағжиҳо, шусташавии хок (эрозия), лойгирии чашмаҳо, тарма, харсангҳои фурӯраванда ва обхезӣ)? | | |
| Оё идоракунии ҷангалу чаҳрогоҳ ба коҳиш додани дарахтбурии ғайихтиёрӣ дар ҷамоати шумо метавонад саҳм гузорад? | | |
| **Таъсироти гендерӣ** | | |
| Дар нигоҳубини дарахтон занон кадом нақшро мебозанд: Оё занон ба дарахтшиносӣ, эҳёи ҷангал ва ҳимояи дарахтон ҷалб шудаанд? | | |
| Дар таъмини хӯроки чорво ба ҳайвоноти хонагӣ ва идоракунии фаъолияти чаронидани ҳайвони хонагӣ занон кадом нақшро мебозанд? Оё занон ба коштани зироатҳои хӯроки чорво ҷалб шудаанд? | | |
| Оё занон метавонад аз маҳсулоти дарахтон, масалан тавассути коркард ва фурӯши онҳо бевосита манфиат бардоранд? | | |
| Оё занон қудрати қабули қарорро дар бораи чӣ гуна истифода шудани ҳар гуна пули аз фурӯши маҳсулоти дарахтон бадастомадаро доранд? | | |
| Оё идоракунии ҷангалу чарогоҳ барои занон сарбории изофии кориро ташкил медиҳад (шинондан ва нигоҳубин кардани дарахтон)? | | |
| Оё фоидаҳо сарбории изофии кории занонро ҷуброн мекунад, масалан даромади афзуда аз фурӯши маҳсулот? | | |
| **Таъсирот ба ҷомеа** | | |
| Оё татбиқи идоракунии ҷангалу чарогоҳ ба ҷомеаи шумо аз нигоҳи таъмини нерӯ, ғизо ва чӯб таъсири мусбат мерасонад? | | |
| Оё татбиқи идоракунии ҷангалу чарогоҳ ба ҷомеаи шумо аз нигоҳи коҳиш додани хатарҳо (шусташавии хок, суръати бод, заминлағжиҳо) таъсири мусбат мерасонад? | | |
| Оё идоракунии ҷангалу чарогоҳ метавонад барои хонаводаҳо/ҷамоатҳои дигар ҳамчун модел хидмат намояд? | | |



| Маълумот барои тамос | Нишонии электронӣ барои иртибот |
|---|---|
| КЕМП ТАБИАТ<br>Умед Булбулшоев (директор)<br>Кӯчаи Соҳибназарова 9, шаҳри Хоруғ<br>+992 935 14 19 45 | http://camp.kg/en/who-we-are/camp-tabiat/<br>umedsho@mail.ru |
| Ҷангалпарвар<br>Ҷамолидин Мадиброн (директор)<br>Кӯчаи Дӯстии Халқҳо 62, 734025, шаҳри Душанбе<br>+992 91 818 18 25 | |
| Чесви<br>Даниил Илёсов (ҳамоҳангсози лоиҳа)<br>+992 985 02 27 37<br>Дафтар дар шаҳри Душанбе:<br>кӯчаи Фирдавсӣ 15<br>Дафтар дар ноҳияи Ховалинг:<br>кӯчаи Мирзо Турсунзода. | daniil.ilyasov@gmail.com |
| Каритаси Швейтсария<br>Афзалшо Насибов (Ҳамоҳангсози лоиҳа)<br>+992 901 10 93 32<br>Кӯчаи Титов 26, хонаи 25, 734025, ш. Душанбе | anasibov@caritas.chv |



2.5

# МУБОРИЗАИ ДАСТӢ БО АЛАФҲОИ БЕГОНА

### *АЛАФҲОИ БЕГОНА ЧИСТАНД ВА МУБОРИЗАИ ДАСТӢ БО АЛАФҲОИ БЕГОНА ЧИСТ?*

**Алафҳои бегона чистанд?** Алафҳои бегона набототе мебошанд, ки барои чарои ҳайвони хонагӣ хусусияти ками ҳазмшавӣ доранд ё нохостаанд ва инҳоро дар бар мегиранд:

- Набототи заҳрноке, ки ба беморӣ ё ҳатто фавти ҳайвони хонагӣ, махсусан ҳайвоноти хонагии ҷавон, сабаб мешаванд
- Набототи бетаъми дорои арзиши камтарин ё бидуни ҳеҷ арзиши ғизоӣ, ки бо намунаҳои хуби хӯроки чорво рақобат мекунанд ва ба рушди онҳо фишор меоранд
- Набототи буташакли хордор, ки метавонанд ба талафи пашм сабаб шаванд ё ҷои сукунати ҳашарот ё паразитҳои зиёновар бошанд

**Муборизаи дастӣ бо алафҳои бегона** методи самараноки такмил додани сифат ва ҳосилнокии чарогоҳ мебошад. Ҳар як алафи бегона ба оилаи ботаникии набототи дорои сифати хуб ё бади ғизоӣ, ҳатто хусусиятҳои барои ҳайвоноти хонагӣ заҳрнок, тааллуқ дорад. Ҳар як алафи бегона ба оилаи ботаникии набототе тааллуқ дорад, ки аз нигоҳи рушд/нашъунамо ва морфология мутобиқи хусусиятҳои гуногун гурӯҳбандӣ мешаванд. Моддаҳои алафкуш (гербитсидҳо), ҳатто гербитсиди интихобӣ алафҳои баду хуби ягон оилаи ботаникиро нест мекунад. Агар шумо алафи мушаххаси бегонаи хатарнокро бо даст канда партоед, албатта шумо алафи дорои сифати беҳтари хӯроки чорворо нигоҳ медоред. Дар вақти истироҳати ҳайвоноти хонагӣ ё масалан "мониторинги рӯзмарраи чарогоҳ" шумо метавонед дар чарогоҳ алафҳои бегонаро нобуд кунед. Ин метод ба нуқтаи қатъӣ мерасад агар алафҳои бегона ё зараррасонҳо минтақаи калонтарро фаро гирифта бошанд.

Бо дониши мушаххас дар бораи алафҳои бегона шумо баъзеи онҳоро хоҳед фурӯхт, ки ҳамчун алафҳои шифобахш фурӯхта мешаванд ва метавонед аз он даромади изофӣ ба даст оред.



### *ОН ЧӢ ТАВР КОР МЕКУНАД?*

Ҳангоми дар чарогоҳ чаронидани ҳайвоноти хонагии худ ҳар рӯз шумо бояд ба озмудани сифат ва ҳосилхезии ҳар як қитъаи замин кӯшед. Ҳангоми аз назар гузаронидани чарогоҳ шумо бояд онро аз нигоҳи мавҷудияти алафҳои бегона низ тафтиш кунед. Агар шумо набототи ягона ё қатъаҳои хурди онро бинед, алафҳои бегонаро бо даст канда партоед, вале боварӣ ҳосил кунед, ки шумо ин корро бе дастпӯшак анҷом дода метавонед, вагарна белро истифода баред ё онро

эҳтиёткорона буред. Давраи беҳтарин барои буридан ё канда партофтан пеш ё ҳангоми давраи гулкунии алафҳои бегона аст.

Роҳи беҳтарини нобуд кардани алафи бегона канда партофтани он бо решаҳояш мебошад. Агар шумо танҳо танаи онро буред, ин ба наботот имконияти тавлиди дубораро хоҳад дод ва қавитар хоҳад шуд, чунки қисми реша зери хок боқӣ хоҳад монд.

Барои осон канда партофтан шумо метавонед чӯбдасти нӯгаш оҳаниро (чӯбдасти нӯгхами чӯпонӣ) истифода баред. Ин метод ба марҳилаи ниҳоӣ мерасад агар қитъаи замини шумо дорои алафҳои парокандаи бегона бошад ё алафҳои бегона дар замини сарошеб рӯида бошанд. Дар нишебиҳо барои муътадилшавии хок ё ҳифзи хок аз эрозия нигоҳ доштани онҳо беҳтар аст, вале аз васеъ паҳн шудани он ба манотиқи хуби чарогоҳ дурӣ бояд ҷуст. Барои мубориза бо алафҳои пароканда/дар шакли қатор рӯида машварати изофӣ тавсия дода мешавад.

**Бартариҳо:**

- **Мубориза интихобӣ (селективӣ) бо алафҳои бегона**
- **Беҳсозии чарогоҳ дар мавриди:** **Сифати беҳтари хӯроки чорво**; **Ҳосилхезии зиёдтар**; **Пешгирии кишти такрорӣ дар оянда**
- **Солимии беҳтари ҳайвонот,** коҳиш додани заҳролудшавӣ
- **Назорати рӯзмарраи чарогоҳ**
- **Даромади изофӣ** аз фурӯши алафҳои шифобахш

**Норасоиҳо/Мушкилиҳо:**

- **Меҳнатталаб аст**
- Дар бораи алафҳои бегонаи чарогоҳ **дониши муфассалро талаб мекунад**
- Бар зидди алафҳои бегонаи ба шакли қатор рӯида **муфид нест**
- **Нишебиҳо бояд муътадил карда шаванд, ҳатто агар дар он ҷо алафҳои бегона рӯянд**

## НОМГӮИ ШАРТҲОИ ПЕШАКӢ ВА ИМКОНИЯТИ ИСТИФОДАБАРӢ

**"Саволҳои асосӣ"** Агар Шумо ба саволҳо ҷавоби "**Ҳа**" дода натавонед, пас усули пешниҳодшуда барои истифодабарандаи замин ва умуман ҷамоа муносиб нест.

| Саволҳои асосӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё шумо барои истифода бурдани ин қитъаи чарогоҳ ҳуқуқҳои қонунӣ доред? | | |
| Оё шумо дар бораи алафҳои бегона ва набототи гуногуни шифобахш дониши муайян доред? | | |
| Оё қитъаи чарогоҳ ба эрозияи бузургҳаҷми хок (шамол ё об) ё талафи моддаҳои ғизоӣ мубталост? | | |

Дар қисмати **"Саволҳо"** аз Шумо дар бораи шартҳои пешакии иловагӣ пурсида мешавад. Агар ҷавоб **"Не"** бошад, пас истифодабарандаи замин ё ҷамоа бояд имконияти иваз кардан ё ҳалли масъалаҳои мазкурро дарёфт кунад.

| Саволҳо | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё таҷҳизоти ҳадди ақал (чӯбдасти нӯгаш оҳанӣ) дастрас аст? | | |
| Оё қитъа аллакай ҳамчун замини чарогоҳ истифода мешавад? | | |
| Оё дар мавриди мубориза бо алафҳои бегона ба машварат ё таълими мутахассиси берунӣ ниёз доред? | | |
| Оё қитъа дорои шароити бештар ё камтар хуби экологист: оё он сифати кофии хӯроки чорворо таъмин менамояд? | | |
| Оё шумо имконияти нигоҳ доштани алафҳои шифобахшро доред? | | |
| Оё чӣ гуна коркард намудани алафҳоро медонед? | | |
| Оё барои фурӯхтани алафҳои шифобахш бозор вуҷуд дорад? | | |

## ҲИСОБКУНИИ МОЛИЯВӢ:

| Хароҷот барои сармоягузорӣ | Ҳаҷми сармоягузорӣ |
|---|---|
| Нархи чӯбдасти нӯгаш оҳанӣ, каҷак | |
| Нигоҳдории алафҳои шифобахш | |
| Чизҳои дигар: | |
| Хароҷотҳои УМУМӢ: | |
| **Даромад аз сармоягузорӣ /фоидаи иловагӣ** | |
| Ҳосили зиёдтари чарогоҳ | |
| Назорати беҳтари чарогоҳ (аз ҳад зиёд чаридани ҳайвоноти хонагӣ) | |
| Алафҳои шифобахш | |
| Пешгирии таназзули замин | |
| Даромадҳои УМУМӢ: | |

## МЕЪЁРҲО БАРОИ ҚАБУЛИ ҚАРОР

Ба саволномаи мазкур бодиққат ҷавоб диҳед. На ба ҳамаи усулҳо бояд бо "**Ҳа**" ҷавоб дод.

Агар дар охир ба аксари саволҳо ҷавоби "**Ҳа**" дода шавад, пас таъсироти мусбӣ бартарӣ дорад, лекин новобаста аз ин, таъсироти манфӣ бояд бодиққат ба инобат гирифта шавад.

| Фоидаи молиявӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё шумо метавонед аз беҳсозии чарогоҳ фоида гиред? | | |
| Оё шумо метавонед аз фурӯши алафҳои шифобахш даромади изофӣ ба даст оред? | | |
| Оё шумо метавонед тавассути кошти такрории зироатҳои мукаммали хӯроки чорво пул сарфа намоед? | | |
| Оё шумо метавонед аз амалияи беҳтари нигоҳубини ҳайвоноти хонагӣ ва чорвопарварӣ даромади бештар гиред? | | |
| **Таъсироти экологӣ** | | |
| Оё мубориза дастӣ бо алафҳои бегона метавонад ҳифзи хокро тавассути ташвиқи пӯшиши пурраи растанӣ такмил диҳад? | | |
| Оё бо даст канда партофтани алафҳои бегона метавонад қобилияти нигоҳдошти хоку обро такмил диҳад ва ба ин восита хатари эрозияи хокро коҳиш диҳад? | | |
| Оё мубориза дастӣ бо алафҳои бегона метавонад ба коҳиши аз ҳад зиёд чаридани алафҳо тавассути назорати бештари пайвастаи чарогоҳ саҳм гузорад? | | |
| **Таъсироти гендерӣ** | | |
| Занон дар идоракунии чарогоҳ кадом нақшро мебозанд? | | |
| Занон дар таъмини хӯроки чорво ба ҳайвоноти хонагӣ ва идоракунии фаъолиятҳои чаронидан кадом нақшро мебозанд? | | |
| Оё занон ба мубориза дастӣ бо алафҳои бегонаи чарогоҳ ҷалб шудаанд? | | |
| Оё мубориза дастӣ бо алафҳои бегона барои занон сарбории изофии кориро хоҳад дод? | | |

| | | |
|---|---|---|
| Оё занон дар бораи алафҳои бегонаи гуногун дониши кофӣ доранд то барои муйян кардани алафҳои бегона, мубориза бо онҳо ва ҷамъоварии алафҳои шифобахш дилпур бошанд? | | |
| Занон аз мубориза бо алафҳои бегона ҷиҳати ҷуброн кардани сарбории изофии корӣ барои занон кадом фоидаҳоро ба даст хоҳанд овард? | | |
| Оё фоидаҳои мубориза бо алафҳои бегона барои занон дар муқоиса бо фоидаҳое зиёдтар аст, ки онҳо метавонанд тавассути истифодаи кори худ бо роҳҳои дигар ба даст оранд? | | |
| **Таъсирот ба ҷомеа** | | |
| Оё мубориза бомуваффақияти дастӣ бо алафҳои бегона ба ҷомеаи шумо аз нигоҳи чарогоҳи сермаҳсултар таъсири мусбат хоҳад расонд? | | |
| Оё мубориза бомуваффақияти дастӣ бо алафҳои бегона ба ҷомеаи шумо аз нигоҳи коҳиш додани хатарҳо (эрозияи хок, заминлағжӣ...) таъсири мусбат мерасонад? | | |
| Оё бо даст канда партофтани алафҳои бегона барои ҷомеаҳои дигар метавонад ҳамчун модел хидмат кунад? | | |

**Маълумот барои тамос**

Чесви
Даниил Илёсов (ҳамоҳангсози лоиҳа)
+992 985 02 27 37
Дафтар дар шаҳри Душанбе:
кӯчаи Фирдавсӣ 15
Дафтар дар ноҳияи Ховалинг:
кӯчаи Мирзо Турсунзода.

**Нишонии электронӣ барои иртибот**

daniil.ilyasov@gmail.com







3.1

## ИСТЕҲСОЛИ ХӮРОКИ ЧОРВО ДАР ЗАМИНАИ МАЙДОНИ БОҒЗОР

### *ИСТЕҲСОЛИ ХӮРОКИ ЧОРВО ДАР ЗАМИНАИ МАЙДОНИ БОҒЗОР ЧӢ МАЪНО ДОРАД?*

Низоми истеҳсоли хӯроки чорво дар заминаи майдони боғзор низоми истифодаи замин мебошад, ки дар он лӯбиёгиҳо, ба монанди лӯбиё ё юнучқа ё дигар зироатҳои хӯроки чорво байни дарахтони мевадиҳанда, чӯбӣ ва дарахтони мӯътадилкунандаи нитроген (ДМН) ё дарахтони таъминкунандаи хӯроки чорво кишт карда мешаванд. Ҳадафҳои низоми мазкур бисёртарафа мебошад, аз як тараф ин истеҳсоли хӯроки тари чорво, алаф ё зироатҳо ва аз тарафи дигар истеҳсоли маҳсулоти дарахт, ба монанди меваҳо, ҳезум ё чӯб аст. Боғ низоми истеҳсолиест, ки дорои вазифаи баланди мустаҳкамкунӣ ва нигоҳдории хок мебошад, ки тавассути таҳкими қобилиятҳои нигоҳдории об ва рӯйпӯши баланди замин сурат мегирад.



### *ОН ЧӢ ТАВР КОР МЕКУНАД?*

Боғҳо (ҳамин тариқ) бояд тавре бунёд карда шаванд, ки барои кишти байниқаторӣ ҷойи кофӣ фароҳам созанд. Дар мисоли боғзори дарахтони себ гузоштани фосилаи 10 метр байни қаторҳо ва 4 метр дар дохили қаторҳо тавсия дода мешавад. Дар қад-қади ҳар як қатори дарахтон 2-3 метр хати алаф барои сабзиш бояд гузошта шавад. Ҷобаҷогузории оптималии дарахтон ин қад-қади тарҳ ва зидди самти бартаридоштаи шамол (дар ин ҷой созиш (консенсус) лозим аст) мебошад. Зироатҳои байни дарахтонро киштгардон кардан мумкин аст, масалан, бо лӯбиёгиҳо ё юнучқа ва пас аз он бо гандум. Барои зиёд кардани истеҳсолот обёрии иловагиро (ҷӯякҳои ҷудокунанда ва ҷӯякҳои заҳбур) истифода кардан мумкин аст.

Тафсир:

| Намуди дарахт 1х | Нарх бо сомонӣ | Солҳои ҳосили якум | Ҳосили миёна бо тоннаҳо/га | Талабот ба об Литер барои як га |
|---|---|---|---|---|
| **Себ** | 8-15 | 5 | 7-15 | 4000- 8000 |
| **Олуча (гелос)** | 3- 7 | 3- 4 | 3-4,5 | 4000- 8000 |
| **Зардолу (қоқ)** | 10 | 7- 8 | 2-3,5 | 4000- 8000 |

| Писта | 3-4 барои як халта | 15 | 3 | ---- |
|---|---|---|---|---|
| Арча | --- | -- | ---- | ---- |
| Ангат | ---- | -- | ---- | ---- |
| Бодом | 3- 12 | 3- 4 | 2-3 | 6000 |

**Бартариҳо:**

- **Гирифтани даромад** тавассути хӯроки чорво (юнучқа, лӯбиёгиҳо),
- **Гирифтани даромад** тавассути зироатҳои озуқаворӣ (меваҳо, ғалладонагиҳо, лӯбиё),
- **Гирифтани даромади иловагӣ** тавассути ҳезум ва чӯб
- **Беҳтаркунии рӯйпӯши замин** ба воситаи зироатҳои иловагӣ
- **Муҳофизат аз обхезӣ,** назорати селоб, **пасткунии эрозияи хок**
- Зиёдкунии **мавҷудияти маводҳои ғизонок,** беҳтаркунии **ҳосилхезии хок** (алалхусус ҳангоми кишти лӯбиёгиҳо), истеҳсоли бештари биомасса (тариқи хазонрез), таҳкими нигоҳдории **маводҳои ғизонок** (ба воситаи дарахтон/зироатҳои решааш чуқур)
- **Пасткунии суръати шамол,** пасткунии ҳолатҳои фавқуллодаи микроиқлимӣ (соя ва рӯйпӯши баланди хок ҳарорат ва ҳамин тариқ бухоршавиро паст мекунад; намнокии баланди хок) --> тақвияти қобилиятҳои **нигоҳдории об**

**Норасоиҳо / Мушкилиҳо/ Хатарҳо:**

- **Дар масъалаи нигоҳубини дарахтон малакаҳои зиёд лозим астанд** (бурридани шохаҳо, ҳифзи зироат, поруандозӣ ва интихоби мавсим дар фосилаҳои кӯтоҳ)
- **Низоми бештар мураккаби идоракунии об ва обёрӣ**
- **Дар масъалаи киштгардон,** мавсими кишт/мавсими ҳосил малакаҳои зиёд **лозим астанд**
- **Рақобат** байни дарахтон ва зироатҳо (эзоҳ: дарахтони себ дорои низоми решаҳои паҳлӯӣ мебошанд, ҳангоми кишти гандум ягон рақобат барои маводҳои ғизонок мавҷуд нест; инчунин аз сабаби рехтани баргҳо дар давраи сабзиши зироат ягон соядиҳӣ мавҷуд нест)
- **Бештар таҷҳизот ва таҷҳизоти барои боғзор муносиб лозим аст**
- **Ҳаҷми бисёртари кор дар муқоиса бо истеҳсоли як зироат**

## НОМГӮИ ШАРТҲОИ ПЕШАКӢ ВА ИМКОНИЯТИ ИСТИФОДАБАРӢ

**“Саволҳои асосӣ”** Агар Шумо ба саволҳо ҷавоби “**Ҳа**” дода натавонед, пас усули пешниҳодшуда барои истифодабарандаи замин ва умуман ҷамоа муносиб нест.

| Саволҳои асосӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё Шумо ҳуқуқҳои қонунии истифодабарандаро барои қитъаи мазкур доред? | | |
| Оё қитъа дар минтақаи ҳамвор (камтар аз 12% дараҷа) ҷойгир аст? | | |
| Оё шароитҳои иқлимӣ барои шинонидани дарахтон муносиб аст: Оё миқдори кофӣ ва бардавоми об, нури офтоб... мавҷуд аст? | | |
| Оё қитъа аз ҷойи истиқомати Шумо ба осонӣ дастрас аст (барои бурриши шохаҳо, ҷамъоварии ҳосил, обдиҳӣ.. дарахтон ва зироатҳо)? | | |

Дар қисмати **“Саволҳо”** аз Шумо дар бораи шартҳои пешакии иловагӣ пурсида мешавад. Агар ҷавоб **“Не”** бошад, пас истифодабарандаи замин ё ҷамоа бояд имконияти иваз кардан ё ҳалли масъалаҳои мазкурро дарёфт кунад.



| Саволҳо | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё Шумо қувваи кории кофӣ (бунёдкунӣ, обдиҳӣ, ҷамъоварии ҳосил, бурриши шохаҳо) доред? | | |
| Оё ниҳолҳо ва тухмиҳо барои дарахтон ва зироатҳо мавҷуд ҳастанд? | | |
| Оё барои истифодаи қитъа ба сифати боғ/замини кишоварзӣ иҷозат дода шудааст? | | |
| Оё қитъа гирифтори эрозияи хок (шамол ё об) ё обхезиҳо аст? | | |
| Оё Шумо ба хӯроки чорво, меваҳо, ҳезум талабот доред? Ё Шумо маҳсулоти худро дар бозор ба осонӣ фурӯхта метавонед? | | |
| Оё қитъа дар ҳолати экологии камубеш хуб қарор дорад: Оё Шумо аз он фоида гирифта метавонед? | | |
| Оё таҷҳизоти минималӣ (барои бунёди суфачаҳо, боғ, ҷӯякҳои заҳбур...) мавҷуд аст/ба иҷора гирифтан мумкин аст? | | |
| Оё Шумо дар бораи бунёди низомҳои парвариши ҷангал барои мақсадҳои кишоварзӣ маълумот доред ё Шумо ба хизматрасониҳои машваратии беруна эҳтиёҷ доред? | | |

## ҲИСОБКУНИИ МОЛИЯВӢ:

| Хароҷот барои сармоягузорӣ (Боғи бодом) | Мисоли сармоягузорӣ | Ҳисобкунии худӣ |
|---|---|---|
| Дарахтон 333/га | 333 доллар ИМА | |
| Нурии минералӣ барои 5 сол (K,N,P) | 810 сомонӣ/га | |
| Мубориза бо ҳашаротҳои зараррасон барои 2 сол | 200 сомонӣ/га | |
| Меҳнат: обёрӣ, бурриши шохаҳо (1-5 сол) | 3770 сомонӣ/га | |
| Хароҷотҳои иловагӣ: | | |
| Хароҷотҳои иловагӣ: | | |
| Хароҷотҳои УМУМИИ истеҳсолӣ аз соли 1 то 10: | 21338,50 сомонӣ | |
| **Даромад аз сармоягузорӣ** | | |
| Меваҳо | 6 доллари ИМА барои як кг | |
| Хӯроки иловагии чорво | Аз зироат вобастагӣ дорад | |
| **Фоидаи иловагӣ** | | |
| Мубориза бо эрозия дар чарогоҳ | Аз рӯйпӯши хок ва нишебӣ вобастагӣ дорад | |
| Чӯб | Аз дарахтон вобастагӣ дорад | |
| Даромади иловагӣ | | |
| Даромади УМУМӢ дар давоми 10 сол (1 га): | 80616,50 сомонӣ | |

## МЕЪЁРҲО БАРОИ ҚАБУЛИ ҚАРОР

Ба саволномаи мазкур бодиққат ҷавоб диҳед. На ба ҳамаи усулҳо бояд бо “**Ҳа**” ҷавоб дод.

Агар дар охир ба аксари саволҳо ҷавоби “**Ҳа**” дода шавад, пас таъсироти мусбӣ бартарӣ дорад, лекин новобаста аз ин, таъсироти манфӣ бояд бодиққат ба инобат гирифта шавад.

| Фоидаи молиявӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё барои Шумо фурӯхтани меваҳои иловагӣ имконпазир аст? | | |

| | | |
|---|---|---|
| Оё кишти хӯроки чорво дар қитъаи наздиҳавлигии Шумо дар рӯйпӯш кардани набудани захираи хӯрокаи чорво барои зимистон кӯмак расонида метавонад? | | |
| Оё истеҳсоли барзиёди хӯрокаи чорво низоми ҷамъоварӣ ва кашониданро (парвариши чорвои ширдеҳро) барои Шумо ҷолиб мекунад? | | |
| Оё Шумо ба туфайли хароҷоти камтар барои ҳезум маблағро сарфа карда метавонед? | | |
| Оё Шумо имконияти ба таври дахлдор поруандозӣ кардани чунин низоми сермаҳсулро доред? | | |
| **Таъсироти экологӣ** | | |
| Оё низоми истеҳсоли хӯроки чорво дар заминаи майдони боғзор маҳсулнокии қитъаи Шуморо беҳтар карда метавонад? | | |
| Оё низоми истеҳсоли хӯроки чорво дар заминаи майдони боғзор қобилиятҳои нигоҳдории хок ва обро дар қитъаи Шумо беҳтар карда метавонад? | | |
| Оё низоми истеҳсоли хӯроки чорво дар заминаи майдони боғзор ярч, тарма, обхезиро дар қитъаи Шумо кам карда метавонад? | | |
| Оё низоми истеҳсоли хӯроки чорво дар заминаи майдони боғзор дар камкунии бурриши ғайриқонунӣ дар ҷангал саҳм гузошта метавонад? | | |
| **Таъсироти гендерӣ** | | |
| Занон дар ҷамъоварии хӯроки чорво ва тайёркунии алаф кадом нақшро иҷро мекунанд? Занон дар майдонҳои боғи дарахтони мевадиҳанда кадом нақшро иҷро мекунанд: Оё занон дар шинонидан, обдиҳӣ, ҷамъоварии ҳосил ва бурриши шохаҳои дарахтон иштирок мекунанд? | | |
| Оё занон аз истеҳсоли хӯроки чорво, масалан, парвариши чорвои ширдеҳ дар хоҷагии хурд бевосита фоида дида метавонанд? | | |
| Оё занон аз маҳсулоти дарахтони мевадиҳанда (масалан, тариқи коркард ва фурӯши меваҳо) ё зироатҳои байниқаторӣ бевосита фоида дида метавонанд? | | |
| Аз ин фоидаҳои бадастомада онҳо қарор карда метавонанд, ки маблағро барои чӣ сарф кунанд? | | |
| Оё ташкили низоми истеҳсоли хӯроки чорво дар заминаи майдони боғзор дар қитъаи Шумо барои занон кори иловагиро пеш меорад (бунёдкунӣ ва нигоҳубини дарахтон)? | | |
| Оё кори иловагӣ ягон натиҷаи ҷоизро барои занон меоварад, масалан, ба туфайли зиёдшавии даромад аз коркард ва фурӯши меваҳо? | | |
| **Таъсирот ба ҷомеа** | | |
| Занон дар ҷамъоварии хӯроки чорво ва тайёркунии алаф кадом нақшро иҷро мекунанд? Занон дар майдонҳои боғи дарахтони мевадиҳанда кадом нақшро иҷро мекунанд: Оё занон дар шинонидан, обдиҳӣ, ҷамъоварии ҳосил ва бурриши шохаҳои дарахтон иштирок мекунанд? | | |
| Оё занон аз истеҳсоли хӯроки чорво, масалан, парвариши чорвои ширдеҳ дар хоҷагии хурд бевосита фоида дида метавонанд? | | |
| Оё занон аз маҳсулоти дарахтони мевадиҳанда (масалан, тариқи коркард ва фурӯши меваҳо) ё зироатҳои байниқаторӣ бевосита фоида дида метавонанд? | | |
| Аз ин фоидаҳои бадастомада онҳо қарор карда метавонанд, ки маблағро барои чӣ сарф кунанд? | | |


**Маълумот барои тамос**

Кооперативи САРОБ
Муҳаммадӣ Мӯминов (Директор)
Х. Рӯдакӣ-127.
Рӯдакӣ плаза, утоқи 1113;1115
Тоҷикистон. Душанбе
93 5770230

**Нишонии электронӣ барои иртибот**

sarob.net
muminov01@gmail.com
mmuminov@sarob.net








## 3.2 НАВДАҲОИ ДАРАХТОН ҲАМЧУН ХӮРОКИ ЧОРВО

### *НАВДАҲО ҲАМЧУН ХӮРОКИ ЧОРВО ЧӢ МАЪНО ДОРАД?*

Навдаҳои бед ё тут метавонанд ҳамчун хӯроки иловагии чорво истифода бурда шаванд. Ин аз намуди чорво, хӯроки асосӣ ва мавсиме, ки дар давоми он ҳайвонот навдаҳоро истеъмол мекунанд, вобастагӣ дорад. На худи навдаҳо, балки баргҳо ҳамчун хӯроки чорво истифода бурда мешаванд. Баъд аз хӯронидани баргҳо, навдаҳо метавонанд ҳамчун ҳезум истифода бурда шаванд.



### *ОН ЧӢ ТАВР КОР МЕКУНАД?*

Навдаҳои пур аз баргро дар давоми тамоми сол буридан мумкин аст. Дар сурати набудани захираи хӯроки чорво дар фасли баҳор, навдаҳои тари бед метавонанд ҳамчун хӯроки иловагии чорво бурида шаванд. Арзиши ғизоии он баробари беда ё коҳ нест, вале ба ҳар ҳол он қобили истифода аст. Тавсия дода мешавад, ки дарахтони хӯроки чорво дар паси ҳавлии Шумо бо мақсадҳои гуногун шинонида шаванд. Пеш аз ҳама, ба Шумо хӯроки иловагӣ барои ҳолатҳои фавқулодда муҳайё менамояд. Баъдан, шохҳо ва танаи дарахтонро барои ҳезум ё чӯб истифода бурда метавонед. Сеюм, ин дарахтонро худатон ба осонӣ шинонида метавонед. Шохаҳои бедро (бо баргҳояш) дар хок гӯр кунед ва хуб об монед. Онҳоро ба сатҳи хок наздик бурида, ба решазаниашон мусоидат намоед. Навдаҳои тутро низ дар давраҳои мушкилӣ ҳамчун хӯроки чорво истифода кардан мумкин аст.

**Бартариҳо ва таъсироти иловагии мусбӣ:**

1. Дарахтони зуд нумуъкунанда, ки ба мақсадҳои гуногун истифода мешавад
2. Хӯроки хушсифат барои чорво
3. Истифоданамоӣ ҳамчун сӯзишворӣ пас аз хӯронидани баргҳо
4. Бедоршавии зуд ва давраи нашъунамои тӯлонӣ
5. Дарахтони тут ва бед инчунин метавонанд барои иҳотаи қитъаҳои замин ё соя кардани ҳавлиҳо истифода бурда шаванд
6. Дарахтони аз поён задашудаи бед ба монанди буттазор бо навдаҳои зиёд месабзанд

**Норасоиҳо ва хатарҳо:**

1. Навдаҳо танҳо ҳамчун хӯроки иловагӣ кор меоянд ва ҳеҷ гоҳ ҷои алаф ё партови хӯрокро намегиранд
2. Шумораи аз ҳадд зиёди буттаҳои ҷамъоварандаи нитроген метавонанд хокро аз нитроген аз ҳадд зиёд ғанӣ гардонанд, оби зеризаминӣ ва рӯизаминиро ифлос кунад
3. Дарахтони аз ҳадд зиёд буридашуда зуд нобуд мешаванд

## НОМГӮИ ШАРТҲОИ ПЕШАКӢ ВА ИМКОНИЯТИ ИСТИФОДАБАРӢ

**"Саволҳои асосӣ"** Агар Шумо ба саволҳо ҷавоби "**Ҳа**" дода натавонед, пас усули пешниҳодшуда барои истифодабарандаи замин ва умуман ҷамоа муносиб нест.

| Саволҳои асосӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё Шумо ҳуқуқҳои қонунии истифодабаранда/имконияти истифодаи навдаҳоро ба сифати хӯроки чорво доред? | | |
| Оё Шумо барои шинонидан ва нигоҳубини ин дарахтон қувваи кории кофӣ доред? | | |
| Оё шароитҳои иқлимӣ барои парвариши дарахтон мувофиқ ҳастанд, нури офтоб, об кофӣ аст...? | | |
| Оё қитъа аз ҷои зисти Шумо дастрас аст (барои нигоҳубин, ҳосилғундорӣ, обмонӣ ва ғ.,.. дарахтон)? | | |
| Оё барои дарахтон қаламчаву ниҳолҳо мавҷуданд? | | |

Дар қисмати **"Саволҳо"** аз Шумо дар бораи шартҳои пешакии иловагӣ пурсида мешавад. Агар ҷавоб **"Не"** бошад, пас истифодабарандаи замин ё ҷамоа бояд имконияти иваз кардан ё ҳалли масъалаҳои мазкурро дарёфт кунад.

| Саволҳо | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё қитъа аз таъсири эрозияи об/шамол ва норасоии моводи ғизоӣ осеби манфӣ дидааст? | | |
| Оё ярч ва обканд ба қитъа таъсири манфӣ мерасонанд? | | |
| Оё ҳолати экологии қитъа/паси ҳавлӣ каму беш хуб аст: Шумо ҳоло ҳам аз он манфиат мегиред, ҳосилнокӣ ба қадри кофӣ баланд аст? | | |
| Оё таҷҳизот барои шинонидан ва ҳосилғундорӣ мавҷуд аст? | | |
| Оё ба шумо дастгирии техникии беруна лозим аст (масалан, барои шинонидан)? | | |
| Оё ягон намуди дарахтҳои маҳаллиро медонед, ки барои хӯроки чорво мувофиқ аст? | | |
| Оё шинонидани дарахтон махсусан барои занон кори иловагиро пеш меорад? | | |
| Оё ба Шумо дастгирии молиявии беруна лозим аст? | | |

## ҲИСОБКУНИИ МОЛИЯВӢ:

| Хароҷот барои сармоягузорӣ | Ҳаҷми сармоягузорӣ дарахти бед | Ҳаҷми сармоягузорӣ дарахти тут | Сармоягузорӣ Мисол, дарахти бед |
|---|---|---|---|
| Дарахтон | | | 2-3 сомонӣ барои як химча |
| Таҷҳизот барои бурридан | | | |
| Хароҷотҳои иловагӣ: | | | |
| Хароҷотҳои УМУМӢ: | | | |



| Даромад аз сармоягузорӣ | | | |
|---|---|---|---|
| Хӯроки иловагии чорво дар тирамоҳ (сарфаи захира) | | | |
| Хӯроки иловагии чорво дар баҳор (назорати чарогоҳ) | | | |
| **Фоидаи иловагӣ** | | | |
| Мубориза бо эрозия дар чарогоҳи барвақтӣ | | | |
| Навдаҳо ҳамчун ҳезум | | | |
| Чӯб | | | |
| Мубориза бо эрозия дар қитъаи наздиҳавлигӣ | | | |
| Истифодабарӣ ба сифати тавора ва аломатгузории замин | | | |
| Даромади иловагӣ | | | |
| Даромадҳои УМУМӢ: | | | |

## МЕЪЁРҲО БАРОИ ҚАБУЛИ ҚАРОР

Ба саволномаи мазкур бодиққат ҷавоб диҳед. На ба ҳамаи усулҳо бояд бо "**Ҳа**" ҷавоб дод.

Агар дар охир ба аксари саволҳо ҷавоби "**Ҳа**" дода шавад, пас таъсироти мусбӣ бартарӣ дорад, лекин новобаста аз ин, таъсироти манфӣ бояд бодиққат ба инобат гирифта шавад.

| Фоидаи молиявӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё чорво аз таъмини хӯроки иловагӣ дар тирамоҳ ва баҳор манфиат бардошта метавонад? | | |
| Оё чарогоҳи баҳории Шумо аз чаронидани дертар (пешгирии эрозия) ва дар натиҷа ҳосилнокии баланд манфиат бардошта метавонад? | | |
| Оё Шумо аз шароити беҳтар барои чорво дар баҳор фоида мегиред? | | |
| Оё Шумо аз талафоти камтари об дар паси ҳавлии худ манфиат мегиред? | | |
| Оё Шумо аз ҳосили баландтар ба туфайли ҳосилхезии баландтари қитъаи наздиҳавлигӣ фоида гирифта метавонед? | | |
| Оё таъмини ҷории сӯзишворӣ талаботи хонаводаи Шуморо қонеъ мекунад? | | |
| Оё Шумо аз кам шудани хароҷоти нуриҳо барои қитъаи наздиҳавлигиатон маблағро сарфа карда метавонед? | | |
| Оё Шумо аз ҳисоби фурӯши ҳезум (дастрасӣ ба инфрасохтор) даромади иловагӣ гирифта метавонед? | | |
| **Таъсироти экологӣ** | | |
| Оё дарахтон ҳосилнокии хокро дар паси ҳавлии Шумо беҳтар карда метавонанд? | | |
| Оё дарахтон ҷараёни эрозияро дар қитъаи Шумо ва инчунин чарогоҳи баҳорӣ кам карда метавонанд? | | |
| Агар дар қитъаи наздиҳавлагӣ соя бештар шавад, ин ба ҳосилнокии дигар зироатҳо дар қитъаи Шумо чӣ тавр таъсир расонида метавонад? | | |
| **Таъсироти гендерӣ** | | |
| Оё бурдидани навдаҳо барои хӯроки чорво воситаест, ки аз ҷониби занон аллакай истифода карда мешавад? | | |

| | | |
|---|---|---|
| Оё буридани навдаҳо (барои хӯронидани чорво) барои занон кори илова-гиро пеш меорад? | | |
| Оё занон аз хӯрокдиҳии беҳтари чорво манфиат мебинанд? | | |
| Оё занон салоҳияти қабули қарорро дар хусуси чӣ тавр истифода кардани маблағе, ки аз фурӯши маҳсулоти чорво ба даст омадааст, доранд? | | |
| **Таъсирот ба ҷомеа** | | |
| Оё буридани навдаҳо ҳамчун хӯроки чорво дар баҳор чарогоҳҳое, ки дар ҷамоаи Шумо барвақт истифода карда мешавад, муҳофизат хоҳад кард? | | |
| Оё ҷамоаи Шумо аз шинонидани дарахтон барои хӯроки чорво ва истеҳсоли ҳезум ва ба туфайли ин муҳофизатнамоӣ аз офатҳои табиӣ (кам шудани эрозияи об/шамол, тарма, ярч, деградатсияи чарогоҳҳо ва ғ...) манфиат дида метавонад? | | |
| Оё ҷамъоварии навдаҳо барои таъмини хӯроки иловагии чорво ба хонаводаҳои ҷамоа таъсири манфӣ мерасонад? | | |
| Агар ин тавр бошад, оё ҷамоа ин мушкилро бартараф карда метавонад? | | |
| Оё ҷамои Шумо ин усулро ба дигар аъзоёни ҷамоа ё ҷамоаҳои ҳамсоя пешниҳод карда метавонанд? | | |

| Маълумот барои тамос | Нишонии электронӣ барои иртибот |
|---|---|
| Ҷангалпарвар<br>Ҷамолидин Мадиброн (директор)<br>Кӯчаи Дӯстии Халқҳо 62, 734025, шаҳри Душанбе<br>+992 91 818 18 25 | |
| Чесви (Созмони байналмилалии ҳамкорӣ ва рушд дар Итолиё)<br>Даниил Илёсов (ҳамоҳангсози лоиҳа)<br>+992 985 02 27 37<br>Дафтар дар шаҳри Душанбе:<br>кӯчаи Фирдавсӣ 15<br>Дафтар дар ноҳияи Ховалинг:<br>кӯчаи Мирзо Турсунзода. | daniil.ilyasov@gmail.com |
| Каритаси Швейтсария<br>Афзалшо Насибов (Ҳамоҳангсози лоиҳа)<br>+992 901 10 93 32<br>Кӯчаи Титов 26, хонаи 25, 734025, ш. Душанбе | anasibov@caritas.chv |





3.3

## ПАРВАРИШИ ЧОРВОИ ШИРДЕҲ ДАР ХОҶАГИҲОИ ХУРД БО ИСТИФОДАИ НИЗОМИ ҶАМЪОВАРӢ ВА КАШОНИДАН

### *ПАРВАРИШИ ЧОРВОИ ШИРДЕҲ ДАР ХОҶАГИҲОИ ХУРД ЧӢ МАЪНО ДОРАД?*

Парвариши чорвои ширдеҳ фаъолияти хоҷагидорие буда метавонад, ки дар асоси истеҳсоли маҳсулоти ширӣ тавассути низоми ҷамъоварӣ ва кашонидан мебошад. Хонаводаҳо низоми истеҳсоли ширро ташкил мекунанд, ки ҳар кадоме дар тӯли тамоми сол, масалан, ду говро дар бинои назди ҳавлӣ нигоҳ медоранд. Ҳадафи асосӣ ба даст овардани даромад ва таъмин намудани устувории иқтисодии хонавода аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти ширӣ ва парвариши гӯсолаҳо мебошад. Илова бар он, бо ёрии низоми ҷамъоварӣ ва кашонидан хӯроки чорво, истифодаи аз ҳадд зиёди чарогоҳҳоро пешгирӣ намудан мумкин аст.



### *ОН ЧӢ ТАВР КОР МЕКУНАД?*

Ҳангоми ба роҳ мондани низоми ҷамъоварӣ ва кашонидан, ҷанбаи муҳимтарине, ки бояд ба назар гирифта шавад аз он иборат аст, ки говҳо барои идомаи ҳаёт талаботи заминавии метаболӣ дошта, барои ҳосил кардани шир ва массаи мушакҳо бошад, талаботи фаъоли метаболӣ доранд. Дар ҳолате ки гов дар атрофи деҳа озодона мечарад ва ҳаракат мекунад, талаботи фаъоли метаболӣ хеле баландтар аст. Аз ин сабаб, он системаи ҷамъоварӣ ва кашонидан номида мешавад, ки Шумо хӯрокро ба назди гов меоред, на балки гов ба назди он меравад. Инчунин бояд ба назар гирифт, ки гов дар як шабонарӯз ба 40-60 литр об ниёз дорад. Илова бар он, барои хӯрокдиҳии гӯсола шир ё йогурти гарм истифода карда мешавад ва он бояд дар сатил дода шавад, то ин ки таъминот назорат карда шавад. Дар аввал, ҳар як дафъа 3-4 литр хӯрок дода, дар давоми 3 моҳ онро то як литр кам кунед. Аз ҳафтаи якум сар карда, алаф, об ва каҳ додан мумкин аст. Гови хуб парваришёбанда дар як сол 8 тонна пору ва 5 тонна пешоб ҳосил мекунад, ки ин миқдор 25кг/15 литрро дар як шабонарӯз ташкил медиҳад. Барои муҳофизати сифати пору Шумо бояд ҷое дошта бошед, ки онро аз офтоб эмин нигоҳ доред. Таҷрибаи ноҳияи Мӯминобод нишон медиҳад, ки поруро барои ба даст овардани даромади иловагӣ фурӯхтан мумкин аст.

### Бартариҳо ва таъсироти иловагии мусбӣ:

1. Ғизодиҳии хуби гов, бо афзоиши истеҳсоли шир
2. Хавфи камтар (нигоҳ надоштани шумора зиёди ҳайвоноти каммаҳсул)
3. Арзиши баландтари чорво: ғизодиҳии хуб --> сифати баландтар --> нархҳои баландтар дар бозор
4. Илова бар он, чорвое, ки хӯроки хуб мехӯрад, пору ва заҳи серғизотар ҳосил мекунад --> нурии беҳтар барои зироатҳо мебошад
5. Нуридиҳии мушаххаси зироатҳо тавассути нигоҳдорӣ дар хона

### Норасоиҳо ва хатарҳо:

1. Хароҷоти аввалия (замин, тухмӣ барои хӯроки чорво, нуриҳо, охур, новаҳо)
2. Вобастагӣ аз қарорҳо оид ба ҳуқуқи дарозмуддати истифодаи замин ва ҳадди ақалли арзиши иҷора дар ҷамоа
3. Нигоҳдорӣ ва кашонидани шир ба бозорҳо дар минтақаҳои дурдаст душвор аст
4. Гигиенаи баланди чорво ва шир зарур аст
5. Иншоотҳои устувор ва низоми сардкунӣ зарур мебошанд

## НОМГӮИ ШАРТҲОИ ПЕШАКӢ ВА ИМКОНИЯТИ ИСТИФОДАБАРӢ

**“Саволҳои асосӣ”** Агар Шумо ба саволҳо ҷавоби “**Ҳа**” дода натавонед, пас усули пешниҳодшуда барои истифодабарандаи замин ва умуман ҷамоа муносиб нест.

| Саволҳои асосӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё Шумо барои ҷамъоварӣ, кашонидан/коркард/фурӯш ва тоза кардани охур қувваи кории кофӣ доред? | | |
| Оё қитъа ҳосилхез ва дорои шароити экологии каму беш хуб аст: аз он миқдори кофии хӯроки чорво ба даст оварда метавонед? | | |
| Оё шароити иқлимӣ барои парвариши зироатҳои хӯроки чорво (юнучқа, эспарсет, ҷуворимакка,...) мувофиқ аст? | | |
| Оё оби кофӣ дар масофаи барои кашонидан на он қадар дур мавҷуд аст? | | |

Дар қисмати **“Саволҳо”** аз Шумо дар бораи шартҳои пешакии иловагӣ пурсида мешавад. Агар ҷавоб **“Не”** бошад, пас истифодабарандаи замин ё ҷамоа бояд имконияти иваз кардан ё ҳалли масъалаҳои мазкурро дарёфт кунад.

| Саволҳо | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё дар ҷамоаи Шумо ягон қитъае ҳаст, ки Шумо метавонад иҷора гиред ва он барои парвариши зироатҳои хӯроки чорво мувофиқ бошад? | | |
| Оё тухмӣ ё ниҳолҳои хушсифат барои зироатҳои хӯроки чорво дастрас мебошанд? | | |
| Оё миқдори минималии маводи сохтмон/таҷҳизот барои киштукор, сохтмони оғилҳо, коркарди шир ... дастрас аст? | | |
| Оё хоҷагии ширӣ бо хӯрокдиҳӣ дар охур барои занон кори иловагиро пеш меорад? | | |
| Оё ба Шумо дастгирии техникӣ барои ташкили оғил, захиракунии тап-пак/пору лозим аст? | | |
| Оё Шумо барои кишти зироатҳои хӯроки чорво ва захиракунӣ ба хизматрасонии машваратии беруна эҳтиёҷ доред? | | |
| Оё Шумо маҳсулоти шириро дар бозор фурӯхта метавонед? Оё бозор ё нуқтаи ҷамъоварӣ барои фурӯши он вуҷуд дорад? | | |
| Оё Шумо ба бозорҳои дигар ё пойгоҳҳои ҷамъоварии шир дастрасӣ доред? | | |



## ҲИСОБКУНИИ МОЛИЯВӢ:

| Хароҷот барои сармоягузорӣ | Ҳаҷми сармоягузорӣ | | Мисолҳо |
|---|---|---|---|
| Нархи шири гов | | | |
| Сохтмони оғил, ҳамагӣ | | | |
| Сохтмони ҷои нигоҳдории пору ва поруи моеъ | | | |
| Сатилҳои хӯрокдиҳӣ барои гов ва гӯсола | | | |
| Хӯроки чорво:<br>1 гов = 5 буз/гӯсфанд<br>1,2 гов = 1 асп<br>Хӯрок барои як гов, барои 4-5 моҳи мавсими зимистон | Худӣ: | Иловагӣ: | |
| 1,5 – 2,0 т алаф | | | |
| 2,0 – 3,0 т силос | | | |
| 400 – 500 кг хӯрокаи консентрат | | | |
| Хӯрокаи алтернативии 1: | | | |
| Себ, картошка, лаблабуи хӯроки чорво, ва ғ (мавсими зимистон) | | | |
| Хӯрокаи алтернативии 2: | | | |
| Пояи ҷувории хушк, арзан, юнучқа | | | |
| Хӯрокаи алтернативии 3: | | | |
| Об, >10 дараҷа, 40-60л дар як шабонарӯз | | | |
| Таҷҳизоти ширҷӯшӣ (сатили тоза, танҳо барои ширҷӯшӣ) | | | |
| Хунуккунии шир (ҳамкории ҷамоавӣ) | | | |
| Нақлиёт, то нуқтаи ҷамъоварӣ | | | |
| Хароҷотҳои иловагӣ: | | | |
| Хароҷотҳои иловагӣ: | | | |
| Хароҷотҳои УМУМӢ: | | | |
| **Даромад аз сармоягузорӣ** | | | |
| Нархи як литр шир дар нуқтаи ҷамъоварӣ | | | 1-2,5 сомонӣ |
| Нархи шир x 6л x 300 рӯз | | | 1800 – 4500 сомонӣ |
| Гӯсола (дар як сол ) | | | 300 доллари ИМА (8-моҳа) |
| Гӯшт (пас аз 1/6 сол) | | | 800 - 1000 доллари ИМА |
| Пору (баландшавии ҳосили зироат) | | | 8 тонна |
| Пешоб (баландшавии ҳосили зироат) | | | 5 тонна |
| Даромадҳои иловагӣ: | | | |
| Даромадҳои УМУМӢ: | | | |

## *МЕЪЁРҲО БАРОИ ҚАБУЛИ ҚАРОР*

Ба саволномаи мазкур бодиққат ҷавоб диҳед. На ба ҳамаи усулҳо бояд бо "**Ҳа**" ҷавоб дод.

Агар дар охир ба аксари саволҳо ҷавоби "**Ҳа**" дода шавад, пас таъсироти мусбӣ бартарӣ дорад, лекин новобаста аз ин, таъсироти манфӣ бояд бодиққат ба инобат гирифта шавад.

| **Фоидаи молиявӣ** | **Ҳа** | **Не** |
|---|---|---|
| Оё Шумо аз фурӯши шир ва ё маҳсулоти ширӣ фоида гирифта метавонед? | | |
| Оё Шумо ба туфайли беҳтар кардани сатҳу сифати хӯрокаи чорво ва шир даромади бештар гирифта метавонед? | | |
| Оё Шумо бо роҳи коркарди шир ва баъдтар фурӯхтани маҳсулоти он даромади иловагӣ ба даст оварда метавонед? | | |
| Оё Шумо аз парвариши гӯсолаҳо фоида гирифта метавонед? | | |
| Оё Шумо норасоии нуриҳои минералиро эҳсос мекунед ва пору/пешоб барои ҳалли ин масъала кӯмак мерасонад? | | |
| **Таъсироти экологӣ** | | |
| Оё хӯрокдиҳӣ дар охур ба барқарорсозии чарогоҳҳои таназзулёфта мусоидат карда метавонад? | | |
| Парвариши саршумори ками чорво (бо ғизодиҳии хуб), оё ин низоми шадид дар коҳиш додани майдони чарогоҳҳои аз ҳадд зиёд чаронидашуда дар ҷамоаи Шумо саҳм гузошта метавонад? | | |
| Оё юнучқа ҳамчун зироати хӯроки чорво дар баланд бардоштани ҳосилхезии хок дар қитъаи Шумо ва ғизогирии зироатҳои минбаъда саҳм гузошта метавонад? | | |
| Оё юнучқа ҳамчун зироати хӯроки чорвои ба хушксолӣ тобовар дар паст кардани хатарҳо саҳм гузошта метавонад? | | |
| Оё юнучқа ҳамчун зироати хӯроки чорвои дорои системаи решаҳои чуқур ба коҳиш додани эрозияи хок мусоидат карда метавонад? | | |
| Оё юнучқа ҳамчун зироати хӯроки чорво, ки нитрогенро мӯътадил мекунад, ба паст намудани таъсироти тағйирёбии иқлим таъсироти мусбӣ расонида метавонад? | | |
| **Таъсироти гендерӣ** | | |
| Занон дар парвариши чорво чӣ нақш доранд: Оё занон дар ғизодиҳӣ, нигоҳубин, ширдӯшӣ, коркард ва фурӯши шир иштирок мекунанд? | | |
| Оё занон аз низоми ҷамъоварӣ ва кашонидан бевосита фоида дида метавонанд? | | |
| Оё онҳо барои ҷамъоварии тапак ҳамчун маводи сӯзишворӣ ва пухтупаз камтар вақт сарф хоҳанд кард? Оё онҳо назар ба ин барои тозакунии саисхона бештар ё камтар вақт сарф хоҳанд кард? Оё ҳаҷми кори иловагӣ дар низоми ҷамъоварӣ ва кашонидани хӯроки чорво барои занон маҳсули иловагӣ медиҳад, масалан, маҳсулнокии бештари маҳсулоти ширӣ? | | |
| Оё занон барои фурӯши маҳсулоти ширӣ имконият хоҳанд дошт? Оё бозори маҳаллӣ мавҷуд аст ва занон дар он ҷой савдо карда метавонанд? | | |
| Оё занон дар қабули қарорҳо оид ба истифодаи ягон маблағҳое, ки аз фурӯши маҳсулоти ширӣ ба даст омадааст, салоҳият доранд? | | |
| **Таъсирот ба ҷомеа** | | |
| Оё ҷамоаи Шумо аз барқарорсози майдонҳои чарогоҳи таназзулёфта твассути парвариши чорво дар хона манфиат дида метавонад? | | |
| Оё ҷамоаи Шумо аз кам шудани хатарҳо ба туфайли кам шудани эрозияи хок/ярч/тарма, ... (парвариши юнучқа бо системаи решаҳои чуқур) манфиат дида метавонад? | | |
| Оё ҷамоаи Шумо аз маркетинги якҷояи маҳсулоти ширӣ манфиат дида метавонад? | | |



| **Маълумот барои тамос** | **Нишонии электронӣ барои иртибот** |
|---|---|
| Кооперативи САРОБ<br>Муҳаммадӣ Мӯминов (Директор)<br>Х. Рӯдакӣ-127.<br>Рӯдакӣ плаза, утоқи 1113;1115<br>Тоҷикистон. Душанбе<br>93 5770230 | sarob.net<br>muminov01@gmail.com<br>mmuminov@sarob.net |



4.1

# КӮПРУКҲО

### *СОХТМОНИ КӮПРУКҲО ЧӢ МАЪНӢ ДОРАД?*

Кӯпрук барои дастрасӣ ёфтан ба манотиқи дурдаст кӯмак мерасонад. Кӯпрук барои убур кардан аз рӯи дарёҳо, ҷариҳои васеъ ё дараҳои борику танг сохта мешавад. Сохтмони мушаххаси кӯпрук аз зарурати истифодабарандагон вобаста аст. Масалан, кӯпрукро танҳо аз ҷониби чӯпонҳо ва рамаи онҳо ё барои убури мошинҳои сабукраву боркаш метавонад истифода шавад. Басомади убур низ сохтмонро муайян хоҳад кард. Масъалаи севум устуворӣ дар баробари офатҳои табий, махсусан обхезиҳои фасли баҳор ва мавсими обшавии пирях мебошад. Бояд боварӣ ҳосил кард, ки кӯпрук дар назди маҷрои собити дарё сохта шавад, вагарна зарур меояд, ки кӯрпаи обии атрофи кӯпрук низ мустаҳкам карда шавад.

Кӯпрук метавонад ба баргардонидани чарогоҳҳои дурдаст барои истифода ё бозгашт ба системаи ротатсияи чарогоҳ кӯмак расонад ва низ метавонад ба рақобати байни ҳайвоноти ваҳшӣ ва ҳайвоноти хонагӣ натиҷа диҳад.




Манбаъ: Кӯпруки Помир, нақшаи кӯпруки № 80, андозаҳои намунавӣ

### *ОН ЧӢ ТАВР КОР МЕКУНАД?*

Барои сохтмони кӯпрук навъҳои гуногуни маводҳо истифода мешаванд. Таҳкурсиҳои иборат аз оҳану семент сахт тавсия дода мешавад (вале ҳатмӣ нест), гузаргоҳи кӯпрукро барои ҳайвонот ё мошинҳо аз чӯб метавон сохт.

Қадамҳои марҳилаи пеш аз сохтмон:

Нахуст, шуморо зарур аст, ки ба макони сохтмон дастрасӣ дошта бошед ва ба эътибор гиред, ки вақти беҳтарини сохтмон вақтест, ки об дар сатҳи пасттарин қарор дорад. Дувум, мақсади кӯпрукро бо ҳамаи истифодабарандагони оянда баррасӣ кунед, чунки ин асосан параметрҳои/хусусиятҳои муҳими сохтмонро (иқтидори вазнбардорӣ, бар, мустаҳкамӣ...) муайян менамояд. Сатҳи баланди обро дар аввали тобистон ба назар гиред то кӯпрук ба таври кофӣ баланд, дароз ва мустаҳкам сохта шавад.

Қадамҳои ягонаи (беҳтараш: инфиродии) корӣ аз ҳолатҳои мушаххаси табий ва дастрасӣ ба таҷҳизот вобастаанд. Дар сурати ҳисобкуниҳои мураккабу дақиқ мушовири касбӣ сахт тавсия дода мешавад.

## Марҳилаҳои пеш аз сохтмон ва бартариҳо

1. Марҳилаҳои пеш аз сохтмон:
Мақсад, дастрасӣ, ҳолатҳои табиӣ (офатҳо, сатҳи баландтарини об)
2. Афзалиятҳо:
Дастрасӣ ба чарогоҳи дурдаст
Сабук кардани бори гарони чарогоҳе, ки ҳоло истифода мешавад
Коҳиш додани эрозияи хоки чарогоҳе, ки ҳоло истифода мешавад
Коҳиш додани аз ҳад зиёд чаридани чарогоҳ аз тарафи ҳайвонот

## Норасоиҳо/Мушкилиҳо/Хатарҳо:

- Гаронбаҳо
- Машварати берунӣ сахт тавсия дода мешавад
- Рақобат миёни ҳайвоноти вахшӣ ва ҳайвоноти хонагӣ метавонад афзоиш ёбад
- Чаридани аз ҳад зиёдро дар чарогоҳи кухна ҳатман коҳиш намедиҳад
- Чарогоҳи хуби дурдаст пас аз дастрасӣ низ хеле зуд мавриди чаридани аз ҳад зиёд қарор мегирад
- Таъмири кӯпрук
- Рақобати дастрасӣ ба чарогоҳ бо ҷамоатҳои ҳамсоя

## *НОМГӮИ ШАРТҲОИ ПЕШАКӢ ВА ИМКОНИЯТИ ИСТИФОДАБАРӢ*

**"Саволҳои асосӣ"** Агар Шумо ба саволҳо ҷавоби "**Ҳа**" дода натавонед, пас усули пешниҳодшуда барои истифодабарандаи замин ва умуман ҷамоа муносиб нест.

| Саволҳои асосӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё шумо барои сохтани кӯпрук ҳуқуқҳои қонунӣ доред (ҳамкорӣ/тамос бо хоҷагии ҷангал)? | | |
| Оё шумо барои сохтмон қувваи кофии корӣ доред? | | |
| Оё макони сохтмон аз офатҳои табиӣ сахт осебпазир аст? | | |
| Оё макони пешбинишуда бо маҷрои устувори дарё ҳамгиро шудааст? | | |
| Оё сохтмони пешбинишуда ба таври кофӣ мустаҳкам аст, ки дар офатҳои қавии табиӣ, обхезиҳо ё заминлағжиҳо устувор бимонад? | | |
| Оё шумо барои ёфтани макони беҳтарини сохтмон ё ҳисоб кардани иқтидори борбардорӣ ба машварати берунӣ ниёз доред? | | |
| Оё шумо барои сохтмон ё ҳамлу нақл ба таҷҳизоти махсус ниёз доред? | | |

Дар қисмати **"Саволҳо"** аз Шумо дар бораи шартҳои пешакии иловагӣ пурсида мешавад. Агар ҷавоб **"Не"** бошад, пас истифодабарандаи замин ё ҷамоа бояд имконияти иваз кардан ё ҳалли масъалаҳои мазкурро дарёфт кунад.

| Саволҳо | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё чаронидани аз ҳад зиёд дастрасӣ ба чарогоҳи навро муҳим менамояд? | | |
| Оё таъмини ками хӯроки чорво дастрасӣ ба чарогоҳи навро муҳим менамояд? | | |
| Оё таҷҳизот (барои сохтмон, пайраҳаҳо, таҳкурсӣ, мустаҳкамсозии маҷрои дарё...) дастрас аст? | | |
| Оё шумо дар бораи сохтмони кӯпрукҳо маълумот доред? | | |
| Оё шумо ба дониши берунӣ ва кӯмаки техникӣ ниёз доред? | | |
| Оё шумо ба кӯмаки берунии молиявӣ ниёз доред? | | |



## *ҲИСОБКУНИИ МОЛИЯВӢ:*

| Хароҷот барои сармоягузорӣ | Ҳисоби худ | Намунаи ҳисоб (доллари ИМА) |
|---|---|---|
| Машварати берунӣ | | |
| Сохтмон: | | |
| Мошинолот | | ---- |
| Чӯб | | ---- |
| Мавод | | 538,00 |
| Маош | | 986,00 |
| Корҳои коркарду таҳқиқот | | 94,00 |
| Хароҷоти изофӣ: | | 291,00 |
| Хароҷоти изофӣ: | | 360,00 |
| Хароҷотҳои УМУМӢ: | | ----- |
| **Даромад аз сармоягузорӣ** | | ----- |
| Чарогоҳи иловагӣ | | 2269,00<br>Қурби мубодилаи асъори Қирғизистон бо сомонӣ/доллари амрикоӣ: 42,6/1 |
| **Фоидаҳои изофӣ** | | |
| Говҳои хуб ғизохӯрда | | |
| Коҳиши ҳайвоноти хонагӣ дар чарогоҳҳои кунунӣ | | |
| Такмил ёфтани чарогоҳҳои кунунӣ | | |
| Даромади иловагӣ: | | |
| Даромадҳои УМУМӢ: | | |

## *МЕЪЁРҲО БАРОИ ҚАБУЛИ ҚАРОР*

Ба саволномаи мазкур бодиққат ҷавоб диҳед. На ба ҳамаи усулҳо бояд бо "**Ҳа**" ҷавоб дод.

Агар дар охир ба аксари саволҳо ҷавоби "**Ҳа**" дода шавад, пас таъсироти мусбӣ бартарӣ дорад, лекин новобаста аз ин, таъсироти манфӣ бояд бодиққат ба инобат гирифта шавад.

| Фоидаи молиявӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё чарогоҳи изофӣ ба қонеъ намудани талаботи шумо ба хӯроки чорво кӯмак мерасонад? | | |
| Оё аз фурӯши ҳайвоноти хонагӣ дар шароити беҳтар даромади изофӣ ба даст хоҳад омад? | | |
| Оё сарфаи пул тавассути коҳиш додани хароҷот барои хӯроки чорво бо сабаби ҳайвоноти хонагии беҳтар ғизохӯрда ба даст хоҳад омад? | | |
| Оё дастрасӣ ба чарогоҳи қаблии дурдаст ба афзоиш додани маҳсулнокӣ дар чарогоҳи баҳории шумо кӯмак хоҳад кард? | | |
| **Таъсироти экологӣ** | | |
| Оё дастрасӣ ба чарогоҳҳои дурдаст чарогоҳҳои ҳоло истифодашавандаро метавонад аз чаридани фавқулодда зиёд ҳифз кунад? | | |
| Оё системаи васеи чарогоҳ истеҳсоли хӯроки захиравии чорворо метавонад ҷалб кунад? | | |
| Оё дастрасӣ ба чарогоҳи дурдаст метавонад заминлағжиҳо, эрозия, таҳшиншавии баҳорӣ, тарма, обхезиро коҳиш диҳад? | | |
| Оё дастрасӣ ба чарогоҳи нав метавонад ҳайвоноти хонагии шуморо дар ҳоли низоъ бо ҳайвоноти вахшӣ қарор диҳад? | | |

| Таъсироти гендерӣ | | |
|---|---|---|
| Оё занон метавонанд аз сохтмони кӯпрук барои дастрасӣ ба чарогоҳҳои дурдаст манфиат бардоранд? | | |
| Оё сохтмони кӯпрук ва ба роҳ мондани тавлиди хӯроки чорво дар қитъаи шумо барои занон сарбории изофии кориро ташкил хоҳад дод? | | |
| Оё сарбории изофии корӣ барои занон маҳсули оқилонаро, масалан тавассути даромади афзуда аз коркарди маҳсулоти ширӣ, эҷод хоҳад кард? | | |
| **Таъсирот ба ҷомеа** | | |
| Оё сохтмони кӯпрук дар чарогоҳи дурдаст ба ҷомеаи шумо аз нигоҳи пешгирӣ намудани чарогоҳҳои аз ҳад зиёд чарондашудаи наздик ба деҳа таъсири мусбат хоҳад расонд? | | |
| Оё дастрасӣ ба чарогоҳи дурдаст хатари мубталошавӣ ба офатҳои табиро (заминлағжиҳо, эрозия, таҳшиншавии баҳорӣ, тарма, фурӯравии харсангҳо, обхезӣ) дар ҷомеаи шумо метавонад коҳиш диҳад? | | |
| Оё сохтмони бомуваффақияти кӯпрук ва муътадилшавии чарогоҳи аз ҳад зиёд чаронидашуда барои дигар ҷомеаҳои ҳамсоя метавонад ҳамчун модел хидмат кунад? | | |
| Оё сохтмони кӯпрук ба рақобати миёни ҷомеаҳо ҷиҳати дастрасӣ ба чарогоҳ метавонад натиҷа диҳад? | | |

| Маълумот барои тамос | Нишонии электронӣ барои иртибот: |
|---|---|
| Эркинбек Койчуманов<br>Бернард Репонд | http://camp.kg/<br>www.pamirbridges.ch/welcome-ang.htm |







## 4.2 НОВАҲО БАРОИ ОБНӮШӢ

### *НОВАҲОИ ОБНӮШӢ ЧӢ АСТ?*

Барои таъминоти чорво бо об дар чарогоҳ низомҳои гуногуни новаҳоро баррасӣ кардан мумкин аст. Новаҳои обнӯшии сайёр ва новаҳои обнӯшии доимиро тавассути низоми маҷрои дарё ё низоми обтаъминкунии насбшудаи доимӣ, ба монанди чоҳи об ё бункери об пур ва азнав пур кардан мумкин аст.

Новаҳои обнӯшии сайёр хеле сабук (новаҳои пластикӣ) буда метавонанд, ки вазнашон вобаста аз андоза байни 9-10 кг ё 40-45 кг мебошад. Новаҳои обнӯшии доимиро низ аз пластика кардани мумкин аст, лекин маводҳо, ба монанди семент ё руҳ тавсия дода мешавад.

Ба ғайр аз вояи ҳаррӯзинаи хӯрока, чорво ҳар рӯз ба ҳаҷми зиёди об эҳтиёҷ дорад. То он даме, ки хӯроки сабзи тар мавҷуд аст, чорво талаботи ҳаррӯзаи худро ба об асосан тавассути хӯрокаи сабз қонеъ карда метавонад. Аз ниммаи фасли тобистон то тирамоҳ нуқтаҳои иловагии обнӯшӣ бояд насб карда шаванд. Айнан ҳамин чиз бояд барои чарогоҳои деградатсияшуда баррасӣ карда шавад, зеро чорво кӯшиш мекунад, ки талабот ба обро тавассути истеъмоли бештари хӯрокаи сабз қонеъ созад. Вагарна деградатсияи чарогоҳ идома меёбад.



### *ОН ЧӢ ТАВР КОР МЕКУНАД?*

Низоми обнӯшии барои ҳар як вазъияти мушаххас мутобиқшударо насб кардан мумкин аст. Агар ҷараёни хурд мавҷуд бошад, асбобе, ки суръати ҷараёнро суст мекунад, насб кардан мумкин аст, то ин ки дастрасии об ба ҳайвонҳо осон гардад.

Варианти дигар ин ба таври доимӣ насб кардани новаҳо дар чарогоҳи деградатсияшуда ё чарогоҳе, ки бо норасогии об дар охири мавсим рӯ ба рӯ мешавад, мебошад. Ҳардуи низомҳо бояд боэҳтиёт интихоб карда шаванд, зеро замин дар атрофи нова аз сабаби лойқанокшавӣ бисёр таназзул меёбад. Инчунин пешниҳод кардан мумкин аст, ки барои таъмини соя дар наздикӣ дарахтон шинонида шаванд. Макони ҷойгиршавии нова ҳам вобаста ба чорво бояд интихоб карда шавад, масалан, гӯсфандон то ба нуқтаи обнӯшӣ бисёр роҳ гаштанро дӯст намедоранд. Масофаҳои дароз инчунин ба талафоти энергия меоварад. Барои насбкунии новаҳои доимӣ, ки дастрасии беруна ба азнавпуркунӣ бо об надорад, варианти ҷамъоварии оби боронро санҷед.

### *МАВОДҲО ВА ШАРОИТҲОИ ЗАРУРА БАРОИ НИЗОМҲОИ ГУНОГУНИ НОВА*

- Новаҳои доимиро аз металл (масалан, руҳ) бо даҳонаи калон ва канорҳои ба замин мустаҳкамкардашуда, ки барои пешгирии захмдоршавӣ зарур аст, тайёр кардан мумкин мебошад.
- Новаҳои сайёрро дар шакли новаҳои пластикӣ харидан ва ба таври мавсимӣ истифода кардан мумкин аст.
- Шоришии об аз ҷараён ё низоми таъминоти об ба чалакҳо бояд таъмин карда шавад ва инчунин заҳбури (дренаж) дахлдор бояд насб карда шавад. Вагарна ихроҷи об заминро дар атрофи нова вайрон мекунад, ки он пашми гӯсфандонро чиркин мекунад.
- Ҷойи хушк ва соянонро барои дамгирӣ пешниҳод кунед.

**Бартариҳо:**

1. Арзиши паст, танҳо чалакҳои истифоданашуда лозим мебошанд
2. Насбкунии тез
3. Муҳофизати чарогоҳ аз чарониши аз ҳадд зиёд
4. Коэффисиенти беҳтари додани хӯрокаи чорво
5. Сарфакунии вақт, роҳи дарози ҳаррӯза барои обдиҳии чорво дигар лозим нест
6. Гардиши чарогоҳро самараноктар мекунад
7. Чарогоҳҳои дурдаст аз сари нав ҷолиб мегарданд: озод кардани чарогоҳи деградатсияшуда

**Норасоиҳо/хатарҳо/мушкилиҳо:**

1. Дар оғоз маслиҳати техникӣ барои насбкунӣ лозим аст (баъдан насбкунӣ ва нигоҳдорӣ осон аст)
2. Фишори бештар ба тақсимоти об
3. Зиёдшавии хокҳои луч

### *НОМГӮЙИ ШАРТҲОИ ПЕШАКӢ ВА ИМКОНИЯТИ ИСТИФОДАБАРӢ*

**"Саволҳои асосӣ"** Агар Шумо ба саволҳо ҷавоби "**Ҳа**" дода натавонед, пас усули пешниҳодшуда барои истифодабарандаи замин ва умуман ҷамоа муносиб нест.

| Саволҳои асосӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё барои насбкунии нуқтаи обнӯшӣ (сайёр ё доимӣ) дар чарогоҳе, ки Шумо истифода карда истодаед, иҷозат дода шудааст? | | |
| Оё маводҳои номбаршуда мавҷуд мебошанд? | | |
| Оё Шумо барои кашонидан ва насби нуқтаҳои обнӯшӣ қувваи кории кофӣ доред? | | |
| Оё дарё/чашмаи хурд дар чарогоҳи Шумо дастрас аст? | | |

Дар қисмати **"Саволҳо"** аз Шумо дар бораи шартҳои пешакии иловагӣ пурсида мешавад. Агар ҷавоб **"Не"** бошад, пас истифодабарандаи замин ё ҷамоа бояд имконияти иваз кардан ё ҳалли масъалаҳои мазкурро дарёфт кунад.

| Саволҳо | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё иваз кардани новаҳои обнӯшии пластикӣ барои Шумо имконпазир аст? | | |
| Оё Шумо барои насбкунӣ ё ҳисобкунии талабот ба об ба хизматрасонии машваратии иловагӣ эҳтиёҷ доред? | | |



| | | |
|---|---|---|
| Оё қитъа/чарогоҳ дар ҳолати хуб қарор дорад, ки дар он чорво чаронида шавад ва нуқтаи обнӯшӣ насб карда шавад? | | |
| Оё қитъа дар нишебии рост ҷойгир шудааст? | | |
| Оё мавзеъи деградатсияшуда, ки дар атрофи новаи обнӯшӣ ҷойгир аст, дастрас мебошад? | | |

### *ҲИСОБКУНИИ МОЛИЯВӢ*

I.: мисол: 0.9x3,5x0,6м (40-45кг) 250 доллари ИМА (2014), АЗАЛ

II.: мисол: 0,8x1,2x0,5м (9-10кг) 100 доллари ИМА (2014), АЗАЛ

| Хароҷот барои сармоягузорӣ | Ҳаҷми сармоягузорӣ | Мисолҳо |
|---|---|---|
| Маводи сохтмон | | |
| Кашонидаи маводҳо | | |
| Кори сохтмонӣ | | |
| Хароҷоти иловагӣ | | |
| Хароҷоти иловагӣ | | |
| Хароҷотҳои УМУМӢ: | | |
| **Даромад аз сармоягузорӣ** | | |
| Чорвои хуб хӯронидашуда | | |
| Таносуби беҳтари гӯшт | | |
| **Фоидаи иловагӣ** | | |
| Ҷарониши оптималӣ дар чарогоҳ | | |
| Таҳкими чарогоҳ | | |
| Пешгирии эрозия | | |
| Даромади иловагӣ | | |
| Даромадҳои УМУМӢ: | | |

### *МЕЪЁРҲО БАРОИ ҚАБУЛИ ҚАРОР*

Ба саволномаи мазкур бодиққат ҷавоб диҳед. На ба ҳамаи усулҳо бояд бо "**Ҳа**" ҷавоб дод.

Агар дар охир ба аксари саволҳо ҷавоби "**Ҳа**" дода шавад, пас таъсироти мусбӣ бартарӣ дорад, лекин новобаста аз ин, таъсироти манфӣ бояд бодиққат ба инобат гирифта шавад.

| Фоидаи молиявӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё дастрасии ҳозираи Шумо ба об дар чарогоҳ талаботҳои Шуморо қонеъ мекунад? | | |
| Оё Шумо бо доштани новаи марказии наздик барои обнӯшӣ вақтро сарфа мекунед? | | |
| Оё бо истифода кардани нуқтаҳои иловагии обнӯшӣ хароҷотҳои Шумо ба об зиёд мегарданд? | | |
| **Таъсироти экологӣ** | | |
| Оё нуқтаи обнӯшӣ деградатсияи умумии чарогоҳро тавассути истифодаи беҳтари хӯрокаи сабзи чорво паст мекунад? | | |
| Оё нуқтаи обнӯшӣ дар барқарорсозии чарогоҳи деградатсияшуда кӯмак мерасонад? | | |
| Оё новаҳои обнӯшӣ дар пасткунии пайдоиши ҷӯякҳо ва оббурда дар чарогоҳ (камкунии эрозия аз сабаби поймолкунӣ) мусоидат карда метавонанд? | | |
| Оё насбкунии нуқтаҳои обнӯшӣ дар чарогоҳи дурдаст ба истифодаи он таҳким бахшида метавонад ё онро ба истифодабарӣ баргардонида метавонад? | | |

| | | |
|---|---|---|
| Оё нуқтаи нави обнӯшӣ чарогоҳҳои дурдастро ба истифодабарӣ баргардонида, ба низоҳо бо табиати зинда оварда расонида метавонад? | | |
| Оё нуқтаи обнӯширо инчунин барои обёрии чарогоҳ ҳангоми давраи тайёркунии қаҳ истифода бурдан мумкин аст? | | |
| **Таъсироти гендерӣ** | | |
| Дар идоракунии чӯпонон ва обдиҳии чорво занон чӣ нақш доранд? Оё занон аз насбкунии нуқтаҳои обнӯшӣ бевосита фоида гирифта метавонанд? | | |
| Аз ин фоидаҳои бадастомада оё онҳо қарор карда метавонанд, ки маблағро барои чӣ сарф кунанд? | | |
| Оё насби новаҳои обнӯшӣ барои занон кори иловагиро пеш меорад (азнавпуркӣ, нигоҳдорӣ)? | | |
| **Таъсирот ба ҷомеа** | | |
| Оё насби нуқтаҳои обнӯшӣ дар чарогоҳ ба ҷамоа аз нуқтаи назари таъминоти беҳтари хӯрокаи сабзи чорво дар чарогоҳҳое, ки аз ҷониби ҷамоа истифода мешаванд, таъсироти мусбӣ хоҳад дошт? | | |
| Оё нуқтаи обнӯшӣ, ки ба ҷамоа тааллуқ дорад, ба низоҳо бо дигар истифодабарандагони чарогоҳ (масалан, подаҳои кӯчанда) бурда расониданаш мумкин аст? | | |
| Оё ҷамоаи Шумо аз таъминоти беҳтари об барои чорво ва дар натиҷа камшавии гирифторшавӣ  ба хатарҳои табиӣ, масалан, ярч, тарма фоида дида метавонад? | | |

| Маълумот барои тамос | Нишонии электронӣ барои иртибот |
|---|---|
| ТҒД "АЗАЛ"<br>Сергей Назаров<br>Дафтар дар ш. Душанбе,<br>кӯчаи И. Сомони 124, хонаи 40<br>(992 37) 235 21 06<br><br>Дафтар дар Ғарм,<br>Ноҳияи Рашт, кӯчаи О. Туйчи 7<br>Телефони корӣ (992 3131) 2 24 34 | |
| ВОКАТ | https://qt.wocat.net/qt_report.php<br>T_TAJ100en<br><br>www.wocat.com |







## 4.3 ПАНОҲГОҲ БАРОИ МУҲОФИЗАТ АЗ ДАРРАНДАГОН

### *ПАНОҲГОҲ БАРОИ МУҲОФИЗАТ АЗ ДАРРАНДАГОН ЧӢ МАЪНО ДОРАД?*

Даррандагон ба монанди палангҳои барфӣ, гургон ё дигар ҳайвоноти дарранда ба чорводорон таҳдиди ҷиддӣ карда метавонанд. Бинобар ин низоми самараноки паноҳгоҳ/молхона тавсия дода мешавад. Молхонае, ки танҳо аз тӯри симин карда шудааст, барои муҳофизат аз даррандагони калон кофӣ нест. Деворҳои сангин (чӣ хеле, ки дар расм нишон дода шудааст) бомуваффақият аз даррандагон муҳофизат мекунад. Аз ҳама муҳимаш ин аст, ки тамоми бом бо симтӯр пӯшонида шавад. Тамоми конструксияи мазкур содда аст ва онро аз маводҳои маҳаллӣ сохтан мумкин мебошад. Чунин деворҳо аз ҷониби истифодабарандагон алоҳидаи чарогоҳ/оилаҳо ва инчунин аз ҷониби ҷамоа барои муҳофизати чорвои худ сохта шудаанд. Андозаи молхонаҳо аз андозаи пода ва эҳтиёҷоти оилаҳо/гурӯҳҳои истифодабарандагон вобаста аст.



### *ОН ЧӢ ТАВР КОР МЕКУНАД?*

Молхонаи хуб сохташуда ба таври самаранок даромадани даррандагонро пешгирӣ мекунад. Ин маънои онро дорад, ки баландии деворҳои сангин бояд ақаллан 2,4 метр бошад ва тамоми боми кушода бо симтӯри 8x8 см пӯшонида шавад (ин маҳофизаткуниро таъмин карда ба даромадани барф имкон медиҳад) ва дар ҳар як фосилаи 50 см бо пояҳо мустаҳкам карда шавад. Дарозии молхонаҳо тақрибан 15 метр ва бараш 8 метр мешавад. Иморати мазкур одатан тиреза надорад, агар ҳамин тавр бошад, пас онҳо ҳам бояд бо симтӯр пӯшонида шавад. Танҳо як дари чӯбини мустаҳкам мешавад, ки онро дар шаб мустаҳкам қулф кардан мумкин аст. Молхонаҳо аз маводҳои маҳаллӣ – санг, чӯб ва сим сохта мешаванд ва зиёда аз 500 гӯсфанд ва бузҳоро ҷой карда метавонанд. Аз ҳама нуқтаҳои муҳим: боми пурра пӯшонидашуда, набудани ягон сӯрохӣ дар девор, дари дар шаб мустаҳкам қулфшаванда.

**Бартариҳо:**

- Муҳофизат аз даррандагон ва паланги барфӣ
- Истифодаи оптималии ҳарорати бадани гӯсфанд дар давоми шаб
- Конструксияи мураккаб нест
- Баъзан танҳо беҳтаркунии паноҳгоҳҳои мавҷуда лозим аст
- Истифодаи маводҳои маҳаллӣ

**Норасоиҳо / Мушкилиҳо / Хатарҳо:**

- Гарон
- Конструксияи бад бо сӯрохиҳо, бе рӯйпӯши пурраи бом > маҳсулнок нест
- Дари паноҳгоҳ, ки мустаҳкам қулф намешавад, инчунин маҳсулнок нест

## НОМГӮИ ШАРТҲОИ ПЕШАКӢ ВА ИМКОНИЯТИ ИСТИФОДАБАРӢ

**"Саволҳои асосӣ"** Агар Шумо ба саволҳо ҷавоби "**Ҳа**" дода натавонед, пас усули пешниҳодшуда барои истифодабарандаи замин ва умуман ҷамоа муносиб нест.

| Саволҳои асосӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё Шумо аз ҳамлаҳои даррандагон зарар мебинед? | | |
| Оё Шумо дорои ҳуқуқҳои қонунии истифодабарандаи чарогоҳ ё дорои шартнома бо дорандагони ҳуқуқҳои соҳибӣ (хоҷагии ҷангал) ҳастед, ки паноҳгоҳ/молхонаро созед? | | |
| Оё шумо барои сохтмон қувваи кории кофӣ доред? | | |
| Оё макони сохтмон ба хатарҳо хеле осебпазир аст? | | |
| Оё Шумо барои кашонидани чӯб ё симтӯр ба дастгирии беруна эҳтиёҷ доред? | | |

Дар қисмати **"Саволҳо"** аз Шумо дар бораи шартҳои пешакии иловагӣ пурсида мешавад. Агар ҷавоб **"Не"** бошад, пас истифодабарандаи замин ё ҷамоа бояд имконияти иваз кардан ё ҳалли масъалаҳои мазкурро дарёфт кунад.

| Саволҳо | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё Шумо ба ҳамаи маводҳои зарура дастрасӣ доред? | | |
| О Шумо аллакай паноҳгоҳеро истифода мебаред, ки бояд беҳтар карда шавад? | | |
| Оё Шумо дар бораи сохтмони паноҳгоҳ маълумот доред? | | |
| Оё Шумо ба дониш ва дастгирии техникии беруна эҳтиёҷ доред? | | |
| Оё Шумо ба дастгирии молиявии беруна эҳтиёҷ доред? | | |
| Оё Шумо дар наҷотдиҳии палангҳои барфӣ ҳавасманд ҳастед? | | |

## МИСОЛИ ҲИСОБКУНИИ МОЛИЯВӢ:

Хароҷотҳои тахминӣ (2013):
250 доллари ИМА барои таҷдид ва насбкунии симтӯр дар бом
2000 доллари ИМА барои молхонаи андозааш миёна
400-500 доллари ИМА барои молхонаи калон (то 700 чорвои хурд)
Нархҳо хароҷоти ҳамлунақлро дар бар мегирад, нархҳо барои маводҳо вобаста ба минтақаҳо хеле фарқ карда метавонанд



| Хароҷот барои сармоягузорӣ | Ҳаҷми сармоягузорӣ |
|---|---|
| Маслиҳати беруна | |
| Сохтмон | |
| Техника | |
| Чӯб | |
| Симтӯр | |
| Хароҷотҳои иловагӣ: | |
| Хароҷотҳои иловагӣ : | |
| Хароҷотҳои УМУМӢ: | |
| **Даромад аз сармоягузорӣ** | |
| Талафоти камтари чорво | |
| Даромадҳои иловагӣ: | |
| Даромадҳои УМУМӢ: | |

## МЕЪЁРҲО БАРОИ ҚАБУЛИ ҚАРОР

Ба саволномаи мазкур бодиққат ҷавоб диҳед. На ба ҳамаи усулҳо бояд бо "**Ҳа**" ҷавоб дод.

Агар дар охир ба аксари саволҳо ҷавоби "**Ҳа**" дода шавад, пас таъсироти мусбӣ бартарӣ дорад, лекин новобаста аз ин, таъсироти манфӣ бояд бодиққат ба инобат гирифта шавад.

| Фоидаи молиявӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё сохтмони паноҳгоҳ дар муҳофизати чорвои Шумо кӯмак мерасонад? | | |
| Оё сохтмони паноҳгоҳ дар давраи дарозмуддат назар ба шикори даррандагон арзонтар ва самараноктар аст? | | |
| Оё молхонаи бехатар чорвои Шуморо ба даррандагон камтар осебпазир мекунад? | | |
| Оё паноҳгоҳ ба таъминоти бештар ва мунтазами таппак бурда расонида метавонад? | | |
| **Таъсироти экологӣ** | | |
| Оё сохтмони молхона ба зиёдшавии шумораи чорво бурда расонида метавонад? | | |
| Оё шумораи зиёди чорво ба эрозия ва ярч бурда расонида метавонад? | | |
| Оё сохтмони паноҳгоҳ чарогоҳҳои дурдастро ҷолиб карда, низоъҳоро байни истифодабарандагони чарогоҳ ва табиати зинда ба миён оварда метавонад? | | |
| **Таъсироти гендерӣ** | | |
| Оё занон аз сохтмони молхона/паноҳгоҳ ва дар натиҷа муҳофизати чорво фоида гирифта метавонанд? | | |
| Оё сохтмони паноҳгоҳ ширҷӯшии занонро содда мекунад? Масалан, тариқи тақсимоти подаҳо дар дохили паноҳгоҳ? | | |
| **Таъсирот ба ҷомеа** | | |
| Оё сохтмони паноҳгоҳ ба ҷамоаи Шумо таъсироти мусбӣ расонида метавонад? Масалан, тариқи подаронии ҷамоавии чорво? | | |
| Оё сохтмони бомуваффақияти паноҳгоҳ барои дигар аъзоёни ҷамоа ё ҷамоаҳои ҳамсоя ҳамчун намуна хизмат карда метавонад? | | |
| Оё сохтмони паноҳгоҳи ҷамоавӣ ба рақобат байни ҷамоаҳо барои дастрасӣ ба чарогоҳ бурда расонида метавонад? Ё чунин рақобатро аён мекунад? | | |

**Маълумот барои тамос**

Татяна, Розен/Мишел
trosen@panthera.org
+992 907 720140

**Нишонии электронӣ барои иртибот**

www.panthera.org







4.4

## ТАВОРАКАШИИ ЗИНДА ДАР ЧАРОГОҲИ ДЕҲА

### *ТАВОРАКАШИИ ЗИНДА ДАР ЧАРОГОҲИ ДЕҲА ЧӢ АСТ?*

Таворакашии зинда технологияе мебошад, ки ба назорати ҳайвонот ва одамон дар қитъаи замин равона карда шудааст. Ин қитъае дар наздикии деҳа буда метавонад, ки зери номи чарогоҳи зимистона ё тирамоҳона маълум аст. Дар давоми тобистон чорво ба чарогоҳи зимистона фиристода мешавад ва қитъаи таворакардашударо барои зимистон – истеҳсоли хӯрокаи чорво истифода кардан мумкин аст.

Тавассути ташкили қатори зичи дарахтон, буттаҳо ва буттазор (ангат, бед, дарахтони мевадиҳанда, сафедор) қад–қади сарҳадҳои қитъа ва дар бисёр ҳолатҳо тавассути таворҳаҳои хордор дастрасиро ба қитъа танзим кардан мумкин аст. Технологияи мазкур махсусан дар атрофи қитъаҳое тавсия дода мешавад, ки дар онҳо растаниҳо ҳоло дар марҳилаи пеш аз гулкунӣ қарор доранд ва махсусан зери таҳдиди ҳайвонҳое, ки озод чарида мегарданд, қарор доранд. Дар дохили қитъаи таворакардашуда кишти хӯрокаи сермаҳсул, ба монанди эспарсет ё юнучқа бо киштгардон бо зироатҳои хӯрокаи чорво тавсия дода мешавад. Илова бар ин, усули мазкурро барои демаркатсияи замин истифода кардан мумкин аст.



### *ОН ЧӢ ТАВР КОР МЕКУНАД?*

Байни пояҳои тавораи зинда масофаи васеъ гузошта мешавад ва қаторҳои алоҳидаи растаниҳои чӯбӣ мунтазам бо қайчӣ кӯтоҳ карда мешаванд. Байни дарахтон (дарахтони мевадиҳанда ё дарахтони дорои фоидаи иловагӣ пешниҳод карда мешавад) буттаҳои хордор, ки даромади иловагӣ меоваранд, ба монанди ангат ё хучи ваҳширо шинонидан мумкин аст. То ба таври кофӣ баланд ва ғафс шудани буттаҳо ё дарахтон барои нигоҳдории сими хордор пояҳои металлӣ ё чӯбӣ, ё дигар маводро истифода кардан мумкин аст.

Муддаои табъ аст, ки навъҳое, ки барои пояҳои тавораи зинда истифода карда шудаанд, дорои қобилияти тези ташаккул додани каллюс ва фаро гирифтани нуқтаи пайвастшавии сим ба поя бошанд.

Қадамҳо барои шинонидани тавора аз ангат:

Тавораи зинда аз ангат, масалан, аз ду қабат иборат аст: қабати беруна ин тавораи бевосита аст, ки аз навдаҳои ангат сохта шудааст. Ин дарҳол дастрасии ҳайвонот ва одамро

маҳдуд мекунад. Қабати дохилӣ иборат аз ниҳолҳои ангат аст ва он дар давоми якчанд мавсим ташаккул меёбад. Ин намуд тавораи зинда то ба баландии 1,5-2 метр сабзида метавонад. Он бояд бо дарахтони мевадиҳанда, бед ё дигар намудҳои пояҳо нигоҳ дошта шавад: навдаҳои ангат бо шохаҳои бед, навдаҳои бед ё сим бофта мешаванд ва ба пояҳои чӯбӣ пайваст карда мешаванд.

### Бартариҳо ва таъсироти иловагии мусбӣ:

1. Даромади иловагӣ меорад (меваҳо, хӯроки чорво, чӯб, ҳезум...)
2. Дарахтони универсалӣ: бо ҳезум, чӯб, хӯроки чорво (баргҳо ҳамчун сарчашмаи баландсифати хӯрока барои чорвои хурд), биомасса, мулчаи бой аз маводҳои ғизоӣ, хӯрока, агар дарахтони мевадиҳанда шинонида шаванд (фурӯш дар бозорҳо = даромад), доруворӣ, агар растаниҳои шифобахш шинонида шаванд, таъмин мекунанд
3. Барои парранадгони ҳашаротхӯр муҳити зист пешниҳод мекунад
4. Дар он ҷое, ки қонун иҷозат медиҳад, ҳамчун як усули таъмини ҳуқуқи соҳибӣ ба замин хизмат мекунад = усули демаркатсияи ҳоҷагиҳо/қитъаҳо
5. Технологияи камарзиш (ташкилнамоӣ ва нигоҳдорӣ), бардавом
6. Таъминоти мунтазам бо хӯроки чорво асоси низоми парвариши чорвои ширдеҳ аст ва дар пешгирии истифодаи аз ҳадд зиёди чарогоҳ кӯмак мерасонад
7. Замини кишоварзиро аз дастрасии одамон, ҳайвонҳое, ки озодона чарида мегарданд ё ҳайвоноти ваҳшӣ муҳофизат мекунад
8. Ба сифати шамолгардон хизмат мекунад
9. Ба сифати дом барои маводҳои ғизонок (талафоти маводҳои ғизонокро, ки одатан тариқи шусташавӣ ё шориши сатҳӣ аз даст дода мешаванд, пешгирӣ мекунад) хизмат мекунад
10. Мубориза бо эрозия, мустаҳкамкунии хок

### Норасоиҳо ва хатарҳо:

1. Мушкилиҳои вобаста ба рақобат (барои нури офтоб: растаниҳои дар наздикӣ сабзанда зери соя қарор гирифтанашон мумкин аст; барои маводҳои ғизоӣ ва об) бо зироатҳои дар наздикбуда ва алафҳои чарогоҳ -->маълумоти бештар дар бораи навъҳои аз ҳама мувофиқ ва стратегияҳои идоракунӣ оид ба муносибкунии вазифаҳои тавораҳои зинда зарур мебошад
2. Пеш аз барраси кардани он ки дарахтон/тавораҳои зиндаро чӣ тавр ба низомҳои ҳоҷагидории маҳаллӣ ҳамроҳ кардан мумкин аст, қонунҳо дар бораи соҳиби ба замин бояд хуб фаҳмида шаванд. Бунёди тавораҳои зинда бояд моделҳои мавҷудаи тақсимот ва назорати заминро ба инобат гирад
3. Тавораҳои зинда паноҳгоҳи ҳашаротҳои зараровар буда метавонанд
4. Ташаккулёбии он вақтро талаб мекунад
5. Агар ба таври дахлдор шинонида нашавад, он самаранок нест

## *НОМГӮИ ШАРТҲОИ ПЕШАКӢ ВА ИМКОНИЯТИ ИСТИФОДАБАРӢ*

**“Саволҳои асосӣ”** Агар Шумо ба саволҳо ҷавоби “**Ҳа**” дода натавонед, пас усули пешниҳодшуда барои истифодабарандаи замин ва умуман ҷамоа муносиб нест.

| Саволҳои асосӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё Шумо ҳуқуқҳои қонунии истифодабарандаро барои тавораkашии қитъа доред? | | |
| Оё қитъа аллакай ба сифати чарогоҳ/замин барои кишти зироат ё хӯрокаи чорво истифода карда мешавад? | | |
| Оё қитъа аз таъсири ҳайвоноте, ки озодона чарида мегардад, зарар мебинад? | | |
| Оё шароитҳои иқлимӣ барои бунёди тавораҳои зинда мувофиқ ҳастанд? Оё дар он ҷой нури офтоб ва оби кофӣ мавҷуд аст? | | |
| Оё ниҳолҳо ва тухмиҳо барои ташкили тавораи зинда мавҷуд ҳастанд? | | |



Дар қисмати **“Саволҳо”** аз Шумо дар бораи шартҳои пешакии иловагӣ пурсида мешавад. Агар ҷавоб **“Не”** бошад, пас истифодабарандаи замин ё ҷамоа бояд имконияти иваз кардан ё ҳалли масъалаҳои мазкурро дарёфт кунад.

| Саволҳо | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё Шумо ба ҳезум, меваҳо, хӯроки чорво, чӯб, мулча ва ғайра талабот доред? | | |
| Оё қитъа гирифтори эрозияи хок (аз шамол ё об) ё ярч аст? | | |
| Оё таҷҳизоти минималӣ барои ташкилкунӣ/нигоҳдории тавораҳои зинда мавҷуд аст? | | |
| Масалан, оё пояҳои бед мавҷуд мебошанд? | | |
| Оё Шумо ба пояҳои металлӣ ё чӯбии кофӣ дастрасӣ доред? | | |
| Оё Шумо дар бораи бунёди воситаи мазкур маълумот доред? | | |
| Оё Шумо ба кӯмаки техникии беруна эҳтиёҷ доред? | | |
| Оё Шумо қувваи кории кофӣ (барои бунёдкунӣ ва нигоҳдорӣ) доред? | | |
| Оё Шумо ба кӯмаки молиявии беруна эҳтиёҷ доред? | | |
| Оё имкониятҳои фурӯши меваҳо дар бозор мавҷуд ҳастанад (агар дарахтони мевадиҳанда ба сифати тавораҳо шинонида шаванд)? | | |
| Оё занон ҳуқуқҳои баробар ба дастрасӣ ба захираҳо ва қарорҳои сармоягузорӣ доранд? | | |

## *ҲИСОБКУНИИ МОЛИЯВӢ*

| Хароҷот барои сармоягузорӣ | Ҳаҷми сармоягузорӣ | Мисолҳо |
|---|---|---|
| Нарх барои навдаҳо ва чӯби хуч | | |
| Нарх барои ниҳолҳо | | |
| Сим, арғамчин | | |
| Об ва мавод барои мулча | | |
| Қувваи корӣ барои: | | |
| Шинонидан | | |
| Нигоҳдорӣ (обдиҳӣ, азнавкунии тавораҳо, ...) | | |
| Хароҷотҳои УМУМӢ: | | |
| **Фоидаи молиявӣ** | | |
| Баландбардори (муҳофизати) ҳосили хӯроки чорво | | |
| Меваҳо/мағз/ангат | | |
| Ҳезум | | |
| **Фоидаи иловагӣ** | | |
| Муҳофизат аз эрозия | | |
| Устуворкунии нишебӣ | | |
| Даромадҳои УМУМӢ: | | |

### *МЕЪЁРҲО БАРОИ ҚАБУЛИ ҚАРОР*

Ба саволномаи мазкур бодиққат ҷавоб диҳед. На ба ҳамаи усулҳо бояд бо “**Ҳа**” ҷавоб дод.

Агар дар охир ба аксари саволҳо ҷавоби “**Ҳа**” дода шавад, пас таъсироти мусбӣ бартарӣ дорад, лекин новобаста аз ин, таъсироти манфӣ бояд бодиққат ба инобат гирифта шавад.

| **Фоидаи молиявӣ** | **Ҳа** | **Не** |
|---|---|---|
| Оё Шумо аз дарахтон, буттаҳо, ки ба сифати тавораҳои зинда шинонида шудаанд, (таъминот бо меваҳо, хӯроки чорво, ҳезум, доруворӣ) фоида гирифта метавонед? | | |
| Оё маҳсулоти дарахт/бутта/буттазор талаботи хонаводаи Шуморо қонеъ мекунад? | | |
| Оё аз фурӯши маҳсулоти дарахтон/буттаҳои мазкур Шумо даромади иловагӣ гирифта метавонед? | | |
| Оё бо тавораҳакашии қитъаи худ Шумо ҳосилнокии зироат/рушди чарогоҳро беҳтар карда метавонед? | | |
| Оё тавораҳакашии зинда ба низоъҳо бо чорвои ҳамсоя оварданаш мумкин аст? | | |
| **Таъсироти экологӣ** | | |
| Оё тавораҳои зинда дар барқарорсозии қитъаи Шумо/сабзишу ҳосилнокии беҳтари растаниҳо/зироатҳои Шумо саҳм гузошта метавонад? | | |
| Оё тавораҳои зинда дар беҳтаркунии ҳосилхезии хок, сохтори хок, пасткунии шӯрхокшавӣ тавассути шинонидани, масалан, дарахтони сафедор ё юлғун дар атрофи қитъаи Шумо мусоидат карда метавонанд? | | |
| Оё тавораҳои зинда иқтидори нигоҳдории хок ва обро дар қитъаи Шумо беҳтар карда метавонанд? | | |
| Оё тавораҳои зинда дар пасткунии хатари гирифторшавии ҷамоаи Шумо ба офатҳои табиӣ (ярч, эрозия, лойқанокшавии чашмаҳо, тармаҳо...) саҳм гузошта метавонанд? | | |
| Оё тавораҳои зинда дар кам кардани бурриши ғайриқонунӣ дар ҷангалҳо, ки барои ҷамъоварии ҳезум карда мешавад, саҳм гузошта метавонанд? | | |
| **Таъсироти гендерӣ** | | |
| Занон дар нигоҳубини (парвариши) дарахтон/буттаҳо/буттазорҳо кадом нақшро иҷро мекунанд? Оё занон дар ташкили тавораҳои зинда/дар шинонидан ва нигоҳубини дарахтон/буттаҳо/буттазорҳо иштирок мекунанд? | | |
| Оё занон аз маҳсулоти дарахт/бутта/буттазорҳо бевосита фоида мегиранд, масалан, тариқи коркард ва фурӯши онҳо? Аз ин фоидаҳои бадастомада оё онҳо қарор карда метавонанд, ки пулро ба чӣ сарф кунанд? | | |
| Оё сохтмон/нигоҳдории тавораҳои зинда барои занҳо кори иловагиро пеш меорад? | | |
| Оё кори иловагӣ ягон натиҷаи ҷоизро барои занон меоварад, масалан, даромади бештар аз фурӯши маҳсулот? | | |
| **Таъсирот ба ҷомеа** | | |
| Оё ҷамоаи Шумо аз ҳезум, чӯб, хӯроки чорво, биомасса, ки тариқи ташкили тавораҳои зинда таъмин карда мешаванд, фоида мебинад? | | |
| Оё ташкили тавораҳои зинда ва ҳамин тариқ рушди хуби қитъаҳои ҷангалзор ба ҷамоа дар хусуси пастшавии хатарҳои офатҳои табиӣ, масалан, ярч, эрозия, тарма таъсироти мусбӣ расонида метавонанд? | | |
| Оё ташкили тавораҳои зинда ба шиддатнокӣ дар ҷамоа дар хусуси рақобат барои маводҳои ғизонок/нури офтоб/об байни тавораҳои зинда ва қитъаҳои ҳамсоя оварда расониданаш мумкин аст? | | |
| Оё ташкили тавораҳои зинда дар чарогоҳи зимистона ва низоми дарав ва кашонидан барои истеҳсоли хӯроки чорво ба аъзоёни ҷамоа дар ҳалли мушкилотҳои соҳибӣ ба замин кӯмак расонида метавонад? | | |
| Оё тавораҳои зинда барои дигар ҷамоаҳо ҳамчун намуна хизмат карда метавонанд? | | |



| **Маълумот барои тамос** | **Нишонии электронӣ барои иртибот** |
|---|---|
| КЕМП ТАБИАТ<br>Умед Булбулшоев (директор)<br>Кӯчаи Соҳибназарова 9, шаҳри Хоруғ<br>+992 935 14 19 45 | http://camp.kg/en/who-we-are/camp-tabiat/<br>umedsho@mail.ru |
| Ҷангалпарвар<br>Ҷамолидин Мадиброн (директор)<br>Кӯчаи Дӯстии Халқҳо 62, 734025, шаҳри Душанбе<br>+992 91 818 18 25 | |
| Чесви (Созмони байналмилалии ҳамкорӣ ва рушд дар Итолиё)<br>Даниил Илёсов (ҳамоҳангсози лоиҳа)<br>+992 985 02 27 37<br>Дафтар дар шаҳри Душанбе:<br>кӯчаи Фирдавсӣ 15<br>Дафтар дар ноҳияи Ховалинг:<br>кӯчаи Мирзо Турсунзода. | daniil.ilyasov@gmail.com |
| Каритаси Швейтсария<br>Афзалшо Насибов (Ҳамоҳангсози лоиҳа)<br>+992 901 10 93 32<br>Кӯчаи Титов 26, хонаи 25, 734025, ш. Душанбе | anasibov@caritas.chv |



## 4.5 КАБЕЛ БАРОИ КАШОНИДАНИ ҚАҲ

### КАБЕЛ БАРОИ КАШОНИДАНИ ҚАҲ ЧӢ АСТ?

Кабел барои кашонидани қаҳ ин сими оҳанини аз болои теппа то водӣ мебошад, ки барои ба поён кашонидани қаҳ истифода карда мешавад. Деҳқонон қаҳро барои захиркунӣ ва хӯрокдиҳии чорво дар фасли зимистон ҷамъ карда метавонанд. Захираи кофии хӯроки чорво имкон медиад, ки азнавдаромадани чорво ба чарогоҳ дар аввали баҳор ба таъхир гузошта шавад. Илова бар ин, он пайдоиши чӯякҳо, обкандҳо (пештар конструксияи соддаи чӯбин барои фаровардани қаҳ ба водиҳо истифода карда мешуд, ки он сабзазори чарогоҳро нобуд сохта ба пайдоиши обканд оварда расонида буд) ва нестшавии ҷангалро пешгирӣ мекунад ва барои барқароршавии чарогоҳи деградатсияшуда бештар вақт фароҳам месозад.



### ОН ЧӢ ТАВР КОР МЕКУНАД?

Кабел барои қаҳро дар ҳама ҷойи заминҳои нишебидор, ки хамиши >30° дорад, насб кардан мумкин аст. Дарозии кабел набояд бештар аз 1000-1200 метр бошад.

Кабели металлӣ бояд пеш аз оғози мавсими ҷамъоварии қаҳ насб карда шавад. Баъд аз ҷамъоварӣ онро канда дар мавсими зимистон нигоҳ доштан мумкин аст ва дар мавсими тобистон аз нав насб кардан мумкин мебошад.

### МАВОДҲОЕ, КИ БАРОИ НАСБКУНӢ ЛОЗИМ МЕБОШАНД

- Сими (кабели) оҳанини диаметри 3-3,5 мм
- Пояҳои оҳанин ё чӯбин барои часпонидани конструксия дар нуқтаҳои фиристониш ва қабули қаҳ, тахминан 4 дона поя бо диаметри 70-80 мм (тақрибан бо дарозии 2 метр)
- Барои мустаҳкамкунии замини нуқтаи қабулкунии қаҳ семент ё маводҳои маҳаллӣ, ба монанди сангро истифода кардан мумкин аст

**Бартариҳо:**

1. Арзиши паст, хароҷотҳоро байни аъзоёни ҷамоа тақсим карда конструксияро якҷоя истифода кардан мумкин аст
2. Насбкуниаш тез мебошад, худи ҷамоа онро ба осонӣ нигоҳ дошта метавонад
3. Камкунии пайдоиши минбаъдаи обканд
4. Фароҳамсозии вақт барои барқарорсозии қитъаҳои деградатсияшудаи чарогоҳ
5. Вақтро барои кашонидани қаҳ ба водӣ/деҳаҳо сарфа мекунад (барои муқоиса: бе кабели қаҳкашонӣ хонаводаҳо дар як рӯз 20-30 банди қаҳро кашонида метавонанд, бо кабели қаҳкашонӣ бошад, онҳо дар як рӯз 1000-1500 банд қаҳро кашонида метавонанд)
6. Сифати баланди хӯрокаи чорво, талафоти камтари қаҳ

**Норасоиҳо ва хатарҳо:**

1. Дар аввал барои насбкунӣ маслиҳати техникӣ лозим аст (баъдан насбкунӣ ва нигоҳдории он осон мебошад)
2. Фишори бештар барои тақсимоти об
3. Майдони бештари заминҳои луч

## НОМГӮИ ШАРТҲОИ ПЕШАКӢ ВА ИМКОНИЯТИ ИСТИФОДАБАРӢ

**"Саволҳои асосӣ"** Агар Шумо ба саволҳо ҷавоби "**Ҳа**" дода натавонед, пас усули пешниҳодшуда барои истифодабарандаи замин ва умуман ҷамоа муносиб нест.

| Саволҳои асосӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё Шумо барои зимистон аз нишебиҳо қаҳ/алаф тайёр мекунед? | | |
| Оё номгӯи маводҳо барои кабел барои кашонидани қаҳ/алаф мавҷуд астанд? | | |
| Оё Шумо ҳуқуқи қонунии истифода кардани қитъа барои алафдаравӣ ва насбкунии кабели қаҳкашонӣ доред? | | |
| Оё ба Шумо барои насбкунии кабел барои кашонидани қаҳ иҷозат гирифтан зарур аст? | | |

Дар қисмати **"Саволҳо"** аз Шумо дар бораи шартҳои пешакии иловагӣ пурсида мешавад. Агар ҷавоб **"Не"** бошад, пас истифодабарандаи замин ё ҷамоа бояд имконияти иваз кардан ё ҳалли масъалаҳои мазкурро дарёфт кунад.

| Саволҳо | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё қитъа барои истеҳсол кардани алаф/қаҳ дар ҳолати камубеш хуб қарор дорад: Оё Шумо аз он ҳаҷми кофии алафро (барои захиракунӣ барои зимистон) гирифта метавонед? | | |
| Оё Шумо дар бораи насбкунии кабел барои кашонидани қаҳ ягон маълумот доред? | | |
| Оё Шумо ба дастгирии техникии беруна эҳтиёҷ доред? | | |
| Оё Шумо барои мавод/сохтмон ба дастгирии молиявии беруна эҳтиёҷ доред? | | |
| Оё Шумо қувваи кории кофӣ доред? | | |
| Оё занон ҳуқуқҳои баробар ба дастрасӣ ба қаҳ/алаф ва кабел барои кашонидани қаҳ доранд? | | |
| Оё занон дар қабули қарорҳо нисбат ба сармоягузорӣ иштирок мекунанд? | | |



## ҲИСОБКУНИИ МОЛИЯВӢ:

Таҷрибаи водии Рашт нишон медиҳад: барои сохтмони низоми кабел барои кашонидани қаҳ тақрибан 320 - 350 доллари ИМА (2013/14) лозим аст, ки маводҳои сохтмони ва меҳнатро дар бар мегирад.

| Хароҷот барои сармоягузорӣ | Ҳаҷми сармоягузорӣ | Мисолҳо |
|---|---|---|
| Пояҳои оҳанин ё чӯбин | | |
| Сими оҳанин (3 - 3,5 мм) | | |
| Маводҳои мустаҳкамкунанда барои нуқтаи қабулкунӣ | | |
| Чангакҳо барои бандҳои қаҳ | | |
| Дигар хароҷот: | | |
| Хароҷотҳои УМУМӢ: | | |
| **Даромад аз сармоягузорӣ** | | |
| Талафоти камтар ҳангоми кашонидан | | |
| Ҷамъоварии хӯрокаи чорво аз майдонҳо ва чарогоҳҳое, ки пешатр дастрас набуданд/дастрасиашон мушкил буд | | |
| **Фоидаи иловагӣ** | | |
| Сарчашмаҳои табиии барқарорсозии рӯиши алафи чарогоҳ | | |
| Ҳифзи таркиби табиии чарогоҳ | | |
| Мустаҳкамкунии таркиби чарогоҳ | | |
| Дигарҳо: | | |
| Даромадҳои УМУМӢ: | | |

## МЕЪЁРҲО БАРОИ ҚАБУЛИ ҚАРОР

Ба саволномаи мазкур бодиққат ҷавоб диҳед. На ба ҳамаи усулҳо бояд бо "**Ҳа**" ҷавоб дод.

Агар дар охир ба аксари саволҳо ҷавоби "**Ҳа**" дода шавад, пас таъсироти мусбӣ бартарӣ дорад, лекин новобаста аз ин, таъсироти манфӣ бояд бодиққат ба инобат гирифта шавад.

| Фоидаи молиявӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё захираи ҳозираи қаҳ/алафи Шумо талаботҳои Шуморо дар фасли зимистон қонеъ месозад? | | |
| Оё Шумо вақт ва маблағро барои чораҳои барқарорсозии чарогоҳ (рӯиши алафи чарогоҳ) дар қитъаи худ сарфа карда метавонед? | | |
| Оё Шумо тавассути ивазкунии хариди қаҳ/алаф маблағро сарфа карда метавонед? | | |
| Оё Шумо бо фурӯши алаф/қаҳ маблағи иловагӣ ба даст оварда метавонед? | | |
| Оё Шумо тавассути ба иҷора додани кабел барои кашонидани қаҳ маблағ ба даст оварда метавонед? | | |
| **Таъсироти экологӣ** | | |
| Оё кабел барои қаҳкашонӣ аз ҳисоби ба таъхир гузоштани даромадани чорво ба чарогоҳ дар аввали баҳор деградатсияи заминро дар қитъае, ки Шумо истифода мебаред, кам мекунад? | | |
| Оё кабел барои қаҳкашонӣ дар барқарорсозии чарогоҳе, ки Шумо истифода мекунед, саҳм гузошта метавонад? | | |
| Оё кабел барои қаҳкашонӣ дар камкунии пайдоиши ҷӯякҳо ва обкандҳо дар чарогоҳе, ки Шумо истифода мекунед, саҳм гузошта метавонад? | | |

| | | |
|---|---|---|
| Оё кабел барои қаҳкашонӣ дар пасткунии хатари гирифторшавии ҷамоаи Шумо ба офатҳои табиӣ (ярч, тарма...) саҳм гузошта метавонад? | | |
| **Таъсироти гендерӣ** | | |
| Дар тайёркунии қаҳ/алаф занон чӣ нақш доранд: Оё занон аз фурӯши қаҳ/алаф (ҳаҷми бештари қаҳро тавассути кабел барои қаҳкашонӣ кашонидан мумкин аст --> фурӯши ҳаҷми зиёдатӣ) фоидаи бевосита мебинанд? | | |
| Аз ин фоидаҳои бадастомада оё занон қарор карда метавонанд, ки маблағро барои чӣ сарф кунанд? | | |
| Оё насбкунии кабел барои қаҳкашонӣ барои занон кори иловагиро пеш меорад? | | |
| Оё кори иловагӣ ягон натиҷаи ҷоизро барои занон меоварад? | | |
| **Таъсирот ба ҷомеа** | | |
| Оё насбкунии кабел барои қаҳкашонӣ дар чарогоҳе, ки ҷамоа истифода мебарад, аз нуқтаи назари таъмин кардани чорвои аъзоёни ҷамоа бо хӯрока таъсироти мусбӣ мерасонад? | | |
| Оё низоми кабел барои қаҳкашонӣ ба тақвияти ҳисси соҳибӣ/идоракунии амалҳои якҷояи ҷамоаи Шумо дар чарогоҳҳое, ки дар наздикии деҳа ҷойгиранд, саҳм хоҳад гузошт? | | |
| Оё ҷамоаи Шумо аз кабел барои қаҳкашонӣ аз лиҳози пасткунии хатари гирифторшавӣ ба офатҳои табиӣ, масалан, деградатсия, ярч, тарма... нафъ дида метавонад? | | |

| Маълумот барои тамос | Нишонии электронӣ барои иртибот |
|---|---|
| ТҒД "АЗАЛ"<br>Сергей Назаров<br>Дафтар дар ш. Душанбе, кӯчаи И. Сомони 124, хонаи 40<br>(992 37) 235 21 06 | http://www.azal.tj/ |
| Дафтар дар Ғарм,<br>Ноҳияи Рашт, кӯчаи О. Туйчи 7<br>Телефони корӣ (992 3131) 2 24 34 | http://camp.kg/en/who-we-are/camp-tabiat/<br>umedsho@mail.ru |
| ВОКАТ | https://qt.wocat.net/qt_report.php |



# ИДОРАКУНИИ ЗАМИНИ КОРАМ





1.1

## УСУЛИ ИДОРАКУНИИ ОБ

### *I. ТАЪМИНИ ОБ ВА ДАСТРАСӢ БА ОН*

Об дар баробари замин манбаи аз ҳама асосӣ ва аз ҳама маҳдуде барои низому системаҳои идоракунии истифодабарии замин маҳсуб мегарданд. Об ин як манбаи маҳдуде мебошад, ки бояд эҳтиёткорона ва оқилона истифода бурда шавад. Ба таври умумӣ, низомҳои таъминкунандаи об обро аз мавқеъҳои мухталиф, баъди амалӣ намудани коркардҳои мухталиф, аз ҷумла аз манбаъҳои обҳои зеризаминӣ (қабатҳои обзо), обҳои сатҳӣ ва дарёҳо, баҳр, тавассути амалияи тақтир дастрас менамоянд. Барои истифодабарандаи замин донистани он ки об аз куҷо, дар кадом вақт ба ӯ мерасад ва он барои рушди минбаъда (тағйироти иқлим) чӣ аҳамияте дорад идоракунии муносиби истифодаи замин муҳим мебошад.

Марҳилаи обёрӣ ба кишти намуди зироат ва фасли мушаххас вобаста мебошад. Дониш ва огаҳӣ дар бораи таъсири тағйироти иқлим бар рӯи таъминоти об ва талабот ба он ба истифодабарандагони замин имкон медиҳад, ки қарори муайянеро қабул намояд. Тағйироти оянда дар масъалаи таъмини бо об бояд на танҳо барои идоракунии зироатҳо, балки инчунин барои як қатор дарахтони боғу боғот низ ба назар гирифта шаванд.

Ҳисоби миёнаи боришҳо (мм, график барои Душанбе)



Имкониятҳои Тоҷикистон чӣ гунаанд? Об аз куҷо ба даст оварда мешавад?

A) Об аз ҳисоби пиряххо, ки аз барфу яххо иборатанд ба даст оварда мешавад.

Агар манбаъи об аз пиряххо бошад, истифодабарандаи замин дар ҳолати роҳат қарор дошта ба таври мудовим то охири фасли тобистон бо об таъмин мебошад.

B) Об аз қуллаи кӯҳҳо аз ҳисоби барфу боронҳо ба даст оварда мешавад.

Аз сабаби он ки бештари миқдори обҳо аз ҳисоби обшавӣ мебошанд, дастрасӣ ба об аз ҳаҷм ва миқдори барфу боронҳо дар кӯҳҳои наздик мавҷуд буда вобаста мебошад.

C) Об танҳо аз ҳисоби борон ба даст оварда мешавад.

Агар Шумо танҳо аз оби борон вобаста бошед, оғоз ва анҷоми мавсими боронҳо барои шинонидан ва кишти зироатҳо хеле муҳим мебошанд.

Албатта, шаклҳои мобайнӣ низ вуҷуд дошта метавонад.

Вале замоне ки сухан дар бораи тағйироти иқлим ва обшавии пиряххо меравад, он гоҳ ин чӣ маъно дорад?

Барои вазъи А. Агар обёрии Шумо аз обҳои пиряххо вобаста бошанд, вазъи таъмини об аз ҷониби, масалан, пиряхи «Федченко» метавонад вазъиятро дар ду марҳила тағйир диҳад. Аввалан, бо афзоиши миқдори об, хатари сар задании обхезиву селобҳо низ зиёд мегардад. Агар пиряххо ба тамом об шаванд, он гоҳ вазъият ба куллӣ тағйир меёбад ва он гоҳ таъминот бо об танҳо бо бориши барфу борон дар кӯҳҳо дар фасли зимистон маҳдуд мегардад.

Барои вазъи B) Агар истифодабарандаи замин воқеан ҳам аз миқдори бориши барфу борон дар кӯҳҳо ва дар зери таъсири тағйироти иқлимӣ вобаста бошад, он гоҳ истифодабарандаи замин доимо вобаста ба барфу боронҳои мавсимии кӯҳистонҳо боқӣ мемонад.

Барои вазъи C) Агар истеҳсоли маҳсулоти зироатӣ бар боришҳо асос ёфта бошад, тағйироти иқлимӣ метавонад дар шаклҳои боришҳои номунтазам ва мӯҳлатҳои номуайяни боронҳои баҳорӣ зоҳир гардад.

Аз ин рӯ ба назар гирифтани оғози мавсими боронҳо ва кишти зироатҳои тирамоҳӣ, бо мақсади пешгирӣ намудани зарарҳои баҳори хушк ва самаранок истифода бурдани нами зимистон, муҳим мебошад. Тамоми стсенария ва вариантҳои зикргардидаи се «намудҳои обёрии» аз ҳам фарққунанда, барои қабул намудани қарорҳои муносиби ҷории марбут ба истеҳсоли маҳсулоти зироатҳо ва қарорҳои ояндаи дур, масалан барои бунёд намудани боғот низ зарур ва муҳим мебошанд.

## II. МУШКИЛИҲОИ УМУМӢ

Агар истифодабарандаи замин аз куҷо пайдо шудан ва омадани обро донад, дар хусуси он ки об чӣ гуна аз тариқи системаҳо ва шабакаҳои обёрӣ гузаштани онро низ бояд ба назар гирад. Амалан ҳар як системаи обёрӣ аз ҷониби истифодабарандагони мухталиф мавриди истифода ва аз ҷониби мақомоти мухталиф идора карда мешаванд ва ҳар ду тараф ҳам дар масъалаи одилона ва баробар тақсим намудани об ба мушкилиҳо дучор мегарданд.

Ҳар як истифодабарандаи об кӯшиш менамояд, ки миқдори ҳар чи бештари обро барои обёрии зироатҳои худ ва зиёд намудани ҳосили маҳсулоти худ истифода барад. Агар мо чунин рафторро бар рӯи тамоми аҳли ҷомеа ҳисоб намоем, яъне бартарии манфиатҳои шахсиро бар манфиатҳои умумӣ, онгоҳ маълум мегардад, ки зарари умумӣ аз манфиати мусбии шахсӣ ба маротиб баландтар мебошад.

Ин мушкилиро метавон тавассути идоракунии муштараки муносиби об ва бар асоси банақшагирии муштарак, ки тамоми истифодабарандагон ва нақшаҳои кишти зироатҳои онҳоро дар бар мегирад, ҳал намуд.



Зироатҳои мухталиф дорои талаботи гуногун ба об мебошанд ва метавон мавқеи баъзе аз онҳоро дар давоми сол тағйир дод.

## III. ҶАДВАЛИ ТАЛАБОТ БА ОБ. ТАҒЙИРПАЗИРӢ ВА МАРҲИЛАҲОИ КИШТИ ЗИРОАТҲО

| Кошт ва шинонидани намуди зироатҳо | Қобилияти тағйирпазирии таъмини об | Баҳор | Тобистон | Тирамоҳ |
|---|---|---|---|---|
| **Ҷуворимакка** 4.000-8.000 л/га | Дар охир тағйирпазир | | | |
| **Помидор** 9.000-20.000 л/га | Тағйирнопазир | | | |
| **Пиёз** 8.000-14.000 л/га | Тағйирнопазир | | | |
| **Офтобпараст** 3.000-5.000 л/га | Дар охир тағйирпазир | | | |
| **Картошка** 2.000-5.000 л/га | Тағйирнопазир | | | |
| **Пахта** 5.000 л/га | Дар охир тағйирпазир | | | |

Нуқтаи муҳим барои истеҳсоли муваффақонаи маҳсулоти зироатӣ ин таъмини алоҳида ва ҷудогонаи мушаххас бо об ба ҳисоб меравад. Талабот ба об дар давоми марҳилаи нашъу намои зироатҳо фарқ мекунад. Ин масъала ба бунёд намудани боғу дарахтони мевадиҳанда низ дахл дорад.

Дар давоми солҳои аввал, талабот ба об бештар аст, вале дар ин марҳилаҳо метавон усули обёрии дарахтони алоҳидаро тавассути пӯшонидани гирди дарахтон (мулчакунонӣ) ва обёрии иловагӣ тавассути зарфҳои шишаӣ (бутилкаҳо) ҳал намуд.

| Меваҳо | Сохтори шинонидани ниҳолҳо | Ҳосили умумӣ аз ҳар як гектар | Талабот ба об л/га |
|---|---|---|---|
| **Зардолу (хушк)** | 8х8 | 0,75 т/га | 4.000- 8.000 |
| **Бодом** | 300 дарахт/га | 3 т/га | 6.000 |
| **Себ** | 8х8 | 10 т/га | 4.000-8.000 |



1.2

## КИШТГАРДОН

Парвариш намудани як навъи зироат дар танҳо як ҷо дар муддати солҳои зиёд ва пай дар пай, ба таври номутаносиб баъзе аз моводи ғизоии хокро ба нестӣ мебарад. Аз ҳамин сабаб ҳам киштгардон як усул ва амалияи умумӣ ва васеъ паҳн гардидаи парвариш намудани як қатор намудҳои аз якдигар фарққунандаи зироатҳо дар як қитъаи замин дар фаслҳои гуногун мебошад. Як унсури маъмулии киштгардони зироатҳо ин пур намудани нитроген тавассути истифодаи нуриҳои сабз дар пайдарпай бо ғалладонагиҳо ва дигар намудҳои зироатҳо мебошад. Ин як ҷузъ ва компоненти бисёрзироатӣ ва ё поликултурӣ мебошад. Киштгардон як механизми хеле муҳим барои ҳосилхез нигоҳ доштани хок, паст намудани миқдори ҳашароти зараррасон, беморииии растаниҳо ва алафҳои бегона мебошад. Зироатҳои мухталиф ба моводи ғизоии мухталиф ниёз доранд ва онҳо ба таркиби хок ва маҳсулнокии он таъсири гуногун доранд. Бо ҳамин сабаб ҳам донистани он ки соли гузашта кадом зироат кишт гардида буд ва соли оянда кадом зироат кишт хоҳад шуд хеле муҳим мебошадБарои мисол офтобпараст зироате мебошад, ки ба нитроген эҳтиёҷи зиёде дорад ва дар муқобил лубиёиҳо бошанд таъминкунандагони Нитроген мебошанд.

Дар баробари таъсири нитрогении зироатҳо, тавассути киштгардон, инчунин мета-вон фишори ҳашароти зараррасонро низ ба танзим даровард. Зироатҳое, ки ба як оилаи ботаникӣ тааллуқ доранд, дар нисбати ҳашароти зараррасон, беморииии растаниҳо ва алафҳои бегона ба мушкилиҳои якхела дучор мегарданд. Ба ҳамин хотир ҳам доштани огаҳии зарурӣ дар хусуси монандиҳо ва фарқиятҳои ботаники зироатҳои киштшаванда ва ба таври мунтазам тағйир додани кишти зироатҳо. Ба мисли ғалладонагиҳо/ҷуворимакка/картошка ва сабзавотҳо хеле муҳим мебошад. Интихоб ва пайдарпаии киштгардони зироатҳо аз сифати хок, иқлим ва боришҳо вобастагӣ дорад, ки ҳама дар якҷоягӣ намуди зироати киштшавандаро муайян менамоянд. Ба ҳангоми амалӣ намудани киштгардон ҳамчунон бояд тарафҳои бозорёбии маҳсулот ва ҷиҳатҳои иқтисодӣ низ бояд дар мадди назар гирифта шаванд. Дар ҷадвали поёнӣ намунаи зироатҳое нишон дода шудаанд, ки метавон онҳоро пас аз зироати дигаре кишт намуд. Ин ҷадвал ба таври мухтасар дараҷаи таъминсозӣ ва ё эҳтиёҷи зироатҳо ба моводи ғизоӣ, тавонмандии муқовимат ба ҳашароти зараррасон ва таркибу комбинатсияҳои муносибро баён менамояд.

| Зироати қаблӣ / Зироати кунунӣ | Картошка | Ҷуворимакка | Офтобпараст | Ғалладонагиҳо | Лубиёгиҳо | Нахуд | Сабзӣ | Помидор | Пиёз | Карам | Клевер | Юнучқа |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Картошка | | ☺ | ☺ | ☺ | ☹ | ☹ | ☹ | ☹ | ☹ | ☺ | ☹ | ☹ |
| Ҷуворимакка | ☹ | | ☹ | ☺ | ☺ | ☺ | ☹ | ☺ | ☺ | ☺ | ☺ | ☺ |
| Офтобпараст | ☹ | ☹ | | ☺ | ☺ | ☺ | ☹ | ☹ | ☹ | ☺ | ☺ | ☺ |
| Ғалладонагиҳо | ☺ | ☹ | ☺ | | ☺ | ☺ | ☺ | ☺ | ☺ | ☺ | ☺ | ☺ |
| Лубиёиҳо | ☺ | ☹ | ☺ | ☺ | | ☹ | ☺ | ☺ | ☺ | ☺ | ☹ | ☹ |
| Нахуд | ☺ | ☹ | ☺ | ☺ | ☹ | | ☺ | ☺ | ☺ | ☺ | ☹ | ☹ |
| Сабзӣ | ☹ | ☺ | ☹ | ☺ | ☺ | ☺ | | ☺ | ☺ | ☺ | ☹ | ☹ |
| Помидор | ☹ | ☹ | ☹ | ☺ | ☺ | ☺ | ☺ | | ☺ | ☺ | ☺ | ☺ |
| Пиёз | ☹ | ☺ | ☹ | ☺ | ☺ | ☺ | ☺ | ☹ | | ☺ | ☺ | ☺ |
| Карам | ☺ | ☺ | ☺ | ☺ | ☺ | ☺ | ☺ | ☺ | ☺ | | ☺ | ☺ |
| Клевер | ☺ | ☺ | ☺ | ☺ | ☹ | ☹ | ☺ | ☺ | ☺ | ☺ | | ☹ |
| Юнучқа | ☺ | ☺ | ☺ | ☺ | ☹ | ☹ | ☺ | ☺ | ☺ | ☺ | ☹ | |

Бо истифода аз ин ҷадвал метавон як киштгардони самаранок ва муҳофизаткунандаи хокро амалӣ намуд. Тавсия дода мешавад, ки ҳадди ақал дар як марҳила лубиёгиҳо ҳамчун киштгардон ва юнучқа (юнучқаро метавон се сол паиҳам кишт намуд) кишт карда шаванд то ки хосилхезии хок ба даст оварда шавад.

Намудҳои мухталифи зироатҳо барои киштгардон мавҷуд мебошанд ва намуди беҳтарини киштгардонро метавон бар асоси навъҳои зироатҳои дар мавқеи мушаххас мавриди дастрасӣ буда муайян намуд. Интихоб ва пайдарпаии киштгардони зироатҳо инчунин аз сифати хок, иқлим, об, механизму таҷҳизот, андозаи майдони кишт, қувваи коргарӣ ва дастрасии худи намудҳои зироатҳои киштшаванда дар майдонҳо вобаста мебошад.

Бо истифодаи баъзе аз намудҳои киштгардони заминҳо кишоварзон метавонанд майдонҳои худро дар тахти маҳсулнокии доимӣ қарор диҳанд ва нагузоранд, ки онҳо барои дамгирӣ холӣ гузошта шаванд. Инчунин дар ин маврид эҳтиёҷ ба истифодаи нуриҳои сунъӣ, ки худ гаронқимат мебошанд аз байн меравад. Натиҷа ва таъсири аслии киштгардон ин аз ҷиҳати ҷуғрофӣ омехта намудани зироатҳо мебошад, ки боиси суст гаштани паҳншавии ҳашароти зарарасон ва бемориҳо дар давоми нашъу намои растаниҳо мегардад. Навъҳои мухталифи зироатҳо ҳамчунон таъсири обу ҳавои номусоидро низ коҳиш дода, ба кишоварз имкон медиҳад, ки киштy ҳосилгундориро дар вақту замонҳои мухталиф ба роҳ монад ва бо ҳамон як миқдори механизму қувваҳои корӣ заминҳои бештареро коркард намояд.

## ЯК НАМУНАИ КИШТГАРДОНИ САБЗАВОТ:

Кишти аввал аз омехтаи навъҳои гуногуни бехмеваҳо шурӯъ мешавад (сабзӣ, лаблабу, пастернак) ва сабзавоте, ки ба оилаи пиёзшаклҳо тааллуқ доранд (пиёз, сирпиёз ва пиёзи даштӣ). Кишти дуюм бо ҷуворимаккаи ширин ва полезиҳо (каду, сквош, бодиринг, кабачки ва тарбуз) шурӯъ мешавад. Сипас, бояд ба заминҳо пору ҳамроҳ карда шавад то ки кишти растаниҳои «дусттдори кислотаҳо» кишт карда шаванд. Кишти сеюми баҳорӣ иборатанд аз сабзавотҳои «дустдори кислота» (помидор, қаламфури булғорӣ, боимҷон ва қаламфури тунд). Дар охир бошад, ҳамчун кишти чорум метавон лубиёгиҳоро парвариш намуд (нахуд, лубиё), ки ҳосилнокии хокро беҳтар менамоянд ва инчунин карам, брокколи ва гулкарам. Дар баҳори соли оянда бояд ҷуворимаккаи ширин (кишти дуюм) ба ҷои бхмеваҳо (кишти якум) кошта шаванд. «Дӯстдорони кислота» (кишти сеюм) ба ҷои кишти якум (ҷуворимаккаи ширин) меоянд. Лубиёгиҳо (кишти чорум) ба ҷои кишти сеюм ("дӯстдорони кислота") меоянд. Ин давра бо бехмевагиҳо ҷамъбаст карда мешавад (кишти якум) тавассути иваз намудани лубиёгиҳо ва карамшаклҳо (кишти чорум).


## ЯК НАМУНАИ КИШТГАРДОНИ САБЗАВОТ:

Кишти аввал аз омехтаи навъҳои гуногуни бехмеваҳо шурӯъ мешавад (сабзӣ, лаблабу, пастернак) ва сабзавоте, ки ба оилаи пиёзшаклҳо тааллуқ доранд (пиёз, сирпиёз ва пиёзи даштӣ). Кишти дуюм бо ҷуворимаккаи ширин ва полезиҳо (каду, сквош, бодиринг, кабачки ва тарбуз) шурӯъ мешавад. Сипас, бояд ба заминҳо пору ҳамроҳ карда шавад то ки кишти растаниҳои «дусттдори кислотаҳо» кишт карда шаванд. Кишти сеюми баҳорӣ иборатанд аз сабзавотҳои «дустдори кислота» (помидор, қаламфури булғорӣ, боимҷон ва қаламфури тунд). Дар охир бошад, ҳамчун кишти чорум метавон лубиёгиҳоро парвариш намуд (нахуд, лубиё), ки ҳосилнокии хокро беҳтар менамоянд ва инчунин карам, брокколи ва гулкарам. Дар баҳори соли оянда бояд ҷуворимаккаи ширин (кишти дуюм) ба ҷои бхмеваҳо (кишти якум) кошта шаванд. «Дӯстдорони кислота» (кишти сеюм) ба ҷои кишти якум (ҷуворимаккаи ширин) меоянд. Лубиёгиҳо (кишти чорум) ба ҷои кишти сеюм ("дӯстдорони кислота") меоянд. Ин давра бо бехмевагиҳо ҷамъбаст карда мешавад (кишти якум) тавассути иваз намудани лубиёгиҳо ва карамшаклҳо (кишти чорум).


## КИШТИ ОМЕХТА / ЗИРОАТҲОИ ОМЕХТА

Ба ғайр аз киштгардони зироатҳо ҳамчун василае барои беҳтар намудани ҳосилхезии хок, ба мақсади мубориза бар зидди ҳашароти зараррасон ва алафҳои бегона. Метавон зироатҳоро якҷо кишт намуд. Кишти омехта /зироатҳои омехта дар қитъаҳои хурди замин ва ё қитъаҳои наздиҳавлигӣ метавонанд ба мисли киштгардон натиҷаҳои мусбӣ ва манфӣ дошта бошанд. Дар ҷадвали зерин роҳҳои интихобии имконпазири зироатҳои омехта нишон дода шудаанд:

| Кишти омехта | Лубиё | Нахуд | Бодиринг | Карам | Сабзӣ | Шалғамча | Лаблабу | Салатҳо | Исфаноҷ | Помидор | Пиёз |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Лубиё | | | ☺ | ☺ | | ☺ | ☺ | ☺ | | ☺ | ☹ |
| Нахуд | ☹ | | ☺ | ☺ | ☺ | | | | | ☹ | |
| Бодиринг | ☺ | | | ☺ | | ☹ | | | | ☹ | ☺ |
| Карам | ☺ | ☺ | ☺ | | ☺ | ☺ | | ☺ | ☺ | ☺ | |
| Сабзӣ | | ☺ | | | | ☺ | ☹ | ☺ | | ☺ | ☹ |
| Шалғамча | ☺ | ☺ | ☹ | ☺ | ☺ | | | ☺ | ☺ | ☺ | |
| Лаблабу | | | ☺ | | | | | ☺ | ☹ | | ☺ |
| Салатҳо | ☺ | ☺ | ☺ | ☺ | | ☺ | ☹ | | | ☺ | ☺ |
| Исфаноҷ | ☺ | | | ☺ | | ☺ | ☹ | | | ☺ | |
| Помидор | ☺ | ☹ | ☹ | ☺ | ☺ | ☺ | | ☺ | ☺ | | |
| Пиёз | ☹ | ☹ | ☺ | ☹ | ☺ | ☹ | ☺ | ☺ | | | |



1.3

## БУНЁДИ БОҒ ВА НИГОҲУБИНИ ОН

Агро ҷангалпарварии бар боғдорӣ асосёфта ин як низоми истифодаи замин мебошад, ки дар зимни он чунин зироатҳо, ба мисли лубиёгиҳо ва ғалладонагиҳо дар байни дарахтон (мевадиҳанда, чормағз ва дарахтони чӯби сохтмонӣ) кишт карда мешаванд. Ин гуна боғу ҷангалҳоро метавон дар пастхамиҳо, нишебиҳо ва инчунин дар зинаҳои кӯҳӣ бунёд намуд. Дар ин маврид таъмин бо об, намуди зироат ва ва навъи худи дарахтон муҳим мебошанд.

Ҳадафҳои ин низом, аз як тараф, баланд бардоштани маҳсулнокии минтақаву заминҳои дар канормонда (тавассути истеҳсоли маҳсулоти зироатии иловагӣ барои истеъмоли дохили хона ва ё бозори маҳаллӣ) ва аз тарафи дигар, муҳофизат намудани хок ва зиёд намудани моводи ғизоии он ва таркиби карбонии он тавассути пӯшонидани сатҳи хок, мебошанд. Аз ҳамин хотир ҳам, ин амал ҳамчун тадбире барои коҳиш додани таъсироти тағйири иқлим низ маҳсуб мегардад.

Таъмин бо об ва дараҷаи нишебӣ ҷузъҳои аз ҳама муҳими бунёди чунин боғот мебошанд. Дараҷаи таъмини об навъи дарахтон ва киштгардони зироатҳоро ва дараҷаи нишебиҳо бошад, масофаи байни қаторҳо ва усулу техникаҳои обёриро муайян менамоянд.

Чунин боғҳо бояд тарзе бунёд карда шаванд, ки (масалан, дар зинаҳои нишеб) ҷои кофӣ барои зироатҳои мобайнӣ вуҷуд дошта бошад. Дар мавриди шинонидани дарахтони себ, 10 метр дар байни қаторҳо ва 4 метр дар дохили қаторҳо тавсия дода мешавад. Қад-қади ҳар як қатори дарахтон як навораи 2-3 метрии алафзор бояд барои сабзидан гузошта шавад ва ин ба хотири муҳофизати замин ва на барои чаронидани чорво.

Ҷой додани оптималии дарахтон дар қад-қади хатти контурӣ ва дар муқобили боду шамолҳои аксаран вазанда (дар ин маврид, гузашт низ лозим мебошад) зарур мебошад. Дар баробари таъминот бо об ва муҳити табиӣ навъи дарахтон муайянкунандаи шумораи дарахтон (таносуби дарахтони нарина ва модина дар нисбати дарахтони писта ва бодом) дар қитъаи боғот низ мебошанд.



Зироатҳои байни дарахтонро, масалан, барои киштгардон чунин муайян намуд: ду сол гандум ва як сол лубиёгиҳо. Киштгардони зироатҳо ҳамчунон бо дараҷаи таъминот бо об, навъи нишебиҳо ва дарахтон низ муайян карда мешавад. Ба мақсади баланд бардоштани маҳсулнокӣ, метавон обёрии иловагиро низ ҷорӣ намуд (хандақу навораҳои заҳкашӣ).

### *БАРТАРӢ ВА КАМБУДИҲОИ НИЗОМИ БОҒДОРӢ ДАР ЧИСТ?*

Бартариятҳои агроҷангалпарварии боғдорӣ, аз як ҷиҳат, аз баланд гардидани маҳсулнокӣ аз ҳар як воҳиди қитъаи замин, бо шарофати истифодаи дуҷонибаи маҳсулоти мевагӣ ва зироатӣ ва дар натиҷа ба даст овардани даромади иловагӣ ва хӯроквориӣ, ва аз ҷиҳати дигар, аз раҳоӣ ёфтан аз вобаста будан аз як намуди зироат, тавассути ҷорӣ намудани гуногуншаклиҳои биологӣ, иборат мебошад. Як боғи бодомзор, агар ба хубӣ идора карда шавад, баъди 2 соли ҳосилғундорӣ метавонад сармоягузории худро рӯйпӯш намояд.

Он ҳамчунон бартариятҳои гуногунеро дар нисбати муҳити табиӣ ва биноан бартарии ғайри мустақимеро барои истифодабарандагони замин доро мебошад. Аввал он ки, ин ба кам гардидани суръати боду шамол оварда расонида, ба беҳтар гардидани микроиқлими қитъаи замин сабаб мегардад. Ин маънои онро дорад, ки тавассути бештар гардидани соязорҳо ва афзоиш ёфтани рӯйпӯши сатҳи хок, дараҷаи ҳарорат ва нисбати бухоршавӣ поин омада, нисбати намнокии хок баланд мегардад. Давомнокии нисбии намнокӣ имкон медиҳад, ки хок дар нисбати шусташавӣ, фарсоишу эрозия муҳофизат карда шуда, талабот ба таъмини оби берунӣ барои майдони кишти зироатҳо коҳиш меёбад.

Зироату дарахтони мухталиф метавонанд дар марҳилаҳои гуногуни рушду нумӯъ ба якдигар таъсироти мусбӣ ва ё манфӣ дошта бошанд. Зироатҳои дорои нисбати баланди сояаандозӣ метавонанд ба суръати рушди дарахтон, дар марҳилаҳои аввалия, таъсири манфӣ расонанд. Баъд аз расидан ба дараҷаи рушди комили дарахтон бошад, зироатҳое, ки дар фасли тобистон ба дараҷаи баланди нури офтоб эҳтиёҷ доранд, метавонанд ба таври манфӣ тахти таъсири сояи дарахтон қарор гиранд. Низоми бағоят мураккаби ин боғот худ хатарест дар роҳи идорасозии дуруст ва бояду шояди ин гунна боғот. .

Масъалаҳои обёрӣ, сояафканӣ, илова намудани нуриҳо, парвариш ва ҳосилғундорӣ, назорати пахншавии ҳашароти зарррасон бояд аз ҳар ду ҷониби идоракунии зироатҳо ва идорасозии дарахтон ба назар гирифта шаванд.

Аз ҳамин хотир ҳам ба роҳ мондани хизматрасониҳои машваратии берунӣ хеле ҳам тавсия дода мешавад.







2.1

## ТОЗАКУНИИ МАЙДОНИ КИШТ

### *ТОЗАКУНИИ МАЙДОНИ КИШТ ЧИСТ?*

Ба таври умумӣ, тоза намудани майдони кишт ин тоза ва озод намудани майдони кишти шумо аз сангу сангпораҳои андозаҳои гуногун мебошад. Дар натиҷаи шудгоркуниҳои оддӣ ва амиқ, одатан сангҳои нав ба болои сатҳи хок бароварда мешаванд.Аммо баъзан дар натиҷаи эрозияи нишебиҳои атроф низ сангҳо ба майдони кишти бароварда мешаванд.

Ин гуна сангҳо на танҳо боиси хароб гардидани таҷҳизоти кории шумо мегардад, онҳо инчунин маҳсули зироатҳои шуморо то ҳадди поён оварда, ҳосилнокии майдони киштро паст менамоянд. Бо вуҷуди ҳамин ҳам метавон он сангҳоро барои манфиат низ истифода бурд. Сангҳоро метавон барои таворасозии қитъаи замин (нигаред ба қисмати тавораҳашӣ) ва ё барои аломатгузорӣ намудани қитъаи замини шумо бо ғарамҳои санг низ ба кор бурд.

Ғарами сангҳо ҳамчунон гуногунии биологии майдонҳоро низ метавонанд беҳтар намоянд, чун онҳо метавонанд маъвое барои намудҳои биологӣ хизмат намоянд ва хокро аз эрозия муҳоизат намоянд.

### *ОН ЧӢ ТАВР КОР МЕКУНАД?*

Дар баробари тавассути техника тоза намудани майдони кишт, боз усули аз ҳама маъмул ва самараноки тозакунии дастӣ низ мавҷуд мебошад. Шумо метавонед майдони киштро баъди ғундоштани ҳосил ва ё пеш аз омода намудани он барои кишт аз сангҳо тоза намоед. Муҳим он аст, ки шумо бояд ба ҳангоми зарурат майдони кишти худро бо таври мунтазам тоза намоед. Агар шумо дар давоми сабзиши растаниҳо майдонро тоза карданӣ бошед, кӯшиш намоед, ки растаниҳо ва зироатҳоро хароб нанамоед.

Дар баробари тозакунии майдон аз сангҳо, инчунин тозакунии умумии майдон (аз ҷумла, аз маводи пластикӣ ва дигар партобҳо) низ ҳатман тавсия дода мешавад..

**Бартарият:**

- Техника ва мошинҳои кишоварзӣ муҳофизат карда мешаванд
- Ҳосили баландтар ба даст меояд
- Сангҳоро метавон ба сифати девора дар шакли тавораҳашӣ барои муҳофизат аз чорво ва ё ҳайвонот истифода бурд
- Дар ҳолати сохтани тавораҳо, он ҳамчунин ба таври иловагӣ, қитъаи замини шуморо аз эрозияи бод ва об низ муҳофизат менамояд.
- Сангҳоро метавон ҳамчун василаи аломатгузорӣ низ ба кор бурд (ҳамчун девора ва ё ғарам)
- Ғарами сангҳо метавонад ҷиҳати гуногуншаклии биологиро дар майдони шумо беҳтар намояд.

**Камбудиҳо ва хатарҳо:**

- Ҳаҷми кори доимӣ ва мунтазам

## *НОМГӮИ ШАРТҲОИ ПЕШАКӢ ВА ИМКОНИЯТИ ИСТИФОДАБАРӢ*

**"Саволҳои асосӣ"** Агар Шумо ба саволҳо ҷавоби "**Ҳа**" дода натавонед, пас усули пешниҳодшуда барои истифодабарандаи замин ва умуман ҷамоа муносиб нест.

| Саволҳои асосӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё шумо барои ин қитъаи замин ҳаққи қонунии истифодаро доред? | | |
| Оё он қитъаи замин дар ҳолати каму беш хуби экологӣ қарор дорад? Ҳанӯз ҳам шумо аз он ҳосили хуб ва фоида мегиред? | | |
| Оё дар наздикии майдони кишти шумо ҷой барои таворакашӣ ва ё ғарам намудани сангҳо вуҷуд дорад? | | |
| Оё барои ба таври мунтазам тоза намудани майдони худ қувваи кории зарурӣ мавҷуд аст? | | |

Дар қисмати **"Саволҳо"** аз Шумо дар бораи шартҳои пешакии иловагӣ пурсида мешавад. Агар ҷавоб **"Не"** бошад, пас истифодабарандаи замин ё ҷамоа бояд имконияти иваз кардан ё ҳалли масъалаҳои мазкурро дарёфт кунад.

| Саволҳо | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё ин гуна кор, ба таври умумӣ метавонад шуғли вазнине барои занон маҳсуб гардад? | | |
| Оё маводи зарурӣ барои интиқол додан ва ҷамъ намудани сангҳо мавҷуд мебошад? | | |

## *ҲИСОБКУНИИ МОЛИЯВӢ:*

| Хароҷоти сармоявӣ | Маблағи сармоягузорӣ | Намуна |
|---|---|---|
| Ҳаҷми кор барои тозакунӣ | | |
| Хароҷоти иловагӣ: | | |
| Харочоти УМУМӢ: | | |
| **Даромадҳои сармоявӣ / фоида** | | |
| Муҳофизат намудани сохтори муҳандисии кишоварзӣ | | |
| Баланд гардидани ҳосилнокӣ | | |
| Даромадҳои иловагӣ: | | |
| Даромадҳои УМУМӢ: | | |

## *МЕЪЁРҲО БАРОИ ҚАБУЛИ ҚАРОР*

Ба саволномаи мазкур бодиққат ҷавоб диҳед. На ба ҳамаи усулҳо бояд бо "**Ҳа**" ҷавоб дод. Агар дар охир ба аксари саволҳо ҷавоби "**Ҳа**" дода шавад, пас таъсироти мусбӣ бартарӣ дорад, лекин новобаста аз ин, таъсироти манфӣ бояд бодиққат ба инобат гирифта шавад.

| Фоидаи молиявӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё шумо аз кам гаштани таъсироти эрозияи об ва бод ва дар натиҷа аз баланд гардидани ҳосилнокии зироатҳо фоидае ба даст овардаед? | | |
| Оё тавассути фурӯши маҳсулоти зиёдатӣ, шумо тавонистед, ки даромади иловагӣ ба даст оред? | | |
| Оё шумо бо кам гаштани хароҷот барои таъмири мошину таҷҳизоти техникӣ тавонистед маблағҳоеро сарфа намоед? | | |



| Таъсироти экологӣ | | |
|---|---|---|
| Оё таворакашӣ бо сангҳо тавонистааст эрозияи хокро дар қитъаи замини шумо камтар намояд? | | |
| Оё таворакашӣ бо сангҳо (деворҳо ва ғайра) тавонистааст гуногуншаклии биологиро дар қитъаи замини шумо беҳтар намояд? | | |
| Оё таворакашӣ бо сангҳо тавонистааст хатари дучоршавӣ бо офатҳои табииро (ярчравӣ, эрозия, такшин ва басташавии чашмаҳо, обхезӣ ...) дар қитъаи замини шумо камтар намояд? | | |
| **Таъсироти гендерӣ** | | |
| Дар парвариши зироатҳо занон кадом нақшро иҷро менамоянд: Оё занон дар ҳамроҳкунии пору ба замин, аз алафҳои бегона тоза намудан, обдиҳӣ ва тозакунии майдони кишт иштирок менамоянд? | | |
| Оё тозакунии майдонҳо аз сангҳо метавонад ба таври манфӣ ба ҳаҷми кори занон таъсир расонад? | | |
| Агар қаблан, масалан, корҳои тозакунии майдонҳо аз сангҳо иҷро нашуда бошанд, пайдо гардидани ҳаҷми иловагии кор метавонад барои занон натиҷаҳои дилхоҳи даромадро фароҳам орад? | | |
| Оё занон худ ҳаққи тасмимгириро дар хусуси барои чӣ сарф намудани маблағҳои иловагиро (бо зиёд гардидани ҳосили маҳсулот) доранд? | | |
| **Таъсирот ба ҷомеа** | | |
| Оё тозакунии майдонҳо аз санг таъсири мусбие бар рӯи ҷамоаи шумо дар нисбати таворакашӣ намудани атрофии майдонҳо кишт ва аломатгузорӣ намудани онҳо дорад? | | |
| Чанд нафар одамон ва ё истифодабарандагони маҳсулот метавонанд аз тоза намудани майдонҳо аз санг ва ғарам намудани онҳо фоида ба даст оранд? | | |
| Оё аломатгузорӣ намудани қитъаи замин бо ғарамҳои санг метавонанд ба таври манфӣ ба дигар хонаводаҳои ҷамоа таъсир расонад? | | |
| Оё ин амалҳо метавонанд ба тезу тунд гардидани муносибатҳо ва ё низоъҳо дар ҷамоаи шумо оварда расонад? | | |
| Оё аломатгузорӣ намудани майдонҳои кишт, бо ғарами сангҳои тавассути тозакунии қитъаҳои замин ба даст омада, метавонад намунаи мусбие барои ҷамоаҳои ҳамсоя маҳсуб гардад? | | |

**Маълумот барои тамос**

Кооперативи САРОБ
Муҳаммадӣ Мӯминов (Директор)
Х. Рӯдакӣ-127.
Рӯдакӣ плаза, утоқи 1113;1115
Тоҷикистон. Душанбе
93 5770230

**Нишонии электронӣ барои иртибот**

sarob.net
muminov01@gmail.com
mmuminov@sarob.net



2.2

# ОБЁРИИ ҚАТРАГӢ

### ОБЁРИИ ҚАТРАГӢ ЧИСТ?

Аксарияти зироатҳои дорои арзиши қиматии баланд дар Тоҷикистон дар заминҳои обёришванда истеҳсол карда мешаванд.

Аз ҳамин сабаб ҳам истифодаи усулу системаҳои самараноктари обёрӣ ҳамчун зарурат маҳсуб мегарданд. Системаи обёрии қатрагиро метавон барои қитъаи наздиҳавлигӣ дар якҷоягӣ бо системаи ҷамъоварии оби борон аз бомҳо ва инчунин барои зироатҳои саҳро ва боғот истифода бурд. Ҳар ду системаи зикргардида обёрии қатрагӣ, дар қиёс бо обёрӣ аз тариқи ҷӯйҳои саркушода, аз нигоҳи истифодаи самараноки об, аз 1,5 то 2 маротиба бештар бартарӣ дорад.

Аз як тараф, онро метавон барои баланд бардоштани маҳсулнокии заминҳо ва аз тарафи дигар, барои сарфаи хароҷот барои об истифода намуд. Дар баробари сарфаи об, обёрии қатрагӣ дар нисбати 90 дар сад бартарии бештарро аз нигоҳи самаранокии истифодаи поруҳо ба сифати маводи ғизоӣ доро мебошад, чун дар ин маврид метавон маводи ғизоиро бевосита б об ҳамроҳ намуд.

Ба таври умумӣ, обёрии қатрагӣ эрозияи обро нигоҳ дошта, монеи сабзиши алафҳои бегона гардида, сарфи қувваи кориро, барои кандан ва тоза намудани ҷӯйҳои обёрӣ, то ҳадди камтарин поин меоварад.

### ОН ЧӢ ТАВР КОР МЕКУНАД?



Дар айни ҳол, обёрии қатрагӣ дар Тоҷикистон бояд дар қитъаҳо ва боғчаҳои назди ҳавлигӣ истифода бурда шавад, чунки захирасозии об ва низоми обрасонӣ (пойгоҳҳои обкашӣ) мушкилии бузурге мебошад. Ба мақсади захирасозии об, як систерна ва ё як ҳавзи аз санг сохташударо якҷо бо дастгоҳи обкашӣ ва ё ягон намуд бочкаеро, ки дар баландӣ насб гардида, дар системаи лӯлаҳои фишори зарурро пайдо менамояд, истифода бурд. Як қитъаи наздиҳавлигии аз 50 м2 то 100 м2 ба як системаи фишори аз 0,1 то 0,2 бар ниёз дорад.

Ба ғайр аз обанбор, боз лӯлаҳои полиэтиленӣ ва асбобҳои чакрадиҳӣ низ зарур мебошанд. Ба мақсади кам намудани хароҷот, метавон печмеҳҳои оддиро ба сифати қисмакҳои чакрадеҳ истифода бурд. Як системаи обёрии қатрагӣ метавонад 90% поруи ҳамроҳ кардашударо сарфа

намояд. Ҳар чи қадар ки системаи лӯлаҳо калон бошанд, ҳамон қадар кӯшишҳои бештар барои тозакунӣ зарур мегарданд.

**Бартариҳо & таъсироти мусбии ҳамроҳ:**

1. Технологияи сарфасозии об (нархи об, андозҳо ...)
2. Тавоноии то 90%  сарфасозии поруҳо
3. Имконияти афзоиш додани маҳсулот ва ё беҳтар намудани таъминот бо об
4. Ҳимоя намудан аз эрозияи хок тавассути истифодаи самараноктари об?
5. Ба камтарин ҳад поин овардани истифодаи қувваи корӣ барои кандан ва нигаҳдории хандақҳо ва тахти назорат гирифтани алафҳои бегона
6. Системаҳои маҳсулотии истифодаи васеи обро диққатҷ
7. ҳалбкунанда менамояд
8. Тақсимоти баробари об дар сар то сари майдони кишт
9. Беҳтарсозии идорасозии назорат аз болои алафҳои бегона

**Камбудиҳо ва хатарҳо:**

1. Барои қитъаҳои калонтар маблағҳои сармоявии калонтар
2. Агар ин система ба таври васеъ насб карда шавад, нигоҳубини он мураккаб ва  қиммат мегардад.

### *НОМГӮИ ШАРТҲОИ ПЕШАКӢ ВА ИМКОНИЯТИ ИСТИФОДАБАРӢ*

**“Саволҳои асосӣ”** Агар Шумо ба саволҳо ҷавоби “**Ҳа**” дода натавонед, пас усули пешниҳодшуда барои истифодабарандаи замин ва умуман ҷамоа муносиб нест.

| Саволҳои асосӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё шумо ҳаққи қонунии истифодаи қитъаи заминро барои насби ин система доред? | | |
| Оё шумо барои насби обанбор ва ё баки об макони кофӣ ва имконият доред? | | |
| Оё ин қитъаи замин ба таври доимӣ аз ҷои зисти шумо дастрас мебошад (барои нигаҳдории пойгоҳҳои обкашӣ, лӯлаҳо ва асбобҳои чакрарезӣ)? | | |
| Оё ҳадди камтарини таҷҳизоти техникӣ мавҷуд мебошад: лӯлаҳо, обанбор ва асбобҳои чакрарезӣ/мехпечҳо? | | |
| Барои насби ин система оё қувваи кории кофӣ доред (обанбор ва новачаҳо? | | |

Дар қисмати **“Саволҳо”** аз Шумо дар бораи шартҳои пешакии иловагӣ пурсида мешавад. Агар ҷавоб **“Не”** бошад, пас истифодабарандаи замин ё ҷамоа бояд имконияти ивaз кардан ё ҳалли масъалаҳои мазкурро дарёфт кунад.

| Саволҳо | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё  ин қитъаи замин дар ҳолати каму беш хуби экологӣ қарор доранд: То ҳанӯз шумо метавонед аз он манфиат бардоред ва оё ҳосил ба таври кофӣ баланд мебошад? | | |
| Оё ин қитъаи замин  ба таври манфӣ аз эрозия зарар дидааст? | | |
| Оё насб намудани системаи қатрагӣ метавонад ҳаҷми корро, махсусан барои занон кам намояд (дар обёрӣ намудани зироатҳо ва дарахтон)? | | |
| Оё шумо ба ёрии техникии махсус эҳтиёҷ доред (насб намудани қаторҳои лӯлаҳо, ҳавзҳои об, асбобҳои чакрадиҳӣ)? | | |
| Оё шумо ба хизматрасониҳои машваратии берунӣ барои ҳисоб намудани молиявӣ ва навиштани нақшаи идоракунӣ эҳтиёҷ доред? | | |



### *ИСОБКУНИИ МОЛИЯВӢ:*

| Хароҷоти сармоявӣ | Маблағи сармоягузорӣ | Намуна |
|---|---|---|
| Ҳавзи об | | |
| Лӯлаҳо | | |
| Дастгоҳи обкашӣ | | |
| Дигар: | | |
| Харочоти УМУМӢ: | | |
| **Даромадҳои сармоявӣ / фоида** | | |
| Сарфаи об | | |
| Сарфаи пору | | |
| Вақти сарфашуда | | |
| Муҳофизати хок | | |
| Даромадҳои УМУМӢ: | | |

### *МЕЪЁРҲО БАРОИ ҚАБУЛИ ҚАРОР*

Ба саволномаи мазкур бодиққат ҷавоб диҳед. На ба ҳамаи усулҳо бояд бо “**Ҳа**” ҷавоб дод. Агар дар охир ба аксари саволҳо ҷавоби “**Ҳа**” дода шавад, пас таъсироти мусбӣ бартарӣ дорад, лекин новобаста аз ин, таъсироти манфӣ бояд бодиққат ба инобат гирифта шавад.

| Фоидаи иқтисодӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Ё шумо ба таври бевосита аз сарфасозии об фоида мегиред? | | |
| Оё шумо дар дарозмуддат метавонед аз талафёбии камтари моводи ғизой ва поруҷо  манфиат бинед? | | |
| Оё шумо бевосита аз сармоягузорӣ ба системаи обёрии қатрай тавонистед манфиат гиред? | | |
| Оё шумо тавонистед майдонҷои зироатҳои худро тавассути истифодаи самараноктари об васеътар намоед? | | |
| Оё шумо тавонистед бо сабабҳои камтар намудани хароҷот барои поруҳо ба таври бевосита маблағ сарфа намоед? | | |
| Оё ба даст овардани маҳсулоти иловагӣ ва кам гаштани эҳтиёҷ ба нерӯи корӣ тавонистааст хароҷоти баланди сармояро рӯйпӯш намояд? | | |
| **Таъсироти экологӣ** | | |
| Оё бунёд намудани низоми обери қатрай ва таъминоти доимии об барои шумо ҷолиб мебошад? | | |
| Оё обёри қатрай сохтори корҳои кишоварзии шуморо беҳтар намудааст? | | |
| Оё обёрии қатрай  дучоршавӣ ба офатҳои табииро (ярчравӣ, эрозия, такшиншавӣ ва баста шудани чашмаҳо обхезиҳо) дар қитъаи замини шумо камтар намудааст? | | |
| **Таъсироти гендерӣ** | | |
| Дар обёрӣ намудани қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва боғча занон кадом нақшро иҷро менамоянд? Оё онхо асосан ба растаниҳо об медиҳанд? | | |
| Оё занон бевосита тавонистаанд аз кам гаштани ҳаҷми кор барои нигаҳдорӣ намудани ҷӯйборчаҳо фоида бинанд? | | |
| Оё занон дар мавриди чигунагии истифодаи маблағҳои гирифта аз ҳосили баланд ҳаққи тасмимгириро доранд? | | |

| Таъсирот ба ҷомеа | | |
|---|---|---|
| Оё бунёд намудани низоми алоҳидаи обёрии қатрай таъсири мусбие дар кам намудани ҳаҷми талабот ба об ва маҳсулоти баландтари кишоварзӣ барои тамоми ҷамоа таъсири мусбие гузоштааст? | | |
| Оё ҷамоаи шумо тавонистааст (аз ҷиҳати иқтисодӣ ва экологӣ), аз насб намудан ва нигоҳдорӣ намудани системаи калонтари дар сатҳи ҷамоа ташкил гардидаи обёрии қатрай, барои истифодабарандагони гуногуни замин манфиат ба даст орад? | | |

| Тамос | Нишонии электронӣ барои иртибот |
|---|---|
| Кооперативи САРОБ<br>Муҳаммадӣ Мӯминов (Директор)<br>Х. Рӯдакӣ-127.<br>Рӯдакӣ плаза, утоқи 1113;1115<br>Тоҷикистон. Душанбе<br>93 5770230<br><br>Умед Шарипов<br>928 222 553<br>вилояти Суғд | sarob.net<br>muminov01@gmail.com<br>mmuminov@sarob.net |







2.3

# МУЛЧАРОНИИ ЗИРОАТ

## *МУЛЧАРОНИИ ЗИРОАТ ЧИСТ?*

Мулчаронии зироат ин як механизми кишоварзӣ буда барои нигоҳ доштани намӣ, беҳтар намудани ҳосилхезӣ ва солимии хок, кам намудани сабзиши алафҳои бегона ва ҷозибу диққатҷалбкунанда намудани қитъаи замин равона карда шудааст. Мулча асосан табиати органикӣ дорад.

Ба ин мақсад шумо метавонед баргҳо, коҳу хаси мулчаронӣ ва ё коҳи саҳроро истифода баред. Мулчаронии зироатро метавон ҳам дар нисбати сабзавот ва ҳам дар нисбати ғалладонагиҳо истифода бурд. Онро ҳамчунон метавон якҷо бо компост истифода бурд. Дигар намуди мулчакунонӣ ин кишти бевоситаи зироат мебошад. Тамоми навъҳои гуногуни мулчакунонӣ ҳосилхезии хокро баланд бардошта. хокро аз эрозияи об ва бод муҳофизат менамоянд.



## *ОН ЧӢ ТАВР КОР МЕКУНАД?*

Бевосита баъди зироати асосӣ шумо зироати дигар а ё дуюмро кишт менамоед. Манфиати аввал ин муҳофизат дар муқобили бод ва эрозияи об мебошад. Дуюм, баъд аз фасли зимистон шумо метавонед он маводи зироатиро ба хок гӯр намуда, онро ҳамчун пору барои беҳтар намудани таркиби хок истифода баред. Роҳи аз ҳама осони беҳтар намудани таркиби хок тавассути мулчакунонӣ, ин дур нигоҳ доштани чорво ва бар болои сатҳи хок тарк намудани хасу хошок мебошад. Дар охирҳои тирамоҳ ва дар фасли зимистон, он қабати хасу хошок хокро аз эрозия муҳофизат намуда, дар фасли баҳор бошад ба ҳангоми шудгор он хасу хошокро метавонед якҷо бо хок ҳамчун пору барои зироатҳои оянда истифода баред.

Дигар роҳи имконпазир ва бештар ҷолиб барои қитъаҳои нисбатан хурдтар, ин гӯр намудани компост дар зери хок ҳамчун маводи ва аз ин тариқ беҳтар намудани таркиби хок мебошад. Дигар усули каммасрафтари мавод ин кишти бевосита ва бидуни шудгор мебошад. Ин маънои онро дорад, ки шумо хасу хошокро дар фасли зимистон дар саҳро тарк менамоед ва соли оянда бевосита бар болои ҳамон хасу хошок кишт менамоед. Ин усул низ нами хокро нигоҳ дошта, ҳосилхезии механизмҳои хокро беҳтар менамояд.

**Бартариҳо:**

- Ҳосили баландтар ва идорасозии маводи ғизоӣ
- Беҳтаршавии хок ва таркиби хок
- Беҳтаршавии намии хок
- Пӯшиши доимии хок қитъаи заминро аз эрозияи хок муҳофизат менамояд
- Беҳтаршавии таркиби хок >ҳосили баландтар
- Беҳтаршавии қобилияти обнигоҳдорӣ > ҳосили баландтар
- Сарфаи нерӯ ва маблағҳо бо сабаби шудгоркунии камтар
- Ҳамчунон метавон компостро ба кор бурд

**Камбудиҳо / Хатарҳо / Мушкилиҳо:**

- Баровардани хӯроки чорво (мулчаронии хасу хошокӣ бар рӯи саҳро, кишти бевосита)
- Донишу огаҳии бештар дар хусуси идорасозии заҳрҳои зиддиҳашарот ва алафҳои бегона
- Хароҷот барои зироатҳои дуюм
- Талафи боқимондаҳои ҳосил ба сифати хӯроки чорво дар фасли тирамоҳ

## *НОМГӮИ ШАРТҲОИ ПЕШАКӢ ВА ИМКОНИЯТИ ИСТИФОДАБАРӢ*

**“Саволҳои асосӣ”** Агар Шумо ба саволҳо ҷавоби “**Ҳа**” дода натавонед, пас усули пешниҳодшуда барои истифодабарандаи замин ва умуман ҷамоа муносиб нест.

| Саволҳои асосӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё шумо ҳаққи қонунии истифодаи қитъаи заминро доред? | | |
| Оё ин қитъа қаблан ба сифати замини кишоварзӣ истифода гардида буд? | | |
| Оё ин қитъа дар ҳолати хуби экологӣ қарор дорад ва оё он хок ҳанӯз ҳам барои кишти зироатҳо ҳосилхез мебошад? | | |
| Оё шумо ба маводи органикии мулчаронӣ дастрасӣ доред? | | |

Дар қисмати **“Саволҳо”** аз Шумо дар бораи шартҳои пешакии иловагӣ пурсида мешавад. Агар ҷавоб **“Не”** бошад, пас истифодабарандаи замин ё ҷамоа бояд имконияти иваз кардан ё ҳалли масъалаҳои мазкурро дарёфт кунад.

| Саволҳо | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё шумо ба зироатҳои дуюм дастрасӣ доред? | | |
| Оё барои шумо истифодаи компост ҳамчун мулча имкон дорад? | | |
| Оё шумо барои идорасозии низоми мураккабтари зироаткорӣ қувваи корӣ ва дониши кофӣ доред? | | |
| Оё имкони истифодаи боқимондаҳои ҳосил ҳамчун маводи мулча вуҷуд дорад? | | |

## *ҲИСОБКУНИИ МОЛИЯВӢ:*

| Хароҷоти сармоявӣ | Маблағи сармоягузорӣ | Намуна |
|---|---|---|
| Зироати дуюм | | |
| Талафи хасу хошок ба сифати хӯроки чорво | | |
| Назорат аз болои истифодаи заҳрҳои зидди ҳашарот | | |
| Хароҷоти иловагӣ | | |
| Харочоти УМУМӢ: | | |
| **Даромадҳои сармоявӣ / фоида** | | |
| Муҳофизат бар зидди эрозия | | |
| Муҳофизати намии хок | | |
| Беҳтаршавии хок | | |
| Даромадҳои иловагӣ | | |
| Даромадҳои УМУМӢ: | | |

## *МЕЪЁРҲО БАРОИ ҚАБУЛИ ҚАРОР*

Ба саволномаи мазкур бодиққат ҷавоб диҳед. На ба ҳамаи усулҳо бояд бо “**Ҳа**” ҷавоб дод.

Агар дар охир ба аксари саволҳо ҷавоби “**Ҳа**” дода шавад, пас таъсироти мусбӣ бартарӣ дорад, лекин новобаста аз ин, таъсироти манфӣ бояд бодиққат ба инобат гирифта шавад.

| Фоидаи иқтисодӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё шумо аз роҳи беҳтарсозии хок ва тавассути фурӯши маҳсулот дар бозор метавонед даромади баландтареро ба даст оред? | | |
| Оё шумо аз роҳи бадастории ҳосилхезии бештари қитъаи замин метавонед амнияти озуқаворӣ ва сатҳи хариди хӯроквориро беҳтар намоед? | | |
| Оё аз ин тариқ шумо метавонед маблағ ба даст оред? | | |
| Оё шумо тавонистаед тавассути хароҷоти камтар ба заҳрҳои зидди ҳашарот ва чораҳои муҳофизат аз эрозияи замин маблағҳоро сарфа намоед...? | | |
| **Таъсироти экологӣ** | | |
| Оё мулчаронии зироатҳо барои шароити иқлимии мавҷуда дар минтақаи шумо муносиб мебошад: | | |
| Оё ба таври кофӣ об ва нури офтоб мавҷуд мебошад? | | |
| Оё мулчаронии зироатҳо тавонистаанд ҳосилхезии қитъаи замини шуморо баланд бардорад? | | |
| Оё мулчаронӣ тавонистааст қобилияти оббардории қитъаи шуморо беҳтар намояд? | | |
| Оё мулчаронии зироатҳо тавонистааст хатарҳои дучоршавӣ ба офатҳои табииро камтар намояд (ярчравӣ, тақшин ва басташавии чашмаҳо, тармафуроӣ, обхезӣ) ? | | |
| Оё мулчаронӣ тавонистааст гуногунии биологиро дар қитъаи замини шумо беҳтар намояд? | | |
| **Таъсироти гендерӣ** | | |
| Нақши занон дар мулчаронии зироатҳо дар чист: оё онҳо барои низоми тайёр намудани компост ва ҷамъоварии баргушохаҳо нақше доранд? | | |
| Оё мулчаронии зироатҳо барои занон шуғли иловагиеро фароҳам меорад? | | |
| Оё пайдо гардидани шуғли иловагӣ метавонад барои барои занон натиҷаи дилхоҳ биёрад, масалан, тавассути бештар гаштани даромад аз фурӯши маҳсулот? | | |
| Оё занон дар хусуси роҳҳои харҷ намудани маблағҳо худ ҳаққи тасмимгириро доранд? | | |
| Оё занон тавонистаанд ба таври бевосита аз ба даст омадани маҳсулоти иловагӣ аз қитъаи замини шумов а беҳтар намудани таъминот бо озуқаворий нафъ гиранд? | | |

| Таъсирот ба ҷомеа | | |
|---|---|---|
| Оё мулчаронии зироатҳо таъсири мусбие бар рӯи ҷамоаи шумо, аз нигоҳи таъминоти беҳтар бо маводи озуқаворӣ ва беҳтар гаштани сифати хок доштааст? | | |
| Оё киштгардони зироат тавонистааст дар ҷамоаи шумо таъсиротеро ба раванди эрозия, ярчравӣ ва ғайра расонад? | | |
| Оё киштгардон тавонистааст ҳамчун намунае барои дигар ҷамоаҳо хизмат намояд? | | |


**Тамос**

Кооперативи САРОБ
Муҳаммадӣ Мӯминов (Директор)
Х. Рӯдакӣ-127.
Рӯдакӣ плаза, утоқи 1113;1115
Тоҷикистон. Душанбе
93 5770230

**Нишонии электронӣ барои иртибот**

sarob.net
muminov01@gmail.com
mmuminov@sarob.net








## 2.4 РАСТАНИҲОИ ЗИРОАТИИ ЗАХИРАКУНАНДАИ НИТРОГЕН

### *РАСТАНИҲОИ ЗИРОАТИИ ЗАХИРАКУНАНДАИ НИТРОГЕН КАДОМҲОЯНД?*

Захирасозии (фиксатсияи) нитроген ин як хусусияти қолабии гардиши маводи ғизоӣ мебошад:

Нитроген ин як гази устувор буда, одатан барои растаниҳо фароҳам намебошад. Захрасозии нитроген и нраванде мебошад, ки дар ҷараёни он баъзе аз растаниҳо нитрогени атмосфераро «захира ва сабт» ва ё ҷамъ намуда, аз ҷиҳати биологӣ онро дастрас менамоянд. Қисми бештари нитрогени атмосферии ҷамъшуда барои зарурати худи растанӣ сарф мегардад, вале қисми дигаре аз он барои зироатҳои минбаъда дастрас мегарданд. Миқдори нитроген барои зироатҳои баъдӣ аз намуди зироатҳое, ки қобилияти андухтани нитрогенро доранд, аз намуди хок ва тарзи коркарди хок барои зироатҳои баъдӣ вобаста мебошад.



### *ОН ЧӢ ТАВР КОР МЕКУНАД?*

Растаниҳое, ки ба ҷумлаи захиракунандагони нитроген дохил мегарданд иборатанд аз растаниҳои оилаи боқилоиҳо ва лубиёгиҳо, юнучқа, кловер, кловери сафед, арахис (чормағзи заминӣ), тирмис ва соя. Онҳо дар таркиби худ бактерияҳои симбиозиро дар ғуддаҳои системаи решаи худ доранд, ки аз худ таркиботи нитрогениро истеҳсол менамоянд, ки дар навбати худ ба растаниҳо имкон медиҳад, ки сабзида бо дигар растаниҳо рақобат намояд. Замоне ки растание мемирад, нитрогени ҷамъшуда барои дигар растаниҳо дастрас мегардад ва он кӯмак мерасонад, ки зироати баъдӣ ҳосилхез гардад. Тухмиҳои боқилоиҳо, кловер ва юнучқа хеле хурд ва рез буда, барои онҳо расиши бевосита ба нами хок зарурат мебошад. Ба хотири ҳамин ҳам мола намудани замин баъди кишти тухмӣ тавсия дода мешавад.

Поруи минералии нитрогенӣ қисман бо зироатҳои қаблии захиракунандаи нитроген иваз карда мешавад.

**Бартарихо ва натичахои мусбии чонибӣ:**

1. Кӯмак дар гардиши маводи ғизой ва ҳосилхезии хок
2. Баъзе аз растанихои зироатии захиракунандаи нитроген решаҳои хеле амиқ доранд →дастрасӣ ба маводи ғизоии зерқабатҳои хок
3. Системаи васеи решаҳо хокро устувор менамоянд → сабзиши мудовим → моддаҳои органикии бештар дар хок, каналу найчаҳо барои ҳавогузаронӣ (аксаран юнучқа)
4. Хӯроки чорвои ғизонок ва ғанӣ аз протеин-сафеда
5. Муҳофизати хок аз эрозия ва ярчравӣ

**Камбудиҳо ва хатарҳо:**

1. Зироатҳои захиракунандаи нитроген дар қиёс бо зиратҳои ғалладонагӣ ба идоракунии фарққкунанда ниёз доранд.
2. Ҳосилнокӣ аз талабот ба об вобаста мебошад. Боқилоиҳо ба мисли юнучқаро низ метавон дар майдонҳои камоб кишт намуд.
3. Бо шарофати қобилияти сабздан дар шароити бад, онҳо метавонанд хӯроки чорвои хубе бошанд, ки онҳоро ба осонӣ метавон парвариш намуд.
4. Лубиёиҳо, ба мисли нахуд, ба таъмини маводи ғизоии дорои Фосфор ниёз доранд (Барои 1 тоннаи эҳтимолии ҳосил -10 кг ба як гектар)

## НОМГӮИ ШАРТҲОИ ПЕШАКӢ ВА ИМКОНИЯТИ ИСТИФОДАБАРӢ

**“Саволҳои асосӣ”** Агар Шумо ба саволҳо ҷавоби “**Ҳа**” дода натавонед, пас усули пешниҳодшуда барои истифодабарандаи замин ва умуман ҷамоа муносиб нест.

| Саволҳои асосӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё шумо барои ин қитъаи замин ҳаққи қонунии истифодаро доред? | | |
| Оё ин қитъаи замин аз ҷои истиқомати шумо дар ҷои наздик ва дастрас воқеъ мебошад (барои нигоҳубин, ҳосилғундорӣ, обёрӣ....дарахтон)? | | |
| Оё барои кишту коркард таҷҳизоти минималии зарурӣ мавҷуд мебошад? | | |
| Оё барои кишт ва парвариши зироатҳо шумо қувваи зарурии кориро доред? | | |
| Оё шароитҳои иқлимӣ барои кишти зироатҳо мусоид мебошанд, нури кофии офтоб, об ва ғайра мавҷуд мебошад,...? | | |
| Оё барои растанихои захиракунандаи нитроген тухмиҳо ва кӯчатҳои зарурӣ мавҷуд мебошанд? | | |

Дар қисмати **“Саволҳо”** аз Шумо дар бораи шартҳои пешакии иловагӣ пурсида мешавад. Агар ҷавоб **“Не”** бошад, пас истифодабарандаи замин ё ҷамоа бояд имконияти иваз кардан ё ҳалли масъалаҳои мазкурро дарёфт кунад.

| Саволҳо | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё он қитъаи замин дар ҳолати каму беш хуби экологӣ қарор дорад? Ҳанӯз ҳам шумо аз он ҳосили хуб ва фоида мегиред? | | |
| Кадом намудҳои растанихои маҳаллии мутобиқгаштаи захиракунандаи нитрогенро шумо медонед? | | |
| Оё ин қитъаи замин ба таври манфӣ аз эрозияи бодҳо ва фарсудашавӣ зарар дидааст (талафи маводи ғизой)? | | |
| Оё кишт намудани растанихои захиракунандаи нитроген барои занон машғулиятҳои кории иловагиро пайдо менамоянд? | | |



| | | |
|---|---|---|
| Оё шумо ба ёрихои махсуси техникӣ ниёз доред (масалан. машинаҳои тухмипош)? | | |
| Оё шумо ба хизматрасониҳои машваратии берунӣ барои ворид намудани лубиёиҳо ба системаи самараноки киштгардони зироатҳо ва ё ба огаҳии бештар дар хусуси имкониятҳои ҷамъоварӣ ниёз доред? | | |

## *КИШТУ КОРИ ЛАЛМӢ:*
## *КИШТУ КОРИ ОБЁРИШАВАНДА:*

| Намуди зироат | Нархи тухмӣ/кг | Ҳосил/га | Захиракунандаи N-барои соли оянда | N- муодили нарх барои соли оянда34/64% N |
|---|---|---|---|---|
| Юнучқа | 25-30 сомонӣ | 20-25t | 70-100 кг N/га | 1075-1345 сомонӣ |
| Тирмис | >50 сомонӣ | 1,5-2 t | 40-70 кг N/га | 110-147 сомонӣ |
| Клевер-беда | 30 сомонӣ | 18-20t | 70- 100 кг N/га | 1075-1345 сомонӣ |
| Арахис | 10- 12 сомонӣ | 1,5-3 t | 50- 150 кг N/га | 190-570 сомонӣ |

## *ҲИСОБКУНИИ МОЛИЯВӢ:*

| Хароҷоти сармоявӣ | Маблағи сармоягузорӣ | Намуна |
|---|---|---|
| Нарх барои (ҷамъкунандаи N) зироат | | |
| Дигар: | | |
| Харочоти УМУМӢ: | | |
| **Даромадҳои сармоявӣ / фоида** | | |
| Поруҳои табиӣ нигаред ба ҷадвал) | | |
| Беҳтарсозиихок, | | |
| Муҳофизат аз хатарҳо | | |
| Пешгирии таназзул-деградатсия | | |
| Даромадҳои УМУМӢ: | | |

## *МЕЪЁРҲО БАРОИ ҚАБУЛИ ҚАРОР*

Ба саволномаи мазкур бодиққат ҷавоб диҳед. На ба ҳамаи усулҳо бояд бо “**Ҳа**” ҷавоб дод.

Агар дар охир ба аксари саволҳо ҷавоби “**Ҳа**” дода шавад, пас таъсироти мусбӣ бартарӣ дорад, лекин новобаста аз ин, таъсироти манфӣ бояд бодиққат ба инобат гирифта шавад.

| Фоидаи иқтисодӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё шумо тавонистед дар кӯтоҳмуддат (бевосита) аз ворид намудани лубиёиҳо ба ҷумлаи зироатҳои киштгардон манфиат ба даст оред? | | |
| Оё дарёфт намудан ва истифода бурдани поруҳои иловагӣ барои ба даст овардани ҳосили баландтар имконият дорад ва ин ба мақсад мувофиқ мебошад? | | |
| Оё шумо ба бозорҳо барои фурӯши нахуд ва лубиёиҳои хӯроки чорво дастрасӣ доред? | | |
| **Таъсироти экологӣ** | | |
| Оё ҷорӣ намудани кишти растанихои захиракунандаи нитроген ба киштгардони зироатҳои шумо ҳосилхезии хокро дар тамоми қитъаи замини шумо беҳтар менамояд? | | |

| | | |
|---|---|---|
| Оё кишти растаниҳои захиракунандаи нитроген раванди эрозияи хокро дар қитъаи замини шумо камтар менамояdt? | | |
| Оё кишти растаниҳои захиракунандаи нитроген тавонистаанд хатари дучоршавӣ ба офатҳои табиӣ дар ҷамоаи шуморо камтар намоянд (ярчравӣ, эрозия, такшин ва басташавии чашмаҳо, обхезӣ)? | | |
| Оё кишти растаниҳои захиракунандаи нитроген тавонистаанд гуногунии намудҳои биологиро дар қитъаи замини шумо беҳтар намояд? | | |
| Оё кишт намудани клевер пеш аз лубӣ ва нахуд манфиатовар мебошад? | | |
| **Таъсироти гендерӣ** | | |
| Дар парвариш ва нигоҳубини зироату растаниҳои захиракунандаи нитроген нақши занон дар чист: Оё занон ба кишт, аз алафҳои бегона тоза намудан, обдиҳии растаниҳои захиракунандаи нитроген ҷалб карда мешаванд? | | |
| Оё занон тавонистаанд ба таври бевосита аз кишти растаниҳои захиракунандаи нитроген, тавассути парвариши зироатҳои хӯроки чорво манфиат ба даст оранд? | | |
| Аз фоидаи фурӯши маҳсулоти ширӣ ва чорво оё занон метавонанд худ қарор қабул намоянд, ки пулро барои чӣ сарф намоянд? | | |
| **Таъсирот ба ҷамоа** | | |
| Оё кишти растаниҳои захиракунандаи нитроген барои ҷомеаи шумо аз нигоҳи ба даст овардани ҳосили баландтар таъсири мусбие доштааст? | | |
| Оё аҳли ҷамоаи шумо аз кишти растаниҳои захиракунандаи нитроген дар чарогоҳҳои деҳа, ба хотири муҳофизат намудан аз офатҳои табиӣ (паст намудани эрозияи бод, об ва ярчравӣ ...) манфиат гирифтааст? | | |
| Оё кишти растаниҳои захиракунандаи нитроген ба дигар хонаводаҳои ҷамоа таъсири манфӣ доштааст? | | |


**Тамос**

Кооперативи САРОБ
Муҳаммадӣ Мӯминов (Директор)
Х. Рӯдакӣ-127.
Рӯдакӣ плаза, утоқи 1113;1115
Тоҷикистон. Душанбе
93 5770230

**Нишонии электронӣ барои иртибот**

sarob.net
muminov01@gmail.com
mmuminov@sarob.net








## 3.1 БУНЁДИ БОҒОТ ДАР НИШЕБИҲОИ САРОЗЕР

### *МАФҲУМИ БУНЁДИ БОҒОТ ДАР НИШЕБИҲОИ САРОЗЕР ЧИРО ДАР НАЗАР ДОРАД?*

Мақсад аз шинонидани дарахтони мевадиҳанда (шафтолу, нок, зардолу ...) дар нишебиҳо ин муҳофизат намудани хок аз эрозия ва ярчравӣ тавассути кам намудани шусташавии хок бо об мебошад. Бар замми он, ин амал барои таъмин намудани аҳли хонавода бо меваҷот ва пайдо намудани даромади иловагӣ тавассути фурӯши мева иусоидат менамояд. Тавре ки дар зерқисмати «Боғдории бар кишоварзии ҷангалдорӣ асосёфта» зикр гардидааст, масофаи холигии байни қатори дарахтонро метавон барои истеҳсоли маҳсулоти зироатӣ ва хӯроки чорво истифода намуд. Худи ҳамин система хеле мураккаб мебошад ва идоракунии ин амал дар нишебиҳо, обёрӣ намудан ва истифода бурдани усулҳои махсуси порухамроҳкунӣ бошад аз ин ҳам бештар мураккабтар мебошад.

### *ОН ЧӢ ТАВР КОР МЕКУНАД?*



Дарахтони мевадиҳандаро қад-қади контури обёрӣ аз рӯи кунҷи кунд ба таври мувозӣ ва параллел бо нишебӣ мешинонанд. Дарахтон аз рӯи контури хандақи ҷӯйборчаҳо, тавре ки дар сурати боло нишон дода шудааст обёрӣ карда мешаванд. Агар ҳолатҳои камбуди оби борон ва хатари аз ҳад зиёди эрозияи хок вуҷуд дошта бошад, ҳамчунон метавон усулу техникаи обёрии лӯлаӣ ва обёрии қатраиро низ истифода бурд. Дар нисбати бодом, камаш 300 дарахт ба ҳар як гектар ва барои писта бошад аз 300 то 400 дарахт вобаста ба навъи дарахт ва таносуби дурусти дарахтони модина ва нарина, тавсия дода мешавад.

Ба мақсади боз ҳам устувортар намудани нишебиҳо метавон дигар зироатҳоро, ба мисли юнучқа ва ё гандумро дар байни қатори дарахтон кишт намуд. Дар мавриди истифодаи чунин намуди идоракунии боғот бояд ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии ҳамаи намудҳои зироатҳо ва таъсири мутақобилаи онҳо ба назар гирифта шавад.

Ба мақсади пешгирӣ намудани чорво аз воридшавӣ ба минтақаи боғоти дарахтони мевадор ва зироатҳои кошташуда, тавракашӣ бо истифодаи симҳо бояд дар назар гирифта шавад.

### Вазифаҳо ва бартарият:

- Устуворгардии хок ва нишебиҳо
- Даромади дутарафа зироатҳои майдон ва инчунин маҳсули дарахтон (меваҷот, чӯб ва ҳезум).
- Нигаҳдории ҳосилхезии хок (истеҳсоли биомасса)
- Беҳтаршавии хосиятҳои кимиёвӣ, физикӣ ва биологӣ (усутуворшавии решаҳо, сояи дарахтон фаъолияти биологии хокро фаъол мегардонад)
- Камшавии эрозияи хок (бодшиканӣ, филтратсияи баландтари об, устуворшавии хок аз тариқи решаҳо)
- Пурзӯршавии тавонмандии ҷазби маводи ғизоӣ (тавассути дарахтони дорои решаҳои амиқ)
- Пурзӯшавии тавонмандии захирасозии об (камшавии бухор)
- Саҳмгузорӣ ба гуногунгардии намудҳои биологӣ (кам намудани хатарҳои молиявӣ дар мавридҳои муҳити фавқулода ва афзоиш ёфтани имкониятҳои пайдо намудани даромад)
- Саҳмгузорӣ дар нармсозии тағйироти иқлим (захирасозии карбон)
- Коҳиш додани ҳолатҳои боғоят экстрималии микро-иқлимӣ (сояафканӣ ва коҳиши зиёди ҳарорати сатҳи хок ва биноан бухоршавӣ; нисбати баландтари нами хок)
- Ҳифзи нерӯ-энергия (камшавии хароҷот барои гармсозии хонаҳо бо сабабҳои бодшиканҳо)

### Камбудиҳо ва хатарҳо:

- Системаи бағоят мураккаби дорои мушкилиҳои зиёд дар ҷараёни кишти зироатҳои муносиб ва инчунин парвариши дарахтон
- Омӯзишҳои иловагӣ ва машваратҳо тавсия дода мешавад
- Рақобат дар байни дарахтон ва зироатҳо (об, маводи ғизоӣ, офтоб)
- Таъминоти мудовими об барои дарахтони ҷавон
- Имкон надоштани таъмини сармояи аввалия(вобаста ба навъҳои дарахтон аз 2 то 10 сол лозим мешавад, ки ҳосили дарахтон ҷамъоварӣ карда шавад.)
- Норасоии таҷҳизот, камбуди тухмиҳо ва кӯчатҳои баландсифат

### *НОМГӮИ ШАРТҲОИ ПЕШАКӢ ВА ИМКОНИЯТИ ИСТИФОДАБАРӢ*

**“Саволҳои асосӣ”** Агар Шумо ба саволҳо ҷавоби “**Ҳа**” дода натавонед, пас усули пешниҳодшуда барои истифодабарандаи замин ва умуман ҷамоа муносиб нест.

| Саволҳои асосӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Шумо ҳаққи қонунии истифодаи қитъаи заминро доред? | | |
| Қаблан ин қитъаи замин ба сифати замини кишоварзӣ истифода гардида буд? | | |
| Оё ин қитъаи замин дар нишебии сарозер ҷойгир гаштааст? | | |
| Оё ин қитъаи замин таҳти эрозияи шадиди хок қарор дорад? | | |
| Оё ин қитъаи замин аз маҳалли зисти шумо дар мавқеи доимо дастрас қарор дорад (барои парвариш, тозакунии шоху дарахтон, обрасонӣ, ҳосилғундорӣ...)? | | |
| Оё шароитҳои иқлимӣ барои дарахтони мевадиҳанда мусоид мебошад: оё миқдори кофии об (дастрасӣ ба об), нури офтоб ...? | | |
| Оё қитъаи замин дар ҳолати хуби экологӣ қарор дорад: оё барои таъмини устувории зарурии боғи дарахтони мевадиҳанда умқи кофии хок вуҷуд дорад? | | |

Дар қисмати **“Саволҳо”** аз Шумо дар бораи шартҳои пешакии иловагӣ пурсида мешавад. Агар ҷавоб **“Не”** бошад, пас истифодабарандаи замин ё ҷамоа бояд имконияти иваз кардан ё ҳалли масъалаҳои мазкурро дарёфт кунад.

| Саволҳо | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё шумо ба меваҷот, чормағзҳо, чӯбу тахта, ҳезум ва ғайра эҳтиёҷ доред? | | |
| Оё ҳадди ақалли таҷҳизот (барои таворакашӣ...) мавҷуд мебошад? | | |
| Дигар маводи кишоварзӣ ба мисли поруҳо ва заҳрҳои зидди ҳашарот мавҷуд мебошад? | | |
| Оё тухмиҳо ва ниҳолҳои кӯчатӣ мавҷуд мебошанд? | | |
| Оё шумо нерӯи кории кофӣ доред (бунёди дарахтзорон, тавраҳо, бёрӣ, ҳосилғундорӣ, буридани шохаву навдаҳо ...) махсусан дар соли аввали бунёдсозӣ? | | |
| Оё барои фурӯши маҳсулоти зиёдати имкониятҳои бозорӣ мавҷуд мебошанд ? | | |
| Оё шумо доир ба шинонидан/нигоҳубини зироатҳо ва дарахтони мухталиф маълумот доред? | | |
| Оё шумо барои кандани хандақу ҷӯйчаҳо ва ҷорӣ намудани обёрии қатрагӣ ба дастгирии махсуси техникӣ ниёз доред? | | |
| Оё шумо барои таҳияи нақшаи идорасозӣ ва ё дарёфт намудани маълумоти бештар дар бораи мушкилиҳо ва унёд намудани боғот дар нишебиҳо ба хизматрасониҳои берунии машваратӣ эҳтиёҷ доред? | | |

### *ҲИСОБКУНИҲОИ МОЛИЯВӢ БАРОИ ЯК ГЕКТАР:*

| Хароҷоти сармоявӣ (Боғи бодом) | Намунаи сармоя | Ҳисобкунии худӣ |
|---|---|---|
| Дарахтон 333/ га | 333 дол. ИМА | |
| Пору барои 5 сол (K,N,P) | 810 Сомонӣ/га | |
| Назорати захрҳои зидди ҳашарот- 2 сол | 200 Сомонӣ/га | |
| Қувваи корӣ: обёрӣ, буридани шоху навдаҳо (1-5 сол) | 3770 Сомонӣ/га | |
| Хароҷоти иловагӣ: | | |
| Хароҷоти иловагӣ: | | |
| Хароҷоти УМУМӢ барои маҳсулот- солҳои 1 то 10: | 21338,50 Сомонӣ | |
| Даромадҳои сармоявӣ | | |
| Меваҳо | 6 дол. ИМА ба як кг | |
| Хӯроки чорвои иловагӣ | Вобаста ба навъи зироат | |
| Фоидаҳои иловагӣ | | |
| Назорат аз болои эрозияи чарогоҳҳо | Вобаста ба сатҳи хок ва нишебӣ | |
| Чӯбу тахта | Аз дарахтон вобаста мебошанд | |
| Даромадҳои иловагӣ | | |
| Фоидаи УМУМИ дар давоми 10 сол (як га): | 80616,50 Сомонӣ | |

### *МЕЪЁРҲО БАРОИ ҚАБУЛИ ҚАРОР*

Ба саволномаи мазкур бодиққат ҷавоб диҳед. На ба ҳамаи усулҳо бояд бо “**Ҳа**” ҷавоб дод.

Агар дар охир ба аксари саволҳо ҷавоби “**Ҳа**” дода шавад, пас таъсироти мусбӣ бартарӣ дорад, лекин новобаста аз ин, таъсироти манфӣ бояд бодиққат ба инобат гирифта шавад.

| Фоидаи иқтисодӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё марҳилаи сармоягузории такрорӣ аз дарахтони шинонидашуда вобаста мебошад? | | |
| Оё дар қитъаҳои пебинишуда имконияти иваз намудани дарахтони бемева ба даратони мевадиҳанда мавҷуд мебошад? | | |
| Агар аз ҷиҳати молиявӣ дар қитъаи замини худ бунёд намудани боғ имкон надошта бошад, шумо метавонед барои ин бо хоҷагии ҷанагали наздиктарин шартнома бандед? | | |
| Оё шумо аз фурӯши меваҷот, чӯбу тахта, ҳезум ва хӯроки чорво метавонед даромади иловагӣ ба даст оред? | | |
| Оё шумо бо сабабҳои кам гаштани хароҷот тавонистаед, ки маблағҳоеро сарфа намоед? | | |
| Оё шумо тавонистаед бо сабаби хароҷоти камтар барои барқарорсзии хароҷоти хароботи офатҳои табиӣ, ба мисли ярчравӣ ва тармаоӣ фоидае ба даст овардаед? | | |
| **Таъсироти экологӣ** | | |
| Оё бунёд намудани боғот тавонистааст аз ярчравиҳои оянда пешгирӣ намояд? | | |
| Оё бунёд намудани боғот тавонистааст ҳосихезии хок ва таркиби хокро (решаҳо) дар қитъаи замини шумо беҳтар намояд (азнавшавии гардиши моводи ғизоӣ ва моводи бештари органикӣ)? | | |
| Оё бунёд намудани боғот дар нишебиҳои сарозер тавонистааст қобилияти обнигаҳдории хокро дар қитъаи ззамини шумо беҳтар намояд? | | |
| Оё бунёд намудани боғот тавонистааст дар кам гаштани буридани ғайриқонунии дарахтон барои ҳезум дар ҷангалзорҳои наздик саҳм гузорад? | | |
| **Таъсироти гендерӣ** | | |
| Дар парвариши дарахтон нақши занон дар чист: Оё занон дар шинонидани дарахтон, буридани шоху навдаҳо.обдиҳӣ ва ҳосилғундорӣ ҷалб карда шудааст? | | |
| Оё занон метавонанд бевосита аз маҳсулоти дарахтони мевадор, масалан тавассути коркард ва фурӯши онҳо, фоида гиранд? | | |
| Аз ҳисоби фоидаи гирифта оё занон метавонанд худ тасмим гиранд, ки барои чӣ он маблағҳоро харҷ намоянд? | | |
| Оё бунёд намудани боғот дар қитъаи замини шумо тавонистааст ҳаҷми корҳои иловагиеро барои занон фароҳам орад (дар бунёдсозӣ ва нигоҳубини дарахтон)? | | |
| Оё занон дар хусуси самтҳои харҷ намудани маблағҳои аз ҳисоби меваҷот ва боғот ба даст омада, ҳаққи тасмимгирӣ доранд? | | |
| **Таъсирот ба ҷамоа** | | |
| Оё бунёд намудани боғот таъсири мусбате ба ҷамоа аз нигоҳи таъминот бо ҳезум ва моводи озуқаворӣ расонидааст? | | |
| Оё бунёд намудани боғот дар нишебиҳои сарозер тавонистааст таъсироти офатҳои табииро барои ҷамоаи шумо камтар намоянд (харобиҳо баъди боронҳои шадид/ярчравиҳо ....)? | | |

**Тамос**

Кооперативи САРОБ
Муҳаммадӣ Мӯминов (Директор)
Х. Рӯдакӣ-127.
Рӯдакӣ плаза, утоқи 1113;1115
Тоҷикистон. Душанбе
93 5770230

**Нишонии электронӣ барои иртибот**

sarob.net
muminov01@gmail.com
mmuminov@sarob.net







3.2

# ҚИТЪАҲОИ МОБАЙНӢ (БУФЕРӢ)ДАР НИШЕБИҲО (ЗАМИНҲОИ КИШТ ВА ЧАРОГОҲ)

## ҚИТЪАИ ЗАМИНИ МОБАЙНӢ (БУФЕРӢ) ЧИСТ?

Як қитъаи замини (таворакашӣ шудаи) мобайнии (буферии) алафзор ва ё лубиёгиҳо (тақрибан по пахнои 10 м) дар доираи замини зироатҳои дар нишебӣ ҷойгиршуда ва ё дар доираи чарогоҳи деҳа (бо нишебии то >12°) кошта шуда ба мақсади устуворсозӣ ва кам намудани эрозияи хок (эрозияи об ва бод) бидуни коркард ва шудгор канор гузошта мешавад. Ин қитъаи тасмашакли алафро метавон як маротиба дар ҳар як мавсими зироаткорӣ ба сифати қитъаи алафу беда истифода бурд. Агар чунин усул ва техника дар мавриди чарогоҳҳо ба кор гирифта шавад, тавсия дода мешавад, ки ин қитъаи таво844ракшишудаи тасмашакл ба мақсади муҳофизат намудани майдони кишт дар муқобили чаридани беназорати чорво ва ҳайвонот ва ҳамчунон ба сифати кишти такрорӣ истифода карда шавад. Ин амал ва чорабинӣ алафтайёркуниро баъди марҳилаи шаклгирии тухмӣ дар бар мегирад.



## ОН ЧӢ ТАВР КОР МЕКУНАД?

Қитъаи мобайнии тасмашакли алафҳо ва ё лубиёиҳои дар қисмати болоии нишебӣ кишт кардашуда, бояд пахнои тақрибан 10 м дошта бошад. Якҷо бо ин қитъаи тасмашакли буферӣ бояд ҷӯйчаи заҳкашӣ ва заҳбур ба мақсади кам намудани шусташавии замини кишт, дар минтақаҳои поёнӣ дар назар гирифта шавад. Он заҳбурҳо бояд ба таври мунтазам аз хоку лой тоза карда шаванд. Дар ҳар як мавсим алафу лубиёиҳои дохили он қитъаи тасмашакл бояд барои беда ва алафи чорво даравида шавад. Ин усул ва техникаро метавон хамчунон ба сифати қисме аз системаи киштгардон ва ё аз нав кишт намудани чарогоҳ истифода бурд. Ин амал бояд якҷо бо бо дигар усулу технологияҳои муҳофизати хок иҷро карда шавад. (Бунёди боғҳо).

## Камбудиҳо ва хатарҳо:

- Метавонад меҳнатталаб бошад: кандани заҳбуру заҳкаш, тоза намудани заҳбурҳо аз хокҳои шусташуда такшин гардида, даравидани алафҳо (барои хасбеда)
- Агар муҳофизат нашавад ва ё камтар муҳофизат шавад, бефоида мегардад –дар муқобили чорво ва ҳайвоноти озод раҳошуда
- Ин равияи кор ба пуррагӣ наметавонад аз эрозияи хок пешгирӣ намояд. Ин амал бояд якҷо бо бо дигар усулу технологияҳои муҳофизати хок иҷро карда шавад. (Бунёди боғҳо).
- Он метавонад манбаи алафҳои бегона бошад ва ба майдони зироатҳо таъсир намояд. Аз ҳамин сабаб ҳам алафдаравӣ бояд то мӯҳлати шаклгирии тухмҳо ба охир расонида шавад.

## Вазифаҳо ва бартарият:

- Кам намудани эрозияи хок, кандани ҷӯйчаҳо ва хандакҳои заҳкашӣ (кам кардани шусташавии заминҳои дар поён ҷойгиршуда)
- НИгаҳдорӣ ва муҳофизат намудани ҳосилхезии хок (киштгардон, чарогоҳгардонӣ)
- Алафдаравӣ ва таҳияи беда аз қитъаҳои алаф
- Беҳтаршавии чарогоҳҳо (аз нав киштшавии табии тухмиҳо)

## *НОМГӮИ ШАРТҲОИ ПЕШАКӢ ВА ИМКОНИЯТИ ИСТИФОДАБАРӢ*

**“Саволҳои асосӣ”** Агар Шумо ба саволҳо ҷавоби “**Ҳа**” дода натавонед, пас усули пешниҳодшуда барои истифодабарандаи замин ва умуман ҷамоа муносиб нест.

| Саволҳои асосӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё шумо бароиистифодаи ин қитъаи замин ҳаққи конунии истифодаро доред? | | |
| Оё ба миқдори кофӣ шумо қувваи коргарӣ доред (барои бунёд намудани қитъаи буферӣ ва ба таври мунтазам тоза намудани заҳбурҳо)? | | |
| Оё қитъаи замини барои хатти тасмашакли кишт дар нишебии камтар аз 12 дараҷа ҷойгир мебошад? | | |
| Оё шумо имкони муҳофизат намудани қитъаи замини мобайнӣ-буфериро дар муқобили чорво ва ҳайвоноти озод раҳошуда доред? | | |
| Оё дар он қитъа алафҳои хӯроки чорво ва лубиёгиҳо мавҷуд мебошанд? | | |
| Оё он қитъаи замин дар ҳолати хуби экологӣ қарор дорад: Оё шумо ҳанӯз ҳам аз он фоида гирифта метавонед? | | |

Дар қисмати **“Саволҳо”** аз Шумо дар бораи шартҳои пешакии иловагӣ пурсида мешавад. Агар ҷавоб **“Не”** бошад, пас истифодабарандаи замин ё ҷамоа бояд имконияти иваз кардан ё ҳалли масъалаҳои мазкурро дарёфт кунад.

| Саволҳо | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё ин қитъаи замин аллакай ба сифати чарогоҳ ва ё замини кишоварзӣ истифода гардида буд? | | |
| Оё ҳадди минималии таҷҳизот ва воситаҳо (барои кандани ҷӯйчаҳои заҳбурӣ) мавҷуд мебошанд? | | |
| Оё таҷҳизоти махсус аз қабили тавораҳои сайёр мавҷуд мебошад? | | |
| Оё барои интихоб намудани тухмиҳои мувофиқ шумо ба хизматрасониҳои машваратии иловагӣ эҳтиёҷ доред? | | |

## *ҲИСОБКУНИИ МОЛИЯВӢ:*

| Хароҷоти сармоявӣ | Маблағи сармоя |
|---|---|
| Тухмиҳо (лубиёгиҳо) | |
| Бунёд намудани ҷӯйчаҳо=заҳбур (агар зарурат бошад) | |
| Тавракашӣ (таворaҳои сайёр) | |
| Хароҷоти иловагӣ: | |
| Хароҷоти иловагӣ: | |
| Хароҷоти УМУМӢ: | |
| **Даромадҳои сармоявӣ** | |
| Хасбеда/Хӯроки чорво | |
| Аз нав тухмипошии чарогоҳ | |
| **Фоидаҳои иловагӣ** | |
| Назорати эрозияи замини чарогоҳ/ майдони зироатҳои нишебӣ | |
| Даромадҳои иловагӣ | |
| Даромадҳои УМУМӢ: | |

## *МЕЪЁРҲО БАРОИ ҚАБУЛИ ҚАРОР*

Ба саволномаи мазкур бодиққат ҷавоб диҳед. На ба ҳамаи усулҳо бояд бо “**Ҳа**” ҷавоб дод.

Агар дар охир ба аксари саволҳо ҷавоби “**Ҳа**” дода шавад, пас таъсироти мусбӣ бартарӣ дорад, лекин новобаста аз ин, таъсироти манфӣ бояд бодиққат ба инобат гирифта шавад.

| Фоидаи иқтисодӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё шумо тавонистед ин усул-технологияро якҷо бо дигар чорабиниҳои муҳофизаткунии хок истифода баред? | | |
| Оё шумо тавонистед қитъаҳои мобайнӣ-буфериро ба низоми киштгардон ва ё тадбирҳои аз нав тухмипошӣ дар чарогоҳ ворид намоед? | | |
| Оё ба даст омадани хасбедаи иловагӣ кори чорводории миқёси хурдро барои ширу мол ҷолибтар намудааст? | | |
| **Таъсироти экологӣ** | | |
| Оё қитъаи мобайнӣ-буферии алафзор тавонистааст дар коҳиш ёфтани эрозияи хок, ярчравӣ, пайдоиши ҷариҳо ва тармафурой ... дар қитъаи замини шумо саҳм гузорад? | | |
| Оё қитъаи мобайнӣ-буферӣ таъсири манфие бар рӯи маҳсулоти кишоварзии шумо дошт (алафҳои бегона, ҳашарот)? | | |
| Оё қитъаи мобайнӣ-буферии ба низоми киштгардон дохилгашта, тавонистааст ба беҳтаршавии нами хок ва ҳосилхезии хок мусоидат намояд? | | |
| **Таъсироти гендерӣ** | | |
| Оё бунёд намудани қитъаи мобайнӣ-буферӣ ва ҷӯйчаҳои заҳбурӣ барои занон кору машғулиятҳои иловагиеро ҷод намудаанд (тозакунии заҳбурҳо, алафдаравӣ, тайёр намудани хасбеда)? | | |
| Оё корҳои иловагии пайдошуда боиси ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ барои занон гардидааст? Масалан, занон метавонанд бевосита аз фурӯши хасбеда фоида ба даст оваранд? | | |
| Оё занон худ ҳаққи тасмимгирӣ дар хусуси чӣ тавр харҷ намудани пули ба даст омада аз тайёркунии хасбеда ва ё хӯронидани чорворо доранд? | | |

| Таъсирот ба ҷамоа | | |
|---|---|---|
| Оё қитъаи мобайнӣ-буферии алафзор дар чарогоҳҳои наздики деҳа тавонистаанд дар коҳиш ёфтани хатари офатҳои табиӣ (ярчравӣ. тармафурой...) барои тамоми аҳли ҷамоа саҳм гузорад? | | |
| Оё бунёд намудани қитъаҳои мобайнӣ-буферии монеъшавандаи алафзор дар масъалаҳои тайёр намудани хӯроки чорво ва барқарорсозии чарогоҳҳои деҳа ва барои чорвои ҷамоа тавонистааст таъсири мусбие доша бошад? | | |

| Тамос | Нишонии электронӣ барои иртибот |
|---|---|
| Кооперативи САРОБ<br>Муҳаммадӣ Мӯминов (Директор)<br>Х. Рӯдакӣ-127.<br>Рӯдакӣ плаза, утоқи 1113;1115<br>Тоҷикистон. Душанбе<br>93 5770230 | sarob.net<br>muminov01@gmail.com<br>mmuminov@sarob.net |







3.3

# ТАВОРАКАШИИ ЗИНДАИ ЗАМИНҲОИ ЗИРОАТӢ

### ТАВОРАКАШИИ ЗИНДА ЧИСТ?

Таворакашии зинда ин усул ва технологияе мебошад, ки ҳадаф аз он идра ва назорат наму-дани ҳаракати ҳайвонот ва одамон дар муқобили қитъаи заминест, ки мавриди истифода қарор дорад. Ин қитъаи замин метавонад чарогоҳе дар наздики деҳа ва ё майдони зироатии хусусӣ, қитъаи назди ҳавлӣ ва ё боғзоре бошад.

Тавассути бунёд намудани қаторе аз дарахтон (дарахтони бемева ва мевадор), буттаю дарахтчаҳо, ба мисли, хулон, буттаҳои зирк ва зилол ва садбаргиҳо метавон тавораҳои зин-даро бунёд намуд. Ин технология махсусан барои атрофи он қитъаҳое тавсия дода мешавад, ки дар онҳо ҳанӯз растаниҳо ҷавон буда дар хатари несткунӣ аз тарафи чорво ва ҳайвонот қарор доранд. Дар дохили чунин тавораҳои зинда киштгардони чунин зироатҳо тавсия дода мешавад: юнучқа бо дигар алафҳои хӯроки чорво, ҳатто гандуми тирамоҳӣ ва ё рапс. Илова бар ин, ин усул ва технологияро метавон ҳамчунон барои ҷудо ва аломатгузорӣ намудани қитъаҳои замин ва сабзонидани ҷангалзору бешазорҳо барои чубу тахта ва ҳезум истифода намуд.

### ОН ЧӢ ТАВР КОР МЕКУНАД?

Қатори дарахту буттаҳоро дар хатти тавораҳои зинда бояд ба таври мунтазам қайчӣ карда ба тартиб даровардан лозим мебошад. Дар мобайни дарахтон (дарахтони мевадор ва дигар намуди дарахтон) тавсия дода мешавад, ки намудҳои мухталифи буттаву дарахтчаҳо, ба мисли, хулон ва ғайра кишт карда шаванд. Замоне ки дарахту буттаҳо қад кашидаву то дараҷаи кофӣ ғафс шуданд, барои такя додани онҳо бояд аз пояҳои оҳанин ва ё чӯбин, инчунин симҳои хор-дор ва дигар мавод истифода бурд.




### ДАР РАСМ: ТАВОРАИ ЗИНДАИ АЗ ХУЛОН ВА АНГАТ БУНЁД ГАРДИДА

Дар ҳолатҳои беҳтарин, намуди набототи дар тавораи зинда истифодашаванда қобилияти хеле зуд фаро гирифтан ва пӯшонидани холигиҳои байни симхорҳо ва сутунҳои такядиҳандаро доранд.

### *МАРҲИЛАҲОИ ШИНОНИДАНИ ТАВОРАҲОИ ХУЛОНИ БАҲРӢВА АНГАТ:*

Тавораи зиндаи аз хулон ва ангат бунёд ёфта, масалан, аз 2 қатор иборат мегарданд, ки қатори берунии он аз тавораи хулонҳои хордор шакл дода мешаванд. Чунин тавораҳо монеи гузаштани одамон, чорво ва ҳайвонот мегардаднд. Дар қатори дохилӣ бошад ниҳолчаю дарахтчаҳои хурдро ҷой медиҳанд, ки бо гузашти солҳо ва дар фаслҳои минбаъда қад кашидаву мустаҳкам мегарданд. Чунин намуди тавораҳои зинда метавонанд то 1.5-2 м қад кашанд. Барои такя додани онҳо метавон аз дарахтони мухталифи мевадор ва ё бед истифода бурд. Худи қатори буттаҳои хулонро метавон бо химчаҳои бед, навдаҳои он ва ё симҳо бо пояҳои чӯбин пайваст намуд.

#### Бартариҳо ва таъсироти ҷонибии мусбӣ:

1. **Даромади иловагӣ ба вуҷуд меорад** (меваҷот, хӯроки чорво, чӯбу тахта, ҳезум)
2. **Дарахтони истифодаи мухталиф:** ҳезум, чӯбу тахта, хӯроки чорво, истеъмоли мева, агар дарахтони мевадиҳанда бошанд
3. Гунаҳои мухталифи биологиро дар худ ҷой медиҳанд, ба мисли **паррандаҳои шикоркунандаи ҳашарот**
4. Ба сифати усуле барои таъмини амнияти **молкият ба замин,** ҷое, ки қонун иҷозат медиҳад
5. **Технология ва усули камхарҷ** (бунёдсозӣ ва нигоҳубин)
6. Таркибе аз дарахтон ва буттаҳо имкон медиҳад, ки нами хок нигоҳ дошта шавад
7. Дарахту буттаҳои захиракунандаи нитроген хокро ҳосилхез мегардонанд (таркиби хок, инкишофи решаҳо).
8. Заминҳои киштро аз воридшавии одамон, чаридани озодонаи чорво ва ҳайвоноти ваҳшӣ муҳофизат менамоянд.
9. Ба сифати бодшиканҳо, пешгирикунандаи эрозия ва устуворкунандаи хок хизмат менамоянд.
10. Ба сифати нигаҳдорандаи моводи ғизоӣ хизмат менамоянд (пешгирӣ аз талафёбии моводи ғизоӣ бар асари ишқорнок шудан ва шусташавӣ)

#### Камбудиҳо ва хатарҳо:

1. Мушкилиҳо дар масъалаи **рақобат** (нури офтоб, об, моводи ғизоӣ)
2. **Қонунҳои моликият ба замин** бояд пеш аз ҷорӣ намудани таврасозии зиндаи дарахтон ба системаи кишоварзии маҳаллӣ ба назар гирифта шавад. Бунёди тавораҳои зинда бояд структура ва сохтори мавҷудаи тақсимоти заминро ба эътибор гирад.
3. Метавонад макони ҷой гирифтани **ҳашароту туфайлиҳо-паразитҳои зараррасон гарданд**
4. Бунёдсозӣ вақту замони муайянро талаб менамояд
5. **Агар ба таври дуруст кишт карда нашаванд**, манфиатнок ва самарабахш намегардад
6. Дарахтони ҷавон ва буттаҳо низ худ бояд аз чорво ва ҳайвоноти озод раҳо шуда, тавассути зарфҳои пластикӣ ва дигар усулҳои муҳофизатӣ бояд ҳимоя карда шаванд.

### *НОМГӮИ ШАРТҲОИ ПЕШАКӢ ВА ИМКОНИЯТИ ИСТИФОДАБАРӢ*

**“Саволҳои асосӣ”** Агар Шумо ба саволҳо ҷавоби “**Ҳа**” дода натавонед, пас усули пешниҳодшуда барои истифодабарандаи замин ва умуман ҷамоа муносиб нест.

| Саволҳои асосӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Барои қитъаи таворабандишуда шумо ҳаққи қонунии истифодаро доред? | | |
| Ин қитъаи замин аллакай ба сифати замини кишти зироатҳо ва ё май-дони кишти назди ҳавлӣ истифода гардида буд? | | |
| Оё ин қитъаи замин аз чорво ва ҳайвоноти озод раҳошуда зарар дидааст? | | |
| Оё шароити иқлимӣ барои бунёд намудани тавораҳои зинда мусоид мебошанд? Оё дараҷаи кофии офтоб ва об мавҷуд мебошад? | | |
| Оё ниҳолҳо, тухмиҳо ва ё қаламчаҳои дарахтон барои бунёд намудани тавораҳои зинда мавҷуд мебошанд? | | |

Дар қисмати **“Саволҳо”** аз Шумо дар бораи шартҳои пешакии иловагӣ пурсида мешавад. Агар ҷавоб **“Не”** бошад, пас истифодабарандаи замин ё ҷамоа бояд имконияти иваз кардан ё ҳалли масъалаҳои мазкурро дарёфт кунад.

| Саволҳо | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё шумо ба ҳезум, меваҷот, хӯроки чорво, чӯбу тахта, мулча ва ғайра эҳтиёҷ доред? | | |
| Оё худи қитъаи замин ва ҳудудҳои он ба эрозияи хок (эрозияи об ва бод) ва ё ярчравӣ дучор гаштааст? | | |
| Оё мавод ва таҷҳизоти минималӣ барои бунёд ва нигаҳдории тавораҳои зинда мавҷуд мебошанд (моводи таворакашӣ дар соли якум)? | | |
| Оё шумо ба сутунҳои оҳанин ва чӯбин ба миқдори кофӣ дастрасӣ доред? | | |
| Оё шумо ба таври кофӣ нерӯи корӣ доред (барои бунёд намудан ва нигоҳубин намудан)? | | |
| Оё барои фурӯши меваҷот имкониятҳои бозорӣ вуҷуд доранд (агар дарахтони мевадиҳанда ба сифати тавораҳо шинонида шуда бошанд)? | | |
| Оё шумо барои дарёфт намудан ва бо тартиби дуруст истифода бурдани дарахтон ва ё буттаҳои маҳаллии ба минтақа мутобиқгардида ба маш-варату маслиҳатҳои берунӣ эҳтиёҷ доред? | | |

### *ҲИСОБКУНИИ МОЛИЯВӢ:*

| Хароҷоти сармоявӣ | Маблағи сармоя |
|---|---|
| Нархи шохаву навдаҳои буттаҳо | |
| Нарх барои шинонидан | |
| Сим ва таноб | |
| Моводи мулчакунонӣ ва об | |
| Нерӯи корӣ барои: | |
| Шинонидан | |
| Нигоҳубин (обдиҳӣ, азнавсозии тавораҳо ...) | |
| хароҷоти УМУМӢ: | |
| **Фоидаи молиявӣ** | |
| Беҳтаршавии маҳсулоти хӯроки чорво (муҳофизат) | |
| Меваҷот/чормағз/хулони баҳрӣ | |
| Ҳезум | |
| **Фоидаи иловагӣ** | |
| Ҳимоя аз эрозия | |

| | |
|---|---|
| Устуворгардонии нишебиҳо | |
| Даромадҳои УМУМӢ: | |

### *МЕЪЁРҲО БАРОИ ҚАБУЛИ ҚАРОР*

Ба саволномаи мазкур бодиққат ҷавоб диҳед. На ба ҳамаи усулҳо бояд бо "**Ҳа**" ҷавоб дод.

Агар дар охир ба аксари саволҳо ҷавоби "**Ҳа**" дода шавад, пас таъсироти мусбӣ бартарӣ дорад, лекин новобаста аз ин, таъсироти манфӣ бояд бодиққат ба инобат гирифта шавад.

| **Фоидаи иқтисодӣ** | **Ҳа** | **Не** |
|---|---|---|
| Оё шумо аз дарахтон ва буттаҳои ба сифати тавораҳои зинда шинонидашуда метавонед ба таври фаврӣ фоида гиред? | | |
| Оё маҳсулоти дарахтон ва буттаҳо метавонанд ба пуррагӣ эҳтиёҷоти хонаводаи шумо ба меваҷот ва буттамеваҳоро таъмин намоянд? | | |
| Оё шумо метавонед тавассути фурӯши ин маҳсулоти дарахтон ва буттаҳо даромади иловагӣ ба даст оред? | | |
| Оё тавассути таворакашӣ намудани қитъаи замини худ шумо метавонед ҳосилнокии зироатҳои худ ва сабзиши чарогоҳҳоро беҳтар намоед? | | |
| Оё тавораи зинда метавонад ба низои байни ҳамсоягони истифодабарандагони чорвои хонагӣ гардад? | | |
| **Таъсироти экологӣ** | | |
| Оё тавораи зинда метавонад ҳосилхезии хок ва таркиби хокро беҳтар намуда, тавассути шинонидани дарахтони, мисли, сафедор ва ё тамашқ дар гирдогирди қитъаи замин дараҷаи шӯршавии зминро поин оварад? | | |
| Оё тавораи зинда тавонистааст қобилияти обнигаҳдории хокро дар қитъаи замини шумо беҳтар намояд? | | |
| Оё дараҷаи баланди қобилияти обнигаҳдорӣ тавассути тавораи зинда метавонад барои мутобиқшавӣ бо дараҷаҳои баланди ҳарорат ва тағйироти иқлим кӯмак расонад? | | |
| Оё тавораи зинда барои коҳиш додани хатари дучоршавӣ ба офатҳои табиӣ (ярчравӣ, эрозия, такшиншавӣ ва басташавии чашмаҳо, тармафурой…) дар қитъаи замини хусусии шумов а қитъаи замини назди ҳавлӣ метавонад саҳм гузорад? | | |
| Оё метавонад тавораи зинда дар кам гаштани ҳолатҳои буридани ҷангалҳои атроф барои ҳезум сабаб гардад? | | |
| **Таъсироти гендерӣ** | | |
| Оё занон ба бунёд намудани тавораҳои зинда, шинонидан ва нигоҳубин намудани дарахту буттаҳо ҷалб карда мешаванд? | | |
| Оё занон ба таври мустақим метавонанд аз маҳсулоти дарахтон ва буттаҳо. Масалан, тавассути коркард ва фурӯши онҳо фоида гиранд? Аз ҷумлаи чунин фоида. Оё онҳо метавонанд маблағҳоеро бо хости худ харҷ намоянд? | | |
| Оё бунёд намудани тавораҳои зинда метавонанд барои занон имкониятҳои шуғлии наверо ба вуҷуд оваранд? | | |
| **Таъсирот ба ҷомеа** | | |
| Оё ҷамоаи шумо аз худкафо ва худтаъмин гаштани истифодабарандагони инфиродӣ бо чӯбу ҳезум манфиате гирифтааст? | | |
| Оё бунёд намудани тавораҳои зиндаи хусусӣ таъсири мусбие барои ҷамоаи шумо дар нисбати кам кардани хатари офатҳои табиӣ, масалан, ярчравӣ, эрозия ва тармафурой расонида тавонистааст? | | |
| Оё бунёд намудани тавораҳои зинда сабаби тезу тунд гаштани муносибатҳо дар дохили ҷамоа дар робита бо рақобатҳо бар сари ҳаққи истифодаи замин дар байни истифодабарандагони замини ҳамсоя гардидааст? | | |



| | | |
|---|---|---|
| Оё бунёд намудани тавораҳои зинда барои чарогоҳҳои зимистонӣ ва рушди низоми истеҳсоли хӯроки чорво ба аъзои ҷамоа дар ҳал намудани масъалаҳои марбут ба моликият ба замин кӯмак расонидааст? | | |
| Оё бунёд намудани тавораҳои зиндаи хусусӣ метавонад намунае барои ҷамоаҳои дигари ҳамсоя бошад? | | |

| **Тамос** | **Нишонаи саҳифаҳо** |
|---|---|
| Кооперативи САРОБ<br>Муҳаммадӣ Мӯминов (Директор)<br>Х. Рӯдакӣ-127.<br>Рӯдакӣ плаза, утоқи 1113;1115<br>Тоҷикистон. Душанбе<br>93 5770230 | sarob.net<br>muminov01@gmail.com<br>mmuminov@sarob.net |
| КЕМП ТАБИАТ<br>Умед Булбулшоев (директор)<br>Кӯчаи Соҳибназарова 9, шаҳри Хоруғ<br>+992 935 14 19 45 | http://camp.kg/en/who-we-are/camp-tabiat/<br>umedsho@mail.ru |
| Ҷангалпарвар<br>Ҷамолидин Мадиброн (директор)<br>Кӯчаи Дӯстии Халқҳо 62, 734025, шаҳри Душанбе<br>+992 91 818 18 25 | |
| Чесви<br>Даниил Илёсов (ҳамоҳангсози лоиҳа)<br>+992 985 02 27 37<br>Дафтар дар шаҳри Душанбе:<br>кӯчаи Фирдавсӣ 15<br>Дафтар дар ноҳияи Ховалинг:<br>кӯчаи Мирзо Турсунзода. | daniil.ilyasov@gmail.com |



4.1

## СИСТЕМАҲОИ ТАҲИЯ НАМУДАНИ ПОРУИ КОМПОСТ

### *ТЕХНОЛОГИЯИ ТАҲИЯ НАМУДАНИ ПОРУИ КОМПОСТ ЧӢ ГУНА АСТ?*

Худи поруи компост ин боқимондаҳои органикии манзили зист, боғча ва ё майдончаи назди ҳавлӣ мебошад. Мақсад аз таҳияи компост ин табдил додани он боқимондаҳо ба маводи беҳсозандаи таркиби хок мебошад. Шумо метавонед боқимондаҳои маводи органики худро бевосита бар сатҳи хок пош диҳед, вале тавассути системаи компосткунӣ шумо метавонед майдончаи наздиҳавлигии худро боз ҳам самараноктар истифода баред. Компост на танҳо таркиби хокро беҳтар менамояд, балки ковокӣ ва зичии хокро беҳтар намуда, муҳити мусоидтареро барои рушди решаи растаниҳо фароҳам меорад. Он ҳамчунон қобилият интиқолдиҳии мавод аз ҷониби хокҳои вазнинро баланд бардошта дараҷаи эрозияи хок ва ҷоришавии сатҳиро поин меорад. Он хокро бо маводи ғизоии мухталифи макро ва микросохторӣ ғанӣ намуда, ба он миқдори зиёди маводи органикиро ворид менамояд. Он инчунин ба хок микроорганизмҳои фоиданокро дохил намуда, дараҷаи pH-ро дар таркиби хок беҳтар ва устувор месозад. Барои ин усулу технологияҳои мухталиф ба кор бурда мешаванд. Агар шумо дорои хонаводаи миқёсан миёна бошед, танҳо як қуттӣ кифоя мебошад. Агар шумораи нафарони хонаводаи шумо зиёд ва шумо боғи калоне дошта бошед дув а ё се системаи қуттиҳо зарур мешаванд.



### *ОН ЧӢ ТАВР КОР МЕКУНАД?*

Пеш аз шурӯъ намудани сохтмони системаи компости худ Шумо бояд аз худ чунин саволҳоро пурсон шавед: Миқдори партовҳои хонаводаи шумо чӣ қадар аст ва оё майдони мавҷуда дар оянда имкон медиҳад, ки ин системаро васеъ намуд? Оё ман ба осонӣ метавонам компости тайёрро холӣ намоям? Ҳамаи ин саволҳо андозаи системаи компост ва маводи интихобшавандаро муайян менамоянд. Таҷрибаҳои ТҒД "Ҷовид" нишон медиҳад, ки, компости дорои андозаи 1х2 м ва умқи 1 м метавонад дар як сол 6 м3 поруи компост истеҳсол намояд. Барои ин дар фасли тобистон 3 моҳ ва дар фасли зимистон, вобаста ба боришҳо ва ҳарорат, то 4 моҳ лозим мегардад. Онҳо ду намуди системаи чоҳҳоро истифода мебаранд. Баъди гузаштани 1 ва ё 2 моҳ онҳо маводи пӯсида ва таҷзияшударо аз як чоҳ ба чоҳи дигар интиқол дода, чоҳи якумро аз нав пур менамоянд.

Шумо бояд нигоҳ доштани моводи компостро аз талафёбии намӣ доимо дар мадди назар гиред. Бояд компост доимо камее намнок нигоҳ дошта шавад, дар акси ҳол микроорганизмҳо дар он нобуд мегарданд ва компост хосиятҳои худро гумм менамояд. Ҳамчунон шумо метавонед сари ҳар чанд вақт ба моводи компост хокистари чӯбро ҳамроҳ намоед.

### *БАРОИ ПОРУИ КОМПОСТ ЧИРО МЕТАВОН ИСТИФОДА БУРД?*

Чоҳ ва ё зарфро пур намоед: Ба он таркибҳои нитрогендори сабзро ҳамроҳ намоед, ки иборатанд аз алафҳои гуногуни бегона, боқимондаҳои сабзавот, шоху баргҳои буридашуда, пустлохи тухмҳо, коғазпораҳо ва баргҳои кӯхнаи дарахтон.

**Бартариҳо:**

- Таркиб, ковокӣ ва зичии хокро беҳтар намуда, муҳити мусоидтареро барои рушди решаҳои растаниҳо фароҳам меорад
- Таркиби хокҳои вазнинро сабуктар намуда, эрозияро поин мебарад (эрозияи бод ва об)
- Қудрати оббардории хокҳои регдорро баланд бардошта, талафоти об ва шусташавиро поин меорад
- Микро ва макромаводи гуногуни ғизоиро таъмин менамояд
- Миқдори зиёди моводи органикиро ба хок ворид менамояд
- Қобилияти мубодилаи моддаҳоро дар хок баланд бурда, тавоноии интиқоли моводи ғизоиро ба растаниҳо беҳтар менамояд
- Ба таркиби хок микроорганизмҳои фоиданокро ворид менамояд
- Сатҳи pH-ро дар таркиби хок баланд бардошта, онро устувор менамояд.
- Маҳсулнокии кишоварзиро баланд мебардорад

**Норасоиҳо/Мушкилиҳо:**

- Рӯзҳои гарм ва хушки тобистон раванди компостшавиро бозмедорад
- Таврасозии атрофии дарахтзорҳо зарур мебошад
- Дониш ва огаҳӣ дар хусуси ҷудо намудани партобҳои органикӣ аз партобҳои ғайриорганикӣ.

### *НОМГӮИ ШАРТҲОИ ПЕШАКӢ ВА ИМКОНИЯТИ ИСТИФОДАБАРӢ*

**“Саволҳои асосӣ”** Агар Шумо ба саволҳо ҷавоби “**Ҳа**” дода натавонед, пас усули пешниҳодшуда барои истифодабарандаи замин ва умуман ҷамоа муносиб нест.

| Саволҳои асосӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё шумо ҷои муайяне барои бунёд намудани чоҳи компост доред? | | |
| Оё шумо қитъаи замине доред, ки то ин дам аллакай ҳамчун замини кишоварзӣ истифода бурда шудааст? | | |
| Оё таҷҳизоти минималии зарурӣ барои бунёд ва таворакашии ҷои компост вуҷуд дорад? | | |

Дар қисмати **“Саволҳо”** аз Шумо дар бораи шартҳои пешакии иловагӣ пурсида мешавад. Агар ҷавоб **“Не”** бошад, пас истифодабарандаи замин ё ҷамоа бояд имконияти иваз кардан ё ҳалли масъалаҳои мазкурро дарёфт кунад.



| Саволҳо | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё оби кофӣ (аз дарёҳо ва ё каналҳо) дар давоми тобистони гарм ва хушк барои ба таври иловагӣ обпошӣ намудани компост мавҷуд мебошад? | | |
| Оё макони компост дар ҷои дастрас ва муносиб ҷойгир шудааст (на дар зери офтоб дар тӯли рӯз) | | |
| Оё майдончаи наздиҳавлӣ дучори эрозияи шадиди хок мебошад (эрозияи боду об)? | | |
| Оё шумо дар хусуси истифода ва идорасозии системаи компост иттилоъ доред? | | |
| Оё шумо барои идорасозии системаи компост ба миқдори кофӣ нерӯи корӣ доред? | | |
| Оё шумо барои хариди тавораҳо ба инфрасохторҳои бозор датсрасӣ доред? | | |

### *ҲИСОБКУНИИ МОЛИЯВӢ:*

Таҷрибаи ҶОВИД нишон медиҳад. ки: Кандан ва таворакашӣ намудани чоҳҳо 400-450 сомонӣ арзиш дорад. 6 м³ -ии поруи компост ҳолати 0,02 га заминро беҳтар намуда 100 сосмониро барои хариди пору аз бозор сарфа менамояд.

| Хароҷот барои сармоягузорӣ | Маблағи сармоягузорӣ |
|---|---|
| Таворакашии чоҳҳо | |
| Дигар: | |
| Хароҷотҳои УМУМӢ: | |
| **Даромадҳои сармоявӣ/фоидаҳо** | |
| Поруи баландсифат | |
| Беҳдошти хок | |
| Афзоиши маҳсулоти зироатҳо | |
| Муҳофизати хок аз эрозия | |
| Дигар: | |
| Даромадҳои УМУМӢ: | |

### *МЕЪЁРҲО БАРОИ ҚАБУЛИ ҚАРОР*

Ба саволномаи мазкур бодиққат ҷавоб диҳед. На ба ҳамаи усулҳо бояд бо “**Ҳа**” ҷавоб дод.

Агар дар охир ба аксари саволҳо ҷавоби “**Ҳа**” дода шавад, пас таъсироти мусбӣ бартарӣ дорад, лекин новобаста аз ин, таъсироти манфӣ бояд бодиққат ба инобат гирифта шавад.

| Фоидаи молиявӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё худатон ба таври бевосита маблағгузорӣ карда метавонед? | | |
| Оё шумо метавонед, ки аз майдончаи наздиҳавлигӣ маҳсулоти бештаре ба даст оред? | | |
| Оё маҳсулоти боғчаи шумо эҳтиёҷоти хонаводаи шуморо таъмин менамояд? | | |
| Оё аз фурӯши сабзавот шумо метавонед фоидаи иловагие ба даст оред? | | |
| Оё шумо бо сабаби камтар ххарҷ кардани маблағ барои поруҳо барои майдончаи худ маблағеро сарфа карда метавонед? Оё он миқдори компости мавҷуда ба танҳоӣ метавонад эҳтиёҷоти майдончаи назди ҳавлигии шуморо қонеъ намояд? | | |
| **Таъсироти экологӣ** | | |
| Барои обпошӣ намудани компост оби кофӣ мавҷуд аст (масалан, дар рӯзҳои гарми тобистон)? | | |

| | | |
|---|---|---|
| Оё компост тавонистааст ҳосилхезӣ ва таркиби хоки майдончаи шуморо беҳтар намояд? | | |
| Оё компост тавонистааст қобилияти обнигаҳдории хокро дар қитъаи замини шумо беҳтар намудааст? | | |
| Оё компост тавонистааст қитъаи замини шуморо аз эрозияи об ва бод муҳофизат намояд? | | |
| **Таъсироти гендерӣ** | | |
| Нақши занон дар истеҳсоли сабзавот аз чӣ иборат мебошад: Оё занон дар кишт, парвариш ва ҳосилғундорӣ иштирок менамоянд? | | |
| Оё занон метавонанд ба таври мустақим аз ҳосили баландтар, масалан аз фурӯши сабзавот фоида ба даст оваранд? | | |
| Оё занон метавонанд дар хусуси сарф намудани маблағи он фоидаҳо худ тасмим гиранд? | | |
| Оё сохтан ва истифодаи системаи компост метавонанд шуғли иловагиеро барои занон фароҳам оранд? | | |
| Оё пайдо гаштани шуғли иловагӣ барои занон ягон натиҷаи дилхоҳ оварда метавонад, масалан, тавассути фурӯши сабзавот дар бозори маҳаллӣ? | | |
| **Таъсирот ба ҷомеа** | | |
| Оё истифодаи компост тавонистааст ба ҷамоа дар робита бо беҳтаршавии маҳсул ва амнияти озуқаворӣ таъсироти мусбие расонад? | | |
| Оё истифодаи компост тавонистааст намунае барои дигар хонаводаҳои ҷомеаи шумо гардад? | | |
| Оё компост тавонистааст ба таври ҷузъӣ таъсироти офатҳои табииро дар ҷамоаи шумо кам намояд (эрозияи хок. ярчравӣ...)? | | |


**Маълумот барои тамос**

JOVID
Рамазон Нурмамадов,
ТҒД,Ҷовид,
735730. Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Чкаловск,
кӯчаи Курчатов-19,

Тел.: (+992 3451) 5 93 67
Факс: (+992 3451) 5 85 16
icpo.jovid@gmail.com


**Нишонии электронӣ барои иртибот**

http://www.jovid.tj

http://www.icimod.org/?q=10344

http://www.accu.or.jp/litdbase/material/_data/material/Better_Crops_from_Healthy_Soil_with_Compost/Better_Crops_from_Healthy_Soil_with_Compost_ENG.pdf

FAO:
http://www.google.de/imgres?imgurl=http%3A%2F%2Fwww.fao.org%2Fdocrep%2F007%2Fy5104e%2Fy5104e01.gif&imgrefurl=http%3A%2F%2Fwww.fao.org%2Fdocrep%2F007%2Fy5104e%2Fy5104e06.htm&h=278&w=350&tbnid=KnBYKGx-xU_aaM%3A&zoom=1&docid=vgsHijRuiBkE9M&ei=Iz-aVYn0L4OnsAHtpIXgDA&tbm=isch&iact=rc&uact=3&dur=1115&page=1&start=0&ndsp=41&ved=0CDMQrQMwBg







4.2

# ИДОРАКУНИИ ХОКИСТАР ВА МАВОДИ ҒИЗОӢ

### *ИДОРАКУНИИ ХОКИСТАР ВА МАВОДИ ҒИЗОӢ ЧИСТ?*

Хокистар (танҳо хокистари чӯб) дар ҳолати нигоҳдорӣ, як нурии хеле хубе барои растаниҳо ва дарахтон мебошад. Хокистар дар таркиби худ нисбати баланди pH-ро (аз 10 то 12) дорад, ки дараҷаи баланди кислотаҳоро, ба ҳангоми омехта намудан бо хок, хунсо ва бартараф менамояд. Дар воқеъ, аксари нуриҳои тиҷоратии мавҷуда дар таркиби худ омехтаҳои хокистарро доранд. Хокистар дар таркиби худ миқдори зиёди калтсий, калий ва фосфор дорад. Бо дарназардошти ин воқеият, метавон хокистарро барои идора нмудани маводи ғизоӣ дар қитъаҳои замин, ба мақсади барқарор намудани минералии зарурӣ ба хок, истифода намуд. Чун хокистар дорои миқдори зиёди pH мебошад, онро бояд хеле эҳтиёткорона дар нисбати растаниҳои кислотадӯст, ба мисли картошка ва юнучқа истифода бурд, чунки он метавонад имконияти бемориҳоро дар картошка афзоиш диҳад. Вале ба таври умумӣ хокистари чӯбро набояд дар хокҳои дорои нисбати аз 7 баландтари pH истифода бурд.Дар баъзе вақтҳо, хокистарро метавон барои системаи компост низ ба кор бурд.



### *ОН ЧӢ ТАВР КОР МЕКУНАД?*

Пеш аз он ки шумо хокистарро истифода баред, шумо бояд муайян намоед, ки он хокистар аз куҷо омадааст. Танҳо хокистари чӯб метавонад ҳамчун нурӣ истифода шавад. Хокистари чӯб набояд бо дигар хокистарҳои аз сӯхтаи пластика ва ё ангиштсанг боқӣ монда олуда бошад, вагарна он гуногунии биологиимикроорганизмҳои хоки шуморо вайрон намуда. Ҳосилнокиро коҳиш медиҳад.

Миқдори хокистар: 1 кг хокистарро дар 1 м мураббаъ дар як сол истифода бояд бурд.

Мулоҳиза фармоед, ки аз ҳад зиёд хеле зуд-зуд ҳамроҳ намудани нурӣ ба хок ин баробар ба заҳролуд намудани он аст.

Беҳтарин замон барои ҳамроҳ намудани хокистар ба хок ин дар фасли баҳорон ва ба ҳангоми набудани вазиши бод мебошад ва обу намнокӣ барои амиқтар ба хок фурӯ рафтани ғизо ва кӯмак намудан ба зироатҳои нав мусоидат менамояд. Дар назар бояд гиред, ки боронҳои шадид қимати ғизоиро хароб менамояд. Дигар таърихи муносиб ин камаш як моҳ пеш аз шинонидани дарахтон мебошад.

## Вазифаҳо ва бартариҳо:

1. Маҳсулот:
- Хокистарро дар хокҳои ишқордор истифода набаред (камтар аз дараҷаи 7 pH )
- Хокистарро дар ҷойҳои дурр аз бодҳо ва боришот, масалан дар дохили зарфҳои филлиззӣ нигаҳдорӣ намоед.
- Истифода дар фасли баҳорон ва камаш як моҳ пеш аз шинонидани ниҳолҳо
- Як маротиба дар як сол бо меъёри 1 кг ба 1 м мураббаъ

2. Бартариҳо:
- Беҳтар гаштани ҳосилхезии хок
- Беҳтар гаштан ва устувор шудани дараҷаи мавҷуд будани pH дар хокҳои қитъаи замини шумо.
- Таъмин бо макро ва микро моводи ғизоӣ
- Мубодилаи моддаҳои хокро беҳтар намуда, қудрати нигаҳ доштани моводи ғизоиро барои истифодаи растаниҳо баланд мебардорад.
- Натиҷа ва маҳсули аграриро баланд мебардорад
- Нурии арзон
- Нуриҳои хокистарӣ ҳамчунон кӯмак менамоянд, ки ҳашаротҳо аз дарахту растаниҳо дурр карда шаванд ва онҳо ба сифати захрҳои табии зидди ҳашарот хизмат менамоянд.

## Норасоиҳо/Мушкилиҳо:

- Селобҳо дар фасли баҳор метавонад таъсир ва вазифаи хокистари чӯбро аз байн барад
- Хокистари олуда бо пластикаи сӯхта ва ё ангиштсанг метавонад ҳамчун захре барои ҳосилхезии хок бошанд
- Миқдори аз ҳад зиёди хокистр низ ҳосилхезии хокро вайрон мекунад
- Хокистар метавонад ҳосили дарахтони мевадиҳандаро таваccути зиёдшавии кислота кам намояд.

## НОМГӮИ ШАРТҲОИ ПЕШАКӢ ВА ИМКОНИЯТИ ИСТИФОДАБАРӢ

**“Саволҳои асосӣ”** Агар Шумо ба саволҳо ҷавоби “**Ҳа**” дода натавонед, пас усули пешниҳодшуда барои истифодабарандаи замин ва умуман ҷамоа муносиб нест.

| Саволҳои асосӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё Шумо ҳуқуқҳои қонунии истифодабарии заминро доред? | | |
| Оё шумо хокистари озод аз олудагиҳои пластикӣ ва ангиштсангиро ҳосил карда метавонед? | | |
| Оё шумо қитъаи замине доред, ки аллакай ба сифати замини кишоварзӣ истифода шуда буд? | | |
| Оё шумо ҷои амне ва дур аз дастрасии кӯдакон барои анбор намудани хокистарро доред (зарфи филлиззӣ)? | | |

Дар қисмати **“Саволҳо”** аз Шумо дар бораи шартҳои пешакии иловагӣ пурсида мешавад. Агар ҷавоб **“Не”** бошад, пас истифодабарандаи замин ё ҷамоа бояд имконияти ивaз кардан ё ҳалли масъалаҳои мазкурро дарёфт кунад.

| Саволҳо | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё ҳадди ақалли таҷҳизот ва васила барои истифода ва анборсозии хокистар вуҷуд дорад? | | |
| Оё қитъаи замин таҳти эрозияи хок қарор дорад (бод ва ё об)? | | |
| Оё шумо дар хусуси истифода ва идора намудани хокистар маълумоте доред? | | |
| Оё қитъаи замин каму беш дар ҳолати хуби экологӣ қарор дорад: Оё шумо аз он манфиате гирифта метавонед? | | |
| Оё шумо барои истифодаи хокистар ба таври кофӣ қувваи коргарӣ доред? | | |
| Оё шумо ба хизматрасониҳои машваратии берунӣ барои истифодаи компост, на танҳо дар қитъаи наздиҳавлигӣ, балки дар майдони кишти зироатҳо низ, эҳтиёҷ доред? | | |

## ҲИСОБКУНИИ МОЛИЯВӢ:

Таҷрибаи ҶОВИД нишон медиҳад. ки: Кандан ва таворакашӣ намудани чоҳҳо 400-450 сомонӣ арзиш дорад. 6 $м^3$ -ии поруи компост ҳолати 0,02 га заминро беҳтар намуда 100 сосмониро барои хариди пору аз бозор сарфа менамояд.

| Хароҷот барои сармоягузорӣ | Маблағи сармоягузорӣ | Мисол |
|---|---|---|
| Зарф-сатели филлиззӣ | | |
| Дигар: | | |
| Хароҷотҳои УМУМӢ: | | |
| **Даромадҳои сармоявӣ/ фоида** | | |
| Ҳосили баландтар | | |
| Беҳдошти хок | | |
| Дигар: | | |
| Даромадҳои УМУМӢ: | | |

## МЕЪЁРҲО БАРОИ ҚАБУЛИ ҚАРОР

Ба саволномаи мазкур бодиққат ҷавоб диҳед. На ба ҳамаи усулҳо бояд бо “**Ҳа**” ҷавоб дод.

Агар дар охир ба аксари саволҳо ҷавоби “**Ҳа**” дода шавад, пас таъсироти мусбӣ бартарӣ дорад, лекин новобаста аз ин, таъсироти манфӣ бояд бодиққат ба инобат гирифта шавад.

| Фоидаи молиявӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё шумо аз ҳосили баландтари қитъаи назди ҳавлигии худ фоида гирифта метавонед? | | |
| Оё ҳосили боғ метавонад қисман эҳтиёҷоти хонаводаи шуморо бартараф намояд? | | |
| Оё шумо метавонед бо фурӯши сабзавот даромади иловагие ҳосил намоед? | | |
| Оё шумо бо сабаби хароҷоти камтаре барои сабзавот метавонед миқдори пулеро сарфа намоед? | | |
| Оё шумо таваccути пухту паз ва гармкунӣ аллакай худатон хокистар ҳосил мекунед? | | |
| **Таъсироти экологӣ** | | |
| Оё шумо худ имкони баланд бардоштани ҳосилхезиро дар қитъаи замини худ доред? | | |
| Оё шумо дар фасли баҳор ва тирамоҳ оби кофиро барои истифодаи хокистар доред? | | |

| | | |
|---|---|---|
| Оё хокистари тозаи чӯбметавонад ҳосихезии хок ва сохтори таркибии қитъаи замини шуморо беҳтар намояд? | | |
| Оё хокистари озод аз пластика метавонад сатҳи pH ва мавҷуд будани микромаводи ғизоиро дар қитъаи замини шумо баланд бардорад? | | |
| **Таъсироти гендерӣ** | | |
| Дар истеҳсоли сабзавот занон кадом нақшеро иҷро менамоянд: Оё занон дар кишт, парвариш ва ҳосилғундории сабзавот иштирок менамоянд? | | |
| Оё занон ба таври бевосита метавонанд аз ҳосили баландтар фоида ба даст оранд? | | |
| Аз ҳамон фоида оё онҳо метавонанд худ қарор қабул намоянд, ки пулро барои чӣ сарф намоянд? | | |
| Оё ҳосил намудан ва истифодаи компост метавонад кори иловагиеро барои занон фароҳам орад? | | |
| Оё корҳои иловагӣ (интиқол додан ва истифода бурдани хокистар дар майдонҳои кишт) метавонанд натиҷаҳои дилхоҳеро барои занон, масалан, фурӯши сабзавот ва меваҷот дар бозорҳои маҳаллӣ. Ба бор оранд? | | |
| **Таъсирот ба ҷомеа** | | |
| Оё истифодаи хокистари чӯб таъсири мусбие барои ҷамоа дар робита бо баландшавии ҳосил ва амнияти озуқаворӣ дошта метавонад? | | |
| Оё истифодаи хокистар метавонад намунае бошад барои хонаводаҳои дигар? | | |
| Оё хокистари чӯб метавонад қисман таъсироти офатҳои табииро, тавассути ҳосихез намудани дарахтон (эрозияи замин, ярч ва ғайра) барои ҷамоаи шумо камтар намояд? | | |

**Маълумот барои тамос**

JOVID
Рамазон Нурмамадов,
ТҒД,Ҷовид,
735730. Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Чкаловск,
кӯчаи Курчатов-19,

Тел.: (+992 3451) 5 93 67
Факс: (+992 3451) 5 85 16
icpo.jovid@gmail.com

**Нишонии электронӣ барои иртибот**

http://www.jovid.tj







## 4.3 ҶАМЪОВАРӢ ВА ЗАХИРАСОЗИИ ОБИ БОЛОИ

### *ҶАМЪОВАРИИ ОБИ БОЛОИ БОМ ЧИСТ?*

Ҷамъоварии оби болои бом ин захира намудани оби борон аз болои бомҳо дар дохили зарфҳо, систернаҳо ва дигар анборҳои захиракунии об мебошад. Дар давраи фасли боронҳо, миқдори зиёди об дар шакли ҷоришавии сатҳӣ талаф меёбад. Ҷамъоварии оби болои бомҳо имкон медиҳад, ки он обҳое, ки беҳуда талаф меёбанд захира карда шаванд.

Ҳадаф аз ин усул фароҳам овардани оби борон барои обёрии зироатҳо, сабзавоту меваҷот, санитария, эҳтимолан барои оби нӯшокӣ ва обдиҳии чорво, иборат мебошад. Он обҳо дар дохили зарфҳо нигоҳ дошта мешаванд то дар мавсими камобӣ, махсусан дар давоми моҳҳои хушк ва гарми тобистон, истифода бурда шаванд.

### *ОН ЧӢ ТАВР КОР МЕКУНАД?*



Захирасозии об аз болои боми ханаҳои манзилӣ дар як ҳавзи нигаҳдории заминӣ бо рӯйпӯши пластикӣ. Ҳавзи нигаҳдории об бо рӯйпӯши филиззии кушодашаванда барои дастрас намудани об пӯшонида мешавад. Барои ин гуна обанбор, як сӯрохие бояд сохта шавад ва он бо қабати полиэтиленӣ рӯйпӯш карда шавад то аз рахна кардани об пешгирӣ шавад. Чунин зарфобанборро барои истифодаи дарозмуддат инчунин метавон аз семент сохт. Болои сӯрохиҳои ҳарду намудро бо сарпӯши болошаванда барои гирифтани об бояд пӯшонид.

Боми хона бо новадони пластикӣ ва ё металлӣ ҷиҳозонида мешавад, ки оби боронро ҷамъ менамояд ва тавассути қиф ва лӯла ба дохили зарфи анборкунандаи об равона менамояд. Барои гузоштани зарфи обанбор бояд ҷое интихоб карда шавад, ки мувофиқ, арзон ва дастрас бошад. Ҳавзҳои обғункуниро набояд дар наздикии дарахтон ҷойгир намуд, чунки решаи дарахтон метавонанд қабатҳои полиэтилиниро сӯрох намоянд.

Тавре ки дар расм нишон дода шудааст, агар шумо ба зарфҳои бочкашакл дастрасӣ дошта бошед (ба истисно бочкаҳои нафт ва ё бочкаҳои маводи кимиёвӣ ва ё маводи аслашон номаълум), онҳоро хеле бодиққат бояд тоза ва пок намуд то ки барои ҷамъ кардани оби борон истифода карда шаванд.

## *МАРҲИЛАҲОИ СОХТМОНӢ:*

Марҳилаҳо ва зинаҳои сохтани зарфи (баки) анборкунандаи об иборатаст аз: (1) кандани ҳавз, (2) андова намудани сатҳи дарунии ҳавз бо хоки маҳин ва об барои ҳамвор намудани он, (3) рӯйпӯш намудани сатҳи ҳавз бо ду қабат полиэтилен (ва ё семент), (4) пайваст намудани қабатҳои полиэтилении дарун бо рӯйпӯши ҳавз бо воситаи порчаҳои таноб, то ки дар мавридҳои ҷамъ шудани такшинҳо ба осонӣ онро гирифта тоза намоед, (5) пӯшонидани болои ҳавз бо ҳама гунна маводи дастрас ба мисли омехтаи хок, об ва коҳ аз тариқи андова ва гузоштани як сӯрохии 0.25 x 0.25 м барои гирифтани об аз дохили он, (6) ва дар ниҳоят пайваст намудани бом ба ҳавз тавассути лӯла. Барои пешгирӣ намудани воридшавии оби ифлос аз болои бом ба даруни ҳавз, лӯлаи обро бояд танҳо баъди якчанд муддат аз замони саршавии борон бо ҳавз пайваст намуд. Новадону лӯлаҳоро дар як сол як маротиба бояд тоза ва пок намуд.

### Вазифаҳо ва бартариҳо:

- Дастрасӣ ба об дар давоми фасл
- Мӯътадил намудани таъсири тағйирёбиҳои боришот, кӯмак дар паси сар намудани ҳолатҳои фавқулода
- Мутобиқат бо шароиту вазъиятҳо тавассути имкони тағйирпазирӣ ва мутобиқшавӣ
- Коҳиш додани хатарҳои (осебпазириҳо) истеҳсоли маҳсулот, баланд бардоштани сатҳи муқовимат
- Дастрасӣ бо оби тоза
- Сабук намудани фишори кору заҳмат барои занон

### Норасоиҳо / Мушкилиҳо / Хатарҳо:

- Оби ҳавз метавонад заминае бошад барои пайдоишу зиёдшавии магасу хомушакҳо (бемориҳои аз об пайдошаванда)
- Хароҷоти аввалия
- Истифодаи зарфу бочкаҳои ғайри муносиб, ки метавонанд ба заҳролудшавӣ сабаб гарданд
- Сарфи қувваи кори зиёд: насбсозӣ, нигоҳубин
- Барои сарфакорӣ кӯшиш намоед, ки талафи обро дар сатҳи поинтари мумкин нигаҳ доред.

## *НОМГӮИ ШАРТҲОИ ПЕШАКӢ ВА ИМКОНИЯТИ ИСТИФОДАБАРӢ*

**"Саволҳои асосӣ"** Агар Шумо ба саволҳо ҷавоби "**Ҳа**" дода натавонед, пас усули пешниҳодшуда барои истифодабарандаи замин ва умуман ҷамоа муносиб нест.

| Саволҳои асосӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё сатҳи боми шумо аз ҷиҳати техникӣ барои ҷамъоварии оби борон муносиб мебошад? | | |
| Оё шумо барои насб намудани ҳавзи анбори об ҷои мувофиқ ва дастрас доред? | | |
| Оё шумо ҷои кофӣ барои насб намудани як ва ё зиёда зарфу бочкаҳои захираи обро доред? | | |
| Оё таҷҳизоти зарурии минималӣ мавҷуд мебошад (баро насб ва нигаҳдорӣ)? | | |
| Оё барои ҷамъоварии об дар фасли боришҳо борони кофӣ меборад? | | |



Дар қисмати **"Саволҳо"** аз Шумо дар бораи шартҳои пешакии иловагӣ пурсида мешавад. Агар ҷавоб **"Не"** бошад, пас истифодабарандаи замин ё ҷамоа бояд имконияти иваз кардан ё ҳалли масъалаҳои мазкурро дарёфт кунад.

| Саволҳо | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё шумо дар давоми мавсими хушк ба об эҳтиёҷ доред (об барои эҳтиёҷоти хонавода, санитария, обдиҳии чорво, обёрӣ)? | | |
| Оё шумо дар мавсими боронҳо бо мушкилии ҷоришавӣ ва заҳкашии обҳои сатҳӣ дучор мегардед? | | |
| Оё шумо ба таври кофӣ қувваи корӣ доред (барои насб ва нигаҳдорӣ)? | | |
| Оё шумо барои насби обанбор ба ёрии техникӣ ниёз доред? | | |

## *ҲИСОБКУНИИ МОЛИЯВӢ:*

Таҷриба (ВХКБ): 100м² сатҳи бом, 240 мм боришҳо дар як сол, 20% талафи оби ҷамъ кардашуда,

- 20м³ зарф/систерна. Нархи умумӣ 400 Евро (2010): барои лӯлаҳои новадон ва семент (зарф/систерна), бидуни қувваи корӣ.
- Низоми хурди обёрии қатрай бо арзиши 30 Евро (2010)

| Хароҷот барои сармоягузорӣ | Маблағи сармоягузорӣ |
|---|---|
| Сохтани новаҳо | |
| Зарфи систерна | |
| Эҳтимолан системаи обёрии қатрай | |
| Хароҷоти иловагӣ: | |
| Хароҷотҳои УМУМӢ: | |
| **Даромадҳои сармоявӣ/ фоида** | |
| Оби иловагӣ барои обёрӣ | |
| Оби иловагӣ барои чорво | |
| Муҳофизати бино дар муқобилӣ заҳ ва намӣ | |
| Ҷудо намудани замин | |
| Даромадҳои иловагӣ | |
| Даромадҳои УМУМӢ: | |

## *МЕЪЁРҲО БАРОИ ҚАБУЛИ ҚАРОР*

Ба саволномаи мазкур бодиққат ҷавоб диҳед. На ба ҳамаи усулҳо бояд бо "**Ҳа**" ҷавоб дод.

Агар дар охир ба аксари саволҳо ҷавоби "**Ҳа**" дода шавад, пас таъсироти мусбӣ бартарӣ дорад, лекин новобаста аз ин, таъсироти манфӣ бояд бодиққат ба инобат гирифта шавад.

| Фоидаи молиявӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё шумо бо сабабҳои харҷи кам барои об (обёрӣ, хонавода, чорво, санитария) маблағеро сарфа менамоед? | | |
| Оё шумо бо сабабҳои талафоти камтар дар мавсими хушк ҳосили баландтареро ба даст меоред? | | |
| Оё шумо тавонистед замини кишти худро зиёд намоед? | | |
| Оё системаи захирасозии оби борон тавонистааст парвариши зироатҳои даромаднокро ҷолибтар намояд? | | |
| Оё системаи ҷамъоварии оби борон тавонистааст чорвопарвариро барои маҳсулоти ширӣ дар хонаводаи шумо ҷолибтар намояд? | | |
| Оё системаи ҷамъоварии оби борон тавонистааст манзили шуморо аз заҳкашии пойдеворҳо/ воридшавии намӣ ва бар ин асос аз хароҷот барои азнавсозӣ ҳимоят намояд? | | |

| Таъсироти экологӣ | | |
|---|---|---|
| Оё низоми ҷамъоварии оби борон ба гуногунранг намудани навъҳои зироатҳои кишоварзӣ дар порчаи замини наздиҳавлигии шумо саҳм гузоштааст? | | |
| Оё дастрас будани об барои обёрӣ тавонистааст ҳосили дарахтони мевадиҳандаро зиёд намояд ва ё имкон додаст, ки дарахтони бештари обталаб парвариш карда шаванд? | | |
| Оё талаботи бештар ба об обёрии қатраиро барои шумо ҷолибтар намудааст? | | |
| Оё системаи ҷамъоварии оби борон тавонистааст ба пайдо шудани иқлими беҳтаре дар дохили манзили шумо, бо сабабҳои камтар воридшавии намӣ, мусоидат намояд. | | |
| **Таъсироти гендерӣ** | | |
| Дар бунёд намудани усулҳои захирасозии об занҳо кадом нақшеро иҷро менамоянд: Оё занҳо дар насби чунин системаҳо ва нигаҳдории онҳо иштирок менамоянд? | | |
| Оё занон ҳаққи дастрасӣ ба ин обҳоро доранд? | | |
| Оё насб намудан ва нигаҳдорӣ намудани зарфу обанборҳои захирасозӣ барои занон кору машғулияти иловагиеро эҷод менамоянд? | | |
| Вуҷуд доштани обанбор дар наздикии замини хоҷагӣ метавонад бори гарони кори занонро коҳиш диҳад (намондани зарурат ба кашонидани об аз масофаҳои дур)? | | |
| Оё пайдо шудани кори иловагӣ метавонад натиҷаи дилхоҳеро барои занон фароҳам орад, масалан, ҳосили баландтар аз замини наздиҳавлигӣ (фурӯши маҳсулот дар бозор)? | | |
| Аз ин гуна даромад, оё онҳо метавонанд худ барои ба чӣ мақсад сарф намудани он маблағҳоро тасмим гиранд? | | |
| **Таъсирот ба ҷомеа** | | |
| Оё чамъоварии васеи оби борон аз болои бомҳо дар дохили ҷамоаи шумо боиси дастрасии бештар ба об дар мавсими хушк, мегардад? | | |
| Оё дастрасӣ ба об дар фасли хушк ба масъалаи амнияти озуқаворӣ ҷамоаи шумо таъсири мусбие дорад? | | |
| Оё системаи васеи чамъоварии оби борон аз болои бомҳо метавонад хатари офатҳои табииро барои ҷамоаи шумо камтар намояд (ярчравӣ,эрозияи хок...) ? | | |
| Оё ин усул ва техника метавонад намунаи мусбие барои дигар хонаводаҳои ҷамоаи шумо гардад? | | |
| Оё системаи васеи чамъоварии оби борон аз болои бомҳо метавонад системаи обёриро дар баъзе аз майдонҳои кишти зироатҳо беҳтар намояд? | | |
| Оё системаи васеи чамъоварии оби борон аз болои бомҳо метавонад баъзе аз майдонҳои кишти зироатро аз нав барои истифода баргардонад? | | |


**Маълумот барои тамос**

Кооперативи САРОБ
Муҳаммадӣ Мӯминов (Директор)
Х. Рӯдакӣ-127.
Рӯдакӣ плаза, утоқи 1113;1115
Тоҷикистон. Душанбе
93 5770230

**Нишонии электронӣ барои иртибот**

sarob.net
muminov01@gmail.com
mmuminov@sarob.net








## 4.4 МУЛЧАРОНИИ ДАРАХТОНИ АЛОҲИДА

### *МУЛЧАРОНӢ ЧИСТ?*

Мулча ин қабати маводест, ки бар болои сатҳи хок пӯшонида мешавад.

Ҳадаф аз мулча яке ва ё ҳамаи нуктаҳои дар поён овардашуда мебошад:

- нигоҳ доштани намӣ
- беҳтар намудани ҳосилхезӣва солимии хок
- кам намудани сабзиши алафҳои бегона
- ба танзим даровардани ҳарорат
- пешгирӣ намудани эрозияи хок дар нишебиҳо
- баланд бардоштани маҳсулнокии растанӣ

Ду намуди асосии мулчаронӣ мавҷуд аст: органикӣ ва ғайриорганикӣ. Мулчаи органикӣ маводи қаблан зинда, ба мисли, барги дарахтон, хасу хошок, алафҳо, компост, чӯб ва ҳатто коғазпораҳоро, дар бар мегирад. Мулчаи ғайриорганикӣ бошад шағал ва сангпораҳоро дар бар мегирад. Он метавонад доимӣ ва ё муваққатӣ бошад. Онро метавон бар рӯи хоки холӣ ва ё дар атрофи ниҳол ва ё растанӣ паҳн намуд. Мулчаронӣ агар дуруст ба роҳ монда шавад, маҳсулнокии хок ва ҳосили растаниҳоро баланд мебардорад.

### *ОН ЧӢ ТАВР КОР МЕКУНАД?*




Мулча бар болои сатҳи хок ва ё дар атрофи дарахтон ба мақсади пешгирӣ намудани эрозияи хок дар нишебиҳо ва дар қитъаҳои истеҳсолӣ бошад, барои гулҳо ва зироатҳои сабзавотӣ ба кор бурда мешавад. Барои мубориза бурдан бар зидди алафҳои бегона ду қоидаи истифодаи мулчаи органикӣ мавҷуд аст:

Аввалан, бояд боварӣ ҳосил намуд, ки мулча бар болои хоке, ки аз он аллакай алафҳои бегона тоза карда шудаанд, паҳн карда мешавад ва дуюм, ин ки, онро бояд чунон бо қабати ғафсе паҳн намуд, ки тавонанд монеи неш задании дубораи алафҳои бегона гарданд. 10-15 см мулча зарур аст то пеши роҳи сабзиши алафҳои бегона ба пуррагӣ гирифта шавад, гарчанде ки 5-8 см ҳам одатан дар ҷойҳои соя, ки алафҳои бегона ба мисли ҷойҳои офтобӣ он қадар мушкилзо намебошанд, кифоя мебошад.

**Компост:** Компост хоки замини шуморо ғанӣ мегардонад, вале дар хотир нигаҳ дошта бошед, ки ҳар намуде аз мулча, агар он хушк бошад, он барои решаи растаниҳо хушоянд намебошад. Аз ҳамин хотир ҳам шояд шумо хоҳед, ки маводи компости худро захира намоед ва онро дар шакли қабати тунуке дар атрофи растанӣ паҳн намуда, онро бо қабати хок омехта намоед. Компост худ як мулчаи дорои маводи ғизоии зиёде мебошад, намнок ва аз ҷиҳати биологӣ фаъол боқӣ мемонад ва ба растаниҳои шумо ҳадди аксари фоидаро доро мебошад. Мулчаҳои поруӣ ва ё компост бояд бо қабат якуми хок омехта карда шавад.

**Хасу хошок ва коҳ:** Хасу хошок ва коҳи холӣ аз алафҳои бегонаро низ метавон ба сифати маводи Онҳо манфиати зиёде доранд: нами хокро нигоҳ медоранд, сабзиши алафҳои бегонаро бозмедоранд ва замоне ки таҷзия мегарданд, ба таркиби хок маводи органикиро изофа менамояд. Вале боварӣ ҳосил намоед, ки коҳу хаси истифодашаванда аз алафҳои бегона озод бошанд. Ҳамчунон хошок ва ё коҳро баланд то пояи растаниҳо ва ё танаи дарахтони мевадиҳанда набардоред, ки дар акси ҳол ин боиси зарар расонидани ҳар гуна кирмҳо ва хояндаҳо мегардад.

### Бартариҳо:

1. Ҳосилхезӣ ва солимии хокро беҳтар менамояд
2. Пеши роҳи сабзиши алафҳои бегонаро мегирад
3. Эрозия ва шусташавиро пешгирӣ менамояд
4. Муқовимат ба хушкиро қувват мебахшад --> вақти кам барои обёрӣ сарф мешавад
5. Мулчаҳои ғайриорганикӣ хокро гарм намуда, шабона аз худ гармӣ иъикос менамоянд --> кишти барвақтии тухмиҳо дар авали мавсим, мусоид барои сабзавотҳои гармидӯст
6. Нами хокро нигоҳ медоранд, ҳарорати хокро ба танзим медароранд
7. Боиси баланд гардидани ҳосили зироатҳо мегарданд

### Норасоиҳо:

1. Нисбати баландтари бемориҳои ҳайвоноти хурд
2. Мулчакунонӣ бо коҳу хошок боиси афзоиш ёфтани алафҳои бегона мегардад
3. Аз ҳад зиёд илова намудани компост боиси вайрон гаштани тавозуни маводи ғизоии хок мегардад
4. Истифодаи боқимондаҳои маҳсули кишоварзӣ боиси камбудӣ дар таъмини хӯроки чорво мегардад.

## *НОМГӮИ ШАРТҲОИ ПЕШАКӢ ВА ИМКОНИЯТИ ИСТИФОДАБАРӢ*

**"Саволҳои асосӣ"** Агар Шумо ба саволҳо ҷавоби "**Ҳа**" дода натавонед, пас усули пешниҳодшуда барои истифодабарандаи замин ва умуман ҷамоа муносиб нест.

| Саволҳои асосӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё Шумо ҳуқуқи истифодаи замини мазкурро барои шинонидани дарахт доред? | | |
| Оё маҳсулот барои мулчакунӣ мавҷуд аст? | | |
| Оё замин дар вазъи хуби экологӣ қарор дорад? Оё ҳануз ҳам аз он фоида гирифтан мумкин аст? | | |
| Оё замин аз ҷои зисти Шумо дастрас аст(барои овардани мулча ба замини корам)? | | |



Дар қисмати **"Саволҳо"** аз Шумо дар бораи шартҳои пешакии иловагӣ пурсида мешавад. Агар ҷавоб **"Не"** бошад, пас истифодабарандаи замин ё ҷамоа бояд имконияти иваз кардан ё ҳалли масъалаҳои мазкурро дарёфт кунад.

| Саволҳо | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё шароитҳои иқлимӣ барои истеҳсоли компост мусоид мебошанд: Оё миқдори зарурии об ва нури офтоб мавҷуд мебошад? | | |
| Ҳадди ақалли таҷҳизот мавҷуд мебошад (масалан, аробачаҳои боркашӣ)? | | |
| Оё истифодаи боқимондаҳои маҳсули ғундошта боиси камбудӣ дар хӯроки чорво мегардад? | | |

## *МЕЪЁРҲО БАРОИ ҚАБУЛИ ҚАРОР*

Ба саволномаи мазкур бодиққат ҷавоб диҳед. На ба ҳамаи усулҳо бояд бо "**Ҳа**" ҷавоб дод.

Агар дар охир ба аксари саволҳо ҷавоби "**Ҳа**" дода шавад, пас таъсироти мусбӣ бартарӣ дорад, лекин новобаста аз ин, таъсироти манфӣ бояд бодиққат ба инобат гирифта шавад.

| Фоидаи молиявӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё шумо аз кам гаштани таъсири сармо, хушкӣ ва ё алафҳои бегона ва бар ин асос, зиёд гаштани ҳосил, фоида дидед? | | |
| Шумо аз фурӯши маҳсулоти зиёдатӣ тавонистед, ки даромади бештар гиред? | | |
| Оё шумо бо сабаби камтар харҷ намудани поруҳо, заҳрҳои зидди ҳашарот ва об барои обёрӣ, тавонистед маблағеро сарфа намоед? | | |
| **Таъсироти экологӣ** | | |
| Оё мулчакунонӣ тавонистааст ҳосилхезии замини шуморо беҳтар намояд? | | |
| Оё мулчакунонӣ тавонистааст ҳарорати хокро дар замини шумо беҳтар намояд: Оё зироатҳои майдони кишти шумо таҳти таъсири мулчаҳои атроф тавонистаанд муқовимати худро дар муқобили сармо ва хушкӣ беҳтар намоянд? | | |
| Оё мулчакунонӣ тавонистааст нами хокро дар заминҳои шумо беҳтар намояд? | | |
| Оё мулчакунонӣ тавонистааст эрозияи хокро дар заминҳои шумо камтар намояд? | | |
| Оё мулчакунонӣ тавонистааст хатари дучоршавӣ бо офатҳои табииро (ярчравӣ, эрозия, такшиншавӣ ва масдудшавии чашмаҳо, обхезиҳ) барои ҷамоаи Шумо камтар намояд? | | |
| **Таъсироти гендерӣ** | | |
| Дар парвариши зироатҳо занҳо кадом нақшро иҷро менамоянд: Оё занон дар ҳамроҳ намудани поруҳо ба замин, тоза намудани алафҳои бегона, обёрӣ ва ҳамроҳкунии компост ба заминҳо иштирок менамоянд? | | |
| Оё занон ба таври бевосита аз мулчакунонии дарахтони алоҳида. Бо сабабҳои ҳосили баландтар, фоида дида метавонанд? | | |
| Агар амали компосткунӣ (компост ба сифати маводи мулчакунонӣ), масалан, қаблан иҷро нашуда бошад, ҷорӣ намудани он метавонад ҳамчун шуғли иловагӣ, барои занон натиҷаи дилхоҳ биёварад? | | |
| Оё занон худ ҳаққи тасмимгиро оид ба истифодаи маблағҳои аз фурӯши ҳосили дарахтон ба даст омадаро доранд? | | |
| **Таъсирот ба ҷомеа** | | |
| Оё мулчакунонӣ таъсири мусбие дар робита ба амнияти озуқаворӣ барои ҷамоаи шумо дорад? | | |
| Барои мисол, чанд нафар одамон тавонистаанд аз истифодаи системаи муштараки компосткунӣ фоида гиранд? | | |

| | | |
|---|---|---|
| Оё мулчакунонӣ метавонад ба таври манфӣ ба дигар хонаводаҳои ҷамоа, дар робита бо маҳдудиятҳо дар дастрасӣ ба мавод (коҳ, хасу хошок...) , масалан, барои хӯроки чорво, таъсир расонад? | | |
| Ҳамаи ин, дар ниҳояти кор метавонад ба тезу тунд гаштани муносибатҳо ва муноқишаҳо дар дохили ҷомеа оварда расонад? | | |
| Оё он хонаводаҳо роҳҳои дигари алтернативии дастрас намудани чунин маводро доранд? Аз куҷо метавонанд онҳоро дастрас намоянд? | | |
| Оё ин маънои онро дорад, ки онҳо бояд маблағу вақти бештареро бояд сарф намоянд? | | |

**Маълумот барои тамос**

Кооперативи САРОБ
Муҳаммадӣ Мӯминов (Директор)
Х. Рӯдакӣ-127.
Рӯдакӣ плаза, утоқи 1113;1115
Тоҷикистон. Душанбе
93 5770230

**Нишонии электронӣ барои иртибот**

sarob.net
muminov01@gmail.com
mmuminov@sarob.net

КЕМП ТАБИАТ
Умед Булбулшоев (директор)
Кӯчаи Соҳибназарова 9, Чоруғ
+992 935 14 19 45

http://camp.kg/en/who-we-are/camp-tabiat/
umedsho@mail.ru







## 4.5 ОБЁРИИ ИЛОВАГӢ БО ЗАРФҲОИ ПЛАСТИКӢ

### *ОБЁРИИ ИЛОВАГӢ БО ЗАРФҲО ЧИСТ?*

Обёрии иловагӣ бо зарфҳо воситаи сарфакунандаи обёрӣ мебошад, ки барои таъмини рушду инкишофи оптималии ниҳолҳои ҷавон дар минтақаҳои хушк истифода карда мешавад. Мақсад аз беҳтар кардани акклиматизатсияи ниҳолҳо (бештар дарахтони мевадиҳанда) бо истифодаи минималии об иборат мебошад. Дар нишебиҳои рост ва алахусус дар хоки зард обёрӣ ба воситаи ҷӯякҳо бинобар ба хатари ярч ва сел тавсия дода намешавад. Обёрии иловагӣ бо зарфҳо на танҳо воситаи камхарҷ аст, балки инчунин хатари селро дар нишебиҳои рост ва эрозияро паст мегардонад.

### *ОН ЧӢ ТАВР КОР МЕКУНАД?*

1. Барои технологияи мазкур зарфҳои пластикӣ (зарфҳои 1,5-2 литра) истифода карда мешаванд: дар аввал, қисми поёнии он ҷудо карда мешавад, лекин ҳамчун сарпӯш истифода карда мешавад. Баъдан зарфи чаппакардашуда бо об пур карда мешавад. Сарпӯшаки он оҳиста то расидан ба суръати чакиши 5 қатра дар як сония кушода мешавад ва онро бо тасмачае ба зарф мустаҳкам кардан мумкин аст. Бо ин суръати чакиш зарфи 1,5-литра дар муддати 90-100 дақиқа хушк мегардад. Бо ин омодагӣ зарфро қариб пурра ба хок дар бари ниҳолҳо ҷой кардан лозим аст (10 см зарф бояд аз сатҳи замин боло бошад). Сарпӯшаки зарф бояд дар як сатҳ бо гарданаи реша бошад. Баъд ниҳоли нав шинонидашуда бояд бо алаф, коҳ ё санг мулча карда шавад. Аз сабаби он ки қатраҳои об бевосита ба решаҳо мерасанд, ягон обдиҳии иловагӣ дар сатҳи болоӣ зарур нест ва дар натиҷа ин об дар сатҳи болоӣ тариқи бухоршавӣ аз даст дода намешавад. Дар давоми давраи сабзиш зарфҳо бояд дар 5 рӯз як бор бо об пур карда шаванд. Ҳамин ки онҳо холӣ шуданд, бо мақсади пешгирии ифлосшавии сарпӯшак зарфҳо бо оби тоза пур карда мешаванд. Усули мазкур бояд дар давоми 2-3 сол то ташаккулёбии низоми решаҳо то чуқурии 2 метр татбиқ карда шавад.



Тавсия дода мешавад, ки бо мақсади ҳифзи ниҳолҳои хурд аз чорво қитъаи замин тавора карда шавад.

**Вазифаҳо ва бартариҳо:**

- Пешгирии эрозия обӣ дар нишебиҳои рост, паст кардани хатари ярч, сел
- Нигоҳдории обро дар хок зиёд мегардонад ва талаботро ба оби обёришаванда тариқи обдиҳии бевосита паст мегардонад (алалхусус дарахтони мевадиҳанда дар минтақаҳои хушк бо ин тарз зинда мемонанд)
- Дараҷаи баландтари зинда мондан ва рушди ниҳол, адади бештари ниҳолҳои боқувват ва роҳ надодан ба таъхир дар бардошти ҳосили аввал.

**Норасоиҳо / Мушкилиҳо / Хатарҳо:**

- **Меҳнатталаб:** азнавпуркунии тез-тези зарфҳоро талаб мекунад , таворакашии қитъаи замин

## НОМГӮИ ШАРТҲОИ ПЕШАКӢ ВА ИМКОНИЯТИ ИСТИФОДАБАРӢ

**“Саволҳои асосӣ”** Агар Шумо ба саволҳо ҷавоби “**Ҳа**” дода натавонед, пас усули пешниҳодшуда барои истифодабарандаи замин ва умуман ҷамоа муносиб нест.

| Саволҳои асосӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё Шумо ҳуқуққои қонунии истифодабарии заминро барои қитъае, ки дар он дарахт шинонида мешавад, доред? | | |
| Оё Шумо оби кофӣ барои обёрии мунтазам доред? | | |
| Оё Шумо дар наздикии қитъа об доред ва барои обдиҳии мунтазам қувваи корӣ кофӣ доред? | | |

Дар қисмати **“Саволҳо”** аз Шумо дар бораи шартҳои пешакии иловагӣ пурсида мешавад. Агар ҷавоб **“Не”** бошад, пас истифодабарандаи замин ё ҷамоа бояд имконияти иваз кардан ё ҳалли масъалаҳои мазкурро дарёфт кунад.

| Саволҳо | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё қитъаи замини шумо аллакай аз эрозияи хок, ярч, сел ва ғайра зарар дидааст? | | |
| Оё қитъаи замини шумо дар нишебии кӯҳӣ ҷойгир аст? | | |
| Оё ҳадди ақалли таҷҳизот (барои кишт ва таворакашӣ) мавҷуд мебошад? | | |
| Оё ниҳолҳои дарахтони бемева ва мевадори босифат дастрас мебошанд? | | |
| Оё шумо ба инфрасохторҳои бозор барои хариди ниҳолҳо дастрасӣ доред? | | |
| Оё бо истифодаи дигар усулҳои обёрӣ, шумо бо мушкилиҳои заҳкашии сатҳӣ дучор шуда метавонед? | | |
| Агар обёрии иловагӣ бо зарфҳо қаблан истифода намегардид, амалӣ намудани он боиси пайдо шудани ҷойҳои корӣ барои занон мегардад? | | |

## ҲИСОБКУНИИ МОЛИЯВӢ:

| Хароҷот барои сармоягузорӣ | Маблағи сармоягузорӣ |
|---|---|
| Зарфҳои пластикӣ | |
| Об | |
| Дигар: интиқоли об ба қитъаи замин | |
| Хароҷотҳои УМУМӢ: | |

| Даромад аз сармоягузорӣ/фоида | |
|---|---|
| Имконияти баландтари зиндамонии ниҳолҳо | |
| Дарахтон дар ҳолати беҳтар, ҳосили баландтар | |
| Пешгирии деградатсия, ярч | |
| Даромадҳои УМУМӢ: | |

## МЕЪЁРҲО БАРОИ ҚАБУЛИ ҚАРОР

Ба саволномаи мазкур бодиққат ҷавоб диҳед. На ба ҳамаи усулҳо бояд бо “**Ҳа**” ҷавоб дод. Агар дар охир ба аксари саволҳо ҷавоби “**Ҳа**” дода шавад, пас таъсироти мусбӣ бартарӣ дорад, лекин новобаста аз ин, таъсироти манфӣ бояд бодиққат ба инобат гирифта шавад.

| Фоидаи молиявӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё шумо бо сабабҳои кам шудани хароҷот барои оби обёрӣ миқдори пуле сарфа мекунед? | | |
| Оё шумо бо сабаби кам гаштани талафоти ҳосил дар мавсими хушк ҳосили баландтаре ба даст меоред? | | |
| Ҳамин тариқ, метавонед шумо пули бештареро ба даст оред? | | |
| Оё метавонед пули бештареро бо сабаби кам гаштани хароҷот барои мақсадҳои барқарорсозӣ (хонаҳо, тавораҳо, анборҳо…) баъди офатҳои табиӣ (ярч, эрозия, сел..) сарфа намоед? | | |
| **Таъсироти экологӣ** | | |
| Оё обёрии иловагӣ бо зарфҳо дар таъмини намнокии баландтари хок саҳм гузошта метавонад? | | |
| Оё обёрии иловагӣ бо зарфҳо таҳшиншавии бодовардро дар қитъаҳои дар поён ҷойгиршуда, иншоотҳои обӣ кам карда метавонад…? | | |
| Оё обёрии иловагӣ бо зарфҳо рухдиҳии ярч ва пайдошавии кӯлобҳоро кам карда метавонад? | | |
| Оё обёрии иловагӣ бо зарфҳосатҳҳои ҳосилхези хокро дар қитъаи Шумо нигоҳ дошта метавонад? | | |
| **Таъсироти гендерӣ** | | |
| Занон дар чораҳо оид ба обёрӣ чӣ нақш доранд: Оё занон дар қабули қарор нисбат ба истифода ин ё он усул, дар ташкили усули мазкур ва нигоҳдорӣ иштирок мекунанд? | | |
| Оё занон ҳуқуқи соҳибияти сертификатҳои замин ва қабули қарор нисбат ба чӣ кишт кардан ва шинонданро доранд? | | |
| Оё ташкилкунӣ ва нигоҳдории обёрии иловагӣ барои занҳо кори илова-гиро пеш меорад? | | |
| Оё кори иловагӣ ягон натиҷаи ҷоизро барои занон меоварад, масалан, ҳосили баландтар = даромади бештар? | | |
| Аз ин фоидаҳои бадастомада оё онҳо қарор карда метавонанд, ки пулро ба чӣ сарф кунанд? | | |
| **Таъсирот ба ҷомеа** | | |
| Оё обёрии иловагӣ бо зарфҳомавҷудияти обро дар мавсими хушк дар ҷамоаи Шумо зиёд карда метавонад? | | |
| Оё обёрии иловагӣ бо зарфҳоба ҳосили баланд ва ҳамин тариқ амнияти озуқаворecho беҳтар дар ҷамоаи Шумо оварданаш мумкин аст? | | |
| Оё обёрии иловагӣ бо зарфҳо хатари гирифторшавии ҷамоати шуморо ба офатҳои табиӣ (ярч, эрозияи хок…) кам карда метавонад? | | |
| Оё воситаи мазкур барои дигар хонаводаҳо/ҷамоаҳо намунаи мусбӣ буда метавонад? | | |

| Тамос : | Нишонаи саҳифаҳо |
|---|---|
| Кооперативи САРОБ<br>Муҳаммадӣ Мӯминов (Директор)<br>Х. Рӯдакӣ-127.<br>Рӯдакӣ плаза, утоқи 1113;1115<br>Тоҷикистон. Душанбе<br>93 5770230 | sarob.net<br>muminov01@gmail.com<br>mmuminov@sarob.net |
| КЕМП ТАБИАТ<br>Умед Булбулшоев (директор)<br>Кӯчаи Соҳибназарова 9, шаҳри Хоруғ<br>+992 935 14 19 45 | http://camp.kg/en/who-we-are/camp-tabiat/<br>umedsho@mail.ru |
| Чесви (Созмони байналмилалии ҳамкорӣ ва рушд дар Итолиё)<br>Даниил Илёсов (ҳамоҳангсози лоиҳа)<br>+992 985 02 27 37<br>Дафтар дар шаҳри Душанбе:<br>кӯчаи Фирдавсӣ 15<br>Дафтар дар ноҳияи Ховалинг:<br>кӯчаи Мирзо Турсунзода. | daniil.ilyasov@gmail.com |



# ЗАМИНИ ШӮР ВА БОТЛОҚЗОР





# ЗАМИНИ ШӮР ВА БОТЛОҚЗОР

1. Хокҳои шӯр

## 1.1 ИДОРАКУНИИ ШӮРШАВИИ ХОКҲО

Минтақаҳои хушк, ба мисли Тоҷикистон, ки барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, аксаран, ба обёрӣ вобаста мебошад, аз ҳама бештар дар муқобили шӯршавии хокҳо осебпазир мебошанд.

Шӯршавии хок ин мавҷуд будани миқдори намак дар таркиби хок мебошад; раванди зиёд гардидани миқдори намак дар таркиби хок  бо истилоҳи шӯршавӣ маъруф мебошад.  Намакҳо бо таври табиӣ дар таркиби хокҳо ва об вомехӯранд. Шӯршавӣ метавонад бо сабабҳои марбут ба равандҳои табиӣ,  ба мисли  бодхӯрдашавии минералҳо ва ё  пасравии тадриҷии уқёнусҳо, рух диҳад.  Он ҳамчунон метавонад бо сабабҳои равнди сунъӣ, ба мисли обёрикунӣ низ ба амал ояд.

Оқибатҳои шӯршавӣ аз инҳо иборатанд:

- таъсири ҳалокатбор ба сабзишу нашъу намои растаниҳо ва маҳсулоти кишоварзӣ
- харобшавии инфрасохторҳо (роҳҳо, хиштҳо, фарсуда ва хӯрдашавии лӯлаву кабелҳо ва ғайра)
- паст рафтани сифати оби истифодашаванда, мушкилиҳои марбут ба такшиншавӣ
- дар ниҳояти кор, фарсоиш ва эрозияи хок, ки боиси шадидан зарар дидани зироатҳо бо сабабҳои миқдори зиёди намак мегардад.
- Шӯршавӣ ин яке аз масъалаҳои ҷиддии фарсоиш ва деградатсияи заминҳо мебошад.

Дар соҳаи кишоварзии обёришаванда, намак ба майдонҳо якҷо бо обҳои обёрӣ ворид мегардад ва агар он шуста нашавад, тавассути талаф ёфтани об аз тариқи бухоршавӣ, раванде, ки дар он оби таркиби хок нест мешавад, вале дар сатҳи хок консентратсияи намак зиёд мегардад, намак дар таркиби хок ботадриҷ ҷамъ шудан мегирад. Оқибати маъмулии ин зуҳӯрот ин аз ҳам пош хӯрдани ҷузъҳои таркибии хок, кам гаштани моводи органики хок ва ба таври умум афзоиш ёфтани миқдори намак дар таркиби хок иборат мебошад.  Шӯршавии хок ба ба рафти нашъу намои зироатҳо, ҳосилнокӣ ва сифат ва дар ниҳоят ба устувории соҳаи кишоварзии обёришаванда таъсир мерасонад.

Чораҳои коҳиш додан ва ё қатъ намудани ин равандро метавон тавассути идоракунии бояду шояди хок ва об ба даст овард. Ба ҷумлаи василаҳои пешниҳодшавандаи идоракунӣ метавонад обёрикунии шабона, ба хотири кам намудани талаф аз бухоршавӣ, коркарди пешакии тухмиҳо барои тезонидани суръати майсазанӣ, ҳатто дар шароити шӯразор, усулҳои пешқадами коркард ва култиватсия, ба мисли коштан бар болои ҷӯякчаҳои баланд, зиёд намудани миқдори тухмиҳо, зиёд намудани миқдори истифодаи нуриҳои нитрогендор ва калийдор ва пӯшонидани болои сатҳи хок (мулчирование) бо боқимондаҳои растаниҳо, дохил мегардад. Амалиёти муҳофизат ва нигаҳдории маҳсулоти кишоварзӣ, яъне коҳиш додан ва ё ҳатто шудгор накардан, киштгардони зарурӣ ва ғайра метавонанд ба пайдошавӣ ва ҷамъ гардидани намакҳо тавассути камшавии бухоршавӣ ва интиқоли намак ба таркиби хок, таъсир расонанд. Интихоби зироатҳои ба намак тобовар, ба мисли пахта, рапс, лаблабуи қанд ва сабзавотҳо, монанди сарсабил ва исфаноҷ хеле муҳим мебошад.

Бо сабабҳои нисбати баланди бухоршавӣ дар минтақаҳои хушк низоми заҳкашии дуруст амри зарурӣ мебошад.

Агар механизмҳои мубориза бар зидди шӯршавии хок муваффақона ба кор бурда нашванд, амалияи бенамак ва пок намудани хок мушкил, тӯлонӣ ва меҳнатталаб мегардад.

Дар нисбати хокҳое, ки дараҷаи баланди шӯрӣ доранд, шустани намак аз қабати болои хок метавонад яке аз роҳҳои ҳал ва интихоб бошад. Ин метод ва техника вобаста ба ҳисобкунии миқдори дурусти об дар нисбати дараҷаи намакнокии хок, мураккаб ва мушкил мебошад. Дигар роҳи ҳал ва интихоб ин дур намудан ва бартараф намудани . Қабати намаколуди хок мебошад. Ин намуди интихоб меҳнатталаб буда, масъалаи обёрии нодуруст, идоракунии заҳкашҳо ва худи зироатҳоро ҳал карда наметавонад.

Ба таври хулоса метавон гуфт, ки мубориза бар зидди шӯршавии хок дар минтақаҳои хушк бояд аз идоракунии дуруст ва бояду шояди об ва зироатҳо оғоз гардад. Бар асоси таҷрибаҳои истифодаи идоракунии дурусти об ва зироатҳо, ки пӯшонидани қабати болои хок (мулчикунонӣ), кишти зироат дар ҷӯякчаҳои баланд ва истифодаи технология ва усулҳои навтарину васеътари киштгардон, ба мисли обёрии қатраро дар бар мегиранд, метавон дараҷаи истифодаи миқдори об ва биноан, воридшавии намак ба таркиби хокро коҳиш дод.





1.2

# ЗИРОАТҲО ВА НАВЪҲОИ МУНОСИБИ ЗИРОАТҲО БАРОИ ХОКҲОИ ШӮР

### *КАДОМ НАМУДИ ЗИРОАТҲО БАРОИ ХОКҲОИ ШӮР МЕТАВОНАНД МУНОСИБ БОШАНД?*

Тобоварии растаниҳо ба хокҳои шӯразор ин як сифати доимӣ ва шахшудаи ҳар як намуд ва ё навъи растанӣ набуда, балки вобаста ба шароитҳои муҳити зистӣ метавонанд фарқ кунанд. Тобоварӣ ба шӯразор ҳатто метавонад дар марҳилаҳои гуногуни нашъу намои як намуд ва як навъи зироат низ фарқ кунад. Дар ҷадвали дар поён оварда шуда назари умумӣ дар хусуси тобоварӣ ба намак дар ду марҳилаи мухталиф баён гардидааст.

| Зироат | Марҳилаи нашъу намо | Марҳилаи барқарорӣ |
|---|---|---|
| Ҷав | Хеле хуб | Хуб |
| Тритикале (гибриди ҷавдор ва гандум) | Хуб | Хуб |
| Ҷуворимакка | Хуб | Бад |
| Гандум | Хеле хуб | Қаноатбахш |
| Юнучқа | Бад | Хуб |
| Лубиёиҳо | Хеле бад | Хуб |

Барои идорасозии дурусти зироатҳо дар хокҳои шӯр донистани марҳилаи мушаххаси зироати киштшуда, ки дар он зироат бо мушкилии шӯрӣ рӯ ба рӯ мегардад, муҳим мебошад. Танҳо он замон метавон як нақшаи муносиби идорасозиро таҳия намуд.



### *ОН ЧӢ ТАВР АМАЛ МЕНАМОЯД?*

Бидуни иҷро намудани таҳлилҳои лабораторӣ дараҷаи аниқи шӯршавии хокро, ҳатто дар қитъаҳои калонтар низ, муайян намудан мушкил аст. Аз ҳамин хотир ҳам усули нигаҳдории кишоварзӣ бо истифодаи намудҳои зироати бештар тобовар пешниҳод гардидааст. Ба таври умумӣ, мушкилии шӯразоршавиро метавон тавассути амалӣ намудани тарзи обёрии муносиб, бештар намудани миқдори тухмиҳо, нигаҳдорӣ ва истифодаи боқимондаҳои зироат бар рӯи хок, истифодаи усулҳои пешкадами коркарди замин, ба мисли кишт дар болои ҷӯякчаҳои бардошташуда ва истифодаи муносиби нуриҳои нитрогендор ва калийдор, бартараф намуд.

**Бартариҳо ва ҷонибҳои мусбии таъсирот:**

1. Устуворгардии хок ва муҳофизати таркиби хок
2. Устуворгардии ҳосили зироатҳо
3. Ҳимояи хок дар муқобили фарсудашавӣ ва эрозия ва инчунин талафоти умумӣ бо сабабҳои биёбоншавӣ
4. Кишоварзии нигаҳдоранда ва сарфакорона барои сарфаи об ва истифодаи самаранoктари об кӯмак мерасонад
5. Майдонҳои қаблан ба шӯразор табдилёфтаро метавон аз нав ба ҷараёни истеҳсоли маҳсулот баргардонид

**Камбудӣ ва хатарҳо:**

1. Дониш ва огаҳӣ дар бораи дараҷаи шӯршавӣ дар қитъаҳои мухталифи майдонҳо мукаммал ва равшан нест
2. Нақшаи бисёрсолаи кишту коризироатҳо тавсия карда мешавад
3. Идоракунии муносиби илова намудани нуриҳо метавонад мушкил бошад
4. Миқдори бештари истифодаи тухмиҳо маънои сармоягузории бештареро дорад
5. Идоракунии нодурусти истифодаи майдонҳои қаблан аз истифода дур монда, метавонад раванди биёбоншавиро тезонад.

## РӮЙХАТИ МУҚОИСАВИИ ШАРТҲОИ ПЕШАКӢ ВА МАВРИДҲОИ ИСТИФОДАБАРӢ

**"Саволҳои калидӣ",** ки бояд Шумо ба онҳо **"Ҳа"** ҷавоб диҳед, дар акси ҳол интихоби пешниҳодгардида барои истифодабарандаи замин ва ҷамоа тамоман қобили қабул намебошад.

| Саволҳои калидӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё Шумо ҳаққи қонунии истифодаи ин қитъаи заминро доред? | | |
| Оё ин қитъаи замин аз ҷои истиқомати Шумо қобили датсрасӣ мебошад (барои нигоҳубин, ҳосилғундорӣ ва обдиҳӣ)? | | |
| Оё ҳадди ақалли таҷҳизоти техникӣ барои шудгори замин (бардоштани ҷӯякҳо) ва ҳамроҳкунии нуриҳо ва кишти тухмиҳо мавҷуд мебошанд? | | |
| Оё имкони пайваст намудан ва ё аз нав пайваст намудани майдони кишт ба системаи обёрӣ мавҷудаст? | | |
| Оё шароити иқлимӣ ва хокӣ барои кишти зироатҳо муносиб мебошанд? | | |
| Оё тухмиҳо ва кучатҳо барои кишт дар хокҳои шӯр мавҷуд мебошанд? | | |

Қисми **"Савол"** аз Шумо дар хусуси шартҳои иловагии пешакӣ пурсон мешавад. Имкони бо **"Не"** ҷавоб додан ба ин саволҳо вуҷуд дорад. Агар истифодабарандаи замин ва ё ҷамоа имконияти иваз намудан ва ё ҳал намудани ин саволҳои иловагиро дошта бошанд, ин намуди интихоб ҳанӯз ҳам амалӣ махсуб мешавад.

| Саволҳо | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё бештари қисматҳои қитъаи замин аз ҷиҳати экологӣ дар ҳолати каму беш хуб қарор доранд: Ҳанӯз ҳам Шумо метавонед аз он манфиат бардоред? | | |
| Оё Шумо ягон намуди зироати дар шароити маҳаллӣ ба шӯразор тобоварро медонед? | | |
| Оё Шумо имкони пӯшонидани сатҳи хокро (мулчикунонӣ) бо боқимондаҳои зироатҳо доред? | | |



## ҲИСОБУ КИТОБИ МОЛИЯВӢ:

| Хароҷоти сармоягузорӣ | Маблағи сармоягузорӣ |
|---|---|
| Нарх барои навъҳои беҳтари тухмӣ | |
| Нарх барои нуриҳои дорои дараҷаи баландтари нитроген ва калий | |
| Маводи рӯйпушкунии сатҳи хок (мулчикунонӣ) (талафи хӯроки чорво) | |
| Сохтори ҷӯякҳо | |
| Дигар намуд: | |
| Ҷамъи хароҷот: | |
| **Даромадҳои сармоягузорӣ** | |
| Ҳосили зироат | |
| Арзиши пасттари сармоягузорӣ барои оби обёрӣ (усулҳои сарфакунандаи об барои зироатҳо) | |
| Беҳбудсозии хок ва устуворгардонии ҳосили зироатҳо | |
| Пешгирии биёбоншавӣ | |
| Дар ниҳояти кор майдонҳои нави истеҳсоли зироат, тавассути кишоварзии сарфакорона ва муҳофизатшаванда | |
| Ҷамъи даромадҳо: | |

## МЕЪЁРҲО БАРОИ ҚАБУЛИ ҚАРОР

| Манфиати иқтисодӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё Шумо имкони онро доред, ки бо истифодаи кишоварзии муҳофизатшаванда ва баркарор намудани майдонҳои аз шӯршавӣ зарардида фавран манфиат ба даст оред? | | |
| Оё Шумо имкони аз даст додани миқдоре аз хӯроки чорворо бо сабабҳои болопӯш намудани сатҳи хок ва қатъ намудани бухоршавӣ аз сатҳи хокҳои шӯршударо доред? | | |
| Оё Шумо имкони ба кишоварзӣ баргардонидани майдонҳои зироатии аз дастрафтаро тавассути истифодаи кишоварзии муҳофизатшаванда ва зироатҳои ба хокҳои шӯр мутобиқшударо доред? | | |
| **Таъсироти экологӣ** | | |
| Оё зироатҳои ба хокҳои шӯр мутобиқгашта тавонистаанд ҳосилхезии хокҳои қитъаи замини Шуморо беҳтар намоянд? | | |
| Оё зироатҳои ба хокҳои шӯр мутобиқгашта тавонистаанд фарсоиш ва эрозияи хок ва инчунин раванди биёбоншавиро дар қитъаи замини Шумо коҳиш диҳанд? | | |
| Оё зироаткорӣ дар майдонҳои аз зироаткорӣ дур ва берун афтода тавонистаанд хатари дучоршавӣ ба офатҳои табииро (лағзиши замин, фарсоиши хок-эрозия, бо лойқа пур гаштани чашмаҳо ва обхезиҳоро) камтар намоянд? | | |
| Оё истифодаи зироатҳои ба хокҳои шӯр мутобиқгашта ва кишоварзии муҳофизатшаванда тавонистаанд вазъи гуногунии анвои биологиро дар майдонҳои кишт ва хоки шумо беҳтар намоянд? | | |
| **Таъсироти гендерӣ** | | |
| Занҳо дар нигоҳубин ва парвариши зироатҳо кадом нақшро иҷро менамоянд: Оё занон ба корҳои кишту кор, аз алафҳои бегона тоза намудан, обёрикунии (ҳамроҳ намудани нитроген) зироатҳо ҷалб карда шудаанд? | | |

| | | |
|---|---|---|
| Оё занон ҳаққи қабул намудани қарорҳоро оид ба истифодаи намуди муайяни усули кишоварзии муҳофизатшаванда ва ё кишт намудани навъи муайяни зироати ба шӯразор мутобиқгаштаро доранд? | | |
| Оё имкониятҳои иловагии корӣ барои пӯшонидани сатҳи хок (мулчакунонӣ). ҷӯяккашӣ, илова намудани нуриҳои изофа ва обёрии шабона метавонанд барои занон машғулият ва даромади қобили қабулеро фароҳам оранд? | | |
| **Таъсирот ба ҷомеа** | | |
| Оё ҷорӣ намудани кишоварзии муҳофизатшаванда тавассути истифодаи усулу методҳои сарфакунии об метавонанд таъсири мусбие бар маҳсулнокии баландтари зироатҳо барои ҷамоаи Шумо расонанд? | | |
| Оё истифода ва ё аз нав истифодабарии майдонҳои кишти зироат, ки ба шӯршавӣ дучор гардида буданд, метавонанд ба ташаннуҷ ва ихтилоф дар ҷамоаи Шумо сабаб гарданд? | | |

**Маълумот барои тамос**

Кооперативи САРОБ
Муҳаммадӣ Мӯминов (Директор)
Х. Рӯдакӣ-127.
Рӯдакӣ плаза, утоқи 1113;1115
Тоҷикистон. Душанбе
93 5770230

**Нишонии электронӣ барои иртибот**

sarob.net
muminov01@gmail.com
mmuminov@sarob.net







1.3

# ЗИРОАТҲОИ РӮЙПУШКУНАНДАИ САТҲИ ХОК ДАР ФАСЛИ ЗИМИСТОН БАРОИ ИДОРАКУНИИ ЗУҲӮРОТИ ШӮРШАВӢ

## *БАРОИ РӮЙПӮШ НАМУДАНИ ХОКҲОИ ШӮРШУДА КАДОМ НАВЪҲОИ ЗИРОАТҲО МУНОСИБ МЕБОШАНД?*

Ҳадафи аслии зироаткорӣ дар хокҳои шӯршуда ин идора намудани режими муносиби обёрӣ мебошад.

Растанӣ ва зироатҳои ба шӯразорҳо тобовар науҳиммеро иҷро менамоянд. Дар давоми фасли зимистон зироатҳои болопӯши сатҳи хок хеле аҳамият доранд. Мақсади кишт намудани зироатҳои тирамоҳӣ ин нигаҳ доштани нами хок ва ҳар чӣ тезтар бар зидди бухоршавии об мубориза бурдан мебошад. Ана барои ҳамин ҳам амали болопӯш намудани хок (мулчакунонӣ) ва шудгоркунии ибтидоӣ низ бояд ба назар гирифта шаванд. Намуди зироатҳои дорои тобоварии баланд дар марҳалаҳои майсазанӣ, ба мисли рапс ва ҷави тирамоҳӣ ба сифати зироатҳои тирамоҳӣ тавсия дода мешаванд. Ҳамчунон зироатҳои бисёрсола низ барои пӯшонидани сатҳи болои хок ва пешгирӣ намудани бухоршавии об дар фасли баҳор нақши муҳим доранд.

## *ЗИРОАТҲОИ ТИРАМОҲӢ ЧӢ ТАВР АМАЛ МЕНАМОЯНД?*

Барои гирифтани ҳосили хуб, махсусан аз заминҳои шӯр, нигоҳ доштани захираҳои пешаззимистонӣ дар вазъияти хуб хеле муҳим мебошад. Вобаста ба боришҳои пешбинишуда, замони кишти зироатҳои тирамоҳӣ ин миёнаҳои моҳи сентябр ва моҳи октябрро дар бар мегирад. Растаниҳои ҷавон бояд то саршавиизимистон ва давраҳои яхбандӣ аз се то чор навдачаҳои ҷавона дошта бошанд. Умқи кишти зироатҳои тирамоҳӣ нисбат ба зироатҳои баҳорӣ бояд камее зиёдта бошад, масалан барои ҷав ва тритикале (гибриди ҷавдор ва гандум), 3 см.



Агар ҷави тирамоҳӣ хеле барвақт кишт карда шавад, хатари осеб дидани он аз тарафи ҳашароти зараррасон ва бемориҳои гуногун хеле баланд мешавад. Барои муҳофизат намудани растаниҳои ҷавон, махсусан дар заминҳои ба шӯршавӣ гирифтор гашта, сохтани деворахои муҳофизатӣ дар муқобили ҳайвоноте, ки ба таври озод ба чаро мебароянд, тавсия дода мешавад.

**Бартариҳо ва ҷонибҳои мусбии таъсирот:**

1. Устувор гаштани хок, муҳофизати таркиби хок ва муҳофизат дар муқобили фарсоиш ва эрозияи хок
2. Устувор гаштани ҳосили зироат, ҳатто барои зироатҳои баъди тобистонӣ ва мобайнӣ
3. Коҳиш ёфтани талафот аз бухоршавӣ
4. Намнокшавӣ ва афзоиш ёфтани гунаҳои мухталифи биологӣ
5. Баргардонидани майдонҳои қаблан шӯргашта ба ҷумлаи майдонҳои истеҳсоли маҳсулоти зироатӣ

**Камбудӣ ва хатарҳо:**

1. Донистани дараҷаи дақиқи шӯршавӣ, махсусан дар марҳилаҳои мухталифи нумӯи растаниҳо мушкил мебошад
2. Идоракунии зарурии бо нуриҳо таъмин намудан мушкил мегардад
3. Муайян намудани таърихи дақиқи кишт дар фасли тирамоҳ мушкил мебошад.
4. Идорасозии нодурусти истифодабарии майдонҳои қаблан дар канор монда метавонад боиси босуръат рушд ёфтани биёбоншавӣ гардад.
5. Сохтани девораҳои муҳофизатӣ барои ҳифзи растаниҳои ҷавон, махсусан дар фасли баҳор дар муқобили ҳайвоноти ба таври озод ба чаро машғул, кори зарурӣ мебошад.
6. Хизматрасониҳои иловагии машваратӣ барои таҳлили дараҷаи шӯршавӣ тавсия дода мешавад
7. Хароҷоти сармоягузории иловагӣ дар давоми як сол

## *РӮЙХАТИ МУҚОИСАВИИ ШАРТҲОИ ПЕШАКӢ ВА МАВРИДҲОИ ИСТИФОДАБАРӢ*

**"Саволҳои калидӣ",** ки бояд Шумо ба онҳо **"Ҳа"** ҷавоб диҳед, дар акси ҳол интихоби пешниҳодгардида барои истифодабарандаи замин ва ҷамоа тамоман қобили қабул намебошад.

| Саволҳои калидӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё Шумо ҳаққи қонунии истифодаи ин қитъаи заминро доред? | | |
| Оё ин қитъаи замин аз ҷои истиқомати Шумо қобили датсрасӣ мебошад (барои нигоҳубин, ҳосилғундорӣ ва обдиҳӣ)? | | |
| Оё ҳадди ақалли таҷҳизоти техникӣ барои шудгори замин (бардоштани ҷӯякҳо) ва ҳамроҳкунии нуриҳо ва кишти тухмиҳо мавҷуд мебошанд? | | |
| Оё шароити иқлимӣ ва хокӣ барои кишти зироатҳо муносиб мебошанд? | | |
| Оё тухмиҳо ва кӯчатҳо барои кишт дар хокҳои шӯр мавҷуд мебошанд? | | |

Қисми **"Савол"** аз Шумо дар хусуси шартҳои иловагии пешакӣ пурсон мешавад. Имкони бо **"Не"** ҷавоб додан ба ин саволҳо вуҷуд дорад. Агар истифодабарандаи замин ва ё ҷамоа имконияти иваз намудан ва ё ҳал намудани ин саволҳои иловагиро дошта бошанд, ин намуди интихоб ҳанӯз ҳам амалӣ маҳсуб мешавад.

| Саволҳо | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё бештари қисматҳои қитъаи замин аз ҷиҳати экологӣ дар ҳолати каму беш хуб қарор доранд: Ҳанӯз ҳам Шумо метавонед аз он манфиат бардоред? | | |
| Оё Шумо ягон намуди зироати дар шароити маҳаллӣ ба шӯразор тобоварро медонед? | | |
| Оё Шумо имкони пӯшонидани сатҳи хокро (мулчикунонӣ) бо боқимондаҳои зироатҳо доред? | | |
| Оё Шумо имкони кишти растаниҳои бисёрсоларо доред? | | |
| Оё имкони сохтани ҷӯякҳо ва баланд бардоштани таппечаҳои ҷӯякҳо мавҷуд мебошад? | | |
| Оё имкони муҳофизат намудани майдонҳои кишт дар муқобили чаридани беназорати ҳайвонот ва ҳифз намудани сармояҳои сарфшуда мавҷуд мебошад? | | |

## *ҲИСОБУ КИТОБИ МОЛИЯВӢ:*

| Хароҷоти сармоягузорӣ | Маблағи сармоягузорӣ |
|---|---|
| Хароҷот барои тухмиҳои тирамоҳӣ | |
| Имконияти ворид намудани нуриҳои иловагӣ:<br>Нитроген<br>Калий | |
| Мавод барои пӯшонидани зироатҳо (мулчакунонӣ) (талаф ёфтани хӯроки чорво) | |
| Дигар: | |
| ҶАМЪИ хароҷот: | |
| **Даромадҳои сармоягузорӣ** | |
| Ҳосили зироатҳо | |
| Хароҷоти сармоягузории пасттар барои оби обёришаванда (усулҳои зироатпарварии сарфакунандаи об) | |
| Беҳдошти хок ва устуворсозии ҳосили зироатҳо | |
| Дар ниҳояти кор майдонҳои нави истеҳсоли зироат, тавассути кишоварзии сарфакорона ва муҳофизатшаванда | |
| ҶАМЪИ даромадҳо: | |

## *МЕЪЁРҲО БАРОИ ҚАБУЛИ ҚАРОР*

Ба саволномаи мазкур бодиққат ҷавоб диҳед. На ба ҳамаи усулҳо бояд бо **"Ҳа"** ҷавоб дод.

Агар дар охир ба аксари саволҳо ҷавоби **"Ҳа"** дода шавад, пас таъсироти мусбӣ бартарӣ дорад, лекин новобаста аз ин, таъсироти манфӣ бояд бодиққат ба инобат гирифта шавад.

| Манфиати иқтисодӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё Шумо имкони онро доред, ки бо истифодаи кишти зироатҳои тирамоҳӣ дар майдонҳои аз шӯршавӣ зарардида фавран манфиат ба даст оред? | | |
| Оё Шумо бе сохтани девораҳои муҳофизатӣ дар атрофи майдонҳои зироатии худ метавонистед, ки ҳамон миқдори ҳосилро ба даст оред? | | |
| Оё Шумо метавонистед майдонҳои кишти аз даст рафтаро дубора тавассути кишоварзии муҳофизатшаванда ва кишти зироатҳои тирамоҳӣ ба ҷумлаи майдонҳои кишоварзӣ баргардонед? | | |
| Оё зироатҳои тирамоҳӣ ва зироатҳои мобайнӣ метавонанд ҷойгузини зироатҳои бисёрсола гарданд? | | |
| **Таъсироти экологӣ** | | |
| Оё кишти зироатҳои тирамоҳӣ тавонистаанд ҳосилхезии хокро дар қитъаи замини Шумо беҳтар намояд? | | |
| Оё кишти зироатҳои тирамоҳӣ тавонистаанд фарсоиш ва эрозияи хокро дар фасли зимистон ва баҳор коҳиш диҳанд? | | |

| | | |
|---|---|---|
| Оё зироаткорӣ дар майдонҳои аз зироаткорӣ дур ва берун афтода тавонистаанд хатари дучоршавӣ ба офатҳои табииро (лағзиши замин, фарсоиши хок-эрозия, бо лойқа пур гаштани чашмаҳо ва обхезиҳоро) камтар намоянд? | | |
| Оё истифодаи зироатҳои тирамоҳӣ ва кишоварзии муҳофизатшаванда тавонистаанд вазъи гуногунии анвои биологиро дар майдонҳои кишт ва хоки шумо беҳтар намоянд? | | |
| **Таъсироти гендерӣ** | | |
| Занҳо дар нигоҳубин ва парвариши зироатҳо кадом нақшро иҷро менамоянд: Оё занон ба корҳои кишту кор, аз алафҳои бегона тоза намудан, обёрикунии зироатҳо ҷалб карда шудаанд? | | |
| Оё занон ҳаққи қабул намудани қарорҳоро оид ба интихоби кишти намудҳои зироатҳои тирамоҳии муҳофизатиро доранд? | | |
| Оё имкониятҳои иловагии корӣ дар фасли тирамоҳ, шудгори замин ва кишти тухмиҳо метавонанд барои занон машғулият ва даромади қобили қабулеро фароҳам оранд? | | |
| **Таъсирот ба ҷомеа** | | |
| Оё ҷорӣ намудани кишти зироатҳои тирамоҳӣ метавонанд таъсири мусбие бар маҳсулнокии баландтари зироатҳо ва сарфакунии об барои ҷамоаи Шумо расонанд? | | |
| Оё истифода ва ё аз нав истифодабарии майдонҳои кишти зироат, ки ба шӯршавӣ дучор гардида буданд, тавассути кишти зироатҳои тирамоҳӣ метавонанд ба ташаннуҷ ва ихтилоф дар ҷамоаи Шумо сабаб гарданд? | | |

**Маълумот барои тамос**

Кооперативи САРОБ
Муҳаммадӣ Мӯминов (Директор)
Х. Рӯдакӣ-127.
Рӯдакӣ плаза, утоқи 1113;1115
Тоҷикистон. Душанбе
93 5770230

**Нишонии электронӣ барои иртибот**

sarob.net
muminov01@gmail.com
mmuminov@sarob.net







## 2.1 ИДОРАКУНИИ ЗАҲКАШИИ БИОЛОГӢ (БИОДРЕНАЖ) ВА ХОКҲОИ ДАР ЗЕРИ ОБ МОНДА

Зуҳӯроти зери об мондан ва шӯршавии заминҳо аз ҷумлаи он мушкилиҳое мебошанд, ки дар майдонҳои обёришаванда ба таври васеъ ба вуқӯъ меоянд. Аксаран, барои пешгирӣ намудани зери об мондан ва шӯршавии хок зарурат ба амалиёти заҳкашии зерисатҳӣ пайдо мегардад. Гарчанде ки манфиати заҳкашии зерисатҳӣ хеле равшану аниқ бо санадҳо исбот гардида бошад ҳам, худи ин амалиёт як технологияи васеъ ва доимо пешраванда маҳсуб мегардад. Намуди алтернативӣ ва ё ҷойгузинии ин амалиёт заҳкашии биологӣ мебошад, ки ба сифати як усули нисбатан арзон ва аз ҷиҳати экологӣ муносиби беҳдошти замин тарҳрезӣ гардидааст. Заҳкашии биологӣ на бар воситаҳои механикӣ, балки ба воситаҳои растанигӣ ва набототӣ асос ёфта, ба мақсади аз байн бурдани миқдори оби зиёдатӣ тавассути истифодаи он обҳо ва сармоягузорӣ намудан дар кишти растаниҳо ва баъди барқарор намудани ин система, ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ дар шаклҳои алафҳои хӯроки чорво, ҳезум ва чӯбу тахта равона карда шудааст.

Низому системаҳои заҳкашии биологиро метавон чӣ дар шароитҳои кишти лалмӣ ва чӣ дар шароитҳои обёрикунӣ ба роҳ монд. Ба ҳангоми истифодаи ин усул дар шароитҳои заминҳои лалмӣ, решаи растаниҳои киштшаванда хокро ковок намуда, обҳои зеризаминиро тезтар фурӯкаш менамоянд ва ё шиддату ҳаҷми обҳои зеризаминиро камтар менамоянд. Решаҳо ҳамчунон худашон низ қисме аз обҳои зеризаминиро ба худ ҷабида фишори обро бар рӯи минтақаҳои поёнии заминҳо коҳиш медиҳанд. Истифодаи усули кишт намудани растаниҳои обкаш барои заминҳои обёришаванда ва заминҳои дар поён ҷойгиршуда, ки бештар ба хатари зери об мондан дучор мегарданд, муфид мебошад.

Ба ин мақсад, намудҳои дарахтони аз ҳама бештар бухоркунандаи намӣ, ки ҳамчунон зуҳӯроти зери об мондани майдонҳои обёришвандаро тавассути таровишҳои оби каналҳоро коҳиш медиҳанд, интихоб карда мешаванд. Сифати оби каналу ҷӯйҳои обёрӣ барои дарахтони дар канораи онҳо шинонидашуда мусоид мебошад ва онҳо метавонанд обҳои таровиширо ба худ ҷазб намуда, истифода баранд (бунёд намудани борикаи ҷангал).

Майдонҳои таҳти амали заҳкашии биологӣ қарордоштаро наметавон барои рӯёнидани дигар зироатҳо, ба мисли заҳбуру заҳкашии маъмулӣ, заҳкашии сатҳӣ, заҳкашии зерисатҳии уфуқӣ ва заҳкашии амудии заристаҳӣ истифода намуд.

### *НАМУДҲОИ АСЛИИ ЗИРОАТҲОИ МАВРИДИ НАЗАР ИНҲОЯНД:*

Пахта, гандум, ҷав ва баъзе навъҳои боқилогиҳо (рапс) ва лубиёгиҳо (ба истисноии лубиёҳои соя).

Дар Тоҷикистон танҳо якчанд намудҳои сафедорҳо дар шароитҳои зери об мондани шадид ва заминҳои шӯразор сабзида метавонанд. Дар баробари сафедор, боз бед ва буттаҳои газ низ шароитҳои зери об мондани мавсимиро таҳаммул карда метавонанд.

Усулу принсипҳои банақшагирӣ ва тарҳрезӣ

Ҳадаф аз заҳкашии биологӣ ин аз байн бурдани обҳои зеризаминии аз ҳад зиёд ва ё кӯлмакҳо тавассути раванди бухоршавӣ бо воситаи растаниҳо мебошад. Ин натиҷа тавассути баланд бардоштани қобилияти минтақаи релефи замин бо истифода бурдани навъҳои растаниҳои дорои дараҷаи баланди истифодаи об, дар минтақаҳои васеи заминҳо бо мақсади барқарор намудани тавозуни байни равандҳои бо об пур шудан ва холӣ шудани заминҳо, нигоҳ доштани мувозинати обҳои зеризаминӣ дар сатҳи поёнтар аз минтақаи решаҳои зироатҳои кишоварзӣ, ба даст оварда мешавад. Ин масъалаҳо бояд ба ҳангоми таҳияи низому системаҳои заҳкашии биологӣ ба назар гирифта шаванд:

*Мувозинати об:* Растаниҳои дар мавриди заҳкашии биологӣ истифодашаванда бояд тавони онро дошта бошанд, ки обро аз аз зери замин ва аз дохили кӯлмакҳо бо миқдори баробар ба дараҷаи беобшавии холис ҷабида гиранд. Тавозуни об бояд дар ҳадде нигоҳ дошта шавад, ки об дар зери минтақаи решаҳо қарор дошта бошад.

*Минтақаи кишт:* Минтақаи кишти заҳкашии биологӣ бояд то ҳадди имкон дар миқёси хурдтар нигоҳ дошта шавад. Махсусан дар минтақаҳои нимахушк ва минтақаҳои хушкзамини бо майдонҳои обёришаванда иҳотагардида бояд минтақаҳои кишти дарахтон тарзе ба назар гирифта шаванд, ки ба манбаъҳои истеҳсолӣ зараре ворид нагардад.

*Дараҷаи тобоварӣ ба шӯразорҳо:* Растаниҳои барои заҳкашии биологӣ пешбинишуда бояд ба шӯрӣ ва намак тобовар бошанд. Сифати обҳои зеризаминӣ аз сифати обҳои сатҳи хеле фарқ менамоянд ва одатан онҳо нисбати баландтари намакро дар муқоиса бо обҳои обёрӣ доро мебошанд. Қудрату тавоноии истифодабарии об аз тарафи дарахтон ва дигар зироатҳо бо баланд гаштани шӯрии обҳо коҳиш меёбад. .

*Паст фуромадани сатҳи обҳои зеризаминӣ:* Растаниҳо, аз ҷумла дарахтҳо ба сифати дастгоҳҳои обкашии биологӣ амал менамоянд; онҳо сатҳи обҳои зеризаминиро бевосита дар зери растаниҳо поин бурда, биноан сатҳи обҳо изеризаминиро дар минтақаҳои атроф низ коҳиш медиҳад. Натиҷаи пастравии сатҳи об дар зри дарахтон/растаниҳо аз дараҷаи оби-истифодабарии дарахтон/растаниҳо, меъёри азнав воридшавии об дар минтақаҳои атроф, қобилияти гузаронидани гидравлики зерқабатҳо ва умқи қабатҳои оббардор вобаста мебошад. Кишти растаниҳои заҳкашии биологӣ бояд дар чорчӯбаи блокҳо ва ё қаторҳои борик ва инчунин дар фосилаҳое қарор дода шаванд, ки сатҳи обҳои зеризаминиро дар майдонҳои обёришванда поинтар аз минтақаи решаҳо нигоҳ дорад.

*Мувозинати намак:* Барои ба даст овардани тавозуни намак бидуни заҳкашии анъанавӣ, зироатҳои обёришванда, қад-қади паҳншавии растаниҳои заҳкашии биологӣ, бояд он намакеро, ки тавассути обёрӣ оварда мешавад ҷамъ намоянд ва баъдан ҷамъоварӣ шудаву аз минтақа берун баровarda шавад. Ин дар ҳоле имконпазир мебошад, ки агар барои растаниҳо оби дорои дараҷаи пасти намакнокӣ таъмин бошад.

*Ҷанбаҳои иқтисодӣ:* Парвариши дарахтон ва растаниҳои барои заҳкашии биологӣ пешбинигардида дар муқоиса бо парвариши зироатҳои кишоварзӣ усулҳои амалии идоракунии фарқкунандаеро тақозо менамояд. Пеш аз ба даст овардани даромад аз маҳсулоти зироат барои солҳои зиёд, хароҷоти пешакӣ, якҷо бо кишт ва нигаҳдорӣ, зарурат дорад.







2.2

# ТӮРХАЛТАҲОИ САНГӢ (ГАБИОН) БАРОИ УСТУВОРГАРДОНИИ СОҲИЛИ ДАРЁ

## *УСТУВОРГАРДОНИИ СОҲИЛИ ДАРЁ ВА ТӮРХАЛТАҲОИ САНГӢ (ГАБИОНҲО) АЗ ЧӢ ИБОРАТ МЕБОШАНД?*

**Ҳадафи аслии устуворгардонии соҳили дарё** аз муҳофизат намудани заминҳои атроф, нобобаста ба истифодаи онҳо ба сифати замини кишт, ҷангал ва ё замини озод, дар муқобили шусташавӣ ва харобу васеъ гардидани соҳили дарё иборат мебошад. Ба ин мақсад ҳам тӯрхалтаҳои сангӣ насб карда мешаванд. Деворҳои зидди фарсоишии аз тӯрхалтаҳои сангӣ сохташуда ин як усули арзони муҳофизати соҳили дарёст, ки дар онҳо зарурати сохтани пойдеворҳои васеи бетонӣ ва ё сутунҳои амиқи нигаҳдоранда вуҷуд надорад. Бо фарқ аз дигар усулҳои зидди фарсоиш ва эрозияи замин, сохтани тӯрхалтаҳои сангӣ осон буда, ҷобаҷокунии онҳо низ мураккаб нест. Илова бар ҳама, тӯрхалтаҳои сангӣ аз маводи табиии маҳаллӣ сохта мешаванд, ки хароҷотеро бо худ надоранд. Тӯрхалтаҳои сангӣ ҳамчунон барои устувор нигоҳ доштани нишебиҳо ва пешгирӣ намудани лағзиши замин ва инчунин системаҳои заҳкашии обҳо истифода бурда мешавад. Баъзан ба тӯрхалтаҳои сангӣ порaҳои дарахтони сафедор ва ё бедро ба мақсади ба даст овардани устувории бештар ҳамроҳ менамоянд.




### Тӯрхалтаҳои сангӣ чӣ тавр сохта мешаванд?

Барои ин амал, аввал сангҳои тахминан ҳаҷмашон 20-40см ва шохаҳои дарахтро бояд ҷамъ кард. Баъдан онҳоро дар ҷойҳои нисбатан хавфноке, ки аз ҷониби об зарар мебинанд гузоштан лозим: ба тарви вертикалӣ, ҳамчун девори сангӣ бо ёрии шохаи дарахт ё ин, ки дар болои шохи дарахт (ҳамчун хиштдевор).

### *ИНТИХОБИ НИШЕБӢ*

Аз як давра ба давраи дигар, қисми вайронгаштаи санг бояд иваз карда шавад.

- Насб намудани тӯрхалтаҳои бо сангу харсанг пур кардашуда дар қад-қади соҳили дарё муҳофизати фаврӣ ва дарозмуддатро дар муқобили фарсоиш ва эрозияи замин таъмин менамояд.
- Одатан, тӯрхалтаҳои сангӣ ба мақсади баргардонидани самти ҷараёни дарё, ки метавонад ба пулу иншоотҳои нигаҳдоранда таҳдид намоянд, истифода бурда мешаванд.

- Тӯрхалтаҳои сангин маҷрои дарёҳоро аз шусташавӣ ва вайроншавӣ муҳофизат менамоянд.
- Маҷрои дарёҳоро мустаҳкам ва устувор нигоҳ медорад

**Бартариҳо ва ҷонибҳои мусбии таъсирот:**

- **Эътидори** қабати ҳосилнокии хок → коҳиш ёфтани хатари аз даст додани заминҳои корам
- Маводи **арзони** маҳаллӣ
- **Осон** ба роҳ мондан
- **Мувофиқ** барои истифодабарии дилхоҳ маҷрои дарё
- Сохтори хеле қулай барои маҷрои дарё ва ё дренаж
- Зироати маҳрумгашта/ минтақаҳои ҷангал метавонанд барқарор шаванд

**Камбудӣ ва хатарҳо:**

- Технологияи муосир лозим аст
- **Тӯрхалтаҳои сангӣ (габионҳо**) бояд мустаҳкам ва баланд сохта шаванд, махсусан барои давраҳои сел, ярч ва умуман мавсими сел
- **Беҳтарин вақт** барои насб кардан тирамоҳ ва зимистон (вақте,ки сатҳи об паст аст) мебошад. Мавсими пуршиддати меҳнати аҳолӣ.

## *РӮЙХАТИ МУҚОИСАВИИ ШАРТҲОИ ПЕШАКӢ ВА МАВРИДҲОИ ИСТИФОДАБАРӢ*

**“Саволҳои асосӣ”**, ки бояд Шумо ба онҳо **“Ҳа”** ҷавоб диҳед, дар акси ҳол интихоби пешниҳодгардида барои истифодабарандаи замин ва ҷамоа тамоман қобили қабул намебошад.

| Саволҳои асосӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё замини корам аз ҷониби селҳои мавсимӣ ва баландшавии маҷрои дарё зарар дидааст? | | |
| Оё маҳалла иҷозати қонунии истифодабариро доранд? | | |
| Оё лавозимоти техникӣ ва маводи лозимӣ мавҷуд аст? | | |
| Оё аз ҷиҳати техникӣ маҷрои дарёро устувор кардан мумкин аст? | | |

Қисми **“Савол”** аз Шумо дар хусуси шартҳои иловагии пешакӣ пурсон мешавад. Имкони бо «Не» ҷавоб додан ба ин саволҳо вуҷуд дорад. Агар истифодабарандаи замин ва ё ҷамоа имконияти иваз намудан ва ё ҳал намудани ин саволҳои иловагиро дошта бошанд, ин намуди интихоб ҳанӯз ҳам амалӣ маҳсуб мешавад.

| Саволҳо | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё миқдори лозимии маҳсулоти санги маҳаллӣ бо ҳаҷми муайян мавҷуд аст? | | |
| Оё Шумо ӯҳдадории маҳалларо оид ба таъмир ва устувор нигоҳ доштани маҷрои дарёро дарёфт кардаед? | | |
| Оё Шумо нақшаи мушаххас оид ба майдони пушти маҷрои дарё доред? | | |

## *ҲИСОБУ КИТОБИ МОЛИЯВӢ:*

| Хароҷоти сармоягузорӣ | Маблағи сармоягузорӣ |
|---|---|
| Тавораи симӣ | |
| Сим | |
| Кубҳои габионӣ (барои устуворӣ) | |
| Дигар намуд: | |
| ҶАМЪИ хароҷот: | |
| **Даромадҳои сармоягузорӣ** | |
| Устувории маҷрои дарёҳо | |
| Устувории соҳилҳои дарёҳо | |
| Манфиати ниҳоӣ аз замини корам | |
| ҶАМЪИ даромадҳо: | |

## *МЕЪЁРҲО БАРОИ ҚАБУЛИ ҚАРОРҲО*

| Манфиати иқтисодӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё Шумо метавонед, дар натиҷаи истифодаи ками замини корам, чарогоҳ ва сели мавсимию эрозияи мавҷи дарё маблағи пулӣ ҷамъ намоед? | | |
| **Таъсироти экологӣ** | | |
| Оё сохтмони габионҳо метавонанд пойдорӣ ва ҳосилхезии чарогоҳу замини корами шуморо беҳтар намоянд? | | |
| Оё сохтмони габионҳо метавонанд дар чарогоҳ ва замини корами Шумо, эрозияи хок, фуромадани ярч ва тармаҳоро коҳиш диҳанд? | | |
| **Таъсироти гендерӣ** | | |
| Занҳо кадом вазифаҳоро дар рафти қабули қарор оиди истифодаи чарогоҳ, заминҳои корам иҷро менамоянд? Оё занон дар рафти сохтани габионҳо иштирок меварзанд? | | |
| Оё сохтани габионҳо бар дӯши занон кори иловагӣ ба ҳисоб меравад? | | |
| Оё кори иловагӣ метавонад барои занон дар рафти беҳтар кардани чарогоҳ, коркарди замини корам ва гирифтани ҳосили зиёдтар: маҳсулоти ширӣ, гӯшт (маҳсулот барои савдо дар бозор) мусоидат намояд? | | |
| Аз ҳамин фоидаҳо, оё онҳо метавонанд қарор бароранд, ки маблағи ба даст овардаро чӣ тавр сарф намоянд? | | |
| **Таъсири ҷамоа** | | |
| Оё сохтани габионҳо метавонанд ба маҳаллаи Шумо дар рафти коҳиш додани хавф (эрозияи замин, фуромадани ярч) таъсири манфӣ расонанд? | | |
| Оё сохтани габионҳо метавонанд барои дигар маҳаллаҳо ҳамчун намуна натиҷаи манфӣ нишон диҳанд? | | |
| Оё сохтани габионҳо метавонанд дар байни маҳаллаҳо аз сабаби устувор кардани як қисми маҷрои дарё ва баланд кардани суръати об ба ҷониби поён ба баҳсу мунозираҳо оварда расонад? | | |

| **Тамос:** | **Тамос/пайванди интернетӣ:** |
|---|---|
| Kust, German | Technique: T_TAJ403en WOCAT https://qt.wocat.net/qt_1_1.php?redirect= |
| CESVI,WeltHungerHilfe, MMK | Field Engineering Techniques: Leaflet No.7 “Tripod for river works” http://www.cesvi.com |



2.3

# БУНЁДИ НАВОРАИ ДАРАХТЗОРОН

## *МАФҲУМИ БУНЁДИ НАВОРАИ ДАРАХТЗОРОН ЧӢ МАЪНО ДОРАД?*

Бо сабаби дар вазъияти бад қарор доштани аксари каналҳои обёрӣ ва ҷўйчаҳои обёрӣ, об ба миқдори зиёд талаф меёбад. Илова бар каналҳои саркушодаи об, ҷўйборҳо ва нуқтаҳои обёрии майдонҳои кишт, кўлмакҳои об низ мушкилии ҷиддӣ маҳсуб мегарданд. Пайдошавии кўлмакҳо боиси шўразоршавӣ гашта. Дар ниҳоят ба талафи заминҳои кишти зироат оварда мерасонад. Ба мақсади пешгирӣ намудани ин мушкилии шўразоршавӣ, бунёд намудани навораи дарахтзорҳо дар қад-қади каналу ҷўйборҳо тавсия дода мешавад. Дарахтон обҳои ба атрофии каналҳо таровидаро ҷабида, аз пайдоиши кўлмакҳо пешгирӣ менамоянд. Ин усулро метавон дар каналҳои хурди алоҳида ва каналҳои бетонии васеъ истифода бурд. Истифодаи дарахтзорҳо дар шакли навораҳо бартариятҳои иловагии зиёдеро, ба мисли, бодшиканӣ, хунук нигаҳ доштани хок, пайдо намудани микроклимати мувофиқ, муҳити мусоид барои зисти паррандагон ва ҳашарот ва муҳофизат аз фарсоиш ва эрозияи заминро, доро мебошад. Бо идорасозии дуруст метавон оби обёриро тавассути сояи дарахтон ва кам гаштани дараҷаи бухор сарфа намуд.

## *БУНЁДИ НАВОРАИ ДАРАХТЗОРОН ЧӢ ТАРЗ АМАЛ МЕНАМОЯД?*

Навдачаҳои ҷавони дарахтонро, тавре ки дар бобби шинонидани сафедорҳо баён гашта буд, тавассути шинонидани чўбчаҳои тару тоза дар шакли салиб, метавон истифода бурд. Масофаи байни канал ва навораи дарахтзор набояд аз 1,5 метр камтар бошад, чунки дар акси ҳол системаи решаҳои дарахтон метавонанд деворҳои каналҳоро хароб намоянд. Вобаста ба дараҷа ва андозаи кўлмакҳо ва бо мақсади таъмин намудани зичии дарахтон, метавон қатори дуюми дарахтонро низ ба назар гирифт. Ба ҷуз аз сафедор, инчунин метавон дарахтони бед, тут ва газро низ ба сифати навораи драхтзор истифода бурд. Тақрибан вазифаи ҳамаи он растаниҳо низ як хел мебошад, танҳо буридани шохаҳои онҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Маҳсулоти он дарахтонро метавон дар давоми 10-15 сол ҳамчун хўроки чорво, ҳезум ва ё чўбу тахта истифода бурд. Дарахти тут мева барои мураббо ва хўрок барои кирми абрешимро таъмин менамояд.



**Бартариҳо ва ҷонибҳои мусбии таъсирот:**

1. Муҳофизат аз фарсоиш ва эрозияи замин
2. Ҳимояи заминҳои кишт аз ботлоқшавӣ ва ба шӯразор табдилшавӣ
3. Коҳиш ёфтани сатҳи бухоршавӣ аз сатҳи каналҳо ва ҷӯйборҳо
4. Навораи дарахтзорҳо ба сифати бодшиканҳо хизмат менамоянд
5. Беҳтаршавии микроклимат ва афзоиш ёфтани намуду гунаҳои биологӣ
6. Баъди бо муваффақият анҷом ёфтани мубориза бар зидди ботлоқшавӣ ва /ё шӯразоршавии минтақаи навораи дарахтзор, он майдонҳоро метавон ба сифати заминҳои кишти зироат ба кор бурд.
7. Беҳтаршавии таркиби хок дар атрофии дарахтон бо сабаби афтидани баргҳо ва ҳосилхез гаштани замин

**Камбудӣ ва хатарҳо:**

1. Навори дарахтзор агар дар масофаи бисёр наздик ба каналҳо бунёд карда шавад, ин боиси хароб гаштани девори каналҳо мегардад.
2. Аксаран дарахтони ғайри мевадиҳанда ба ботлоқзоршавӣ ва шӯразоршавӣ тобовар-тар мебошанд.
3. Ба ғайр аз дарахти сафедор буридани шохаҳои дигар дарахтон зарур мебошад.
4. Дарахтони ҷавонро бояд аз чарои беназорати ҳайвонот муҳофизат намуд.

## РӮЙХАТИ МУҚОИСАВИИ ШАРТҲОИ ПЕШАКӢ ВА МАВРИДҲОИ ИСТИФОДАБАРӢ

**“Саволҳои калидӣ”,** ки бояд Шумо ба онҳо **“Ҳа”** ҷавоб диҳед, дар акси ҳол интихоби пешниҳодгардида барои истифодабарандаи замин ва ҷамоа тамоман қобили қабул намебошад.

| Саволҳои калидӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё Шумо ҳаққи қонунии истифодаи он қитъаи замин ва каналро доред? | | |
| Оё он қитъаи замин ва системаи обёрӣ аз ҷои зисти Шумо дар мавқеи дастрас қарор дорад ва оё ҷои кофӣ барои бунёди навораи дарахтон вуҷуд дорад? | | |
| Оё ҳадди ақалли таҷҳизот барои шинонидан ва нигоҳубин мавҷуд мебошад? | | |
| Оё шароитҳои иқлимӣ ва хок барои шинонидани дарахтон мусоид ьебошад ? (Оё он қитъаи замин шадидан аз шӯразоршавӣ ва ботлоқшавӣ зарар дидааст?) | | |

Қисми **“Савол”** аз Шумо дар хусуси шартҳои иловагии пешакӣ пурсон мешавад. Имкони бо **“Не”** ҷавоб додан ба ин саволҳо вуҷуд дорад. Агар истифодабарандаи замин ва ё ҷамоа имконияти иваз намудан ва ё ҳал намудани ин саволҳои иловагиро дошта бошанд, ин намуди интихоб ҳанӯз ҳам амалӣ маҳсуб мешавад.

| Саволҳо | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё тухмиҳо ва ниҳолҳои дарахтони гуногун мавҷуд мебошанд? | | |
| Оё Шумо навъҳои маҳаллии дарахтони ба шӯразор тобовар ва мутобиқшударо медонед? | | |
| Оё Шумо имкони пӯшонидан (мулчакунонии) атрофи дарахтонро доред? | | |
| Оё Шумо имкони якҷо бо ҳамсояҳо бунёд намуданро доред? | | |



| | | |
|---|---|---|
| Оё имкони бунёд намудани ҷӯйчаҳои иловагӣ барои заҳкашӣ мавҷуд мебошад? | | |
| Оё имкони муҳофизат намудани дарахтони ҷавон дар муқобили чари-дани беназорати ҳайвонот ба мақсади ҳимоя намудани сармоягузорӣ мавҷуд мебошад? | | |

## ҲИСОБУ КИТОБИ МОЛИЯВӢ:

| Хароҷоти сармоягузорӣ | Маблағи сармоягузорӣ |
|---|---|
| Хароҷот барои навниҳолонва кӯчатҳо | |
| Хароҷот барои таворагирии дарахтон | |
| Мавод барои болпӯш намудан ниниҳолон (мулчакунонӣ) | |
| Дигар намуд: | |
| ҶАМЪИ хароҷот: | |
| **Даромадҳои сармоягузорӣ** | |
| Ҳимояи майдонҳои кишти зироат | |
| Химоя аз фарсоиш ва эрозия | |
| Беҳдошти хок | |
| Беҳдошти оянддаи заминҳои кишти талафёфта | |
| ҶАМЪИ даромадҳо: | |

## МЕЪЁРҲО БАРОИ ҚАБУЛИ ҚАРОР

Ба саволномаи мазкур бодиққат ҷавоб диҳед. На ба ҳамаи вариантҳо бояд бо **“Ҳа”** ҷавоб дод.

Агар дар охир ба аксари саволҳо ҷавоби **“Ҳа”** дода шавад, пас таъсироти мусбӣ бартарӣ дорад, лекин новобаста аз ин, таъсироти манфӣ бояд бодиққат ба инобат гирифта шавад.

| Манфиати иқтисодӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Оё Шумо ба таври фаврӣ метавонед аз бунёди навораи дарахтзор ман-фиат дарёфт намоед? | | |
| Оё бо таворa муҳофизат намудани навниҳолон дар муқобили ҳайвоноти беназорат муҳим мебошад? | | |
| Оё Шумо метавонед тавассути бунёди навораи дарахтзор заминҳои кишти талафёфтаро дубора ба кишоварзӣ баргардонед? | | |
| Оё Шумо баъди 5 сол метавонед аз навораи бунёдгаштаи дарахтзор ҳезум ва хӯроки чорво ба даст оред? | | |
| **Таъсироти экологӣ** | | |
| Оё дар тӯли 5 соли оянда навраи дарахтзоршуда метавонад ҳосилхезии хокро дар қитъаи замини Шумо беҳтар намояд? | | |
| Оё тавассути бунёди навораи дарахтзор метавон онро ба сифати бодши-кан ба кор бурд? | | |
| Оё навораи дарахтзор метавонад аз шӯразоршавии майдонҳои кишти Шумо пешгирӣ намояд? | | |
| Оё бунёди навораҳои дарахтзор дар майдонҳои канорӣ ва ботлоқшуда дар маҳсулнокии он майдонҳо мусоидат менамояд? | | |
| Оё Шумо аз афзоиш ёфтани навъҳои биологӣ дар атрофии майдонҳои кишти Шумов а аз камшавии сатҳи бухоршавӣ манфиат дарёфт карда метавонед? | | |

| Таъсироти гендерӣ | | |
|---|---|---|
| Дар нигоҳубин ва парвариши растаниҳо нақши занон дар чист: Оё занон дар шинонидан, аз алафҳои бегона тоза намудан ва обёрӣ намудани зироатҳо иштирок менамоянд? | | |
| Оё бунёд намудани навораҳои дарахтзорҳо метавонанд боиси пайдо гардидани машғулиятҳои иловагӣ барои занон гардад (масалан. Ҷамъоварии ҳезум, буридани шохчаву навдаҳои дарахтон ва таворагирӣ намудани навниҳолон)? | | |
| Оё дар интихоб намудани навъҳои дарахтони шинонидашавнда занон ҳаққи иштирок намудан дар қабули қарорро доранд? | | |
| Оё пайдо гаштани шуғлҳои иловагӣ боиси даромади қобили қабуле барои занон мегардад (масалан, тавассути фурӯши хӯроки чорво)? | | |
| **Таъсирот ба ҷомеа** | | |
| Оё бунёди навораҳои дарахтзорон дар робита ба беҳтар намуданивазъи мелиоративии майдонҳои ботлоқзоршуда ва шӯразоргашта барои ҷамоа ягон таъсири мусбат дошта метавонад? | | |
| Оё бунёди навораҳои дарахтзорон метавонанд, бо сабабҳои ҷамъоварии ҳезум, буридани шохчаҳои сояаафкан ва ё вайрон шудани каналҳо, боиси сар задании ташаннуҷ ва ё ихтилоф дар дохили ҷамоа гардад? | | |


**Маълумот барои тамос**

Кооперативи САРОБ
Муҳаммадӣ Мӯминов (Директор)
Х. Рӯдакӣ-127.
Рӯдакӣ плаза, утоқи 1113;1115
Тоҷикистон. Душанбе
93 5770230

**Нишонии электронӣ барои иртибот**

sarob.net
muminov01@gmail.com
mmuminov@sarob.net





**Маълумоти баромад**

**Ношир**
Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH
(Ҷамъияти Олмон оид ба ҳамкории байналхалқӣ)
Сардафтарҳо дар шаҳрҳои Бонн ва Эшборн, Олмон

**Муаллиф (он)**
Маттиас Маидвалд, Виллем ван Верпен (чарогоҳгардон, истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, мониторинги чарогоҳ), Татяна Розен-Мишел (паноҳгоҳ зидди ҳайвоноти дарранда)

**Масъул**
Доктор Степан Унковски
stepan.uncovsky@giz.de

**Дизайн ва тарҳбандиҳо**
Александр Горбатовский



**Ишора**
1. Саҳифаи 5, 109. Крейг Элевич, Ким Вилкинсон. "Дарахтони ташкилдиҳандаи Азот барои агроҷангалӣ». http://www.agroforestry.net/2014-03-04-10-18-01/index.php?option=com_content&view=article&id=289&Itemid=188
2. Саҳифаи 5. «Таъмини азотӣ». https://en.wikipedia.org/wiki/Nitrogen_fixation
3. Саҳифаи 13, 141. Петр Сосин. “Усули самаранок истифодаи обёрӣ барои таъмини ташкили ниҳолҳои ҷавон дар шароити хушк, ки аз норасоии об танқисӣ мекашанд”. https://qt.wocat.net/qt_summary.php?lang=english&qt_id=391
4. Саҳифаи 21, 81, 121 Розия Қирғизбекова. "Ташкили тавораи зиндаи ангат барои ҳифзи мавзеъҳои ҷангал». https://qt.wocat.net/qt_summary.php?lang=english&qt_id=366
5. Саҳифаи 57. Сангинбой Сангинов. https://qt.wocat.net/qt_summary.php?lang=english&qt_id=166
6. Саҳифаи 117. Эрик Бухлманн. Тасмаи буферӣ барои заминҳои кишти дар нишеб ҷойгиршуда. https://qt.wocat.net/qt_summary.php?lang=english&qt_id=178
7. Саҳифаи 133. Далер Домуллоҷонов. «Ҷамъоварии оби борон, дар чоҳи полиэтиленӣ нигох дошта мешавад». https://qt.wocat.net/qt_summary.php?lang=english&qt_id=298



**Маҷмуи нақшакашии техникӣ**
Саҳифаи 5. Крейг Элевитч ва Ким Уилкинсон. http://www.agroforestry.net/2014-03-04-10-18-01/index.php?option=com_content&view=article&id=289&Itemid=188
Саҳифаи 13, 141. Петр Сосин. https://qt.wocat.net/qt_summary.php?lang=english&qt_id=391
Саҳифаи 21, 81, 121 Дорит Ҳахневалд. https://qt.wocat.net/qt_summary.php?lang=english&qt_id=366
Саҳифаи 57. Матс Гуртнер. https://qt.wocat.net/qt_summary.php?lang=english&qt_id=166
Саҳифаи 113, 117. Эрик Бухлманн. https://qt.wocat.net/qt_summary.php?lang=english&qt_id=178

**Маҷмуи аксҳо**
© Бойгонӣ Барномаи минтақавии GIZ
Саҳифаи 113. Шейн Стивенсон. https://qt.wocat.net/qt_summary.php?lang=english&qt_id=271
Саҳифаи 133. Далер Домуллоҷонов. https://qt.wocat.net/qt_summary.php?lang=english&qt_id=298

Саҳифаи 141. Петр Сосин. https://qt.wocat.net/qt_summary.php?lang=english&qt_id=391

**Чоп**
????????????????
Душанбе, Тоҷикистон

Чунон ки дар
моҳи Сентябри соли 2015



© лоиҳаи Иттиҳоди Аврупо FLERMONECA, 2015
© GIZ, 2015